Особое внимание заслуживает использование современных компьютерных и информационных технологий в совершенствовании методики преподавания. Видеофильмы как на занятии, так и дома способствуют интенсификации процесса обучения иностранному языку, формируют межкультурную коммуникативную компетенцию студентов, создавая реальную языковую среду. Во время просмотра видеофильмов создается эффект соучастия и сопереживания с героями, увеличивается вероятность воспроизведения данного содержания как в устном так и письменном виде. Основная задача использования видеоматериалов направлена на формирование у студентов личностного отношения к увиденному, пониманию и осмыслению, умению дать свою оценку и выразить это посредством устной и письменной речи. Письменные задания по просмотренному видеофильму в виде эссе, очерков и сочинений развивают различные виды памяти.

Использование интернет ресурсов позволяет решить многочисленные дидактические задачи в сфере развития речемыслительной деятельности обучающихся. В этом плане в интернете имеется богатейший материал по учебно-методической литературе по английскому языку, произведения английских и американских писателей в формате Word, аудиокниги на английском языке, сайты по переводу и чтения текстов англо-язычными дикторами, рассказы на английском языке с переводом и аудио. Мы приводим лишь небольшой перечень интернет сайтов, используемых в языковых центрах:

1. http:// www.homeenglish.ru
2. http://www.native-english.ru

3. http://www.Text to Speech.ru
4. http://www.En365.ru
5. Translate.ru
6. Google – переводчик онлайн
7. http://lessons.study.ru
8. http://onlinenglish.ru/index.html,

Преподаватели языковых центров успешно используют компьютерные технологии и интернет сайты в учебном процессе и пожинают положительные результаты в деле обучения иностранным языкам. Преподаватели отмечают, что использование современных информационных технологий значительно повышают усвоение учебного материала, способствуют прочному запоминанию пройденного задания. Как показывает опыт, качество занятий повышается многократно и обучающиеся стараются не пропускать занятия.

Среди разнообразных приемов организации методов интенсивного обучения наибольший интерес у учащихся вызывают игровые технологии, поскольку они приближают речевую деятельность к естественным нормам, способствуют эффективной обработке программного материала. Быстрое обучение языку через игровые технологии положительно влияет на развитие личности обучающегося.

Обучающие игры помогают снять усталость, преодолеть языковой и психологические барьеры, повышает интерес к предмету, позволяет сконцентрировать внимание на главном - овладении речевыми навыками в процессе естественной ситуации общения во время игры. Главное при проведении игры - создать доброжелательную атмосферу и ситуацию успеха для учащихся. Во-первых, на занятиях решаются многоплановые задачи. В них учащиеся непременно должны получить "прибавку" к практическому владению изучаемым языком. Она может выразиться в лучшем понимании речи на слух за счет усвоения новых слов, новой грамматической формы, структуры; в приобретении знаний о культуре страны изучаемого языка в области литературы, музыки, истории, то есть учащиеся погружаются в национальную культуру и национальную психологию страны изучаемого языка. Во-вторых, на занятиях используются различные организационные формы работы: групповые, парные, индивидуальные. Чтобы вовлечь всех и каждого нужно развивать и совершенствовать свои организаторские способности для подготовки своего рода сценария урока. В-третьих, урок должен быть обеспечен средствами обучения, соответствующими решаемым задачам. В-четвертых, важным фактором является создание положительной мотивации в изучении иностранного языка при глубоком знании учителем личности каждого слушателя.

В одну из важнейших задач языковых центров входит обучению слушателей самостоятельной работе над собой помимо учебной программы по изучению иностранного языка. Умение работать самостоятельно над совершенствованием своих знаний в данной области естественно будет способствовать непрерывному образованию. Непрерывное образование — это процесс роста образовательного (общего и профессионального) потенциала личности в течение всей жизни на основе использования системы государственных и общественных институтов и в соответствии с потребностями личности и общества. Необходимость непрерывного образования обусловлена прогрессом науки и техники, широким применением инновационных технологий [7].

Непрерывное образование для каждого человека может осуществляться в образовательных учреждениях (курсы, лектории, центры, институты и университеты) как дополнительное образование и как повышения квалификации.

К учебно-методической подсистеме относятся: комплекс методик преподавания, образовательных технологий, средств обучения. Результативность образовательного процесса зависит от качества учебно-методического обеспечения, его соответствия программному блоку, а также от степени освоенности методических ресурсов андрагогическими кадрами.

Неотъемлемым звеном образовательной системы является ее материально-техническая база (состояние учебных помещений, наличие необходимой аппаратуры, приборов, техники, уровни комфорта для обучающихся), от которой зависит функционирование всех перечисленных вузе подсистем.

Специфика курсов иностранных языков могут быть классифицированы следующим образом:

1) курсы, слушатели которых изучают иностранный язык ради достижения какой-то учебной цели;

2) курсы, слушатели которых изучает иностранный язык для повышения своего общеобразовательного уровня;

3) курсы, слушатели которых изучают иностранный язык для повышения своей профессиональной квалификации.

Образовательную систему следует рассматривать во взаимодействии с окружающей социокультурной средой, которая является источником внешних воздействий как положительного, так и негативного характера. При всем многообразии образовательных учреждений для работящих с молодыми кадрами, многоликости практики можно выделит три наиболее типичные модели образовательных систем: корпоративной, специализированной и виртуальной. Указанные три модели образовательных систем в реальной практике существует параллельно, в какой-то мере дополняя друг друга.

Корпоративные образовательные системы создаются, как правило, крупными предприятиями, фирмами, корпорациями для обучения своих работников, различных категорий персонала. Эффективная организация образовательного процесса непосредственно на предприятии имеет важные социально-экономические, культурно-психологические последствия не только для самого предприятия, но и для общества в целом. Современные крупные фирмы является местом концентрации огромных интеллектуальных, духовных, культурных ресурсов, успешно конкурируя с системой образования.

На курсах иностранного языка 1-го типа занимаются обычно лица, параллельно обучающиеся в других учебных заведениях. Принципиальным отличием курсов этого типа заключается в том, что изучения языка определяется той учебной целей, которые ставят перед собой слушатели.

Специализированные образовательные системы функционируют на базе учебных заведений, специально предназначенных для обучения работников какой-либо отрасли народного хозяйства, определенной профессиональной группы. Классическими примерами таких систем является факультеты или институты повышения квалификации, а также специализированные курсы при различных учебных заведений.

Виртуальные образовательные системы создаются для обучающихся с использованием компьютерно-информационных технологий для удовлетворения личных образовательных потребностей. Они позволяет человеку создать для себя «образовательное учреждение» согласно своим запросам, способностям, жизненным и профессиональным планам.

Курсы иностранных языков для молодежи является неотъемлемым компонентом специализированных и виртуальных образовательных систем. Виртуальная образовательная система выступает как одна из форм самостоятельной работы изучающих иностранные языки. В последнее десятилетие отмечается стабильный рост количества обучаемых на курсах иностранного языка, а также заметен и прирост самих курсов. Такая тенденция роста, на наш взгляд, не только сохранится, но и приумножится в ближайшем будущем. Причиной этому является недостаточное знание иностранного языка выпускниками средних общеобразовательных учреждений или же ВУЗов.

Система общего и профессионального образования включает обучение иностранному языку во всех средних и высших учебных заведениях. Однако подготовка отдельных специалистов предусматривает овладение языком на достаточно высоком уровне, необходимом для чтения литературы и тем более для разговорной и переводческой практики. Современная ситуация в Таджикистане требует от разных категорий граждан знания иностранного языка. Необходимость изучения английского языка может быть вызвана разными причинами – от производственной необходимости до путешествий в зарубежные страны. Как любая образовательная система, курсы иностранных языков для молодежи обладает типичными признаками. К основным из них относятся:

1) организованная структура, обеспечивающая сжатый процесс;

2) определенные минимальные планы, программы, а также пособия;

3) процесс, сочетающий разные формы и методы обучения;
4) постоянный состав слушателей;
5) андрагогический состав, обеспечивающий выполнение программы.
Вместе с тем, курсы иностранных языков является специфическими заведениями:
1) на курсы иностранного языка принимается все желающие;
2) обучение па курсах иностранного языка в основном имеет платную основу;
3) если в большинстве других внешкольных учебных заведениях слушатели получают знания, связанные с их основной специальности, то на курсы поступают в большинстве своем лица, не преследующие, профессионального овладения иностранным языком.

Таким образом, курсы иностранных языков в общей системе образования выступает главным звеном внешкольного и послевузовского образования молодежи в области обучения иностранным языкам, и можно определит их как специфическое учебное заведение внешкольного типа, которое может предоставит обучаемым систематические знания, сформировать навыки и умения в области изучаемого иностранного языка.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. 1. Алхазишвили, А.А. Основы овладения устной иностранной речью: Уч-е пособие для педагогических институтов. / А.А. Алхазишвили — М.: Просвещение, 1988. — 128 с.
2. Асеев В.Г. Мотивационные резервы человека//Психологический журнал.т.8.N5,1987.
Зуев В.И. Педагогические условия развития памяти у слушателей юридического института. Диссертация и автореферат канд. п.н. Оренбург. 1999г. http://www.dissercat.com/ content/ pedagogicheskie- usloviya-razvitiya-pamyati-u-slushatelei-yuridicheskogo-instituta
3. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения //Избранные педагогические труды. -М.: Педагогика, 1989. 78с.
4. Калинина А.Г. Индивидуально-ориентированная модель организации дополнительного образования по иностранным языкам (на материале английско
5.https://yandex.ru/maps/?display-text=Курсы%20иностранных%20языков&ll=68.707815%2C38.622556&mode=search&source=wizbiz_new_text_multi&text=Курсы%20иностранных%20языков&z=10
6. http://www.americancouncils.tj/index.php/programms/study-with-us
7. https://ru.wikipedia.org/wiki/Непрерывное_образовани

**Лутфуллоева П. Шарипов М.**

## РОЛЬ И МЕСТО АНГЛИЙСКИХ ЯЗЫКОВЫХ КУРСОВ В ОБРАЗОВАНИИ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье речь идет о роли и месте языковых курсов в образовании молодого поколения. Отмечается, что языковая подготовка становится основной стратегией развития граждан Таджикистана. Анализ текущего состояния тенденций в образовании свидетельствует о том, что на рынке труда возникает потребность в специалистах, владеющих иностранным языком на высоком уровне в связи с переходом Республики Таджикистан на новые социально-экономические условия и вступлением в международную кооперацию. Языковые центры внесли неоценимый вклад по подготовке молодого поколения по английскому языку.

**Ключевые слова:** молодежь, непрерывное образование, андрагогика, образовательная система, модели, структура курсов, уровень владения английским языком.

**Лутфуллоева П. Шарипов М.**

## НАҚШ ВА МАВҚЕИ МАРКАЗҲОИ ЗАБОНОМӮЗӢ ДАР ТАЪЛИМИ НАСЛИ НАВ

Дар мақола сухан дар бораи нақш ва мавқеи марказҳои забономӯзӣ дар тарбияи насли наврас меравад. Қайд карда мешавад, ки омӯзиши забон ба стратегияи асосии рушд барои шаҳрвандони Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҳлили вазъи ҷории тамоюлҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки дар бозори меҳнат талабот ба мутахассисоне, ки бо забони хориҷӣ дар сатҳи баланд ҳарф зада метавонанд, баланд аст.

Хуллас, марказҳои забономӯзӣ дар тайёр кардани насли ҷавон ба забони англисӣ саҳми арзанда мегузоранд.

***Калидвожаҳо:*** *ҷавонон, таҳсилоти давомдор ва андрагогия, системаи таълимӣ, моделҳо, сохтори курс, сатҳи донистани забони англисӣ.*

**Lutfulloeva P. Sharipov M.**

**THE ROLE AND PLACE OF ENGLISH LANGUAGE COURSES IN THE EDUCATION OF THE YOUNGER GENERATION**

The article deals with considering the role and place of language courses in the education by younger generation. It is noted that language training is becoming the main strategy for the developing citizens in Tajikistan. Analysis of the current state of trends in education indicates that the labor market is in need of specialists knowing a foreign language at a high level because of the transition Republic of Tajikistan to new socio-economic conditions and entry into international cooperation. Language centers have made an invaluable contribution to the training of the younger generation in English.

***Key words:*** *youth, continuing education, andragogy, educational system, models, structure of courses, level of English proficiency.*

**Сведения об авторах:**

**Лутфуллоева Парвина** - к.п.н. научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни 126. языка

**Шарипов Мирзошариф** - Докторант phd Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни 126.

**Information about authors:**

**Lutfulloeva Parvina** - Ph. D. research associate of the Abdurakhmon dzhomi Institute of education development Of the Academy of education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 126 S. Aini street. языка

**Sharipov Mirzosharif** - PhD Student of the Abdurakhman Jami Institute of education development Of the Academy of education of Tajikistan, address: 126 S. Aini street, Dushanbe, 734024, Republic of Tajikistan.

Д. ИМОМНАЗАРОВ

# ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ТАФАККУР

Ҷараёни ислоҳоти системаи таҳсилот дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити пешрафти илму техника ва технология ислоҳоти мактабу маориф яке аз омилҳои арзишманди маърифатнокии ҷомеъа гардида, саҳми онҳо дар ҳафзи манфиатҳои миллӣ, пешрафти иқтисодии мамлакат, сатҳи маърифатнокии ҷомеа ба маротиб меафзояд. Зеро насли донишманд ва дорои малака ва маҳорати баланд метавонад дар тараққиёти ҳамаҷонибаи кишвари хеш саҳми босазо гузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли ҷавон ва ояндасози ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамоянд. Дар бораи вазифа ва мақоми омӯзгор чунин баён доштанд: «Ҳадафҳои созандаи давлат – ин ислоҳоти бомароми маориф, беҳтар кардани сифати таълим, баланд бардоштани масъулияти омӯзгор мебошад. Зеро калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд».

Аз ин рӯ, муассисаи таълимии муосир дар назди омӯзгор мақсад ва вазифаҳои нав, ба мисли такмили маҳорати касбӣ, истифодаи технологияи нави педагогӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, ташаккули қобилият ва истеъдоди эҷодии хонанда, ҳавасманд намудани толибилм ба худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ, густариши ҳамкорӣ, омӯзиш аз манбаъҳои иловагӣ, ташаккули салоҳиятнокӣ, истифода аз меъёрҳои бисёрхолаи баҳодиҳӣ ва ғайраро мегузорад.

Самараи раванди таълими босифат, аз ҷумла ташакули салоҳиятҳои хонандагон аз истифодаи технологияи нави педагогӣ манша мегирад ва имрӯз омӯзгорони зиёд тавассути истифодаи он баҳри таъмини ташаккули фикрӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнӣ аз он истифода менамоянд, ки дар натиҷа ҳавасмандии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад. Вале ҳанӯз омӯзгорони алоҳида ба татбиқи технологияи нави педагогӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бештар усулҳои анъанавиро истифода менамоянд, ки он ба рушди истеъдод, тафаккур, бахусус ташаккули маърифатнокии илмию техникӣ, молик гардидан ба қобилияи фикррونии мустақилонаи хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат карда наметавонад, аз ин рӯ теъдоди муайяни хонандагон, ки таҳкурсии зарурии дониш надоранд, дар раванди ҳифзи мундариҷаи иттилоот, шарҳу тафсири он ба душвориҳои зиёд дучор мегарданд [2, 78].

Мавриди зикр аст,ки ҳар қадар омӯзгор дорои дониш ва маҳорати баланди педагогӣ бошад, ҳамон андоза шавқу рағбати хонанда ба омӯзиши фанни таълимӣ меафзояд. Масалан, ба гуфти нависандаи машхури рус Лев Николаевич Толстой: «Агар ба воситаи илм тарбия карданӣ бошӣ, илми худро хуб дону дӯст дор ва хонандагон ба туву илмат дил мебанданд, лекин агар худ дӯст надорӣ ва ҳар қадаре ки ба омӯзиш маҷбур накунӣ, он самара нахоҳад дод» [ 6, 245].

Натиҷаи таҳқиқот собит месозад, ки воқеан, агар омӯзгор дониши хуби назариявӣ (илмӣ) ва маҳорати баланди касбӣ дошта бошад, ӯ метавонад бо истифода аз технологияи нави педагогӣ меҳру муҳаббати фанни худро дар қалби шогирдон ҷой диҳад ва ба рушди тафаккури мантқии онҳо заминаи воқеӣ гузорад. Масалан, барои рушди тафаккур ва инкишофи нутқи ифоданоки хонандагон омӯзгорони зиёди муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар аз бозиҳо низ, бахусус, бозиҳои дидактикӣ истифода менамоянд, ки хеле манфиатовар арзёбӣ мегардад. Истифодаи мақсадноки онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ, таркибӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва фикрии хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат мекунад. Чунин бозиҳо дар синфҳои ибтидоӣ ва дигар зинахои таҳсил вобаста ба синну сол гузаронида мешаванд ва омӯзгорони зиёд имрӯзҳо аз он ба таври самарабахш истифода мекунанд [1, 43].

Масалан: Бозии *«Эҷоди калима»* (мақсад: шинохти ҳарф, ҳиҷо ва калима, сохтани ҳиҷо ва калима, сохтани матн):

*Қадамҳо*:

- Ба хонандагон чанд ҳарф (масалан: М, А, Р, Н, У, О, Д) пешниҳод мегардад;
- Аз онҳо хоҳиш карда мешавад:

- аз ҳарфҳои пешниҳод гардида ҳиҷо созанд (масалан: аз ҳарфҳои М+О= ҳиҷои МО сохтан мумкин аст ва ғ.);

- аз ҳиҷоҳои сохташуда калимаҳо созанд (масалан: аз ҳиҷои МО – «модар», аз РО – «бародар» ва ғ.),

Бозии *«Эҷоди матн»* (мақсад: рушди тафаккур ва инкишофи нутқи хаттӣ):

Вобаста ба мавзӯи таълимии дарс аз ҷониби омӯзгор чанд калима омода мешаванд. Хонандагон такя ба калимаҳои пешниҳодкардаи омӯзгор ҳикояи хурд тартиб медиҳанд. Дар ҳикоя калимаҳои пешниҳодшуда истифода мешаванд.

Масалан,ба хонандагон чунин калимаҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

а) духтарча, дарахт, гунҷишк, лона, хона, бибӣ, бобо, барф, хунук;

б) калид, кулоҳ, киштӣ, роҳ, борон ва ғайра.

Чунин машқу бозиҳои дидактикӣ *тафаккури мантиқии хонандаро* рушд бахшида, нутқи шифоҳӣ ва хаттии ӯро такмил медиҳанд.

*Мафҳуми «технология» юнонӣ буда, аз калимаҳои techne – «санъат», «маҳорат»; logos – «илм» гирифта шудааст. Маънояш «илм дар бораи санъат, маҳорат» аст.* Дар адабиёти педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» вомехӯранд. Онҳо ба ҳам мисли мафҳумҳои педагогика, таълим ва омӯзиш тавъаманд. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати тадрис, таълим маънидод кардан бамаврид аст. Бисёр луғатҳои дузабона низ «технология»-ро ҳамчун маҷмӯи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона ичро кардани коре шарҳ медиҳанд.

***Технологикунонии ҷараёни таълим*** – ин раванди инкишофест, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани хонандагон равона шудааст.

Мушоҳида, натиҷаҳои таҳқиқоти истифодаи технологияи нави таълим ва самараи он дар рушди тафаккури хонандагон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишии кишвар нишон медиҳанд, ки гузаронидани дарс бо истифода аз технологияи нави таълим (аз ҷумла ташаккули салоҳиятҳои асосӣ)-ро аксарияти омӯзгорони эҷодкор, шогирдон ва волидайни масъулиятшинос дарк карда истодаанд ва теъдоди зиёди онҳо алакай онро дар таълимгоҳҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар истифода намуда, ба дастовардҳои муайян комёб гардида истодаанд. Ва ин омил боис гардидаст,ки миқдори дарсҳои анъанавӣ рӯз ба рӯз кам гардида истодааст (натиҷаи пурсишномаҳо ва мушоҳидаи дарсҳо дар таълимгоҳҳои шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ).

Ҳамзамон баъзе умумият ва тафовути асосии технологияи таълим аз методикаи таълимро қайд намудан дар шароити татбиқи рӯзафзуни онҳо амри зарурист, ки инҳоанд:

1.*Технология* банақшагирии пешакии натиҷаи таълим буда, онро тавассути роҳу воситаҳои гуногун ба даст овардан имконпазир аст.

2.*Технология ва методика* аслан ба ҳам тавъам ва хеле наздиканд. (баробарҳуқуқанд).

3.*Методика* мафҳуми васеътар шуморида мешавад ва он метавонад чанд технологияро дар бар гирад.

4.Дар *методикаи анъанавии таълим* омӯзгор бештар нақши актёр (ҳунарманд)-ро мебозад. Вазифаи ӯ расондани ахбор аз китоб ба шогирд маҳсуб меёбад.

5.Дар *технологияи нави педагогӣ* омӯзгор ба кори коргардонӣ (режиссёрӣ) машғул аст.

6.Дар раванди истифодаи технологияи нави таълим *омӯзгор хонандагонро намеомӯзонад,* балки амалиёти онҳоро роҳнамоӣ мекунад, ҳавасманд мегардонад, ба ваҷд меорад, фаъолияти таълимии хонандагонро ба танзим медарорад.

7.Дар раванди истифодаи таҳсилоти анъанавӣ омӯзгор хонандагонро меомӯзонад (нақл мекунад, мавзӯро мефаҳмонад, ба саволҳо ҷавоб медиҳад, мисолҳо меорад, исбот

мекунад, хонандагон аксаран бе заҳмати зиёд ҷавобро аз омӯзгор дар шакли тайёр мегиранд ва ғайра).

*Нишондиҳандаҳои технологӣ будани таълим инҳоянд*:

- Муайян кардани мақсадҳои таълим дар шакли натиҷаҳои чашмдошт (интизоршаванда);

- пешниҳоди мазмуни маводи омӯхташаванда дар шакли системаи пайдарпайии мантиқии вазифаҳои маърифатӣ.

*Технологияи таълими муосир:* Дар раванди истифодаи технологияи нави таълим хонанда ҳамеша дар маркази диққат (хонандамеҳвар). Дар раванди истифодаи технологияи мазкур ба азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби худи хонандагон сурат мегирад, на ба омӯзонидан (дарсдиҳӣ, баёни мавзӯъ, исботу овардани далелҳо) аз ҷониби омӯзгорон. Истифодаи технологияи нав шароити таълиму омӯзишеро тақозо мекунад, ки аз таҷрибаи хонанда бармеояд ва он дар маркази диққат аст. Масалан, тағйироти асосиро аз *«Ман ба шумо нақл мекунам ва шумо медонед(меомӯзед)" ба «Ман меҳоҳам, ки бо шумо роҳҳоеро дарёфт намоем, ки онҳоро ба таври самарабахш ба ниёзу эҳтиёҷоти хеш равона созем".*

Равона сохтани таваҷҷуҳи асосӣ ба усули ***хонандамеҳвар*** аз назарияҳои зерин маншаъ мегирад:

1.Назарияи таълими проблемагузорӣ (Илина Т.А.)

2.Таълими ба шахсият нигаронидашуда (Якиманская И.С.)

3.Педагогикаи ҳамкорӣ (Ушинский Н.Д., Макаренко А.С.)

4.Технологияи фардикунонии раванди таълим (Унт И.Э., Гранитская А.С., Шадриков В.Д.)вағайра.

Дар таълими хонандамеҳвар (аз ҷумла, ташаккули салоҳиятҳои хонандагон) инҳо ба эътибор гирифта мешаванд:

1.*Қобилият ва таҷрибаи маърифатии хонандагон* ҳамчун замина барои таълими мавзӯъ ва иттилооти минбаъда истифода мешавад.

2.*Диққаи асосӣ на танҳо ба мазмуни таълим* (*чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим* (*чӣ тавр онро самарабахш гардонем?)* равона мегардад.

3.Азхудкунии хонандагон вазифаи афзалиятноки омӯзгор аст.

4.*Хонандагон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд* ва қобилияти гуногуни дарккунӣ доранд. Дар раванди таълим ҷавобҳои инфиродӣ ва фардии хонандагон дастгирӣ карда мешавад.

5.*Омӯзиш раванди фаъоли рушдёбанда ба ҳисоб меравад*, ки зимни он алоқаҳо (байни далелҳо, ғояҳо, ҷараёнҳои гуногун) муназзам ба дигаргуниҳо дучор гардида, сохтори онҳо тағйирпазир мегардад. Иртиботи мазкур дар раванди чунин тарзи таълим тавассути ҳамкорӣ (омӯзиш) байни омӯзгору хонандагон ва хонандагону ҳамсолони онҳо дастгирӣ меёбад ва натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Хонандагонро ҳамеша барои баёни идеяҳои шахсӣ доир ба мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо ҳавасманд мегардонанд (натиҷаи ташаккули салоҳиятнокӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар).

6.*Нақша ва барномаҳои таълим* на танҳо дар доираи мавзӯъҳое, ки хонандагон бояд онҳоро омӯзанд ва аз худ кунанд, балки дар атрофи равандҳое, ки тавассути онҳо таълим бояд рушд ёбад, доираи фаҳмиш васеъ гардад *(чӣ тарз сурат мегирад?*), таҳия шаванд.

Технологияи таълими лоиҳавӣ. Дарси лоиҳавӣ технологияи нави таълим маҳсуб меёбад. Лоиҳаҳо (супоришҳо) машғулиятҳои нисбатан дарозмуддатанд. Онҳо ба хонандагони имкон медиҳанд, ки тамоми маводи як боби таълим ва бобҳои омӯхтаашонро озодона ва эҷодкорона дар муддати дуру дароз мавриди муҳокима, баҳс қарор диҳанд ва оид ба онҳо иброз назар намоянд, далелҳо гирд оранд. Корҳои лоиҳавӣ як навъ шакли кумак ба хонандагон дар такрори мавзӯъҳои гузашта ба ҳисоб меравад. Ҳангоми корҳои лоиҳавӣ хонандагон метавонанд баҳри пайдо кардани иттилооти зарурӣ маводи гузашта ва иловагиро мутолиа намоянд, онро муқоиса намоянд ва хулосаи худро пешниҳод созанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад,ки корҳои лоиҳавӣ дар баробари рушди малакаҳои иҷтимоӣ салоҳиятҳои роҳбарикуниро низ такмил медиҳанд. Барои иҷрои лоиҳаҳои худ хонандагон дар гурӯҳҳо мустақилона ба фаъолият машғул мешаванд ва салоҳиятҳои якҷоя кор кардан, масъулиятро ба дӯш гирифтан, истифодаи сарфакорона ва мақсадноки

вақт, назорати фаъолияти хешро такмил медиҳанд ва дар маҷмӯъ рушди тафаккурро таъмин месозанд.

Технологияи таълими инноватсионӣ (технологияи муосири таълим). Принсипҳои муҳимтарини усулҳои инноватсионӣ, ки онро гоҳҳо таълими фаъол ва дақиқтар усули ҳамкорӣ низ мегӯянд, аз инҳо иборат аст:

- имкони баробар доштани омӯзгор ва хонандагон ҳангоми муҳокима;
- ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигар будани хонандагон;
- фароҳамории муҳити ҷустуҷӯйӣ ва таҳқиқотӣ;
- таъмини муносибати фардӣ ва хайрхоҳона ба ҳар як хонанда;
- таъмини фаъолиятҳои дунафарию гурӯҳӣ, кӯшишҳои якҷоя (ҳамкорӣ) дар раванди таълим ва ғайра. Асоси технологияи таълими инноватсиониро «Машварат» (маслиҳат, гуфтугузори салоҳандешона, баҳсҳо дар атрофи ягон масъала) ташкил медиҳад.

Далели асосноки он гуфтаҳои зерини Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ) мебошанд:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

Натиҷаи таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмойишӣ нишон медиҳад, ки ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои ташаккули тафаккури хонандагон тавассути истифодаи технологияи нави таълим дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим вазифаҳои муҳими зеринро низ ба миён мегузорад ва иҷрои онҳоро таъмин месозад:

- таъмини баланд бардоштани шавқу завқи донишомӯзӣ ва рушди тафаккури хонандагон;
- арзишёбии натиҷаҳои инфиродӣ ва ташаккули ***хударзишёбии воқеии хонандагон*** дар раванди технологияи нави таълим (инноватсионӣ);
- фароҳам овардани шароит барои ***ҳавасмандӣ ва далелнокии*** фаъолияти таълимию маърифатӣ, истифодаи доираи инфиродии таҳсилии хонандагон ва таъсири он ба роҳҳои ташаккули тафаккур ;
- таъмини ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, инфиродикунонии раванди таҳсилот ва ба ин васила баланд бардоштани мақому нуфузи донишомӯзӣ;

Ба ақидаи аксари омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ самараи истифодаи технологияи нави таълим фаъолияти муваффақонаи таълимии назариявӣ ва амалии хонандагонро таъмин сохта, дар рушди тафаккури хонандагон нақши муассир мегузорад.

Масалан, татбиқи технологияи муосири таълим ба донишандӯзӣ, худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ мусоидат карда ба рушди тафаккури хонандагон таъсири мусбат мерасонанд.

**Мушкилоти татбиқи технологияи муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар:**

1.Дастрасӣ надоштани омӯзгорон ба адабиёти муосир ва таҷрибаи амалии истифодаи технологияи муосири таълими таълими кишварҳои пешрафта.

2.Омодагии ҷиддӣ надоштани сарварон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба истифодаи технологияи муосири таълим.

3.Аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд набудани роҳбарони шӯро, иттиҳодияҳои методӣ гурӯҳи сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба кору фаъолияти иловагии аз меъёри муқарраргардида (сарборӣ) зиёди бемузд.

4.Суст будани базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бахусус, муҷаҳҳаз набудани кабинетҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои муассисаҳои таълимӣ,ворид нагардидани хонандагон ба иҷрои супоришҳои самараноки ба рушди тафаккур водоркунанда.

5.Мушкилоти иқтисодӣ дар таъмин намудани хонандагон ва омӯзгорон бо маводи таълимии тақсимотии ёрирасон.

**Пешниҳод:**

1.Раёсат, шуъбаҳои маориф, директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таваҷҷуҳи бештари омӯзгоронро ба дарёфти роҳҳои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва таҳқиқотии хонандагон зимни истифодаи технологияи нави таълим равона созанд.

2.Омӯзгорон дар раванди истифодаи технологияи нави таълим замина барои такмили маҳорати ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва таҳқиқотии хонандагон таъмин созанд ва рушди тафаккури таҳлилии хонандагонро таъмин намоянд.

3. Омӯзгорон дар раванди истифодаи технологияи инноватсионӣ (хуҷуми фикрӣ (ангезиши зеҳн), мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, синквейн, эссе, бозиҳои дидактикӣ, харитаи андешаҳо, сквейн, таҳқиқи матн ва ғайра бештар истифода намоянд.

4. Омӯзгорон ба интихоби супориши фаъолкунандаи раванди тафаккур, иҷрои шаклҳои ғайримуқаррарии супоришҳои синфӣ ва хонагӣ ва ғайра) бештар таваҷҷуҳ намоянд.

**АДАБИЁТ:**

1.Бабанский Ю.К.Оптимизация учебно – воспитательного процесса. – М.: Просвещение, 1982. – 192 с.

2.Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.

3.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020". Душанбе, 2012.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе: Шарқи озод, 2013. - с. 1-41.

5.Лутфуллоев М.П. Дарс. – Душанбе: «Маориф», 1995. – 192 с.

6.Толстой Л. Н. Педагогические сочинения. Сост. Н. В. Вейкшан (Кудрявая); Акад. пед. наук СССР. — М. : Педагогика, 1989.

**Имомназаров Д.**

## ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ТАФАККУР

Дар мақола муаллиф аҳамияти татбиқи технологияи муосири таълим, таъмини ташаккули шахсият, инкишофи худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ ва дигар хусусиятҳоеро, ки дар маҷмӯъ ба рушди шахсияти комил тавассути истифодаи он мусоидат менамоянд, амри зарурӣ ҳисобида, муҳиммияти онро дар ташаккули неруи ақлонӣ ва дарёфти мавқеи хеш дар ҳаёт дар шароити бозори меҳнат аз тарафи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шарҳу тафсир медиҳад.

Ҳамзамон, муаллиф дар баробари гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим дар мақола дар бораи фароҳам омадани заминаи воқеӣ барои истифодаи доимии усули инноватсионии таълим ва тавассути он ноил гардидан ба натиҷаҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти тағйироти системаи муосири таҳсилот,масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳа баҳри таҳким бахшидан ба сифати таҳсилот ва таъмини рушди босуботи он андешаҳои муфид пешниҳод манамояд.

Муссалам аст, ки истифодаи технологияи муосири таълим дар иҷрои талаботи стандарт, барномаҳои таълимии ба ташаккули салоҳияти хонандагон нигаронидашударо дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим бештар саҳм хоҳад гузошт.

Аз ин лиҳоз, муаллифи мақола мавқеи истифодаи технологияи муосири таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва фаннии хонандагон дар раванди таълим иқдоми доимии афзалиятнок шуморида, самараи онро дар таъмини раванди мақсадноку самарабахши таҳсилот қайд менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *технология, инноватсия, тафаккур, салоҳият, машварат, таҳқиқот, пешрафт, боэътимод, худбаҳодиҳӣ, рақобат.*

**Имомназаров Д.**

## СОВРЕМЕННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ - ВАЖНОЕ СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ

В статье автор подчеркивает значимость использования современной технологии обучения в условиях реализации компетентностного подхода в обучении, реализации теоретических знаний

на практике, формирования личности, саморазвития, самооценки и других характеристик, которые в целом способствуют формированию мышления учащихся, развития интеллектуального потенциала и достижению поставленных целей в условиях рынка труда.

В то же время, автор наряду с переходом к компетентностному подходу в обучении в статье указывает и на появление благоприятной почвы для формировании логических и критических мышлений учащихся посредством успешной реализации инновационной технологией обучения в условиях происходящих изменений в систему образования, в том числе и в использования методики обучения.

В статье указывается на то, что используемые методики обучения на современном этапе не может удовлетворять требования стандартов, учебных программ в условиях перехода на компетентностный подход в обучение и оно незамедлительно требует перехода на инновационной технологии повсеместно.

Следовательно, автор статьи считает переход на инновационной технологии обучения в условиях реформы школы важным шагом в развитии мышления учащихся.

***Ключевые слова:*** *технология, инноваия, мышление, компетенция, исследование, общение, успеваемость, достоверный, самооценка, конкуренция.*

**Imomnazarov D.**

## MODERN TECHNOLOGY OF EDUCATION IS AN IMPORTANT MEANS OF FORMING THINKING

In the article, the author emphasizes the importance of using modern teaching technology in the conditions of implementation of a competency-based approach to training, the implementation of theoretical knowledge in practice, personality formation, self-development, self-esteem and other characteristics that generally contribute to the formation of students' thinking, the development of intellectual potential and the achievement of goals in conditions labor market.

At the same time, the author, along with the transition to a competency-based approach to teaching in the article, also points to the emergence of a favorable soil for the formation of logical and critical thinking of students through the successful implementation of innovative teaching technology in the context of ongoing changes in the education system, including the use of methods learning.

The article indicates that the teaching methods used at the present stage cannot satisfy the requirements of standards and curricula in the context of a transition to a competency-based approach to training and it immediately requires a transition to innovative technology everywhere.

Therefore, the author of the article considers the transition to innovative teaching technology in the context of school reform an important step in the formation of students' thinking.

***Keywords:*** *technology, innovation, thinking, competence, research, communication, academic performance, reliable, self-esteem, competition.*

**Сведения об авторе: Имомназаров Давлатназар** - Зав. Отделом общеобразовательных учреждений, изучение стандартов, учебных планов, государственных программ и учебников Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни 126.

**Information about the author: Imomnazarov Davlatnazar** - Head. Department of educational institutions, the study of standards, curricula, government programs and textbooks of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 126 C. Aini St.

**Л. ИМАТОВА**
**Н. ШАРИФЗОДА**

# МЕТОД ВА УСУЛҲОИ МӮЪТАДИЛСОЗИИ ҲОЛАТИ ЭМОТСИОНАЛӢ ДАР КӮДАКОН

Эмотсия дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад. Бидуни он муносибат бо атрофиён ва донистани худ мушкил мегардад. Мафҳуми "эмотсия" аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънои "зарба" ё "мавҷ"-ро дорад, яъне ин равандест, ки шахс дар ҳолати ноороми қарор дорад, амалеро баҳогузорӣ менамояд, ки зимни он дар рафтори ӯ зуҳуроти махсусе пайдо мегардад.[10, 12]

Инсон дар чараёни ҳаёту фаъолияташ ба ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ гирифтор мешавад ва ин ба зуҳуроти амалу рафтори ӯ таъсир мерасонад. Ҳолати эмотсионалӣ тамоми вуҷуди инсонро фаро мегирад, дар ботини инсон аксуламалҳои гуногуни органикӣ ба вуқӯъ меоянд, дар зоҳир бошад чеҳра, чашмон, садо, ҳаракат ва рафтор тағйир меёбад. "Ҳолати руҳӣ - ин ҳолати нисбатан суст ифодаёфтаи эмотсионалӣ буда, муддати муайяне шахсро фаро мегирад ва дар рафтору фаъолияти ӯ инъикос меёбад" – қайд менамояд равоншинос Н.М.Юнусова.. [8, 273]

Инчунин, олимон қайд менамоянд, ки се ҷуфти нисбатан содаи ҳолатҳои эмотсионалиро фарқ мекунанд: қаноатмандӣ – ноқаноатмандӣ, зӯру бошиддат – бартараф кардан, ҳаяҷон – осудашавӣ, таскинёбӣ. Эмотсияи зӯру бошиддат ҳамеша бо офаридани фаъолияти нав ё шикастани тарзи кӯҳнаи ҳаёт алоқаманд буда, ба устувории эмотсионалию ҳаракатӣ таъсири манфӣ мебахшанд ва ин метавонад дар шахс ҳаяҷони бошиддатро ба вуҷуд оварад. [8, 270].

Таассуротҳои шиддатноки эмотсионалӣ ба монанди: тарс, воҳима, даҳшат, ноумедӣ метавонанд идроки мувофиқи ҳақиқат, баҳогузории дурусти ҳолатро душвор созанд, ба қабули қарор ва дарёфти роҳи мувофиқи баромад аз роҳи стрессовар монеа шаванд. Ин зуҳуротҳо инъикоскунандаи кори психикаи калонсолону кӯдакон дар давраи бӯҳрон буда, дар маркази диққати духтурон-равонпизишкон, психотерапевтҳо ва ҳамчунин равоншиносон қарор дорад.

Бояд қайд кард, ки дар байни ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ аффект, стресс, апатия, фрустратсия, ҳолати рӯҳӣ ва рағбатро фарқ мекунанд.

Стресс- ин ҳолати шиддатноки психикие, мебошад, ки дар раванди шароитҳои душвор ва вазнини фаъолият ба миён меояд. Агар мо стрессро мағлуб насозем, дар мо вайроншавиҳои рӯҳӣ ба миён меоянд, ки ин ба бемориҳо оварда мерасонанд ва намегузоранд, ки худро ором ҳис кунем.

Ҳолатхои фавқуллода дар одам стресси сахтро ба вуҷуд меоваранд, ба шиддатнокии сахти асабӣ мебаранд, мувозинатро дар бадан вайрон мекунанд, дар маҷмӯъ ба саломатӣ таъсири манфии на танҳо ҷисмӣ, балки психикӣ мерасонанд. Ин метавонад хурӯҷи бемориҳои психикии аллакай вуҷуддоштаро тезонад. [2,125]

Апатия (ҳисси бефарқӣ) метавонад баъд аз шиддатнокии бардавом, аммо бенатиҷагӣ ба вуҷуд ояд. Апатияро метавонад вазъияте ба вуҷуд оварад, ки дар он одам нокомии ҷиддиро аз сар гузаронад. Дар ин вазъият шахс фаъолияти худро идора карда наметавонад ва дар ҳолате қарор дорад, ки ба нафаре ёрӣ расонида наметавонад ва имконияти ба марг расидани одами наздик низ вуҷуд дорад. Ин вазъият чунин маъно дорад, ки дар ин ҳолат эҳсоси хастагӣ одамро ба он дараҷае фаро мегирад, ки ӯ дигар на сухан кардан мехоҳаду на ҳаракат кардан ва сухан гуфтану ҳаракат кардан барояш бисёр душвор аст.

Дар ин маврид, шахс ботинан як холигии бефарқиро ҳис мекунад ва ҳатто барои зоҳир кардани ҳиссиёташ мадор надорад. Агар дар ин ҳолат ба шахс ёрӣ нарасонем ва ӯро дасгирӣ накунем апатия метавонад ба депрессия (афсурдарӯҳӣ - эмотсияҳои мушкил ва азиятдиҳанда, сустии рафтор, ҳисси гунаҳкорӣ, эҳсоси оҷизӣ дар назди душвориҳои ҳаётӣ ва ғ.) мубаддал гарданд.

Дар ҳолати апатия одам метавонад аз якчанд соат то якчанд ҳафта қарор ёбад. Аломату нишонаҳои асосии апатия муносибати бефарқ бо атрофиён, хастагӣ, боздорӣ, нутқи суст бо фосилаи дуру дароз мебошанд. [2,178]

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ба стресс ҳамаи одамон – инчунин кӯдакон низ мубтало мегарданд. Ҳолатҳое ҳастанд, ки метавонанд як кӯдакро осеб диҳанд, аммо кӯдаки дигарро бефарқ гузоранд. Масалан, осеби психикии аз ҳолати экстрималӣ

бардошта, дар як шахс (кӯдак) шиддати зиёд, эмотсияҳои манфӣ ва дар шахси (кӯдак) дигар бошад бефарқӣ ва бепарвоӣро ба вуҷуд оварад.

Пас ин ҷо савол ба миён меояд, ки шиддатнокӣ ва ё вайроншавии осеби психикиро дар кӯдакон чӣ гуна бояд ошкор намуд?

Мушоҳидаҳо чунин нишонаҳоро муайян намудаанд:

- кӯдакон на ҳама вакт фаҳмида ва баён карда метавонанд, ки бо онҳо чӣ воқеа руй дода истодааст;

- нишонаҳои стресси барзиёд дар кӯдакон тақрибан ба аломатҳои стресси калонсолон монанд аст. Ин пастшавии коршоямӣ, мондашавии зиёд, бад шудани хотир, дарди сар ва дигар дардҳои номаъмум мебошанд. Бадхашмии баланд ё рӯҳафтодагии доимӣ, бағазабоии бесабаб дида мешавад. Вайроншавии хоб, тарсҳои дар гузашта мавҷуд набуда зоҳир мешаванд.

- баъзан дар кӯдаки то ин лаҳза оромбуда шиддати рафтори агрессивӣ пайдо мешавад. Кӯдак метавонад моҷаро кунад, ё ин ки бе сабабҳои муайн гиря кунад.

- боз нишонаҳои махсусе низ мавҷуданд. Баъзе кӯдакон ба мисли калонсолон дар ҳолати стрессовар метавонанд аз хӯрок дасткашӣ намоянд ва ё ин ки баръакс, хӯрдани хӯроки зиёд ё шириниҳоро талаб мекунанд. [1]

Дар ин маврид, мо ба волидону калонсолон оид ба аз сар гузаронидани ҳолатҳои эмотсионалии кӯдакон якчанд маслиҳату машварат диҳем.

Аввалан, кӯшиш кунед то бифаҳмед, ки кӯдаки шумо чиро дар ҳамин ҳолат ва чӣ гуна эҳсос мекунад. Танҳо пас аз он ки шумо ҳолати ӯро ҳис намуда, онро дар худ тассавур кунед, шумо метавонед рафтори худро нисбати ӯ дуруст ба роҳ монед. Бештар дар назди кӯдак бошед ва бикӯшед, ки лаҳзае ки ӯ суханронӣ мекунад, ҳамроҳ бошед.

Пас аз осеби психикӣ вазифаи асосии ёрии психологӣ - ин кӯмаки амалӣ намудани ҳолати муътадили кӯдак, аз зумраи барқарорсозии хоб ва ғизо истеъмолкунӣ (ки ин шароитҳои мусоид барои барқароршавии системаи марказии асаб фароҳам меорад), таъминсозии зинаи умумии муътадили фаъолӣ ва ба тартибоварӣ ва ислоҳ намудани вайроншавиҳои шадиди муошират мебошад.

Барои азсаргузаронии таассуротҳои ботинии кӯдак, метавон ба хаёлоти ӯ такя намуда, ёрӣ расонем, чунки хаёлот (фантазия) – ин анбори ҳиссиётҳо ва таассуротҳо мебошад. Комилан наметавон гуфт, ки кӯдак дарҳол ба шумо дар бораи он чӣ ҳис мекунад, аз чӣ метарсад, аз он чизҳое ки ӯро ба ташвиш меоварад, баён месозад ва ҳамаи асрори ниҳониашро ба шумо ифшо месозад. Барои ҳамин миқдори зиёди методикаҳо маҳз ба хаёлпарастии кӯдак равона карда шудаанд. Ба ин ҳам бозӣ, ҳам расм сохтан ва ҳам ҳикоянависи дохил мешавад. Шумо метавонед элементҳои медитация, мусиқии релаксатсионии махсус, қатори видеосабтҳо ва ғайра истифода баред. Машғулиятҳои зиёде мавҷуданд, ки сарчашмаи андешаҳои кушоиши хаёлоти кӯдак мебошанд ва албатта, ин ҷо бештар аз маҳорати истифодаи инҳо аз ҷониби мутахассис вобастагӣ дорад.

Ҳоло ба шумо методу усулҳо пешниҳод мегарданд, ки дар мавриди кор бо кӯдакон метавонед онҳоро мавриди истифода қарор диҳед.

Ба кӯдак пешниҳод кунед, ки дар ҷояш бароҳат нишинад, чашмонашро пӯшад, якчанд маротиба нафаси чуқур кашад ва бо диққат ба овози шумо гӯш андохта, ба саёҳати фазои дохилӣ - ба он фазое, ки дар нигоҳи ботинӣ пайдо мегардад, ворид гардад. Дар ин маврид гуфтан мумкин аст: «ҳангоми чашмони пӯшида ту метавонӣ ҳамин фазоро ҳис кунӣ – дар он ҷисми ту мавҷуд аст ва дар гирди ту ҳавои форам аст. Ин ҷои дилписанд аст, чунки он маҳз фазои ту аст». Ин лаҳза кӯдак ором мешавад ва ҳолати бавуқӯъомада ба ӯ таъсири қаноатбахш мерасонад.

Баъдан хаёлан, ба кӯдак сайёҳат намуданро пешниҳод намоед. Одами калонсол метавонад кӯдакро, масалан ба хотир овардани лаҳзаҳои хуш, аз ҷумла баромадани кӯҳ, тамошои лаби баҳр ва ё ҷойҳои дигари аҷоиброн пешниҳод кунад. Нақл бояд оҳиста, бо миқдори зиёди таваққуфҳо сурат гирад, зеро барои тассавур кардани худ дар он ҷойҳо, дидани манзараҳое, ки дар зершуури ӯ ба вуҷуд меоянд, имконият дода шавад. [4,52]

Махсусан, ба кӯдак пешниҳод намудани кор бо пластилин, ки маводи мулоим ва нафис мебошад ва барои сохтани бозичаҳо аз ӯ қувваи зиёдро талаб намекунад, хеле муфид мебошад. Илова бар ин, пластилин ранг карда шудааст ва барои идома додани кор бо расмҳои ҳаҷмдор бо ҳамон рангҳое ки барои «хатҳои ихтилоф» интихоб гардида буданд, имконият медиҳад. Дар натиҷа дарккунӣ ва азсаргузаронии эмотсия, ҳиссиётҳои осебовар зиёдтар мешаванд.

Кор бо гил бошад, баръакс маводи табиии сахттар ва мустаҳкам мебошад, ки он қувваи зиёдро талаб мекунад. Боз яке аз бартарии гил – ин берангии ӯ мебошад, ки ин

шабоҳаткунии озодро бедор мекунад. Образ аз гили сафед инчунин, ин доираи махсус барои проексия намудани таасуротҳои амиқи муаллифи расм ба шумор меравад. Дар ҷамъбаст таҷрибаи субъективӣ барои идрок намудан ва ташхис дастрас мешавад.

Равоншиноси австриягӣ Дорис Бретт ҳангоми кор бо кӯдакон аз афсонаҳо истифода бурданро пешниҳод мекунад. Ба кӯдак ҳикояҳое, ки дар онҳо қаҳрамонҳо бо чунин нишонаҳои хислати бофташуда ва проблемаҳои ӯ рӯ ба рӯ мешавад, нақл карда мешавад. Ба монанди, «Ба кӯдаке, ки аз торикӣ метарсад, чӣ бояд гуфт?", " Ё бо он нафароне, ки ӯро дар мактаб масхара мекунанд, чӣ бояд кард?", "Ё кӯдак чудоии волидонро чӣ тавр аз сар мегузаронад?" ва ғайра. [5,69]

Дар китоби худ "Буд-набуд, духтараке ба монанди ту буд" муаллиф боз як қатор намуна ва тавсияҳо ва ҳалли бисёр ҳолатҳои дигари мушкилро пешниҳод мекунад. Бартарии методи Бретт дар он аст, ки ҳикояҳо ба кӯдакон имконияти захира намудани таҷрибаи зарурӣ медиҳад. Таҷрибаи конкретии таассуротҳои бевосита назар ба «насиҳатҳои шифоҳӣ» ба кӯдакон таъсири зиёдро мерасонад. Ин ҳикояҳоро гӯш карда, кӯдакон беихтиёр дар он гузаштаи ҳаёти худро дарёфт мекунанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки намунаи қаҳрамони мусбиро истифода намуда, бар зидди тарс ва проблемаҳои худ мубориза баранд. Дар чунин ҳикояҳо қаҳрамонҳо роҳҳо ва усулҳои ҳалсозии проблемаҳои худро мёебанд. Ба ҳикояҳо метавон ба ғайр аз қаҳрамонҳои асосӣ, боз дигар қаҳрамонҳои дигари афсунгар ва аҷоибро ворид намуд. Муҳим он аст, ки ҳолати қаҳрамони асосӣ ҳолати кӯдаки мазкурро таҷассум намояд.

Вақтҳои охир усули арт-терапия барои рушди худшиносии одамони комилан солим бештар истифода мешавад, ки он барои бартараф намудани эмотсияҳои манфӣ равона гардида, ба шахс оромӣ меорад, эҳсосот, ҳиссиёт ва фикрҳоро ба ҳамоҳангӣ меорад. Дар роҳи расидан ба ҳадаф, арт-терапия як қатор вазифаҳои муҳимро ҳал мекунад. Ба монанди:

- бартараф кардани ҳиссиёти радшуда будан;
- азхудкунии донишҳои нав ва малакаҳои амалӣ;
- аз хашмгинӣ ва ғазаб баромадан;
- худтанзимкуниро инкишоф додан;
- тамаркузи диққат ба эҳсосот, ҳиссиёт;
- баланд бардоштани сатҳи худбаҳодиҳӣ;

Бо кӯдакон усули арт-терапия барои бо осонӣ аз сар гузаронидани ҳодисаҳои фавқуллода мавриди истифода қарор мёебад, ки аз зумраи медитация бо расмкашии минбаъда, монандкунӣ бо олами ҳайвонот, афсонаҳо, тасвири расми ҳолатҳои эмотсионалӣ ва ҳиссиётҳо, кор бо гил ва ғайра махсуб мёебанд. Масалан, расмкашӣ хамчун методи ёрирасон барои тасвир намудани расми ғаму андӯҳи худ мебошад. Психолог метавонад ба кӯдак пешниҳод намояд, ки вай ҳиссиёти қаҳр, ғазаб ё тарсро тасвир намояд. [1,69]

Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки имконияти истифодаи методу усулҳои гуногун барои мӯътадилсозии ҳолати эмотсионалӣ дар кӯдакон бениҳоят васеъ мебошад. Супоришҳое, ки пешниҳод ва мавриди ҳал қарор мёебанд, барои инкишофи ҳолати муътадили кӯдак, баргардонидани ҳиссиётҳои ҳақиқӣ, инчунин баратарф намудани таассуротҳои эмотсионалии манфӣ ва зоҳиршавии онҳо, инкишоф додани тасаввурот дар бораи образи худ ва ҳамчун воситаи дарккунии ҳодисаҳои аз сар гузаронида, инкишоф додани хусусиятҳои фардии кӯдак кӯмаки равониро мерасонанд.

## АДАБИЁТ:


1. Арт-тарапия - новые горизонты / Под ред. А.И. Копытина. - М.: Когито-Центр, 2006. - 336 с.
2. Белая Н.Ю. Как обеспечить безопасность дошкольников. – М.,2000.
3. Бирюков Д.А. Экологическая физиология нервной деятельности / Д.А. Бирюков. –М.: Медгиз, 1960.
4. Виноградова Н.Ф., Куликова Т.А. Дети, взрослые и мир вокруг. – М., 1993.
5. Денисенкова Н., Ваш ребёнок познаёт мир./Дошк. воспитание 2000 №1.
6. Дорис Бретт Жила-была девочка, похожая на тебя. Издательский дом "Класс". Москва, 2006. 368с.
7. Дыбина – Артамонова О.В. Предметный мир как источник познания социальной действительности. – Самара, 1997.
8. Психология. Китоби дарсӣ //Мураттибон Давлатов М. Юнусова Н.М. ва дигарон. Душанбе, 2010. 334с.
9. Толковый словарь русского языка / под редакцией Д. Н. Ушакова, Москва, 1940. С.186.

10. Краткий психологический словарь / Под. ред. А.В. Петровского и М.Г. Ярошевского. – М.: Политиздат, 1985 – с. 11-12.

**Иматова Лутфия, Шарифзода Наргис**

## МЕТОД ВА УСУЛҲОИ МӮЪТАДИЛСОЗИИ ҲОЛАТИ ЭМОТСИОНАЛӢ ДАР КӮДАКОН

Дар мақола муаллифон ҳолатҳои равонии шахс - ҳиссиёт ва эмотсияро ҳамчун талаботҳои шахс аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил менамоянд. Қайд мегардад, ки эмотсияҳо бо талаботи шахс алоқаманд буда, дар шаклу тобишҳои гуногун зоҳир мешаванд ва муносибати ҳиссии одамро ба худ, нисбат ба одамони иҳотакарда ифода менамоянд. Муаллифон дар бораи ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ стресс, апатия, бехобӣ, ҳолати рӯҳӣ ва ғайра маълумот дода, роҳҳои ошкор намудани шиддатнокӣ ва ё вайроншавии ҳолати эмотсионалиро дар кӯдакон бо истифода аз метод ва усулҳои гуногун пешниҳод намудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *эмотсия, таассуротҳои шиддатноки эмотсионалӣ, стресс, апатия, камхобӣ, оседи психикӣ, ёрии психологӣ, хусусиятҳои фардӣ, ҳолати муътадили кӯдак, методика, элементҳои медитация, мусиқии релаксатсионии махсус, методҳои арттерапия, видеосабт, сайёҳат, расмкашӣ.*

**Иматова Лутфия, Шарифзода Наргис**

## МЕТОДЫ И ПРИЁМЫ НОРМАЛИЗАЦИИ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО СОСТОЯНИЯ ДЕТЕЙ

В статье авторы анализируют эмоциональное состояние человека - чувства и эмоции как потребности человека с научной точки зрения. Эмоции связаны с потребностями личности, проявляются в различных формах и выражают чувства человека по отношению к себе, по отношению к окружающим. Авторы предоставляют информацию о различных эмоциональных состояниях стресса, апатии, бессонницы, психического состояния и т.д. Также предлагают способы выявления степени тяжести или ухудшения эмоционального состояния у детей с использованием различных методов и приёмов.

- деятельностную (знания, умения, навыки и способы осуществления правовой деятельности);

- коммуникативную (знания, умения, навыки и способы осуществления общения в рамках правовых норм).

Вычисление отдельных компонентов правовой компетентности носит условный характер, так как все они взаимосвязаны и взаимообусловлены. Усвоение знания и умения является необходимой предпосылкой для развития положительного отношения, к правовым аспектам управленческой деятельности будущего менеджера. В свою очередь положительное отношение к выполнению данной функции стимулирует активность в

овладении профессиональными правовыми знаниями и умениями. Исключение из правовой компетентности любого из указанных компонентов или понижение уровня их сформированности влечет за собой снижение успешности, а соответственно и результативности профессиональной деятельности выпускника.

Среди вопросов экономической науки, посвященных профессиональной деятельности управленцев, важное значение имеет положения о содержательном наполнении компонентов правовой компетентности в общем и студентов - будущих менеджеров в частности:

1) о содержании мотивационного компонента правовой компетентности: важно решить вопрос об отношении к управленческой деятельности, к работе по правовому урегулированию трудовых споров;

2) о содержании когнитивного компонента правовой компетентности: знания в области трудового права, анализа экономико-правовых ситуаций; умение формировать адекватные правовые отношения;

3) о содержании деятельностного компонента правовой компетентности: правовые умения: соблюдать права и свободы человека; бороться с правонарушителями; выполнять правовую деятельность на оптимальном уровне активности; адекватно ориентироваться в правовой сфере жизни;

4) о содержании личностного компонента правовой компетентности: развитии в себе адекватности при оценке собственных психофизических ресурсов и формировании личностных качеств (уверенность, принципиальность, самообладание, объективность, беспристрастность и др.).

Таким образом, на основании полученных выводов о специфике профессиональной управленческой деятельности будущих менеджеров; теории трудового права, правовая компетентность менеджера может быть структурирована следующими компонентами [2, С. 66]: когнитивный, мотивационный, деятель-ностный, личностный.

Раскроем содержательное наполнение каждого из представленных компонентов более подробно. Когнитивный компонент правовой компетентности предполагает знание фундаментальных положений трудового права, теории управления работниками, причин возникновения трудовых споров; понимание структуры правовой деятельности в управлении работниками; способность не только знать и воспроизводить нормы права, но и осваивать новые правовые знания, что актуально в условиях часто меняющегося законодательства.

В данной работе в качестве наполнения содержания когнитивного компонент понимается:

- знание роли правовой подготовки студентов к их будущей профессиональной деятельности;
- цели и основных задач управленческой деятельности будущими менеджерами;
- содержания и структуры правовой деятельности;
- основных функций менеджера;
- различных подходов к оценке эффективности результатов правовой деятельности;
- причин и характера трудовых споров, возникающих в экономической сфере.

Развитие когнитивного компонента правовой компетентности также способствует повышению самооценки, коррекции представлений человека о самом себе [3, С. 97].

Мотивация любой деятельности в значительной мере является следствием предшествующего пути развития личности и выступает как субъективная реакция на внешние воздействия, которые стимулируют появление мотивов. Следовательно, в ходе формирования правовой компетентности необходимо такое воздействие общественного мнения и других видов внешнего влияния, которые вызывали бы состояние интереса и удовлетворения правовой деятельностью, эмоциональной и интеллектуальной напряженности, стремление к достижению цели, гордости за выбранную профессию, специальность.

Эффективность правовой подготовки студентов - будущих менеджеров в значительной степени зависит от сформированных положительных мотивов, определяющих отношение к профессиональной управленческой деятельности. Они рождают увлеченность специальностью и моральную ответственность за учение.

Мотивационный компонент представляет собой определенную систему потребностей и связанных с ними мотивов. Она характеризуется также целями целевыми установками. Цель -это не просто предполагаемый результат деятельности, а желаемый ее результат, то, к чему человек стремиться, осуществляя деятельность. Осознавая цель, человек осознает образ желаемого будущего, а потому стремиться к ее достижению и подчиняет ей свои действия. От цели, целеполагания и целеустремленности зависит то, как человек осуществляет деятельность, какую позицию занимает, как выбирает соответствующие решения и способы поведения [4, С. 39].

Главное здесь - это именно целевая функция процесса, то есть ясное понимание целей, которые надо достичь. Цель - представляемый результат деятельности отдельного человека, группы людей. Содержание цели в известной мере определяет средства ее достижения. Цели могут быть отдаленными, близкими, ситуативными, общественно-ценными или вредными, альтруистичными или эгоистичными. Значимые цели побуждают, мобилизуют, направляют волю и поведение людей на решение задач.

Мотивационный компонент правовой компетентности в данной работе определяется как совокупность доминирующих мотивов поведения при правовом разрешении ситуаций; сформированная установка на постоянное самообразование и самовоспитание; эмоционально-положительное отношение субъекта к деятельности в целом либо к выполнению отдельных профессиональных функций.

Мотивационный компонент характеризует потребность в повышении уровня правовой компетентности, а также потребность в формально обоснованной процедуре получения правовой компетентности, потребность в получении результата [5, С. 48].

Деятельностный компонент выражается в способности выполнять правовую деятельность на оптимальном уровне активности; умении обучаться постижению норм и правил правовой деятельности; умении адекватно ориентироваться в правовой сфере жизни. Личностный компонент выражается в адекватной самооценке, уверенности в себе, умении управлять конкретными эмоциональными состояниями, действовать разумно и выполнять действия, направленные на достижение сознательно поставленной цели направленно, целеустремленно.

На основе высшее сказанное, сделаем вывод. Понятие «правовая компетентность менеджера» понимается как интегральная профессионально-личностная характеристика менеджера, отражающая высокий уровень правовых знаний, умений и навыков и включающая коммуникативные способности и личностные качества менеджера, направленные на создание условий для правового регулирования жизненной и управленческой деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Менеджмент: человек, стратегия, организация, процесс: Учебник / Под ред. О. В. Виханского. - М.: МГУ, 1995.
2. Моргунов Е. Управление персоналом: исследование, оценка, обучение. - М., 2000.
3. Одегов Ю. Г., Журавлев П. В. Управление персоналом: Учебник для вузов. - М.: Финстатинформ, 1997.
4. Организация предпринимательской деятельности: Учебное пособие / Под ред. А. С. Пелиха. - Ростов-на-Дону: Издательский центр «Март», 2002.
5. Вербицкий А. А. Новая образовательная парадигма и контекстное обучение. - М.: ИЦПКПС, 1999.
6. Веснин В. Р. Менеджмент для предпринимателей. - В 2-х ч. - М.: Антиква, 1996.
7. Драма российского закона / Под ред. В. П. Казимирчука. - М.: Юрид. кн.: ТОО «ЧЕРО», 1996.
8. Коджаспирова Г. М. Словарь по педагогике (междисциплинарный) / Коджаспирова Г. М., Коджаспиров А. Ю. - М: ИКЦ «МарТ»; Ростов н/Д: Издательский центр «Март», 2005.
9. Дьяченко М. И. Психология высшей школы / М. И. Дьяченко, Л. А. Кандыбович. - Мн.: БГУ, 1978.
10. Горбушина М. В. Формирование правовой компетентности у будущих специалистов социальной работы в процессе профессиональной подготовки в вузе: Авто-реф. дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08. -Ульяновск, 2007.

**Маҳкамов Д., Саъдуллоева Г.**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Дар мақола салоҳияти мутахассисон дар илми хориҷӣ ва ватанӣ дар ташаккули амсилаи салоҳиятноки таълими менеҷментҳои оянда, ки ҳадафи он ташаккули салоҳияти ҳуқуқии менеджменҳои оянда аз ҳисоби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Қайд шудааст, ки И. А. Зимняя дар таркиби салоҳиятнокӣ тавсифоти зеринро ворид менамояд: а) омодагӣ ба зоҳир намудани салоҳиятнокӣ; б) азбар намудани дониши мазмуни салоҳиятдошта; в) таҷрибаи зоҳир намудани салоҳият дар стандартҳои гуногун ва ҳолатҳои ғайрианъанавӣ (дар рафторҳои ахлоқӣ); г) муносибат бо мазмуни салоҳиятнокӣ ва объекти онро пешниҳодкунанда (аспекти арзишӣ- мазмуннокӣ); д) ҷараёни муттамарказнамоии қаҳру- ирода ва натиҷаи зоҳир гардидани салоҳият.

***Калидвожаҳо:*** *амсилаи таълими салоҳиятнок, салоҳияти ҳуқуқии менеҷмент, салоҳияти ҳуқуқӣ.*

**Маҳкамов Д., Саъдуллоева Г.**

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРАВОВОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ КОЛЛЕДЖА В ПРОЦЕССЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье анализируется генезис взглядов на компетентность специалистов в зарубежной и отечественной науке и становление компетентностной модели образования, нацеленной на формирование правовой компетентности будущих менеджеров из число студентов колледжа.

Отмечается, что И.А. Зимняя включает следующие характеристики в структуру компетентности: а) готовность к проявлению компетентности; б) владение знанием содержания компетентности (то есть когнитивный аспект); в) опыт проявления компетентности в разнообразных стандартных и нестандартных ситуациях (то есть поведенческий аспект); г) отношение к содержанию компетентности и объекту ее приложения (ценностное - смысловой аспект); д) эмоционально-волевая регуляция процесса и результата проявления компетентности.

***Ключевые слова:*** *модель образования, правовая компетентность менеджера, правовой компетенции.*

**Mahkamov D., Sadulloeva G.**

## FORMATION OF THE LEGAL COMPETENCE OF COLLEGE STUDENTS IN THE PROCESS OF VOCATIONAL EDUCATION

The paper analyzes the genesis of views on the competence of specialists in foreign and domestic science and the formation of a competency-based education model aimed at forming the legal competence of future managers from among college students.

I.A. Winter includes the following characteristics in the structure of competence: a) willingness to show competence;

b) knowledge of the content of competence (i.e. the cognitive aspect); c) the experience of manifesting competence in a variety of standard and non-standard situations (that is, the behavioral aspect); d) attitude to the content of competence and the object of its application (value - semantic aspect); d) emotional and volitional regulation of the process and the result of the manifestation of competence.

**Keywords:** *education model, managerial legal competence, legal competence.*

**Сведения об авторах: Махкамов Д.**- кандидат педагогических наук, ведущей сотрудник начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана г. Душанбе ул. Айни 45. Тел: 93.502.15.64

**Садуллоева Г.М.-** соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Хувайдуллоева, дом 77; E-mail: Gulnoramahadovna@mail.ru тел:551 55 58 87

**Information about the authors: Makhkamov D. -** candidate of pedagogical Sciences, senior employee of primary and secondary professional education of the Abdurakhmon Jami Institute of educational development Of the Academy of education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Aini street. Tel: 93.502.15.64

**Sadulloeva G. M. -** applicant of the Institute for educational development after the Abdurakhmon Jami of the Academy of education of Tajikistan, Dushanbe, 77 Huvaidulloev street E-mail: Gulnoramahadovna@mail.ru tel: 551 55 58 8

А. ШЕРАЛИ

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

Барои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии мувофиқ зарур аст, зеро дарси муосир истифодабарии технологияҳои педагогии ба шахсият нигаронидашударо тақозо менамояд. Тавассути он афзалияти таълими фаннӣ, ташхиси рушди фардии хонанда, тағйирдиҳии вазъияти педагогӣ, фавран ворид кардани супоришҳои таълимӣ дар заминаи мушкилоти масъала, ки инкишофи шахсро дар фазои маърифатӣ таъмин мекунад, истифода мешавад. Барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат бояд дар самти тағйир додани суръати омӯзиш ва ҳаҷми маводи омӯхташаванда коркард ва мавриди таълим қарор гирад. Ба роҳ мондани ин ду ҷиҳат аз таҷдиди мундариҷаи таълим вобастагии зиёд дорад, зеро зарурати омӯзиши суръатбахш ба кӯдаки болаёқат ба миён меояд. Дар баробари ин, барои таълими чунин хонандагон омӯиши амиқи фанҳои алоҳида бо ворид кардани маводи иттилоотии нисбатан душвор зарур аст, зеро кор бо кӯдаки боистеъдод назар ба дигар хонандагон таълими сифатан навро тақозо мекунад.

Тибқи таҳқиқотҳои Панютин Н.И., Рагинская В.Н., Кислякова Е.Б., Дубровина З.Г. ва Коляда Н.А. дар таълими хонандагони болаёқат чор равиши асосӣ барои таҳияи мундариҷаи барномаҳои таълим бояд истифода шавад: [ 6, 21]

1) **Самти пешрав ва суръатнок.** Ин равиш имкон медиҳад, ки қобилияти гурӯҳи муайяни кӯдакони болаёқат ба назар гирифта шуда, мундариҷаи барнома ба суръати баланди рушд нигаронида шавад. Дар ҳолати мавҷуд набудани шароити зарурии таълим ва надоштани маълумот оид ба хусусиятҳои инфиродии хонандагон истифода намудани чунин шакли босуръати таълимӣ имконнопазир аст.

2) **Вурудшавии комил.** Истифодаи ин усул нисбат ба кӯдаконе, ки ба соҳаҳои муайяни дониш ё фаъолият таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд, самаранок аст. Дар ин ҳолат омӯзиши амиқи мавзӯъҳо, фанҳо ё соҳаи донишҳо иҷозат дода мешавад.

3) **Ғанигардонӣ.** Ин усул ба мундариҷаи сифатан баланди таълим такя намуда, омӯзиши мавзӯъҳои анъанавӣ бо тарзи ба роҳ мондани робита бо мавзӯъҳои дигари нисбатан душвор мегузарад. Машғулиятҳо тавре ба нақша гирифта мешаванд, ки хонандагон барои машғулиятҳои дӯстдоштаи худ вобаста ба қобилияташон вақти кофӣ доранд.

4) **Мушкилофарӣ**. Ин равиш ҳавасмандгардонии рушди шахсии таълимгирандагонро дар бар мегирад. Хусусияти таълим дар ин ҳолат аз истифодаи тавзеҳоти сарчашмавӣ, таҷдиди маълумотҳои мавҷуда, ҷустуҷӯи мафҳумҳои нав ва тафсирҳои алтернативӣ иборат аст, ки ба ташаккули муносибати шахсии хонандагон ба омӯзиши соҳаҳои гуногуни илму дониш ва инъикоси тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад. Одатан ин шакли барномаҳо мустақилан вуҷуд надошта, чун ҷузъи барномаҳои асосӣ ва ё ҳамчун барномаҳои махсуси берунaзсинфӣ истифода мешаванд.

Маҳз чунин мавқеъ педагогон ва муҳаққиқони соҳаи дидактикаро ба таҷдиди назар нисбат ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ равона месозад. Зарурати ғанигардонии мундариҷаи таълим, шаклҳои ташкил ва усулҳои таълими хонандагони болаёқат ба миён меояд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон дар заминаи маводи таълимие, ки хусусияти проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ дорад, рушд ёбад.

Аз ҷониби як қатор муҳаққиқони соҳаи педагогика муносибати муҳаққиқ Ҷ.Рензулли ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ҷонибдорӣ мешавад. Ин усул аз як навъи ғанигардонӣ ба дараҷаи сифатан баландтари ғанигардонии мундариҷаи таълимро дар назар дорад. Ҷ.Рензулли чунин пешниҳод менамояд: мундариҷаи барномаҳои таълим бояд аз доираи барномаҳои анъанавии қабулшуда берун бароянд; мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бояд манфиатҳои хоси хонандагони болаёқатро ба инобат гиранд; мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ба услуби азхудкунии дониши хонандагони болаёқат мувофиқат кунанд; набояд кӯшишҳои кӯдакон барои амиқ фаҳмидани моҳияти масъала

маҳдуд гарданд. Аслан масъалаи ғанигардонӣ ва мазмунан навгардонии мундариҷаи барномаҳои таълимӣ дар корҳои муҳаққиқон Блум Б., Кейплан С., Уилямс В. ва дигарон дида шудаанд. Олим Ҷ.Рензулли дар ғанигардонии мундариҷаи таълим чунин принсипҳоро пешниҳод менамояд: шинос намудани хонандаи болаёқат бо соҳаҳои мухталифи дониш, ки метавонанд ба ӯ шавқовар бошанду майлу рағбаташро ба гирифтани донишҳои амиқ сафарбар намоянд; бо мақсади рушди тафаккури кӯдак ба роҳ мондани дарсҳое, ки мушоҳида намудан, қобилияти баҳо додан, муқоиса кардан, сохтани фарзия, таҳлил, синтез, тасниф ва амалиётҳои дигари тафаккуриро талаб менамоянд ва машқи пайвастаи ин амалиётҳо дар ҷараёни дарс. Чунин малакаҳо барои гузариш ба равандҳои мураккаби маърифатӣ хизмат мерасонанд. [ 1 ] Аксарияти муҳаққиқон истифодаи барномаҳои таълимии суръатбахшро маҳз дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷоиз медонанд. Ба андешаи муҳаққиқ Искандаров Ҳ. барномаҳои муассисаҳои таълимии умумӣ, ки базавӣ ҳисоб меёбанд, бо барномаҳои таҳсилоти иловагӣ то дараҷае монандӣ доранд... дар баробари ин таҳсилоти иловагӣ имконияти бештари фардӣ кунонидани шогирдонро дорад. [3, 334] Мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бояд саршор аз фаъол намудани ҷараёни мураккаби тафаккури кӯдакон, қобилияти эҷодӣ ва маҳорати иҷро намудани ҳалли масъалаҳои проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ бошад.

Ба ақидаи мо, таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат бояд аз муайян намудани эҳтиёҷот, ҳадафҳои омӯзишии ин хонандагон оғоз ёбад.

Ҳангоми таҳия намудани барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат ба чунин меъёрҳо диққат дод:

1) мундариҷаи маводи таълимӣ шароитҳои дарки раванди маърифатиро фароҳам оварад;

2) мундариҷаи маълумоти таълимӣ илман асоснок карда, азхудкунии фаъолияти зеҳниро тақозо намояд, мафҳумҳои абстрактӣ ва равандҳои фикрии сатҳи баландтарро талаб намояд;

3) дар асоси ҳамгироии байнисоҳавӣ умумият ва истифодаи самарабахши донишҳо таъмин гардад .

Сохтори барномаҳои таълимӣ бояд аз нақшаи тавзеҳотӣ; шарҳи мухтасари мавзӯъҳое, ки ба барномаи таълимӣ дохил карда шудаанд; рӯйхати адабиёт (барои омӯзгор ва хонанда), намунаи гуногуни замимаҳое, ки ҷанбаҳои маърифатӣ, методологӣ ва технологии ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявиро нишон медиҳанд, иборат бошанд. Дар барномаҳо далелҳои асосноку мувофиқи стратегияи интихобшуда оид ба таълим, тарбия ва рушди кӯдаки болаёқат; тавсифи умумии принсипҳои дар барнома татбиқшаванда; мақсаднокӣ (синну соли кӯдакон, соли оғози таҳсил, самти таълим ва ғайра) ҷой дода мешаванд.

Нақшаи таълимӣ-мавзӯӣ ҳатман рӯйхати мавзӯъҳоеро, ки аз рӯи марҳилаҳои раванди таълим тақсим гардидаанд, инчунин шаклҳои машғулиятҳои таълимиро (назариявӣ, амалӣ кори мустақилона ва ғайра) дар бар гирад. Муҳтавои мавзӯъҳои таълимии барнома бояд бо дарназардошти дастовардҳои навини илм тибқи талаботи маърифатии хонандаи болаёқат таҳия шаванд. Чунин коркард барои асоснок кардани мувофиқати мундариҷаи фан бо методикаи таълим зарур аст.

Муайян кардани ҳаҷми мундариҷа барои ин ё он фанни таълимӣ раванди мураккаб аст. Ҳаҷми мавод бо назардошти он, ки барои хонандагони болаёқат пешбинӣ шудааст, аз ҷиҳати меъёри пешниҳоди мавод; самти маълумот ва иттилоот тибқи талаботи маърифатии хонанда; истифодаи усулҳое, ки тафаккури таҳлилию эҷодии хонандаи боистеъдодро ташаккул медиҳанд, муайян карда мешавад.

Муҳаққиқ Савенков А. дар масъалаи ғанигардонии мундариҷаи таълим тадбирҳоро оид ба бо фанҳои махсус ва ҳамгирошуда пурра намудани барномаи таълими анъанавӣ, ки ба се самти рушди хонандагони болаёқат – рушди психологӣ-иҷтимоӣ; рушди маърифатӣ; рушди ҷисмонӣ нигаронида шудааст, эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ӯ дар таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат стратегияи "таълими таҳқиқотӣ"-ро пешниҳод мекунад. Хусусияти асосии ин равиш ба ҷиҳати омӯзиши таҳқиқотӣ, ба хусусияти эҷодӣ диққат додан мебошад. Ба ин васила ташаббус аз ҷониби хонанда дар

ташкили фаъолияти маърифатиаш тақозо мегардад. Оид ба "Стратегияи масъалагузорӣ" Савенков А. маводи таълимиеро пешниҳод менамояд, ки кӯдакро аввалан ба муайян кардани мушкилот, сониян ба пайдо кардани роҳҳои ҳалли он ва дар ниҳояти кор бевосита ба ҳал кардани масъала водор месозад. [7, 55-63]

Дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат мундариҷаи барномаҳое заруранд, ки хусусияти инфиродӣ, проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ доранд. Равоншинос Богоявленская Д.Б. тарафдори ғояи таълими инфиродӣ буда, тарбияи шахси эҷодкорро дар шароити таълими умумӣ ғайриимкон мешуморад.Таълими инфиродӣ ва ё фардикунонӣ яке аз принсипҳои асосии тағйир додани мазмуни маърифатпазарии хонандагони боистеъдод дониста мешавад. Моҳияти таълими инфиродӣ муносибати ба шахсият нигаронидашударо дар ташаккули барвақти кӯдак мефаҳмонад, ки бо сабабҳои гуногун малакаю маҳорати ӯ пурра зуҳур наёфтааст ва аз ин рӯ фароҳам овардани шароит барои дарёфт ва рушди вазифаҳои мушаххаси субекти ҷараёни таълим ба миён меояд. Самти таълими проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ ба тарзи босуръат ба даст овардани дониш, мавҷуд будани аломатҳои таҳқиқотӣ дар ҷараёни дарс, хусусиятҳои эҷодӣ доштан ва ба хонандаи болаёқат додани ташаббусро дар ташкили фаъолияти маърифатии ӯ мефаҳмонад.Таълими таҳқиқотӣ дар назди хонандагон гузоштани масъалаҳои проблемавиро пешбинӣ менамояд. Тавассути ин усули таълим омӯзгор кӯшиши ҳалли чунин вазифаҳоро дорад: инкишофи тафаккур ва қобилиятҳо, рушди малакаҳои эҷодии хонанда; азхудкунии донишу малакаҳое, ки дар ҷараёни ҷустуҷӯйҳои фаъол ба даст оварда шудаанд; тарбияи шахсияти фаъол ва эҷодкор.[2, 53-64]

Дар навбати дигар, муҳаққиқ Лутфуллоев М. таъкид менамояд, ки набояд як усулро ҳамчун усули универсалӣ қабул намуд. Сухан набояд дар хусуси муқобилгузории методҳо, балки дар бораи узван алоқамандона истифода намудани онҳо, дар хусуси дар ҷои худ истифода бурдани ҳар як метод равад. Набояд фаромӯш кард, ки истифодаи ҳар як метод ба хусусияти хоси фанни таълимӣ, ба вазифаҳои таълимӣ-тарбиявии он вобаста аст. Ба омӯхтан ва аз бар кардани далелҳои илмӣ, қоида ва таърифот, масал, чистон, зарбулмасал, шеър, суруд, порчаҳои бадеӣ танҳо аз нуқтаи назари инкишофи хотир муносибат кардан лозим нест. Онҳо бояд фикри бачаҳоро инкишоф дода, муҳаббаташонро нисбат ба ин боигарии ҷаҳони маънавӣ афзоянд.[4,103]

А.М.Матюшкин собит кард, ки омили асосии истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ на танҳо рушди дониш, балки роҳҳои азхудкунии донишро низ дар назар дорад. Ин равиш дар доираи таълиме, ки ба мушкилот асос ёфтааст, омӯхта шуда, ба ихтирои нав аз ҷониби кӯдак метавонад оварад. Ҳангоми таълими кӯдакони лаёқатманд ба назар гирифтани ин масъала ниҳоят муҳим аст. [ 5 ]

Ба ақидаи мо, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ба назар гирифтани гурӯҳбандии принсипҳои Савенков А.И., ки ин принсипҳоро ба самти рушди маърифатӣ эҷодӣ ва ҳассосиятнокӣ тақсим намудаанд, бар манфиати кор аст.

**Принсипҳои самти рушди маърифатӣ асос ёфтааст ба:**

- принсипи мураккаб кардани мундариҷаи таълим аз ҳисоби амиқият ва жарфияти маводи таълимӣ. Маводи таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд бояд дорои дараҷаи нисбатан баланди мураккабнокӣ бошад. Дар ин принсип бояд муносибати равоншинос Ҷ. Гилфордро оид ба дараҷаи ташаккули тафаккур ба инобат гирифт. Ӯ ду шакли фикррониро пешниҳод карда буд - дивергентӣ ва конвергентӣ. Фикрҳои конвергентӣ мантиқи яктарафа ба ҳисоб рафта, худро дар масъалаҳое ошкор месозанд, ки дорои танҳо як ҷавоби дуруст мебошанд. Фикрронии дивергентӣ – тафаккури эҷодӣ, алтернативӣ аст. Ин принсипро дар он ҷое, ки мавҷудияти ҷавобҳои дурусти зиёд иҷозат дода мешавад, истифода менамоянд.

- принсипи ҳамгироӣ дар мундариҷаи таълим. Мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бояд ба мавҷудияти ҳар ду навъи фикрронӣ ё дар бартарӣ доштани вазифаҳои навъи дивергентӣ асос ёбад;

-принсипи ташаккул додани қобилиятҳои рушдёбанда тавассути ғанигардонии иттилооти маводи таълимӣ. Мазмуни маводи таълимӣ бояд на ба ҳаҷм, балки ба рушди қобилияти кӯдак барои мустақилона гирифтани дониш равона карда шавад;

-принсипи татбиқи фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ мутобиқи ниёзҳои маърифатии кӯдакон. Бояд мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ба завқу шавқ ва манфиатҳои ҳар як хонанда мутобиқ бошад ;

-алоқаи байни назария ва амалия, ки дар он тафаккури мантиқӣ бо малакаҳои истифодаи амалии он омезиш меёбанд;

-муҳити атрофи хонанда бояд то ҳадди имкон бо иттилооти ғанӣ саршор бошад, ки ин кафолати муҳимми рушди муваффақиятҳо хоҳад буд.

**Дар самти рушди эҷодӣ** чунин принсипҳо муайян гардидаанд:

- майл ба ташаббуси зеҳнӣ, мустақилияти ҳалли масъалаҳои гуногуни таълимӣ ва таҳқиқотӣ аз ҷониби кӯдак, кӯшиши пайдо намудани роҳи ғайриодии ҳал, баъзан ҷавоби алтернативии ҳалли масъала.

-зарурати омӯзондани он, ки худи кӯдак ҳақиқатро пайдо намояд;

- принсипи якҷоякунии фаъолиятҳои инфиродии таълимӣ-таҳқиқотӣ бо шаклҳои фаъолияти дастаҷамъӣ. Ба кӯдакони боистеъдод на танҳо фаъолияти инфиродӣ, инчунин фаъолияти эҷодии дастаҷамъиро низ бояд омӯзонид. Барои ин, мундариҷаи маводи таълимиро тафриқабандӣ намудан ба манфиати таълими хонандагони болаёқат аст;

-принсипи тағйирпазирӣ дар истифодаи вақт, воситаву маводҳои таълимӣ, зеро мавзӯи ҷолиб ё масъалае, ки кӯдаки болаёқат дар ҳалли он машғул шудааст, набояд бо вақту воситаҳо маҳдуд карда шавад.

**Самти рушди ҳассосиятнокӣ** ба принсипҳои зерин такя мекунад:

- дараҷаи баланди мустақилият дар таълим. Мустақилият ва эҷодкорӣ аз ҳам ҷудонопазиранд, бинобар ин рушди қобилиятҳо ба ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш, таҳқиқи мушкилот вобаста аст, ки ин дар навбати худ кафолати рушди имкониятҳои эҷодии шахсият мегардад;

- муносибати интиқодӣ ва қобилияти баҳодиҳӣ намудан. Ин қобилият то андозае ба кӯдаки боистеъдод хос аст;

-тамоюл ба ҳамкории рақобатпазирӣ, ки яке аз аломатҳои фарқкунандаи хонандагони болаёқат мебошад. Дар мусобиқаҳои мухталиф кӯдак таҷрибаи ғалаба кардан ва паси сар намудани мағлубиятро меомӯзад. [7, с.55-63]

Ба ақидаи мо чунин принсипҳои пешниҳодшуда, бешубҳа, ба ғанӣ гардонидани мундариҷаи таҳсилот, ки ба ҳалли мушкилоти рушди истеъдоди кӯдакон алоқамандӣ дорад, мусоидат менамоянд.Дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони болаёқат метавон роҳи мураккаб кардани мундариҷаи таълимиро бо дарназардошти бартарияти маводҳои таълимие, ки қобилиятҳои рушдёбандаро тақозо менамоянд; ғанигардонии маводи иттилоотии таълимӣ; мувофиқа намудани фаъолиятҳои таълимӣ ва маърифатие, ки дар мундариҷаи барномаҳо маҳфузанд; такя ба ниёзҳои маърифатии хонандаи болаёқат; ба назар гирифтани фаъолнокии зеҳнӣ; муҳайё намудани имкониятҳо ба дараҷаи баланди фаъолияти мустақилона ва ғайраро пешниҳод намуд . Инак, ташкил ва гузаронидани дарсҳои таълимӣ бо усули проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ аз шаклҳои асосии дарсҳои замонавӣ маҳсуб меёбанд, зеро тавассути ин усул имконияти шавқманд намудани хонанда ба фаъолияти мустақилона ва эчодкорона пайдо мегардад. Барои ин зарур аст, ки мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ба талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ-технологӣ мутобиқ кунонида шавад.

## АДАБИЁТ:

1. Аксенова Э.А.Инновационные подходы к обучению одарённых детей за рубежом. /Э.А.Аксенова. https.//www. eidos.ru. (Электронный ресурс). *(Санаи истифодабарӣ: 15.01.2020)*

2. Богоявленская Д.Б. Рабочая концепция одаренности. Теоретические и прикладные исследования. / Богоявленская Д.Б. и др. / https vo. hse.ru. (Электронный ресурс) - М., 1998. – С.53 - 64*(санаи истифодабарӣ: 23.12.2019)*

3. Искандаров Ҳ. Ҳикмати рӯзгор. Монография / Искандаров Ҳ. - Душанбе, "Эр-Граф", 2018.- С. 334

4. Лутфуллоев М. Дарс. Воситаи таълимӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе, "Маориф", 1995, С.61

5. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении.Монография / А.М.

Матюшкин . – М.: Педагогика, 1972.- 207 с.
6. Панютина Н.И. Система работы образовательного учреждения с одарёнными детьми.Монография./Н.И.Панютина и .др. - Волгоград: Учитель, 2008, С. 21
7. Савенков А.И. Одаренные дети. Методики диагностики и стратегии обучения / А.И.Савенков // Директор школы. – 1999.- №5, (Электронный ресурс) ecsocman.hse.ru, С.55-63 *(санаи истифодабарӣ:26.11.2019)*
8. Федоровская Е.О. Главный фактор развития одарённости –среда, мотивирующая к познанию /Е.О.Федоровская . // Одаренный ребенок.- 2016. -№ 1. С. 12-19
9. Холодная М.А.Эволюция интеллектуальной одаренности от детства к взрослости: эффект инверсии и развития /М.А. Холодная. // Психологический журнал. -2011. -№ 5. С. 69 – 78.
10. Хофман И. Активная память. Монография / И.Хофман. - М.: Прогресс, 1986. - 214 с.
11. Чудновский В.Э. Воспитание способностей и формирование личности. Монография / В.Э. Чудновский. - М.: Знание, 1986.- 80 с.

**Асҳобиддини Шералӣ**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат зарурияти табиати инфиродӣ ва проблемавии таҳқиқи мундариҷаи онҳо ба миён меояд. Баъзе намояндагони илмҳои педагогӣ ба ақидаи муносибати инфиродӣ ба рушди нерӯи эҷодии хонандагони лаёқатманд ҷонибдорӣ менамоянд. Принсипи муносибати инфиродӣ дар ҷараёни таълим яке аз принсипҳои калидии мундариҷаи барномаҳо барои хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад. Таълими инфиродӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки тавассути барномаҳои махсус барои кӯдакони лаёқатманд тарҳрезишуда потенсиали хонандагонро муайян ва ба рушди он кӯмак намояд.

Дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ барои кӯдакони болаёқат метавон роҳи мураккаб кардани мундариҷаи таълимиро бо дарназардошти бартарияти маводҳои таълимие, ки қобилиятҳои рушдёбандаро тақозо менамоянд; ғанигардонии маводи иттилоотии таълимӣ; мувофиқа намудани фаъолиятҳои таълимӣ ва маърифатие, ки дар мундариҷаи барномаҳо маҳфузанд; такя ба ниёзҳои маърифатии хонандаи болаёқат; ба назар гирифтани фаъолнокии зеҳнӣ; муҳайё намудани имкониятҳо ба дараҷаи баланди фаъолияти мустақилона ва ғайраро пешниҳод намуд.

***Калидвожаҳо**: барномаҳои таълимӣ; хонандагони болаёқат; хусусияти инфиродӣ; таълими проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ; инкишофи тафаккур ва қобилиятҳо;рушди малакаҳои эҷодии хонанда; мураккаб карданимундариҷаи барномаҳо; ғанигардонии маводи иттилоотии таълимӣ; ниёзҳои маърифатии хонанда; мустақилият ва эҷодкорӣ.*

**Асхобиддини Шерали**

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗРАБОТКИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ ДЛЯ ОДАРЕННЫХ УЧАЩИХСЯ

В этой статье автор утверждает, что при разработке учебных программ для одаренных учащихся возникает необходимость в индивидуальном, проблемно исследовательском характере их содержания. Некоторые представители педагогической науки придерживаются идеи индивидуального подхода к развитию творческого потенциала одарённого учащегося. Принцип индивидуального подхода в учебном процессе считается одним из ключевых принципов содержания программ для одаренных учащихся. Индивидуальное обучение помогает преподавателю выявить и развить потенциал ученика посредством программ специально разработанных для одарённых детей.

В процессе разработки учебных программ для одаренных детей возможно усложнить учебный контент с учетом преимуществ учебных материалов, требующих развития способностей; при этом следует учитывать познавательные потребности одаренного ученика, его интеллектуальную деятельность; возможность самостоятельной деятельности как в процессе урока, так и во внеурочные часы.

***Ключевые слова:** Образовательные программы; одаренные учащиеся; индивидуальный подход; проблемно-поисковое обучение; развитие мышления;условия и возможности; развитие творческих способностей; усложнение содержания программ; обогащение учебных, информационных*

*материалов; познавательные потребности одарённых учеников; самостоятельность и креативность.*

**Ashobiddin Sherali**

**PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL BASICS OF LAY - OUT OF EDUCATIONAL PROGRAMME FOR GIFTED PUPILS**

In this article, the author claims that when developing curricula for gifted students, the need arises for an individual, problematic research nature of their content. Some representatives of pedagogical science adhere to the idea of an individual approach to the development of the creative potential of a gifted student. The principle of an individual approach in the educational process is considered one of the key principles of the content of programs for gifted students. Individual instruction helps the teacher identify and develop the student's potential through programs specifically designed for gifted children.

In the process of laying – out of the educational programmes for the gifted youth it is possible to complicate the educational content considering the advantages of educational materials which demands the developing of skills; enrichment the educational informational materials, to content the cognitive needs of talented child.

***Key words***: *educational programmes; talented pupils; individual approach; task-oriented method; thoughts and brilliance developing; cognitive activities; ; enrichment the educational materials; student's potential facilities.*

**Сведения об авторе: Асҳобиддин Шералӣ** – соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана.

Телефон: (+992) 93-999-96-99. E-mail: asomnazarov@mail.ru

**Information about author: Ashobiddin Sherali** - applicant for the Institute of Education Development by name Abdurahmoni Jomi at the Academy of Education of Tajikistan.

Tel:(+992) 93-999-96-99. E-mail: asomnazarov@mail.ru

**Р. АСАДУЛЛОЕВ**

# ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст: "Дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлатӣ демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калиди мобозад" [1, 22].

Аз ин рӯ, дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи афзояндаи бозори меҳнат муносибатро дигар намудан зарур аст. Бозори муосири меҳнат нисбати хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботҳои нав ба навро ба миён мегузорад. Барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони варзида танҳо дониши баланд кифоягӣ намекунад, ӯ бояд соҳиби маҳорат ва малакаи кордонӣ бошад, ва бисёр масъалаҳои ҳаётиро мустақилона ҳал карда тавонад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар, пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки низому равиши таълимро ба талаботи замон ва дурнамои рушди мамлакат мутобиқ намуда, тадбирҳои муайяну мушаххасро дар ин самт амалӣ гардонад. Ба тасвиб расидан ва андешидани чораҳои амалӣ дар татбиқи «Стратегияи рушди маориф то соли 2020», ки дар он ҷорӣ намудани низоми таълими салоҳиятнокӣ пешбинӣ гардидааст, бозгӯи равшани ҷаҳонишавии таҳсилот мебошад [2, 22].

Дар ин санади хеле муҳиму саривақтии соҳа, вобаста ба таъмин намудани соҳаҳои гуногуни иқтисоду иҷтимоиёт бо кадрҳои баландихтисоси коргарӣ ва идоракунии сатҳи миёна, аз ҷумла, зикр шудааст:[2, 24].

Мисоли равшани он нуктаҳое шуда метавонанд, ки дар паёми хеш Пешвои миллат иброз намуда буданд: "Мо ба масъалаи таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳем"[1, 31].

Инчунин ҳаминро бояд қайд намуд, ки тамоили ҷаҳонишавӣ ва ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот дар назди низоми маориф масъалаҳои зиёдро мегузорад, ки яке аз он ворид намудани тағйирот ба таълими анъанавӣ вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Аз дигар тараф , бо назардошти пешрафти илм ба назария ва амалия, принсипҳои дидактикии таълим тағйиру иловаҳо ёфтанд, ки онро ба эътибор гирифтан зарур аст. Дар ин ҷода, муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим айни муддаост.

Дар атрофи низоми муносибати босалоҳият андешаҳои гуногун ва мухталиф ниҳоят бисёранд. Дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур аст: "таҳия ва тасдиқи стандартҳои таълимии нави замонавӣ дар асоси стандартҳои касбӣ ва муносибати босалоҳият таҳиягардида"

Дар низоми маориф консерваторон (кӯҳнапарастон) ва новаторон (навоварон) ҳамеша буданду ҳастанду мемонанд. Чунки дараҷаи дурусти навовариро фақат таҷриба собит месозад, низоме, ки берун аз таҷриба татбиқ мегардад оянда надорад.

Баррасии чуқури баҳсҳои умумӣ ва истилоҳотии (терминологӣ)-и низоми таҳсилоти салоҳиятнокиро пеша накарда, хотирррасон кардан бамаврид аст, ки ҳангоми маънидод кардани мазмуну муҳтавои ин ё он истилоҳи ба низоми нави таълим таалуқдошта, ба ҳадди аксар риоя кардани эҳтиёткорӣ амрест ногузир. Чунки дар ҳолати роҳ додан ба иштибоҳ, новобаста аз сабаби сар задани он, беихтиёр эътибори низоми нав коста мегардад. Хусусан дар низоми таълим, иштибоҳи интишоршуда сироятӣ буда, ислоҳи он вақти дуру дарозро тақозо мекунад.

Дар Стратегияи мазкур ба ҳайси яке аз салоҳиятҳои аввалиндараҷа "қабули қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб" оварда шудааст. Ин бесабаб нест. Азбаски дар тамоми давраи таҳсилу зиндагӣ инсон бо яке аз мушкилтарин вазифаҳо- қабули қарорҳои ба мақсад мувофиқ оид ба ин ё он масъла сару кор дорад, низоми нави таълим, пеш аз ҳама, бояд аз худ намудани ана ҳамин салоҳиятро таъмин намояд.

Моҳиятан қабули қарор - ин интихоб аст. Интихоб аз ду ё бисёр (ҳолат, раванд, роҳ, мақсад ва ғ) чизҳо вобаста мебошад. Модоме, ки қарорҳо ба пешравӣ дар касби шахс таъин шудаанд, онҳо аз тарафи шахси алоҳида қабул карда мешаванд. Пас, низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ ба ҳар як таълимгиранда дар алоҳидагӣ нигаронида шудааст.

Муқоисаи андешаҳо моро ба хулосае меорад, ки ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун натиҷаи таълими фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди омӯзиши ҳар як фан ташаккул ва рушд меёбанд. Бинобар ҳамин, дар тамоили салоҳиятнокӣ ҳар як фанни таълимӣ барои ташаккул ва инкишофи гурӯҳи муайяни салоҳиятҳои хоси худ равона гардидааст.

Барои дорои салоҳияти таҳқиқотӣ гардидани донишҷӯён, онҳо бояд пеш аз ҳама устуворӣ ва тобовариро дар мустақилона омӯхтан пайдо намоянд. Салоҳият худ аз худ ва ба таври худсарона ташаккул намеёбад, барои ба он ноил гардидан талош варзидан зарур аст.

Дар муносибати таҳсилоти босалоҳият бошад, мақсади асосии таълим қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат бо кадрҳои салоҳиятнок мебошад.

Ҳоло дар таштиқу таҷриботҳо эълони озмуни ҷойҳои кории холӣ ба мушоҳида мерасад, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ метавонанд тавассути он ҷои кор пайдо намоянд. Аммо дар ин ҷо корфармоён ҳар чӣ бештар ба салоҳиятнокии довталабон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин худ ифодакунандаи афзудани талаботи бозори меҳнат ба салоҳиятнокии касбии ҳар як хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошад.

Дигар сабаби муҳими ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тарзи фикрронии донишҷӯёни ҳозира мебошад, ки аксари онҳо аз тамоми намуди сайтҳои интернетӣ истифода мебаранд.

Ҳоло қариб дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ихтисосҳои ба ҷамъият заруриро тайёр мекунанд, раванди таълим дар асоси низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шудааст ва мақсади асосии он омода намудани кадрҳои босалоҳияти касбӣ мебошад.

Таълими муносибати таҳсилоти салоҳиятнок ҳамеша муайян кардани таносуби дониши назариявӣ ва амалиро, ки ба донишҷӯён дода мешавад, талаб менамояд. Дар давраи аввали омӯзиш ин асоснок аст, чунки фақат дар натиҷаи тайёрии амиқи назариявӣ фикррони эҷодкоронаро дар донишҷӯён инкишоф додан мумкин аст, зеро, ҳатто назарияи хурд, лоиҳи амалияи калон аст.

Воситаи муносибе, ки ба самаранокии таълим ва рушд ёфтани қобилияти фикррони эҷодкоронаи донишҷӯён мусоидат мекунад, ин масъалагузорӣ кардан бо истифода аз ҳуҷҷатҳои аввалини таҳияшуда ва феҳристҳои дастрасгардида оид ба муносибати таҳсилоти салоҳиятнок мебошад. Бо ин мақсад маводи таҷрибаомӯзии истеҳсолии худи донишҷӯён, ки дар давраи гузаронидани он ҷамъоварӣ намудаанд, истифода бурдан мумкин аст. Дар натиҷа, он на фақат ба маводи дарсӣ табдил меёбад, балки масъулияти донишҷӯёнро нисбати таҷрибаомӯзӣ, иҷрои пурраи барномаи он, ҷамъоварии мавод ва босифат таҳия намудани он ба маротиб баланд мебардорад, ки яке аз мақсадҳои муносибати таҳсилоти салоҳиятнок аст.

Самти дигари низоми таълими салоҳиятнок пурра кардани мисолҳо бо ахбори гуногуни иловагӣ мебошад, ки оид ба истифодаи онҳо худи донишҷӯён қарор қабул мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки арзёбии самаранокии муносибати таҳсилоти салоҳиятнок амалӣ карда шавад.

Вобаста ба ин Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисону вилоятҳо ваа шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд [1, 31-32].

Нуктаи дигар, дарсҳои амалии донишҷӯён дар таълим мебошад, ки ҳамчун намунаи унсурҳои фаъолияти касбии минбаъдаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ баромад менамоянд ва ин талаботи асосии муносибати таҳсилоти салоҳиятнок мебошад.

Ҳамин тариқ, бешубҳа салоҳият ин маҷмӯи сифатҳои бо ҳам алоқаманди шахсият (донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, усули фаъолият), ки барои иҷрои босифату самараноки фаъолияти муайян равона шудааст ва мафҳуми салоҳиятнокӣ ин дорои салоҳиятҳо буданро ифода мекунад.

## АДАБИЁТ:

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ш.Душанбе, 26 декабри соли 2019, С. 22.

2.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни сои 2012, №334 "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020". Душанбе, 2012.

3.Маҳкамов Д., Салоҳиддинова Г. "Асосҳои назариявии татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ" Душанбе, Сифат 2018. 17с.

**Асадуллоев Р.**

### ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

Дар мақола роҷеъ ба татбиқи низоми нави таҳсил дар кишвари мо, салоҳият ва ташаккули салоҳиятнокии касбии ҷавонон, соҳибкасб намудани ҷавонони аз 18-сола боло сухан меравад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар омода намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи афзояндаи бозори меҳнат муносибатро дигар намудан зарур аст. Бозори муосири меҳнат нисбати хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ талаботҳои нав ба навро ба миён мегузорад. Барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ба кадр танҳо дониши баланд кифоягӣ намекунад, ӯ инчунин соҳиби маҳорат ва малака буда, бисёр масъалаҳои ҳаётиро мустақилона бояд ҳал карда тавонад.

***Калидвожаҳо:*** *муносибати босалоҳият, бозори меҳнат, озмуни ҷойҳои корӣ, рақобат, талабот, сифат, дониш, малака, маҳорат.*

**Асадуллоев Р.**

### РЕАЛИЗАЦИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В УЧРЕЖДЕНИЯХ НАЧАЛЬНОГО И СРЕДНЕГО ПРОФЕССИАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье речь идет о внедрении нового подхода к образованию в нашей стране, о компетентности и развитии профессиальной компетентности молодёжи до 18-лет, обладающей высоким профессиональным мастерством.

Автор отмечает, что для подготовки специалистов высокого класса, согласно требованию рынка труда нужно изменить отношения к подготовке специалистов и к выпускникам начального и среднего профессиального образования выдвигает новые требования, также, утверждает, что для удовлетворения требования рынка труда недостаточно глубокие знания , они должны имеет высокое мастерство и опыт, чтоб самостоятельно смогли решить жизненные проблемы.

***Ключевые слова***: *компетентность, рыночный труд, выставка свободных мест, соперник, требования, качество, знание, опыт, мастерство*

**Asadulloev R.**

### THE PREESTABLISHMENT COMPETENCY APPROACH IN PRIMARY AND SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION

This article is about introducing a new approach to education in our country, competence and development of professional competence of young people and those with high skill of young people under 18-years. The author notes that in order to train high-class professionals, according to the requirement of market labor, it is necessary to change attitudes. According to the ratio of graduates of primary and secondary vocational education puts forward new requirements. To meet the demands of market labor on the frame of high knowledge is not enough, they must have high skill and experience, was able to solve many life issues on their own.

***Keywords:*** *competence, market work, exhibition of vacant seats, rival, requirements, quality, knowledge, experience, skill*

**Сведения об авторе: Асадуллоев Рахматулло** – Зав. отделом начального и среднего прфессионального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г.Душанбе. ул Айни 126.

**Information about the author: Asadulloev Rakhmatullo** - The Department of Primary and Secondary Education of the Abdurakhman Jami Institute for Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe. 126 Aini Street.

**Г. АМИРОВА**

# ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ ХОНАНДАГОН

Дар тарбияи хонандагон нақши ҳамкории оила ва мактаб ниҳоят муҳим мебошад, аз ин лиҳоз дар алоҳидагӣ онҳо ҳамаи он омилҳое, ки ба шахсияти ташаккули насли наврас таъсир мерасонад иҷро карда наметавонанд, бинобар ин барои раванди пурраву мураттаби тарбия пайваста амал кардани ин ду соҳаи ба ҳам алоқаманд, оила ва мактаб пешбинӣ шудааст. Бояд гуфт, ки нақши ташабускорӣ ба ҳам алоқамандшавии ин равандро асосан мактаб мебозад. Албата, оила ва ҷомеа дар тарбияи хонандагон корҳои зеринро иҷро мекунанд:

а) **Мактаб**- ки дар кори тарбияи насли наврас нақши ҳалкунанда мебозад дар тарбияи бачагон ба муассисаҳои беруназмактабӣ, корхонаҳои сарпараст, иттиҳодияву коргоҳҳое, ки падару модарони хонандагон кор мекунанд, комиссияҳои кор бо ноболиғон ва хонаводa ҳамкорӣ менамояд.

б) **Оила** - аҳамияти оила дар тарбияи хонандагон басо муҳим буда, он вазифадор аст, ки барои фарзандаш ҳамаи шароитҳои иҷтимоиро муҳайё намуда муҳити солими оиларо барпо кунад.

Ғамхориву меҳрубониҳои волидон инкишофи шахсияти хонандагонро метезонад. ҷомеа дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар мактаб кӯмак мерасонад, ҳамчун сарпараст корҳои таъмирии мактабро ташкил менамояд, ба волидон баҳри беҳтар намудани тарбияи оилавии фарзандон таъсир мебахшад.

Инчунин мактабҳо, ки маркази кори таълиму тарбия мебошанд ва дар он мутахассисон – муаллимон фаъолият мебаранд дар кори якҷояи мактаб, оила ва аҳли ҷамъият бояд ташаббус зоҳир намуда, пешбарандагони кор ва дар ҳамкорӣ роҳнамои дигарон бошанд.

Дар тарбияи насли наврас пеш аз ҳама оила нақш мегузорад ва ҷараёни ташаккули ҳамаи хислатҳои неку бади наврасон асосан аз оила ибтидо мегирад. Ба ин мақсад барои боз ҳам баланд бардоштани нақши падару модар дар тарбияи фарзанд 14.12.2010 лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои мардуми кишварамон пешниҳод шуда, ҳамчун қонун қабул гардид, ки он аз 5 боб ва 13 модда иборат аст.

Дар сархати 8-уми моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» омадааст, ки падару модар ҳуқуқ доранд бо раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишандӯзии фарзанд шинос шаванд. Аз ин рӯ, саъю талош бояд кард, ки дар ҳамбастагию иртибот бо муассисаи таълимӣ падару модарон рисолати хешро дар тарбияи ҳамаҷонибаи фарзанд сарбаландона иҷро намуда, наслеро ба воя расонанд, ки дар рушду тараққии кишвар саҳми созандаи худро гузоранд.

Оила аввалин ячейкаи ҷамъиятӣ буда, он офаранда, бахшандаи ҳаёт ва бақои ҷомеа аст. Мақсади тарбияи оилавӣ ин дар ҷамъияти демократӣ инкишофи ҳаматарафаи фарзандон аст, ки асоси онро тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ ва меҳнатӣ ташкил мекунад. Оила дар тарбияи фарзанд сарчашмаи асосию аввалин ҳисоб мешавад. Аз ин лиҳоз тарбияи фарзандонро дар муҳити оила таҳти назорати калонсолон тарбияи оилавӣ меноманд.

Доираи масъалаҳои ҳамкории оила ва мактаб хеле васеъ буда онро асосан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст [1, 293].

Ба гурӯҳи якум масъалаҳои корҳои таълиму тарбия дохил мешаванд, ки он дар ҳамкории мактабу оила баҳри баланд бардоштани мазмуни таълиму тарбияи хонандагон амалӣ мегардад. Мактаб дар равобит бо оила шавқи талабаро омӯхта қобилияти онҳоро инкишоф медиҳад.

Гурӯҳи дуюм ҳамкории мактабу оиларо дар ташаккулдиҳии шахсияти хонанда дар бар мегирад. Дар оила ва мактаб он хонандае дуруст тарбия меёбад, ки падару

модаронашон муҳити руҳии солим ба миён овардаанд ва дар хона ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмфармост.

Дар гурӯҳи сеюм ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон дохил мешавад. Бояд гуфт, ки мувофиқи синну сол рафтори кӯдакон низ тағйир меёбад, бинобар ин дар ҳамкории мактабу оила ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ба таълиму тарбияи дуруст мувофиқ шудан мумкин аст.

Аз рӯи гуфтаҳои А. С. Макаренко беҳтарин усули алоқаи мактаб бо оила ин хонанда мебошад. Афзалияти ин усул дар он аст, ки бача супоришҳои муаллимро қабул карда дар оила амалӣ мегардонад.

Муаллим ва роҳбари синф ба хонаи хонандагон рафта доир ба муҳити оилавии он маълумотҳои заруриро пайдо карда онро барои мустаҳкам кардани алоқаҳои мактаб бо падару модар ва ҳудуди хонанда истифода мебаранд.

Бояд гуфт, ки яке аз шаклҳои асосии алоқаву ҳамкории мактаб бо оила ин маҷлиси падару модарон мебошад, ки дар чунин маҷлисҳо муҳимтарин масъалаҳои таълиму тарбия муҳокима гардида роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо муайан карда мешаванд. Асосан маҷлисе, ки бо иштироки фаъолонаи падару модарон гузаронда мешавад хеле муҳим буда он барои ҳалли проблемаҳои педагоги пешомада ёри мерасонад [ 1, 10].

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилоти МТО дар мадди аввал меистад. Аз ин мафҳум чунин эҳсос мегардад, ки мушкилоти таъмини сифати таълим, агар сухан дар бораи таҳсилоти олӣ бошад, мушкилоти системавӣ мебошад, ки дар ҳалли он самтҳои зиёди фаъолияти донишгоҳҳо бояд ҷалб карда шаванд. Дар ин масъала ягон пайванде вуҷуд надорад, аз ин рӯ, танҳо муносибати маҷмӯӣ метавонад ба натиҷаҳои мусбӣ оварда расонад ва ҳадафи таъмини сифати баланди таълим таъмин карда шавад. Дар шароити муосири рақобати шадид дар бозори хидматрасонии таълимӣ, танҳо донишгоҳе, ки бо масъалаҳои банақшагирӣ ва идоракунии сифат сарукор дорад, метавонад самаранок бошад. Аз ҷумла, қобил ба ёдоварист, ки самти таъмини сифати таҳсилот дар МТО яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ мунтазам мафҳум, мақсад ва моҳияти таҳсилот тағйир ёфта истодааст. Сифати таҳсилот хусусияти муҳими намоён дорад, ки пайваста дар инкишоф ва рушд бояд қарор бигирад. Дар ин робита, вобаста ба таъмин ва идоракунии сифати таҳсилот дар МТО Осиёи Марказӣ зимни таҳлил муайян гардид, ки Ҷумҳурии Қазоқистон нисбат ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ дар самти арзёбии сифати дохилии таҳсилоти МТО пешсаф мебошад. Аз ҷумла, мавҷудияти хадамотҳои мустақил барои аккредитатсияи МТО, мутобиқат ба Чорчубаи тахассусии Аврупо (European Qualifications Framework), ҷалби шахсони дахлдор (корфармоён, стейкҳолдерҳо) дар

ҷараёни таълим, нашри натиҷаҳои сифати таҳсилот дар сомонаҳои хадамотҳои мазкур ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ хадамотҳои мустақил барои аккредитатсияи МТО мавҷуд буда, натиҷаҳои он дар сомонаҳои хадамотҳои мазкур нашр мегардад. Ҳамзамон, низом ва услуби таълим баМТО-и кишварҳои Аврупо _ нигаронида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти таъмини сифати дохилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар як зина қарор доранд, зеро мавҷуд намудани хадамотҳои мустақил барои аккредитатсияи МТО, нашр нагаштани натиҷаҳои сифати таҳсилот дар сомонаҳо, мавҷуд набудани Чорчубаи миллии тахассусӣ мисли Чорчубаи тахассусии Аврупо (European Qualifications Framework) нишондиҳандаҳои далели мазкур мебошад. Зимнан, МТО-и Иттиҳоди Аврупо бештар ба низоми Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олии Аврупо (ESG) пайравӣ намуда, танҳо 7 фоиз МТО-и Иттиҳоди Аврупо ба низоми Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO 9000) пайравӣ менамоянд.

Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олии Аврупо (ESG) – соли 2005 аз ҷониби Вазирони маорифи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар мувофиқа бо Ассотсиатсияи Аврупо оид ба таъмини сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ (ENQA), Иттиҳоди донишҷӯёни Аврупо (ESU), Ассотсиатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии Аврупо (EURASHE) тасдиқ гардида буд. Аммо бо мурури замон зарурати аз нав таҳия ва қабули ESG ба миён омад ва варианти нави ин ҳуҷҷат роҷеъ ба таъмини сифат дар моҳи майи соли 2015 дар шаҳри Ереван аз тарафи Вазирони мамолики аъзоёни ҷараёни Болония қабул ва тасдиқ карда шуд. ESG ҳамчун ҳуҷҷат барои таъмини сифат дар тамоми МТО ИА, ки мақсадашон бунёди фазои таҳсилоти олии Аврупо мебошад, роҳнамои асосӣ маҳсуб ёфта, аз се қисмат иборат мебошад:

- Стандартҳо ва тавсияҳои методӣ барои таъмини сифати дохилии таҳсилоти олӣ;
- Стандартҳо ва тавсияҳои методӣ барои таъмини сифати берунии таҳсилоти олӣ;
- Стандартҳо ва тавсияҳои методӣ барои таъмини сифати агентиҳо. [5]

Қисми аввали он, ки стандартҳо ва тавсияҳои методӣ барои таъмини сифати дохилии таҳсилоти олиро дар бар мегирад, барои тамоми МТО хеле зарур аст. Бояд тамоми МТО стандартҳою барномаҳои таълимии худро дар асоси он таҳия намоянд. Албатта хусусиятҳои миллии ҳар мамлакат дар назар гирифта мешавад, лекин мақсадҳо якхелаанд.

Мутобиқи Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO 9000) зери мафҳуми *«сифати барномаҳои таълимӣ»* арзёбии (дараҷаи) ноил шудан ба ҳадафҳо, ки мувофиқи талабот ва интизориҳои ҳамаи онҳое, ки ба хизматрасониҳои таълимӣ ҳавасманданд, яъне «ҷонибҳои манфиатдор» ва стейкҳолдерҳо гузошта шудаанд ё ба таври дигар, сатҳи иҷрои талаботҳои сифат мувофиқи талабот ва интизориҳои ҳама ҷонибҳои манфиатдор муқаррар карда мешавад, дар назар дошта мешавад [6].

Мутобиқи ISO 9000 мафҳуми арзёбии сифат барои *«таъмини сифати барномаҳои таълимӣ»* тамоми фаъолият (равандҳо ) оид ба идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ, роҷеъ ба ноил шудан ба мақсадҳои таълимии гузошташуда нигаронида шуда, минбаъд барои *«таъмини боварӣ»* баҳри қонеъкунонии талабот ба сифат барои тамоми тарафҳои манфиатдор дар назар дошта мешавад [6].

Ҳангоми банақшагирии кори донишгоҳ бояд чӣ ба назар гирифта шавад, то ин ки барои пешрафти таъмини сифати дохилии он мусоидат намояд?

Олимону мухаққиқони соҳаи илму маориф барои пешрафту ба натиҷаҳои сифати баланд дар донишгоҳ ноил шудан ҳангоми банақшагирӣ дар нақшаи стратегии МТО нишондиҳандаҳои сифатро дар ҳафт самти асосӣ равона мекунанд:

- сифати барномаҳои таълимӣ;
- сифати ҳайати омӯзгорон;
- сифати донишҷӯён ;
- сифати технологияҳои таълимии истифодашаванда;
- сифати таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим;
- сифати амнияти молиявӣ;
- сифати назорати раванд [7]

Сифати барномаҳои таълимӣ дар МТО чунин фаҳмида мешавад:- таҳияи барномаҳои маъмултарини нави таълимӣ барои донишҷӯён, ихтисосҳо, магистратура ва аспирантура. Дар донишгоҳҳо оид ба такмили мундариҷаи барномаҳои таълимӣ корҳои зиёде анҷом дода мешаванд. Айни замон дар давраи ислоҳоти ТО дар мамлакат ва тамоми МТО-и мамолики Иттиҳоди Аврупо афзалият ба барномаҳои байнисоҳавии таълимӣ дода мешавад, ки дар таҳияи он намояндагони соҳаҳои гуногуни таълим ва ихтисосҳо, ҳамчунин корфармоён (стейкҳолдерҳо) иштирок мекунанд.

Сифати ҳайати омӯзгорон дар донишгоҳ ҳамчун сатҳи баланди дарсдиҳӣ фаҳмида мешавад. Устоди муосир бояд доираи васеи салоҳиятҳои касбӣ дошта бошад, аз ҷумла: дониши аълои фанни худ, такмили ихтисоси муттасили касбӣ, иртиботи баланди иттилоотӣ. Устоди донишгоҳ бояд шахси бомаърифат, барҷаста ва эҷодкори дорои сифатҳои роҳбарӣ бошад. Танҳо чунин устод имрӯз метавонад донишҷӯро ба фанни худ ҷалб кунад.

Илова ба маҷмӯи донишҳо ва малакаҳо, салоҳияти педагогии омӯзгор инчунин мавҷудияти қобилияти тадқиқотӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва таълими донишҷӯён зарур аст, муҳим мебошад [7].

Дар МТО фаъолияти илмӣ бояд бо фаъолияти таълимии омӯзгор зич алоқаманд бошад. Дар ҳама рейтингҳо, ҳам рейтингҳои дохилӣ ва ҳамчунин рейтингҳои минтақавию байналмилалӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ дар муайян намудани беҳтарин донишгоҳҳо дар madди аввал гузошта мешаванд. Ба назари мо чунин таҳияи савол комилан қонунист, зеро ҳар як муаллим, алалхусус бо унвон ва бе унвон, бояд муҳаққиқ бошад ва барои аз дастовардҳои нав дар соҳаи илм огоҳ шудан кӯшиш кунад.

Имрӯз, дар шароити мавҷудияти ҳама гуна маълумот дар интернети глобалӣ, донишҷӯ на танҳо аз доираи барномаи таълимии ин фан огоҳ мешавад, балки аксар вақт берун аз он низ имконияти истифодабарӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ба таълим ҷалб намудани донишҷӯёни имрӯза омӯзгор бояд мунтазам ҷустуҷӯ ва навоварӣ кунад ва он дар фаъолияти илмӣ ва инноватсионии худи ӯ ба таври возеҳу равшан зоҳир карда шавад.

Дар шароити кунунӣ донишгоҳҳо маҷбуранд, ки барои ҷалби донишҷӯён мубориза баранд, зеро пешниҳодҳо барои хидматрасониҳои таълимӣ дар бисёр ҷойҳо аз талабот хеле зиёд шудаанд. Бо мақсади ба ин васила безарар гардонидани ин раванд, сиёсати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба кам кардани шумораи филиалҳо ва худи донишгоҳҳо нигаронида шудааст. Талабот ба тартиби аккредитатсияи давлатӣ пурзӯр карда шуд, тадбирҳои гуногуни мониторинг ҷорӣ карда шуданд, ки самаранокии донишгоҳҳоро муайян мекунанд. Гузашта аз ин, ҳар як донишгоҳ ба донишҷӯи босифат манфиатдор аст, зеро сифати донишҷӯ бевосита аз сифати довталаб вобаста аст. Ҳама донишгоҳҳои ҶТ роҳнамоии банақшагирии касбиро барои ҷалби ҷавонони боистеъдод амалӣ мекунанд. Масалан, ҳар сол дар МТО мамлакат рузхои «Дарҳои кушод»-ро эълон мекунанд, ки барои бештар ҷалб намудани довталабон ба онҳо шароити мусоид фароҳам меоваранд. Ин имконият медиҳад, ки бештар довталабони болаёқат ба донишгоҳҳо дохил шуда, дар оянда мутахассисони боихтисос ба воя расонида шаванд.

Дар солҳои охир, таълими хушсифат бо рушди технологияҳои муосири таълим зич алоқаманд аст. Ҳоло омӯзгорон бояд эҷодкор бошанд, ки ин дар ҷустуҷӯи усулҳои нави таълим, аз ҷумла истифодаи фаъоли усулҳои интерактивии таълим (мубоҳисавӣ, бозӣ, омӯзиш ва ғайра) ва технологияҳои муосири таълимӣ, масалан, усули лоиҳа, ки дар соҳаи маориф фаъолона пешбарӣ карда мешавад, фаъолона ширкат варзанд. Танҳо бо омезиши моҳиронаи шаклҳо ва усулҳои гуногуни таълим таваҷҷӯҳи хонандагони ҳозира ба мавзӯи онҳо ва дар натиҷа ҳавасмандии устувори онҳо ба фаъолияти таълимӣ ва ояндаи касбӣ ҷалб карда мешавад [8].

Ҳоло талаботҳои махсус ба сифати таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим, махсусан дар мавриди тарбияи кадрҳои инженерӣ ба миён гузошта мешаванд. Ба шарофати барномаҳои рушди маориф донишгоҳҳо на танҳо тавонистанд, ки сифати

таълимро баланд бардоранд, инчунин базаҳои моддӣ- техникии худро низ ба таври назаррас навсозӣ кунанд.

Албатта, рушди минбаъдаи муназзами донишгоҳ бе ҳалли масъалаҳои молиявӣ ба амал намеояд. Сифати дастгирии молиявӣ дар шароити маҳдудияти маблағгузории буҷет имрӯз низ ба мисли солҳои пеш бидуни маблағгузории боэътимод дар бораи устуворӣ ва рушди донишгоҳо ғайриимкон аст. Дар аксари донишгоҳҳо ҳоло барномаҳо дар панҷ самти асосӣ таҳия карда мешаванд: фаъолияти таълимӣ, фаъолияти илмию инноватсионӣ, фаъолияти молиявию иқтисодӣ, инфрасохтор, идоракунии донишгоҳҳо. Дар ин самтҳо тадбирҳои мувофиқ таҳия шуда истодаанд, натиҷаҳо пешгӯӣ карда мешаванд ва нишондиҳандаҳои самаранокии тадбирҳои ба нақша гирифташуда барои ҳар яке аз ин соҳаҳо тартиб дода мешаванд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда беҳтар намудани кор дар ин самтҳо ва коҳиш додани хароҷоти молиявӣ ба нақша гирифта мешаванд, ки ин тарзи кор барои донишгоҳи муосир хеле зарур ва бамаврид аст.

Роҳи дигари ба кор ҳавасманд гардонидани кормандони илмию педагогӣ, мудирони кафедраҳо ва мудирони шӯъбаҳои таълимӣ ин раҳсипор намудани онҳо ба шартҳои шартномаи муассир мебошад. Чунин шартномаҳо аз тарафи Шӯрои олимони МТО тасдиқ карда мешаванд. Низомномаи мазкур тартиб ва шартҳои бастани шартномаи самарабахш бо ҳайати омӯзгорон, аз ҷумла ҳамаи категорияҳои омӯзгорон аз ассистент то профессор, инчунин мудирони кафедраҳо ва мудирони шӯъбаҳои таълимӣ, механизми назорати иҷрои шартҳои шартномаи муассир, усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои ба шартномаи муассир додашуда ва тартиботро муайян менамояд, пардохти ҳаққи қалам барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи шартномаи амалкунандаро дар бар мегирад.

Ҳар як омӯзгор мувофиқи вазифаҳои ишғолкардааш вазифадор аст, ки дар доираи музди меҳнати расмӣ, ки дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар шудааст, нишондиҳандаҳои ҳадди ақали муқаррарнамудаи низомномаро иҷро кунад. Илова ба нишондиҳандаҳои ҳадди ақал, бо мақсади таъини пардохти ҳавасмандкунӣ ба омӯзгор дар қарордоди самаранок, нишондиҳандаҳои иловагии фаъолият муқаррар карда мешаванд, ки аз ду блок иборатанд: таълимӣ ва илмӣ.

Ҳамин тариқ, гузариш ба муносибатҳои молиявӣ бо ҳайати омӯзгорон тавассути бастани шартномаҳои самаранок бояд ба тақвияти фаъолияти илмии омӯзгорон ва дар ниҳояти кор, бояд боиси баланд шудани сифати таълим ва истифодаи самараноки захираҳои молиявии донишгоҳ гардад, зеро андозаи подош мустақиман аз саҳми воқеии ҳар як омӯзгор дар иҷрои нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти донишгоҳ вобаста аст.

Ва дар ниҳоят, ҷузъи охирин, ки сифати таълимро дар донишгоҳҳо таъмин мекунад, сифати идоракунии равандҳост. Низоми менеҷменти сифат имкон медиҳад, ки равандҳои идоракунии дохилии донишгоҳ ба танзим дароварда шавад. Модели равандҳои сифат, аз ҷумла равандҳои маъмурӣ, аз асосӣ ва ёрирасон иборат мебошанд. Равандҳои асосӣ дар МТО равандҳои фаъолияти таълимӣ ва илмӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар равандҳои "Тайёрӣ ва роҳнамоии пеш аз донишгоҳ", "Интихоб ва қабули донишҷӯён", "Тарҳрезӣ ва рушди барномаҳои таълими ибтидоӣ", "Иҷрои барномаҳои таълими ибтидоӣ", "Иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсия", "Дастгирии ташкилии ҷараёни таълим "," Арзёбии қаноатмандии мизоҷон" ва ғайра.

Ҳадафи мазкур бояд тавассути ташкили низоми самараноки идоракунии равандҳои таълим дар МТО, таҳия ва татбиқи чорабиниҳо, ки ба баланд бардоштани сифати таълим барои донишҷӯён ва аспирантҳо, мониторинг ва назорати доимии ҳамаи омилҳое, ки ба таъмини таълими босифат дар донишгоҳҳо таъсир мерасонанд ва ташкили низоми дохилии донишгоҳҳо, амалӣ карда шаванд. Баҳодиҳӣ ба сифати таълим инчунин дастгирии пурраи захираҳои фаъолияти таълимӣ ва таълимию методии донишгоҳро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории бевоситаи худро бо Барномаи Иттиҳоди Аврупо Эразмус +, ки дар самти ислоҳоти соҳаи маориф, алалхусус низоми таҳсилоти олӣ равона гардидааст, зич ба роҳ мондааст. Зеро самтҳои афзалиятноки амалишаванда дар доираи барномаи Эразмус + дар беҳтар намудани

сифати таҳсилот дар зинаи таҳсилоти олӣ, низоми кредитии таҳсилот, сафарбаркунии донишҷӯён, омӯзгорон ва дигар кормандони МТО ислоҳоти низоми баҳодиҳӣ ва санҷишу имтиҳонҳо, низоми маблағгузории донишгоҳҳо, низоми аккредитатсия ва аттестатсия мебошад, ки дар тақвияти самти маориф ва илм равона гардидааст.

Дар баробари ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан дар раванди ислоҳоти ТО дар МТО, барои таъмини сифат, таъсиси хадамоти мустақил дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аккредитатсия, арзёбии сифат, дастрасӣ ба маълумотҳо ва нишондиҳандаҳои МТО ба ҳамагон, гузариши мунтазам ба арзёбии байналмилалӣ, гузариш ба низоми Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO) ва Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олӣ (ESG) тақозои замон мебошад.

Ба ҳамин тариқ, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим дар МТО аз нуқтаи назари мо бояд:

- ҳамоҳангии МТО бо талаботи бозори меҳнат барои омода намудани мутахассисон;
- ҷалби корфармоён дар раванди таҳияи стандартҳои таълимӣ ва арзёбии сифат;
- ҷалби донишҷӯён дар идоракунии дохилии донишгоҳ;
- таҳияи стратегияи донишгоҳҳо бо назардошти раванди ҷаҳонишавӣ;
- тавҷҷуҳи омӯзгорон ба таъмини сифати таҳсилот;
- гузариш аз мафҳуми "Донишҷӯ – муштарӣ" ба мафҳуми "Донишҷӯ - ҳамкор" ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир, донишгоҳе, ки ба масъалаҳои банақшагирӣ, ташкил ва идоракунии сифат сарукор дорад, метавонад рақобатпазир ва муассир бошад. Ба ин раванд тамоми захираҳои дохилӣ бояд ҷалб карда шаванд, зеро танҳо рушди ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои асосии дар ин самт зикршуда метавонад сифати баланди таҳсилоти олиро таъмин намояд.

## АДАБИЁТ:


1.Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" (2013).

2.Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (2009).

3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010

4. "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" (2012).

5.Стандартҳо ва роҳнамо барои таъмини сифат дар соҳаи таҳсилоти олии Аврупо (Standards and Guidelines for Quality Assurance in the European Higher Education Area - E SG 2015).

6.Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO 9000).

7.Третьякова Т.В., Игнатьев В.П., Барахсанова Е.А., Варламова Л.Ф. Качество образования как гарантия эффективности вуза// Современные проблемы науки и образования. – 2017. – № 2.

8. Котова Т. А. Условия повышения качества обучения в школе // Молодой ученый. — 2017. — №15.2. — С. 95-97.


**Гадоев И.**

# СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ҲАМЧУН КАФОЛАТИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲҲО

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба масъалаҳои сифати таҳсилот, роҳҳои ҳавасманд гардонидани кормандони соҳаҳои таҳсилот бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, таҳияи барномаҳо дар ин ҷода, вазифаҳои омӯзгорон, сифати идоракунии равандҳо ибрози ақида намудааст. Қайд гардидааст, ки сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилоти МТО дар мадди аввал меистад. Ҳамчунин иброз дошта шудааст, ки мушкилоти таъмини сифати таълим дар таҳсилоти олӣ мушкилоти системавӣ мебошад ва барои ҳалли он самтҳои зиёди фаъолияти донишгоҳҳо бояд ҷалб карда шаванд.

***Калидвожаҳо***: сифати таҳсилот, таълим, МТО, муассисаи таълимӣ, арзёбӣ, самаранокии таълим, донишҷӯ, технологияи таълим.

**Гадоев И.**

## КАЧЕСТВО ОБРАЗОВАНИЯ ГАРАНТИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УНИВЕРСИТЕТОВ

В статье автор рассматривает вопросы качества образования, способы мотивации работников образования на повышении качества образовании, разработку учебных программ, задачи преподавателей и качество управления учебного процесса. Отмечается, что качество образования находится на переднем крае всех этапах обучения в вузах. Также указано, что проблема обеспечения качества высшего образования является системной проблемой, и что для ее решение должны быть вовлечены все направлении деятельности университетов.

***Ключевые слова***: качество образования, обучение, образовательное учреждение, оценка, эффективность обучения, студент, технология обучения.

**Gadoev, I.**

## THE QUALITY OF EDUCATION GUARANTEES THE EFFECTIVENESS OF UNIVERSITIES

In the article the author raises the issues of quality of education, ways of motivation of educators to improve quality of education, curriculum development, objectives of teachers and quality management of the educational process. It is noted that the quality of education is at the forefront of all stages of education in universities. It is also stated that the problem of ensuring the quality of higher education is a systemic problem, and that all areas of University activity must be involved in order to solve it.

***Keywords:*** *quality of education, training, educational institution, assessment, learning effectiveness, student, learning technology.*

**Сведения об авторе: Гадоев Идибек Баротович** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126.

**Information about the author: Gadoev Idibek Barotovich** - Senior Researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini st.

**М. САФАРОВ**

# РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ОМЎЗИШӢ-МАЪРИФАТӢ ВА ИТТИЛООТӢ ТАВАССУТИ БОЗИИ ВИКТОРИНА

*(Бахшида ба «Бистсолаи омўзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»)*

Озмун, мусобиқа, зўрозмоӣ ва умуман бозиҳои шавқовар таърихи хеле кўҳан доранд. Яке аз ин бозиҳои шавқовар «викторина» мебошад, ки на онқадар таърихи тулонӣ дорад. Аввалин бор мафҳуми викторинаро соли 1928 дар Руссия дар маҷаллаи «Огонёк» истифода бурданд. Рўзноманигор ва шоири машҳури Шуравӣ Михаил Колсов маҷмўи бозиҳои гуногуни зеҳнӣ (қуракашӣ, чистонҳо, саволҳои аҷоиб ва ғайра )-и интихобнамудаи худро ба чоп расонд. Ин маҷмўи бозиҳои гуногуни зеҳниро рўзноманигор бо номи Виктор баргузор намуд ва аз ин ҷо аз номи ин рўзноманигор мафҳуми викторина пайдо шуд. Ин рўйдод дар солҳои бистуми асри гузашта ба вуқўъ омада буд, ки мамлакат нав ба рушд кардан оғоз намуда буд.[14]

Викторина ҳамчун мафҳуми нав ва бозии шавқовар дар байни халқ пайдо шуда, рушд намуд ва ба яке аз машғулияти ҷавонон табдил гашт. Викторина ба дараҷае рушд намуд, ки одамон шаклҳои нав ба нав ва гуногуни онро эҷод намуданд.

Асосан бозии шавқовари викторина дар тамоми фанҳои гуманитарӣ ва дақиқ гузаронида шуда, зиракӣ, ҳушёрӣ, ҳозирҷавобӣ ва донои хонандаро талаб менамояд. Барои сохтани викторина бояд мавзўъ, ном ва мақсад интихоб кардан лозим аст. Вобаста ба он синну соли хонанда ҳатман ба назар гирифта мешавад. Барои саволҳоро тартиб додан, сатҳи дониш ва синнусоли хонанда, яъне бозингарро ба назар гирифтан лозим аст. Фарз кардем, барои аз фанни физика викторина ташкил намудан, вобаста ба синну соли хонанда аз китоби дарсии фанни физика мавзўъро интихоб намуда, саволҳоро тартиб медиҳанд. Ташкилкунандагони викторина ҷавобҳои ро ёфта, пеш аз бозӣ тартиб медиҳанд, то ки дар раванди бозӣ ба хатогӣ роҳ надиҳанд. Викторинаҳои содда ва ҳам мушкилро ташкилкунандагони викторина ба бозингарон қоида ва шакли гўзаронидани онро мефаҳмонанд.

Бозии викторина бозии зеҳнии фароғатӣ ва ҳавасмандкунӣ буда, ғолиби озмун бо тўҳфа ҳавасманд карда мешавад ва бештар дар ҷамъомадҳои калон, рўзҳои махсуси ҷашнӣ, ҳафтаҳои фаннӣ ва барои мустаҳкамкунии сатҳи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон дар байни синфҳо гузаронида мешавад. Викторина бозии махсусест, ки асоси он аз арзёбӣ намудани хонандагон ҳангоми дуруст ҷавоб додан ба саволҳои шифоҳӣ ё хаттӣ аз фанҳои гуногуни таълимӣ мебошад. Викторина ин бозии шавқоваре мебошад, ки омўзгор ё ровӣ савол медиҳад ва хонандагон ё бозингарон ба савол ҷавоб меҷўянд. Намудҳои викторинаҳо бо қоида, мавзўъ, шакл, мураккабии маҷмўи саволҳо, низому шартҳои муайян кардани ғолиб, инчунин намуд ва интихоби тўҳфаи ҳавасмандкунӣ барои ҳар як саволи дуруст ҷавоб додашуда, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Инчунин мувофиқи қоида ҳамаи викторинаҳо ба рушди зеҳнии хонанда нигаронида шуда, аз рўи мавзўъ, шакли гузаронидани он ва аз рўи синну сол гуногун мебошанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна бештар викторинаҳои фаннӣ барои рушди салоҳиятҳои омўзиши – маърифатӣ ва иттилоотӣ нигаронидашуда гузаронида мешаванд ва викторинаҳоро вобаста ба ҳар як фан чунин номгузорӣ кардан мумкин аст:

► Математикони моҳир,ҳафтаи математика…,
► Физикдони беҳтарин, физика ва табиат…,
► Ҷавонони адабиётшинос, адабиёти ниёгон…,
► Кимиёчии доно, кимиё дар амалия…,
► Забон донӣ ҷаҳон донӣ, забон ҳастии миллат ва ғайраҳо.

Дар замони муосир викторинаҳо бештар дар шабакаҳои интернетӣ гузаронида мешаванд. Баъзеи онҳо агар барои муштариёни шабакаи интернетиро ҷалб намудан ва вақтгўзаронӣ бошад, баъзе викторинаҳои дигар барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаю маҳорат нигаронида шудааст. Агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёна барои сатҳи дониш ва малакаю маҳорати хонандагонро баланд бардоштан бошад, вале дар

шабакаҳои интернетӣ соҳибони сайт ва блогерҳо бештар барои фароғат, вақтгӯзаронӣ ва ба худ ҷалб намудани муштариёне, ки шабакаи интернетиро фаъолона истифода мебаранд. Ҳанӯз аз боғчаҳои кӯдакона шуруъ карда, кӯдакон мехоҳанд бо онҳо бозиҳои шавқовар ба монанди викторина тартиб дода бо онҳо гузаронанд. Викторина дар кӯдакон қобилияти тафаккури мантиқӣ, зеҳнӣ, хотиравӣ ва ҳозирҷавобиро инкишоф медиҳад. Умуман викторинаҳо таъсир мусбӣ дошта, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна бештар барои ба мақсади инкишофи қобилияти зеҳнӣ гузаронида мешаванд.

Ба назар менамояд, ки ба савол ҷавоб додан ин як кори саҳл ва оддӣ мебошад, вале не барои ин хонандаро лозим аст, ки оқилу доно, зирак ва ҳозирҷавоб бошад, то ин ки ба савол ҷавоби қонеъкунанда дода, ба тӯҳфаи сазовор ноил гардад. Викторинаҳоро ба таври оммавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва ба таври маҷозӣ (вертуалный) дар шабакаҳои интернетӣ гузаронида мешаванд. Викторинаҳо аз рӯи шакли гузаронидан ва бо тӯҳфаҳо мукофотонидан аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале асоси онҳо аз як мақсад иборат аст, яъне ба саволҳо дуруст ва бехато ҷавоб додан мебошад.

Дар шабакаи телевизионӣ низ бозиҳои викторина ва шоу-барномаҳои телевизионӣ гузаронида мешаванд. Дар ин викторинаҳо на танҳо додани ҷавоби дуруст, балки иҷрои он дар шароити шадид талаб карда мешавад ва дар он қувваи зиёди ҷисмонию равонӣ сарф карда мешавад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ викторинаҳо яке аз бозиҳои шавқовари машҳур ба ҳисоб мераванд.

Бозии шавқовари викторина хело манфиатовар буда, бештар дар шакли мусобиқа баргузор мегардад, ки дар он балҳои бозингарон ҳисоб карда шуда, ғолиби викторина муайян карда мешавад. Викторина танҳо барои фориғболӣ ва вақтгӯзаронӣ нест. Викторинаҳо дар кӯдакистонҳо, муассисаҳо, дар иҳотаи оила, дар байни дӯстон ва дар байни одамони синну солашон гуногун гузаронида мешавад. Бозии викторина ҷаҳонбинӣ ва сатҳи дониши хонандаро баланд намуда, қобилияти зеҳнии хонандаро зиёд менамояд. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки бозии викторина функсияҳои таълимӣ, рушди дониш, малакаю маҳорат ва маърифатиро иҷро мекунад. Азбаски ғолиби викторина бештари ҳолатҳо бо мукофот ҳавасманд карда мешавад, аз ин ру хонандаро ба фанне, ки мавзӯи викторина аз он интихоб карда шудааст, хело ҳавасманд ва ҷалб менамояд.

Бештари омӯзгорон кӯшиш менамоянд, ки аз фанни таълимии худ викторинаҳо гузаронида, барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон саволҳоро берун аз китоби дарсӣ ва барномаи таълимӣ мувофиқ интихоб намоянд. Аз рӯи қоида саволҳои викторина бояд якчанд рӯз пеш ба хонандагон пешниҳод карда шавад. Зеро вақти додашуда, имкон медиҳад, ки хонанда ба саволҳои додашудаи викторина ҷавобҳои муносибро ҷустуҷӯ намуда ёбад.

***Намудҳои викторина ва мусоидати онҳо:***

♦ Фаннӣ (завқи хонандагонро ошкор месозад).

♦ Фароғатӣ- инкишофёбанда (ба рушди тафаккур, зеҳн, тағйирпазирии ақл, мантиқ мусоидат мекунад).

♦ Забондонӣ (ба сарфаҳм рафтан ва дар хотир гирифтани маводи забонӣ мусоидат мекунад).

♦ Байнифаннӣ (барои аз худ намудани алоқаи байнифаннӣ мусоидат мекунад).

***Хусусиятҳои викторина инҳоянд:***

■ Қоидаҳо бояд содда бошанд.

■ Ба викторина ҳамаи хонандагон фаро гирифта шавад.

■ Викторина барои ҳама бояд ҷолиб бошад.

■ Викторина бояд барои ҳама иштирокчиёни дастрас бошад.

■ Бояд саволҳои тартибдодашудаи викторина бо якдигар дар як сатҳ қарор дошта бошанд.

■ Барои арзёбии хонандагон дар викторина ҳузур доштани довар ё жюри ҳатмӣ мебошанд.

***Тартиби викторина:***

– **Қадами 1.** Мавзӯи викторина вобаста ба фанни лозимӣ интихоб карда мешавад ва барои дилхоҳ фан тартиб додан мумкин мебошад.



− **Қадами 2.** Вақте, ки мавзӯъ интихоб карда шуд, мақсади викторинаро муайян кардан лозим аст, яъне санҷиши хонанда оид ба фанни интихобшуда ва омодагии хонанда ба мавзӯи викторина. Ҳар як викторина бояд мақсади худро дошта бошад, яъне ҷавоби мушаххас ба саволи додашуда.

− **Қадами 3.** Муайян кадани шакли викторина, яъне интихоб кардан лозим аст, ки викторина ба кадом намуд мансуб мебошад. Викторина чанд бала мебошад ва аз чанд саволӣ иборат аст.

− **Қадами 4.** Саволҳоро тартиб дода, ба мавзӯъ вобаста кардан лозим аст. Ин яке аз қадамҳои душвортарин мебошад, ки дар ин қисмат ба мушкилӣ дучор мешаванд.



− **Қадами 5.** Ин қисмати ҷамъбастӣ мебошад. Натиҷаҳоро ба хонандагон фаҳмонида, чӣ гуна ҳисоб кардани балҳоро нишон дода, дар бораи натиҷаҳо хулоса баровардан лозим аст. Баъд аз он хонандагонро барои оғоз кардани викторина даъват менамоянд.

***Намунаи викторинаи зеҳнӣ аз фанни физика барои синфҳои 10:***

**I. «Олимони машҳури фанни физика»**

**1.Падари физикаи ядроӣ кист?**

Физикдони англис, асли ватанаш Зеландияи Нав, бо тахаллуси «Падари физикаи Ядроӣ» машҳур буд. Дорандаи ҷоизаи мукофоти Нобелӣ дар соҳаи химия мебошад. Кист он?

**Ҷавоб: Эрнест Резерфорд**

**2.Воҳиди шиддатро кадом олим кашф кард?**

Олими итолёвӣ, ихтироъкори элементи галваникӣ (манбаи ҷараён). Якумин бор батареяи электрикиро ихтироъ кардааст ва дар соли 1800 нашр кардааст. Бо номи ӯ яке аз бузургиҳои физикӣ ифода меёбад. Кист он?

**Ҷавоб: Александро Волт**



**3.Кашфкунандаи бузургии қувва?**

Ба ӯ «ҷаноб» гуфта, муроҷиат мекарданд ва ӯро падари механикаи классикӣ меноманд. Муаллифи се қонуни ба қувва вобаста ва қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ мебошад. Бо номи ӯ яке аз бузургиҳои физикӣ ифода меёбад. Кист он?

**Ҷавоб: Исаак Ньютон**

**4.Насаби олимро ёбед?**

Олими Юнони Қадим «Ҷаҳон аз заррачаҳои хурд иборат аст» - ин олими мисри қадим чунин ақида дошт. Асосгузори филисофияи материалӣ. Кист он?

**Ҷавоб: Демокрит Абдерский. [10. с 54]**

**II. «Блитс пурсиши тестӣ»**

1.Шитоби афтиши озод ба чанд баробар аст?

A. $g = 8{,}9$ м/с²,

B. $g = 9{,}7$ м/с²,

**C. $g = 9{,}8$ м/с².**



2. Собити гравитатсионӣ ба чанд баробар аст?

A. $G = 16{,}67 \cdot 10^{-11}$ Н·м²/кг²,

**B. $G = 6.67 \cdot 10^{-11}$ Н·м²/кг².**

C. $G = 6{,}76 \cdot 10^{-11}$ Н·м²/кг².

3.Формула ва воҳиди суръти ҷисм ёбед?

A. $\vartheta = t/s$ , воҳидаш 1 с/м,

B. $\vartheta = t \cdot s$ , воҳидаш 1 с·м,

**С. $\vartheta$=s/t . вохидаш 1 м/с.**

4.Формулаи суръати хаттии ҷисмро ёбед?

А. $\vartheta=2\pi\cdot n$;

В. $\vartheta=2\pi r\cdot\gamma$;

**С. $\vartheta=2\pi r\cdot n$.**

5.Массаи Замин чӣ қадар аст?

А. m ≈ 8· $10^{24}$ кг,

**В. m ≈ 6· $10^{24}$ кг.**

С. m ≈ 9· $10^{24}$ кг.

6. Суръати 1-уми кайҳониро муайян намоед?

А. $\vartheta \approx 5{,}3\cdot10^3$ км/с,

**В. $\vartheta \approx 7{,}9\cdot10^3$ км/с.**

С. $\vartheta \approx 9{,}6\cdot10^3$ км/с.

7. Суръати 2-юми кайҳониро муайян намоед?

А. $\vartheta\approx12{,}1$ км/с,

В. $\vartheta\approx10{,}2$ км/с,

**С. $\vartheta\approx11{,}2$ км/с.**

8. Суръати 3-юми кайҳониро ёбед?

А. $\vartheta\approx37$ км/с,

**В. $\vartheta\approx73$ км/с.**

С. $\vartheta\approx75$ км/с…

## III. Блитс- пурсиши шифоҳӣ

1. Асбобе, ки барои қувваи ҷараёни электрикиро ченкунӣ истифода мебаранд, чист? **Ҷавоб:** Амперметр.

2. Воҳиди муқовимати ноқилро ёбед? **Ҷавоб:** Ом.

3. Модда дар кадом ҳолат сохти кристаллӣ дорад? **Ҷавоб:** Ҳолати сахтӣ.

4. Кадом бузургӣ бо **$м^3$** чен карда мешавад? **Ҷавоб:** Ҳаҷм.

5. Массаи ҷисмро бо кадом ҳарф ифода мекунанд? **Ҷавоб:** m.

6. Ҷисме, ки андозаи он дар шароити муайян ба эътибор гирифта намешавад, чист? **Ҷавоб:** Нуқтаи материалӣ.

7. Воҳиди бузургии фишор чист? **Ҷавоб:** Паскал.

8. Миқдори гармиро бо кадом ҳарф ифода мекунанд? **Ҷавоб:** Q. **[4, С. 37]**

## IV. Блитс- пурсиши шифоҳӣ (шарҳдиҳӣ).

1.Чаро духтурони дандонпизишк хӯрдани хӯрокҳои хело гармро тавсия намедиҳанд?

**Ҷавоб: Зеро ҳангоми якбора гарм шудани дандон шиддати вайроншавии дандон зиёд шуда, ба тарқишҳои сирри дандон оварда мерасонад.**

2.Чаро чана дар ях мелағжад, аммо дар хунукии сард лағжиданаш суст мешавад?

**Ҷавоб: Ҳангоми ях байни чанаю ях, дар натиҷаи фишор ва соиш об пайдо мешавад ва сабаби зиёд шудани лағжиш мегардад, аммо ҳангоми сардии зиёд байни чанаю ях дигар об ҷудо намешавад ва сабаби налағжидани чана мегардад.**

3.Чаро ҳашаротҳо ҳангоми парвоз садо мебароранд?

**Ҷавоб: Зеро ҳангоми лаппишҳои парҳои ҳашарот садо пайдо мешавад.**

4. Ронандаҳои касбӣ фишори даруни чархи мошинро аз рӯйи садо, яъне бо ашёи оҳанин зарба задан мефаҳманд. Чӣ тавр садо аз фишори ҳавои даруни чарх вобаста аст?

**Ҷавоб: Ҷӣ қадаре, ки ҳавои даруни чарх зиёд бошад, ҳамон қадар садо баландтар шунида мешавад.**

5. Оё дар биёбон акси садо (эхо) пайдо мешавад?

**Ҷавоб: Пайдо намешавад, зеро дар биёбон садо ба ягон чиз барнамехӯрад, озод ба ҳар тараф паҳн мешавад.**

6. Чаро дар ҳавои кушод оҳанг, суруд ва сухани гӯянда назар ба даруни бино пастар садо медиҳад?

**Ҷавоб: Дар даруни бино инъикосёбии мавҷҳои садо ба девор, ба фарш ва арш ба вуҷуд меояд.**

7. Чаро матоъи пашмӣ ва абрешимӣ дасти тарро нағз пок намекунад?

**Ҷавоб: Зеро пашм ва абрешим обро нағз намегузаронанд.**

8. Чаро борон ҳаворо салқин менамояд?

**Ҷавоб: Дар натиҷаи энергия хориҷ шудан, қабати таршудаи замин ба бухоршавӣ табдил меёбад ва энергияи дохилии муҳити атрофро кашида мегирад. [9, С. 79]**

### IV. «Блитс пурсиши тестӣ (масъала)»

1. Кабутар бо суръати 36 км/ст парвоз мекунад, суръати кабутарро бо м/с ифода намоед.

**1) 10 м/с.**
2) 8 м/с.
3) 12 м/с.
4) 9 м/с.

2. Афтиши озоди ҷисм бо кадом воҳид чен карда мешавад?

1) Па (Паскаль).
2) Н (Нютон).
3) Ҷ (Ҷоул).
**4) Н/кг (Нютон / килограмм).**

3. Қувваи ҷараёни 25 Ампер аз ноқили муқовиматаш 5 Ом мегузарад. Шиддати ҷараёнро ёбед?

1) 12,5 В.
**2) 125 В.**
3) 1250 В.
4) 12 В.

4. Массаи 7,3 кг ба ҷисм таъсир мекунад, қувваи вазниниро ёбед?

1) 7,3 Н
**2) 73 Н**
3) 0,73 Н
4) 730 Н.

5. Агар ба ҷисм қувваи 200 Н таъсир кунад, массаи он ба чанд баробар аст?

1) 500 кг.
2) 2000 кг.
**3) 20 кг.**
4) 40 кг.

6.Фишори оби баҳрро дар чуқурии 40 м, ки зичиаш 1030 кг/ м$^3$ аст, ёбед?

**1) 412 кПа.**
2) 4,12 Па.
3) 420 Па.
4) 41,2 кПа.

7. Вазни писарак 48 кг буда, бо фишори 15 кПа ҳангоми роҳгардӣ бо пойафзолаш ба замин фишор медиҳад, масоҳати таги пойафзоли писаракро ёбед?

1) 3,2 см$^2$.
2) 320 см$^2$.
**3) 0.032 м$^2$.**
4) 300 мм$^2$.

8. Тавоноии муҳаррики автомобилро ёбед, агар дар 5 дақиқа кори муҳаррик ба 150 кҶ баробар бошад?

1) 50 кВт.
2) 5 кВт.
3) 0,5 Вт.

4) 500 Вт. [7, С. 28]

**Ҷамъбасти озмун.** Озмунро чунин ҷамъбаст менамоем, агар фарз кардем шумораи саволҳои викторина 10 - тоӣ бошаду балро 10 гирем, барои 1 ҷавоби дуруст=1балл мегузорем. Пас, ҷойҳои ишғолшуда I, II, III шавад, балҳоро фарз кардем бо ин тарз ҳисоб намуда, ғолибонро муайян менамоем:

8 - 10 бал ҷойи 1-ум,
5 - 7 бал ҷойи 2-ум,
2 - 4 бал ҷойи 3-ум ва
аз 1 - бал поён иштирокчӣ шуморида мешавад.





**АДАБИЁТ:**

1. Володько, Е. Н. Демонстрационный эксперимент с минимальным оборудованием на уроках физики / Е. Н. Володько. — Мозырь: Белый Ветер, 2002.
2. Володько, Е.Н. Звездный калейдоскоп, или Нескучная физика космоса / Е.Н. Володько. — Минск: Белорусская ассоциация «Конкурс», 2006.
3. Ланина, И. Я. Не уроком единым / И. Я. Ланина. — М.: Просвещение, 1991.
4. Макеева, Г. П. Физические парадоксы и занимательные вопросы / Г. П. Макеева, М. С. Цедрик. — Минск: Народная асвета, 1981.
5. Маркович, Л. Г. Физика удивительных игрушек / Л. Г. Маркович. — Минск: Красико-Принт, 2000.
6. Юфанова, И. Л. Занимательные вечера по физике в средней школе / И. Л. Юфанова. — М.: Просвещение, 1990.
7. Пёрышкин А.В., Гутник Е.М. Физика, 7-9 классы– М.: Дрофа, 2010.
8. Мякишев Г.Я.., Буховцев Б.Б., 10-11 классы– М.: Просвещение, 2008
9. Я познаю мир. Наука в загадках и отгадках:- М.: Астрель: Хранитель, 2007.
10. 1001 вопрос для очень умных (с подсказками для остальных).- М.: Рипол Классик, 2002.
11. Сёмке А.И. Занимательные материалы к урокам. – Москва.: НЦ ЭНАС, 2006.
12. Урок физики в современной школе. Творческий поиск учителей: книга для учителя. сост.: Э.М. Браверманн, под редакцией В.Г. Разумовского - М.: Просвещение, 2003.
13. https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%92%D0%B8%D0%BA%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B8%D0%BD%D0%B0
14. https://ru.wikipedia.org/wiki/
15. http://physmatica.narod.ru
16. http://school-collection.edu.ru


**Сафаров М.**

## РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ОМӮЗИШӢ-МАЪРИФАТӢ ВА ИТТИЛООТӢ ТАВССУТИ БОЗИИ ВИКТОРИНА

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба таърихи пайдоиш ва ташкилу гузаронидани бозии шавқовари викторинаи физикавӣ сухан рондааст. Муаллиф иброз доштааст, гузаронидани викторинаҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна барои рушди салоҳиятҳои омӯзиши-маърифатӣ, ҷустуҷӯйи эҷодӣ ва иттилоотӣ нигаронида шуда, он ба дар ташаккули салоҳиятҳои

фаннии хонандагон заминаи боэтимод мегузорад. Ҳамзамон қобилияти зеҳнӣ, ҳозирҷавобӣ ва дарки ҳодисаҳои табиӣ дар хонанда рушд меёбад.

Дар мақола намунаи бозии шавқовари викторина дар шакли «Блитс пурсиш»- тестӣ, шифоҳӣ ва ба тариқи масъала нишон дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *викторина, салоҳият, салоҳиятҳои иттилоотӣ, иртиботӣ, ҷустуҷӯӣ, технология, физика, маърифат, омӯзиш, муосир, муассиса, рушди салоҳият.*

**Сафаров М.**

## РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-ПОЗНОВАТЕЛЬНЫХ И ИНФОРМАЦИОНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ПОСРЕДСТВОМ ВИКТОРИНЫ

В этой статье автор рассказывает о проведении и организации развлекательной викторины. По мнению автора, проведение викторин в общеобразовательных школах направлено на развитие познавательных, творческих и информационных компетенций, которые заложат прочную основу для развития предметных компетенций. Также развивает интеллектуальность, отзывчивость и понимание природных явлений в учащихся. В статье показана интересная игра-викторина в виде «Блиц-запроса» - тестовая, словесная и решение задач.

***Ключевые слова:*** *викторина, компетенция, информационная компетентность, коммуникация, поисковый, технология, физика, образование, обучение, современность, общеобразовательное учреждение, развитие компетенций.*

**Safarov M.**

## DEVELOPMENT OF GENERAL EDUCATIONAL AND INFORMATIONAL COMPETENCES IN A QUIZ

In this article, the author talks about conducting and organizing an entertaining quiz. According to the author, conducting quizzes in secondary schools is aimed at the development of cognitive, creative and informational competencies, which will lay a solid foundation for the development of subject competencies. Also develops intelligence, responsiveness and understanding of natural phenomena in students. The article shows an interesting quiz game in the form of a “Blitz request” - a test, verbal and problem solving.

***Keywords:*** *quiz, competence, informational competence, communication, search, technology, physics, education, training, modernity, general educational institution, development of competencies.*

**Сведения об авторе: Сафаров М. С.** – зав. научно-исследовательской лаборатории Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. **E-mail:** muhammadsattorovich@mail.ru., тел: (992) 918 74 11 73.

**Information about the author: Safarov M.S.** - the head. research laboratory of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., **E-mail:** muhammadsattorovich@mail.ru., mob: (992) 918 74 11 73

**Ш. САФАРОВ**
**М. БОБОҶОНОВ**

# МАЗМУНИ АЗХУДКУНИИ ВОСИТАҲОИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ АЗ ҶОНИБИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Дар айни замон омодасозии кадрҳои педагогӣ бо тағйироти куллӣ дар мазмуни таҳсилоти олии педагогӣ ҳамроҳ мебошад, ки бо тавсеа ва тағйирёбии сифати соҳаи фаъолияти касбии онҳо алоқаманд аст. Ин ҳолат ба масъалаи омӯзиши нақш ва мавқеи тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти олӣ, мутахссиси оянда, бознигарии муносибатҳои қаблан ташаккулёфта ва татбиқи масъалаи ташаккули шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим дар шароити муосир дахолат кардааст.

Консепсияи нави созандаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷумҳурӣ зарурати андозагирии мувофиқи стандарти нави таҳсилотӣ, нақшаҳо ва барномаҳои нави таълимӣ, ҷустуҷӯи такмили масъалаи мазкурро тақозо менамояд.

Дар Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 зарурати муайянкунӣ, пешбарӣ ва дастгирии фаъолнокии ҷавонон дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, эҷодӣ, варзишӣ ва равона сохтани онҳо ба фаъолияти созанда эълон гардидааст [8].

Таваҷҷуҳ ба намудҳои миллии варзиш ҳамчун воситаи тарбияи ҷисмонӣ аз зарурати омодасозии омӯзгорониояндаи фарҳанги ҷисмонии мураббиён аз рӯи намудҳои варзишӣ ва мутахассисони дигар дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар соҳаи фаъолияти касбии худ гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, асосноккунии мазмун ва сохтори таъминоти ташкилию методии ташаккули омодагии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷумҳурӣ ҳам дар назария, ҳам дар амалияи ташаккулёбӣ ва рушдиояндаи педагогика дар муассисаи таҳсилоти олӣ мубрам мебошад.

Омодасозии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ аз раванди ташаккули шахсият, рушди фарҳанги педагогии умумӣ ва касбии ӯ иборат аст, ки ба сифати шарт ва пешзаминаи самаранокии фаъолият дар раванди ташаккули касбӣ ва омодагии ӯ ҳамчун ҳолати томи шахсият хизмат карда, тавсифоти сифатии самтнокии шуур, мавқеи касбӣ ва сатҳи азхудкунии амалҳо ва амалиётҳои касбию педагогии он ва ғайраро ифода менамояд.

Дар шароити кунунӣ як зумра тамоюлоте ба назар мерасанд, ки тағйиротро дар мазмун, хусусият ва шароитҳои таҳсилот муайян месозанд, яъне: тақвият ёфтани тамоюли умумифарҳангӣ ва гуманитарӣ; баланд бардоштани нақши таҳсилоти миёна, ки аз ҳамкории таҳсилот ва муҳити иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, ғанигардии мутақобилаи онҳо иборат мебошад (А.Н. Коган [2], М.Лутфуллоев [3; 4], Ф. Шарифзода [9]).

Чунин вазъият дар соҳаи таҳсилотӣ бо таҳияи назарияи мактабе тавсиф меёбад, ки ба фарҳанги миллӣ ва татбиқи густаришёфтаи консепсияҳои миллию минтақавии таҳсилотӣ, этнопедагогикунонии раванди таълимию тарбиявӣ нигаронида шудааст, ки, дар навбат худ, боиси зарурати таҳияи таъминоти барномавию методии зумраи мушобеҳи сохтори назария мешавад.

Бинобар ин, самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилот ва тарбияи миллиро: азхудкунии асосҳои этнопедагогика, татбиқи анъанаҳои прогрессивии педагогикаи мардумӣ ва дар ин асос шинос намудани толибилмон бо фарҳанги ниёгон, таҳкими муносибатҳои байнимиллӣ ва ғайра ташкил медиҳанд

Дар робита ба ин, таҳқиқоти аксари муаллифони ватанӣ (С. Ҷонов, П.Б. Доняров, Д.Н. Латипов, Г.Ф. Ҳасанова ва диг.) ба зарурати эҳёи фарҳангҳои миллии халқи тоҷик, шинос намудани насли наврас бо фарҳанги халқи худ ҳамчун масъалаи муҳимтар дар тарбияи маънавию ҷисмонии донишомӯзон, ташаккули мафкураи миллат, шинос намудан бо тамаддуни ҷаҳонӣ ишора мекунанд.

Ба мо мавқеъи корҳои Е.С. Жиркова, А.Б. Панкин, Г.С. Попова, И.А. Старкова, О.Г. Яковлева ва диг. наздиканд. Дар таҳқиқоти онҳо мавқеи методологии масъалаи мавриди омӯзиш муайян гардида, роҳҳо ва шартҳои педагогие муайян ва асоснок карда мешаванд, ки барои ташаккули фарҳанги миллӣ ва умумиинсонии насли наврас ва ҷавонон заруранд.

Дар даҳсолаи охир таҳқиқот ва коркардҳои методие густариш ёфтаанд, ки ба таҷдиди назария, методика ва шаклҳои ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодашавии варзишӣ дар ҷумҳурӣ равона карда шудаанд.

Табиист, ки мавқеи марказиро дар ҳалли ин масъала омӯзгор ишғол менамояд. Дар айни ҳол дар як қатор корҳо (В.А. Беляев, А.П. Черних, Ш. Сафаров ва диг.) ба масъалаи омодагии нокофии омӯзгори оянда дар ин самт, надонистани асосҳои фарҳанги мардумӣ, баррасии нокофии имкониятҳои педагогикаи тоҷикии мардумӣ, хусусан воситаҳои тоҷикии тарбияи ҷисмонӣ дар омодасозии донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии олӣ ишора карда шудааст.

Харитаи нишондодҳо, ки аз ҷониби В.А.Сластенин таҳия шудааст, ки моҳияти амсилаи шахсияти мутахассиси муосирро инъикос менамояд. Он инҳоро шомил аст:

1. Хосиятҳо ва хусусиятҳое, ки тамоюли касбию педагогӣ ва маърифатии шахсияти омӯзгорро муайян месозанд;
2. Талабот ба омодагии психологию педагогии ӯ.
3. Ҳаҷм ва таркиби омодагии махсус.
4. Мазмуни омодасозии методӣ аз рӯи ихтисос[6, с. 45].

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз соли 2005 омодасозии омӯзгорони оянда аз рӯи ихтисоси "Педагог оид ба ба фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиш" бояд аз рӯи блокҳои зерин амалӣ карда шавад:

- фанҳо оид ба омодасозии умумифарҳангӣ;
- фанҳо оид ба омодасозии тиббию биологӣ;
- фанҳо оид ба омодасозии психологию педагогӣ;
- фанҳо оид ба омодасозии фаннӣ [7].

Қайд менамоем, ки блокҳои номбаршуда дар алоҳидагӣ функсияҳои муайянро иҷро менамоянд. Фанҳои омодасозии умумифарҳангие, ки блоки гуманитариро ташкил медиҳанд, функсияи назарраси ташаккули мутахассиси ояндаро иҷро менамоянд, зеро сатҳи соҳибкасбӣ асосан бо сатҳи рушди шахсият, ҳамчун дорандаи фарҳанги гуманистӣ муайян мешавад. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур риояи равиши фарҳангшиносӣ зимни татбиқи шароити педагогӣ дар раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳамчун меҳвари рушди инсон, нерӯи эҷодии ӯ муҳим мебошад. Дар робита ба ин, аҳамиятро принсипи башардӯстӣ ва инсоншиносикунонии таҳсилот касб менамояд, ки қисми ҷудонашавандаи равиши мазкур мебошад. Дар асоси ин, зимни омӯзиши ин блок барои ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба азхудкунии намудҳои тоҷикии варзиш омӯзгорони оянда бояд:

- иттилооти мазмуни маърифатидоштаро дар бораи намудҳои миллии варзиш ва арзиши онҳо барои таърих ва ҳифзи анъанаҳои миллати тоҷик азхуд намоянд;
- иттилоотро дар бораи мавриди ниёз будани воситаҳои тоҷикии тарбияи ҷисмонӣ дар рушди фарҳанги ҷисмонӣ аз нуқтаи назари арзишманди онҳо дарк намоянд, ки таъсири эҳсосотӣ расонида, таваҷҷуҳро ба объекти мавриди омӯзиш дар ҳудуди ҷумҳурӣ боис мегардад;
- вокуниши мустақилона ва тамоюл ба шомилшавӣ ба муҳокимаи воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ ва омӯзиши минбаъдаи онҳоро нишон диҳанд;
- бо дастрасӣ ва самаранокии масъалаи бардошташудае, ки арзиши он ҳатмӣ мегардад, арзёбии инфиродии ҳамаҷонибаро анҷом диҳанд;
- арзиши тарбияи ҷисмониро бо арзишҳои дигар дарк намоянд ва имкониятҳои ба роҳбари гирифтани онҳоро дар фаъолияти педагогӣ муайян намоянд ва ғ.

Азбаски ғояи башардӯстӣ ба тағйири муносибат ба шахсият ва такмилёбии худи инсон, афзоиш додани нерӯи маънавии ӯ ва баланд бардоштани масъулиятнокӣ барои натиҷаҳои фаъолияти шахсӣ, яъне башардӯстикунони тамоми соҳаҳои ҷомеа ва, дар навбати аввал, ба раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ тамоюл дода шудааст, зарур аст тағйирёбии маҷмӯии мазмуни фанҳои омодасозии умумифарҳангиро тавассути дар онҳо ҷорӣ намудани донишҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, мероси фарҳангӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, хусусиятҳои намудҳои тоҷикии варзиш ва татбиқи онҳо дар марҳилаи муосири рушди ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ амиқ қарор дода шавад.

Маълум аст, ки барои ҳар як омӯзгор ва мураббӣ барои фаъолияти бомуваффақияти касбӣ донишҳо дар бораи функсияҳои организм заруранд. Танҳо назардошти хусусиятҳои фаъолияти ҳаётии ӯ метавонад ба идоракунии дурусти инкишоф ва рушди организми инсон, ҳифз намудани ҳамаи синну солҳо, истифодаи оқилонаи сарбориҳои бағалӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ ва тамрини варзишие кӯмак расонад, ки мутобиқ ба талаботи стандарти давлатӣ доир ба тахассуси додашуда ба тартиб дароварда шудаанд.

Маҷмӯи фанҳои тиббию педагогӣ ба омӯзгорони оянда имкон медиҳанд донишҳоро касб намоянд. Дар блоки мазкури аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии намудҳои миллии варзиш дар рушди фарҳанги ҷисмонӣ истифодаи иттилоот дар бораи таъсири намудҳои мухталифи варзиши миллӣ ба организми инсон, воситаҳои мардумӣ ва методҳои тавонбахшии организм ва ғ. имконпазир аст.

Фанҳои психологию педагогиро лозим аст ба азхудкунии аз ҷониби омӯзгорони оянда низоми донишҳо дар бораи инсон, ҳамчун субъекти раванди таҳсилотӣ, хусусиятҳои синнусолии инфиродӣ, омилҳои махсуси ӯ, ки ба инкишофи шахсиятӣ, худтаҳсилотӣ, худтарбиякунӣ ва худтатбиққунӣ кӯмак мерасонанд, мусоидат намояд. Дар раванди омӯзиши блоки мазкур тамоми шартҳои педагогии аз ҷониби мо муайяншуда - умумиметодӣ, технологӣ, хислати мазмунӣ дошта, бояд риоя карда шаванд.

Ҳамин тариқ, блоки психологию педагогӣ ба омузгорони оянда ба ҷанбаҳо зайл мусоидат менамояд:

- маҳоратҳои марбут бо фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ дар мактаб;
- азхуд кардани нерӯи тарбиявии воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонии тоҷикон ва истифодаи онҳо дар фаъолияти педагогӣ;
- ташхиси психологию педагогии масъалаи пешниҳодшуда;
- татбиқ, арзёбӣ ва ислоҳсозии раванди таҳсилотӣ.

Фанҳои махсус мавқеи хосро ишғол намуда, шароитро барои аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус эҷод менамоянд. Блоки мазкур мутобиқ ба стандарти давлатӣ бояд ба инҳо мусоидат намояд: дарки арзишҳои зебоишиносӣ, ахлоқӣ ва маънавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; азхудкунии низоми донишҳо дар бораи хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва малакаҳои ҳаракатӣ; ба назар гирифтани шароити санитарию беҳдоштӣ, иқлимӣ, минтақавию миллӣ; рушди маҳоратҳои тарҳрезӣ ва гузаронидани намудҳои асосии машғулиятҳои ҷисмонию варзишӣ бо донишомӯзон дар мактаб; азхудкунии технологияи таълими амалҳои ҳаракатӣ ва инкишофи сифатҳои ҷисмонии шахсият дар намуди интихобшудаи варзиш; рушди маҳоратҳои банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳо доир ба пешгирии ҷароҳатбардорӣ, истифодаи воситаҳо ва методҳои мухталифи ҷисмонии тавонбахшии организм.

Фанҳои асосии блоки мазкур гимнастика, атлетикаи сабук, шиноварӣ, бозиҳои ҳаракатӣ ва варзишӣ мебошанд.

Ба сифати қисми асосӣ ва таркибии омодасозии махсусгардонидашуда амалияи истеҳсолотӣ баромад менамояд.

Ба мазмуни фанҳои махсус инчунин курсҳо аз рӯи интихоб шомиланд, ки дар чаҳорчӯби он ҷузъи миллии мазмуни таҳсилот метавонад татбиқ карда шавад.

Вазифаҳои фанни блоки мазкур инҳоанд:

- азхудкунии технологияи таълими амалҳои ҳаракатӣ дар намуди интихобшудаи варзиш дар чаҳорчӯби омодасозии методӣ;
- ташаккули рушди сифатҳои ҷисмонӣ;
- баланд бардоштани сатҳи дастовардҳои варзишӣ.

Бояд қайд кард, ки зимни иҷрои стандартҳои ҳатмии таҳсилот доир ба ихтисос ва муайян намудани сифатҳои онҳо зарур аст имкониятҳои минтақа ва муассисаи таҳсилотӣ арзёбӣ карда шаванд. Зеро имконияти гирифтани донишҳо ва маҳоратҳои иловагӣ доир ба интихоб нисбат ба намудҳои миллии варзиш ангезиши донишҷӯро ба таълим тақвият дода, фаъолияти маърифтии ӯро фаъол сохта, ба ӯ имконияти сохтани траекторияи инфиродии таълимиро фароҳам оварда, бо ҳамин раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таълимоти олӣ инфиродӣ месозад.

Ҳамин тариқ, амалияи муосири варзишию педагогӣ ва пешрафта дар Ҷумҳурӣ ҳаҷми назарраси маълумоти навро дар бораи равандҳои такмилдиҳии технологияҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии умумитаҳсилотӣ андӯхтааст. Вале бино ба як қатор сабабҳо онҳо дастраси доираи васеи ҷомеаи педагогӣ, махсусан мавриди истифодаи воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар раванди омодасозии омӯзгори оянда дар муассисаи таҳсилоти олӣ, нагардидаанд. Аз ин рӯ, асосноккунӣ ва ҳаллу фасли ташкилию методии ин масъала бояд объекти таҳқиқоти махсуси илмӣ ва озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ шаванд.

Дар асоси ин, зимни омодасозии доираи масъалаҳо доир ба махсусгардонӣ ва муайян намудани сифатҳои онҳо ҳангоми татбиқи стандартҳои ҳатмии давлатӣ бо назардошти хусусиятҳои Ҷумҳурӣ зарур аст, ки имкониятҳои муассисаи таҳсилоти олӣ ва ҷузъҳои сохтории он мавриди арзёбӣ қарор гиранд. Зеро имконияти гирифтани донишҳо ва маҳоратҳои иловагӣ доир ба интихоб нисбат ба намудҳои миллии варзиш, тавре ки таҳқиқоти сершумор (А.А.Вербитский [1], П.И. Лях [5] ва диг.)нишон медиҳанд, ангезиши донишҷӯро ба таълим тақвият дода, фаъолияти маърифатии ӯро фаъол месозад, ба ӯ имконияти тарҳрезии траекторияи инфиродии таълимиро фароҳам месозанд ва бо ҳамин раванди таҳсилотро дар муассисаҳои таълимоти олӣ инфиродӣ месозанд.

Бинобар ин, татбиқи мақсадноки шароити ташкилию педагогӣ - ин татбиқи ташкили фаъолияти таълимӣ буда, маънои "фурӯравӣ" – и омӯзгорониояндаи фарҳанги ҷисмонӣ ба доираи мушкилоти намудҳои миллии варзиш ва усулҳои тадриси онҳо; дарки аз ҷониби омӯзгорон ҷузъҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми пурракунии мазмуни ҷузъҳои маърифатӣ, ангезишӣ ва амалиётии омодагии омӯзгорони фарҳанги ҷисмонӣ ба азхудкунӣ ва истифодаи унсурҳои воситаҳои миллии тарбияи ҷисмониро дар раванди таҳсилотӣ зимни татбиқи тадриси курсҳо аз рӯи интихоб дар синфҳои болоиро дорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход. – М.: Высшая школа, 1981. – 217 с.

2. Коган Л.Н. Социальная среда и воспитание. – Свердловск, 1980.

3. Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат. – Душанбе, 1994. – 48 с.

4. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. – Душанбе: Дониш, 1977. – 150 с.

5. Лях В.И. Ориентиры перестройки физического воспитания в общеобразовательной школе/В.И.Лях//Теория и практика физической культуры, 1990. № 9. С. 10-14.

6. Сластенин В.А. Педагогика/Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений/В.А. Сластенин. – М.: Школа – пресс, 1997. – 512 с.

7. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи тахассуси (033100) – фарҳанги ҷисмонӣ (ихтисоси Педагог доир ба фарҳанги ҷисмонӣ), 2005.

8. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, 4 октябри соли 2011, № 480

9. Шарифзода Ф. Педагогика: педагогикаи инсонфар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2010. – 544 с.

**Сафаров Шодӣ, Бобоҷонов Муҳаммадмурод**

## МАЗМУНИ АЗХУДКУНИИ ВОСИТАҲОИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ АЗ ҶОНИБИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Дар мақола мазмуни азхудкунии воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳиммияти азхудкунӣ ва истифодаи воситаҳои миллии тарбияи ҷисмониро аз ҷониби омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ қайд карда, муаллиф таъкид менамояд, ки шиноскунии насли наврас бо фарҳанги халқи худ масъалаи муҳими тарбияи маънавию фисмонии донишҷӯён – омӯзгорони оянда, ташаккули мафкураи миллӣ ба шумор меравад.

Муаллиф зикр менамояд, ки ба фанҳои педагогӣ ва психологӣ вазифа доир ба азхудкунии низоми донишҳои инсон ҳамчун субъекти раванди таҳсилотӣ; хусусиятҳои инфиродии синну солӣ,

худтаҳсилкунӣ, худтарбиякунӣ ва худтатбиқкунӣ аз ҷониби омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ гузошта шудааст.

Хулоса карда мешавад, ки татбиқии мақсадноки шароити ташкилию педагогӣ ба азхудкунии воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо***: *мазмун, азхудкунӣ, воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ, омӯзгори оянда, тарбияи ҷисмонӣ, башардӯстӣ, педагогика, психология.*

**Сафаров Шоди, Furbodжонов**

## СОДЕРЖАНИЕ ОСВОЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ СРЕДСТВ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ БУДУЩИМИ УЧИТЕЛЯМИ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

В статье рассматривается содержание освоения национальных средств физического воспитания будущими учителями физического воспитания. Отмечая важность освоения и использования национальных средств физического воспитания будущими учителями физического воспитания, автор подчеркивает, что ознакомление подрастающего поколения с культурой своего народа является важным вопросом в нравственно – физическом воспитании студентов – будущих учителей, формирования национального менталитета.

Автор отмечает, что вывод, что на педагогические и психологические дисциплины возложено задача по освоению будущими учителями физической культуры системы знаний человека, как субъекта образовательного процесса; индивидуальных возрастных особенностей, самообразования, самовоспитания и самореализации.

Делается заключение, что целевая реализация организационно – педагогических условий способствует освоению национальных средств физического воспитания будущими учителями физического воспитания.

***Ключевые слова***: *содержание, освоение, национальные средства физического воспитания, будущий учитель, физическое воспитание, гуманизм, педагогика, психология.*

**Safarov Shodi, Bobojonov Muhammadmurod**

## CONTENT OF DEVELOPING NATIONAL MEANS OF PHYSICAL EDUCATION BY FUTURE TEACHERS OF PHYSICAL EDUCATION

The article discusses the content of the development of national means of physical education by future teachers of physical education. Noting the importance of mastering and using national means of physical education by future teachers of physical education, the author emphasizes that familiarizing the younger generation with the culture of their people is an important issue in the moral and physical education of students - future teachers, the formation of a national mentality.

It is concluded that the pedagogical and psychological disciplines are entrusted with the task of mastering physical culture by the future teachers of a person's knowledge system as a subject of the educational process; individual age features, self-education, self-education and self-realization.

It is concluded that the target implementation of organizational and pedagogical conditions contributes to the development of national means of physical education by future teachers of physical education.

***Keywords***: *content, obtaining, national means of physical education, a future teacher, humanism, pedagogies, psychology.*

**Сведения об авторах: Сафаров Шоди Асомуродович,** Ректор Таджикского института физического воспитания им. С. Рахимова, доктор педагогических наук, профессор

**Бободжонов Мухаммадмурод Шомахмадович**, старший преподаватель Института физической культуры Таджикистана им. С.Рахимова. Адрес: г. Душанбе. **E-mail:** bobojon_msh@gmail.ru. **Тел.:** +(992)903033727

**Information about the authors: Safarov Shodi Asomurodovich,** Rector of the Tajik physical culture institute after S. Rahimov, doctor of pedagogical sciences, professor

**Bobojonov Muhammadmurod Shomahmadovich**, senior teacher of the Institute of Physical Culture of Tajikistan after S.Rahimov. Address: c. Dushanbe. **E-mail:**bobojon_msh@gmail.ru. **Tel.:** +(992)903033727

**К. ГАДОЕВ**
**М. ИЛҲОМОВ**

# НАҚШИ КИТОБ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир аҳли башар зарурати рушди тафаккури эҷодии насли наврасро хуб дарк кардааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъкид менамояд, ки мо бояд пеш аз ҳама сифати таълиму тарбияро беҳтар намоем, то ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй бошем. Талаботи замони муосир тақозо менамояд, ки мо на танҳо ба дониш додани хонандагон, қавӣ гардонидани хотираи онҳо таваҷҷуҳ диҳем, балки тафаккури эҷодии хонандагонро рушд дода, тарзи фикрронии онҳоро тағйир диҳем. Боиси зикр аст, ки ин нукта мо омӯзгорон ва аҳли зиёро водор месозад, ки вобаста ба пайдо намудани роҳҳои рушду инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои таълимӣ дар ҷустуҷӯ бошем.

Мусаллам аст, ки масъала ва мавзӯи рушду инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон нав набуда, чандин сол аст, ки мавриди таҳқиқу омӯзиши илмҳои психология, педагогика ва методикаи таълим қарор гирифтааст. «Фаъолияти тафаккури эҷодӣ – ин шакли кори табии майнаи сар мебошад, ки хос ба ҳама инсонҳост. Вале, омилҳое вуҷуд доранд, ки дар шакли қолаб бо таъсироти иҷромоӣ ва низоми мавҷудаи таълиму тарбия сади роҳи он мегарданд» [9 с. 106].

Зери мафҳуми «эҷодкорӣ» равоншиносон қобилияти дар тафаккур аз сохторҳои одатӣ берун рафтан, корҳои якнавохту якрангро рад кардан, ба зудӣ ҳал намудани ягон ҳолат, пешниҳоди ягон идеяи нав ва амсоли инҳоро мефаҳманд [9 с. 106].

Дар психологияи мамлакатҳои хориҷ ба мафҳуми «эҷодкорӣ», мафҳуми «креативӣ» (аз калимаи англисии creative) рост омада, онро соли 1950 психологи амрикоӣ Ҷ. Голфорд ба илми психология ворид намудааст. Мухатасиси шӯравӣ А.Н. Лук бошад, махсусиятҳои зерини шахсони тафаккури эҷодидоштаро қайд менамояд: миёни маҷмӯи маълумотҳои гуногуну зиёд пайдо карда тавонистани қарори дуруст бароварда тавонад, тавассути маълумоти дигар ҷониб пайдо кардани идея [6, с. 3].

Ҷараёни таълим ва омӯзонидани ҳама гуна фанҳои таълимӣ метавонад дар ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон нақши муҳим бозад. Ҷараёни таълими замони муосир дар навбати худ дорои як қатор воситаҳо мебошад, ки яке аз воситаҳои асосии таълим ин китобҳои дарсӣ ба шумор меравад. Маврид ба ёдоварист, ки дар замони Шӯравӣ китобҳои дарсӣ аз ҷониби муассисаҳои марказии таълимӣ дар Россия навишта, тарҷума ва нашр шуда, баъдан ба мардуми мо дастрас мегардиданд. Имрӯзҳо ба шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мардуми тоҷик имкон пайдо намудааст, ки худ мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсиро тибқи талаботҳои стандартҳои давлатӣ, консепсияи миллии маълумот, консепсияи милли тарбия ва хусусиятҳои хоси миллӣ тартиб дода ва ба нашр расонад.

Дар ҷаҳон оид ба тарзи навишт ва нашри китобҳои дарсӣ таҷрибаҳои зиёде мавҷуданд. Олимон ва нобиғаҳои тоҷик низ дар таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол менамоянд. Ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ба масъалаи ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон бошад, диққати махсус дода мешуд.

Ҳанӯз дар солҳои 1620-ум файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт навишта буд: «Барои ҷустуҷӯи ҳақиқат метод лозим аст» вай бори нахуст қоидаҳоеро фикр карда баровард, ки ба инсон дар ҳалли проблемаҳои илмӣ мадад мерасониданд. Дар асри XX коркард кардани методҳои ҳалли ҳолатҳои проблемавӣ идома ёфт. Дар натиҷа методҳо ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои техникӣ, усулҳои эҷоди адабиёти бадеӣ ба вуҷуд омаданд. Таҳқиқи мо, ки ба масъалаи ташаккули тафаккури эҷодии хонандагон равона гаштааст, мехостем яке аз методҳоеро, ки ба масъалаи мазкур зич алоқаманд мебошад, мисол оварда, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Синетика – (синетика калимаи юнонӣ буда, маъноаш муттаҳид намудани элементҳои гуногун) яке аз усулҳои рушддиҳандаи тафаккури эҷодӣ мебошад. Идеяи синетика аз муттаҳид намудани эҷодкорони алоҳида дар гурӯҳи ягона барои ба миён гузоштани ҳалли масъалаи мушаххаси эҷодӣ иборат аст, шӯҳрати махсусро касб карданд.

Ҳамин тавр, бештари муаллифон мувофиқ ҳастанд, ки дар раванди тафаккури эҷодӣ ҳалли бошуурона нақши муҳим дорад. Нақшаҳои мухталифи супоришҳои эҷодӣ пешниҳод гардидаанд, вале бештари муаллифон ба ин назаранд, ки дар раванди чунин ҳолат роҳи бошуурона ва ҳалли роҳи бешуурона ҷой доранд. Яъне, дар марҳилаҳои гуногуни ҳалли проблема нақши пешбар аз як сохтор ба сохтори дигар мегузарад.

Дар заминаи омӯзиши ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон, имконияти ташкили таълими тафриқавӣ ба даст овардан мумкин аст, ки ин яке аз усулҳои нав ва прогрессивии таълим мебошад.

Дар баробари ин, зинаҳои инкишофи тафаккурро муайян карда, мо метавонем ба самара ва сифати протсесси таълимӣ баҳои объективӣ диҳем, зеро мақсади ҳар як таълим – ин ба даст овардани инкишофи қобилияти фикрӣ ва эҷодии хонандагон мебошад. Ҳамин тавр, ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонанда яке аз вазифаҳои муҳими таълиму тарбия ба ҳисоб рафта, воситаҳои таълим бошанд, ба мисли китобҳои дарсӣ мебояд ҳиссагузори инкишофи тафаккури эҷодии хонанда бошанд.

Боиси тазаккур аст, ки мувофиқи дастовардҳои навтарини илм таъғйиру такмили мазмуни таълим яке аз талаботҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф буда, бо роҳи нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ - методии мувофиқ истифодаи методу воситаҳои замонавӣ амалӣ гадонида мешавад. Дар рафти дарсҳо сӯҳбат бо омӯзгорон, кор бо китобҳои дарсӣ, хонандагон ба низоми муайяни донишҳо соҳиб мешаванд. Яке аз лаҳзаҳои муҳими ин тараққиёт дараҷа ва хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон мебошад, ки бо қонуниятҳои ҷараёнгирии амалҳои фикрӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда мешаванд.

Дар айни замон равшан аст, ки омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарсҳо ва интихоби методу усулҳои таълим бояд дараҷаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагонро ба назар гирад. Вай баробари муайян намудану ба эътибор гирифтани дараҷаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон на танҳо дар бораи имкониятҳои ақлии онҳо, балки оиди хусусиятҳои диққату хотири мактаббачаҳо тасаввурот ҳосил менамояд.

Дар ҳолати ошкор гардидани баъзе норасогиҳои тафаккурӣ муаллим бо мақсади бартараф намудани он бояд фавран чораҳои зарурӣ андешад. Илова бар ин, барои ислоҳи камбудии ҷойдошта маслиҳатҳои асоснок дода тавонад.

Андешаи олими рус Блонский П.П. дар ин самт чунинаст, ки мегуяд: «Мунтазам санҷида истодани дараҷаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон ба воситаи китобҳои дарсӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ба сифати азхудкунии материали таълимӣ бештар таъсир расонида тавонанд. Бо назардошти чунин сабаб кор карда баромадани методу усулҳои муайян намудани дараҷаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагони синну соли гуногун дар ҷараёни таълим аҳамияти калон пайдо мекунад» [2, с. 112].

Роҷеъ ба ин масъала бояд як нуқтаеро қайд кард, ки суръати баланди инкишофи илму техника моро водор менамояд, ки дар хонанда дараҷаи баланди инкишофи тафаккурро пайдо намоем. Дараҷаи баланди инкишофи тафаккур ба шахс имкон медиҳад, ки мустақилона техникаи нави пайдошударо аз худ намуда, дар фаъолияти кори худ истифода бурда, онро боз ҳам хубтар сайқал диҳад.

Воситаи асосии ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон ин пеш аз ҳама таълим мебошад. Дар навбати худ, таълим низ воситаҳои гуногуни худро дорост. Агар яке аз воситаи асосии ҷараёни таълим – ин муаллим ва маҳорати касбии ӯ бошад, воситаи дигари муҳими ҷараёни таълим – ин китоби дарсӣ ба ҳисоб меравад.

Метавон гуфт, ки китоби дарсӣ барои муаллим ва шогирдон роҳнамои асосие буда, мазмун ва мундариҷаи ҷараёни дарсро муайян месозад.

Дар хусуси ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон дар ҷараёни таълим фикру ақидаҳои гуногуни олимони соҳаи равоншиносӣ ва педагогӣ мавҷуданд, ки бештари онҳо ташаккул ва инкишофи тафаккурро ба мазмун ва мундариҷаи таълим

алоқаманд меҳисобанд. Дар баробари ин, равоншиноси машҳури Ғарб Жан Пиаже ақидаи муқобилро тарафдорӣ менамояд.

Ба гуфтаи ӯ таълим ва воситаҳои он дар инкишофи тафаккури эҷодии хонанда нақши муҳимро намебозанд. Инкишофи тафаккури эҷодии хонанда фақат ба омилҳои биологӣ, яъне генаҳо вобаста буда, бо мурури замон, дар синнусоли муайян дараҷаҳои баландтари тафаккур зоҳир мегарданд.

Ҳамин тавр, Ж.Пиаже тафаккурро пешбарандаи таълим меҳисобад, яъне таълим бояд аз паси инкишофи тафаккур амал намояд. Ба ақидаи Ж.Пиаже психологи машҳури рус Л.С. Виготский зид баромада, қайд менамояд, ки тавассути таълим хонанда минтақаҳои наздиктарини инкишофи тафаккури худро дастрас карда метавонанд [10, с. 92]. Дар тадқиқи масъалаи алоқаи таълим ва инкишофи тафаккур Л.С. Виготский саҳми калон гузоштааст. Ӯ қайд карда буд, ки дар ташаккул ва инкишофи тафаккур китоб аҳамияти бағоят калон дорад.

Нуқтаи назари олим аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ӯ гуфта буд, ки таълим бояд инкишофи тафаккури хонандаро ба воситаи китобҳои хонишӣ тезонда, аз қафои худ барад ва ба қонуниятҳои инкишофи тафаккури хонанда мутобиқ нашавад. Таълимро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки вай ба инкишофи вазифаҳои олии психикӣ, тафаккури мантиқӣ, хотираи маъногӣ, хаёли эҷодӣ ва иродаи устувору мақсадноки хонанда мусоидат намояд.

Дар шароити имрӯза нуқтаи назар ва консепсияи назариявӣ дар тадқиқотҳои олимони соҳа В.В. Давидов, П.Я. Галперин, Н.А. Менчинская, Д.Б. Элконин, Б.М. Матюшкин, Ш.А. Амонашвили ва чанде дигарон аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ инкишоф дода шудаанд.

Аслан эҷодкорӣ – ин сохтани чизи наву зебо дар муқобили вайронкорӣ, фаъолияти қолабӣ, сухани забонзада, сустӣ ва дар қафомондагӣ қарор доштан буда, зиндагиро гуворо ва лабрези нишот мегардонад, талабот ба донишу кору андешаро ангезиш мебахшад ва инсонро ба фазои ҷустуҷӯи доимӣ ворид менамояд [3, с. 54].

Ба андешаи олими рус А.В. Запорожец ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодӣ - ин раванди олии маърифат буда, ба кашфи хусусиятҳою аломатҳои умумӣ ва муҳими ашёҳою ҳодисаҳо ва робитаҳои қонунии психологӣ равона гардидааст [4, с. 86].

Солҳои охир проблемаи таълими ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон диққати олимони мамолики дунёро ба худ ҷалб намудааст. Ҳамин буд, ки проблемаи таълим ва инкишофи тафаккури эҷодӣ дар маркази диққати роҳбарони ҳамаи давлатҳо қарор дорад. Олимони соҳа якчанд зинаҳои инкишофи тафаккури эҷодии хонандагонро ба воситаи китобҳои дарсӣ муайян карда, бо ҳамин васила ба хулосае омаданд, ки зинаҳои икишофи тафаккур новобаста ба таъсири малакаҳои кори таълим тағйир меёбанд.

Дар ин асос зинаҳои инкишофи тафаккури эҷодии хонандаро олимон Пиаже ва Инелдер чунин номгӯзорӣ намуданд:

1) зинаи сенсорию ҳаракатӣ,

2) зинаи иҷрои амалҳои мушаххас,

3) зинаи иҷрои амалҳои формалӣ ё амалҳои рӯякӣ.

Мувофиқи ақидаи олимони мазкур қонуниятҳои инкишофи тафаккур ба характери таълим вобаста нест. Таълим аз паси инкишофи тафаккур ҳаракат мекунад ва дар ин самт бояд таълим ба қонуниятҳои инкишофи тафаккур мутобиқ шавад.

Дигар равоншиносон саҳми пешбаранда доштани фаъолияти таълимиро дар инкишофи тафаккури эҷодии хонадагон ва зудфаҳм будани китобҳои дарсӣ эътироф мекунанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки дар ҷараёни таълим имконоти инкишофи тафаккури эҷодӣ тавассути воситаҳои аёнӣ: китоб, дафтар, таблитсаҳо, диаграммаҳо, схемаҳо ва ғайра зиёд мешавад.

Равоншиносони Шӯравӣ бошанд, дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон китобро фаъолияти пешбаранда нишон дода, таълим ва инкишофи тафаккурро дар ягонагии диалектикӣ дида баромадаанд.

Ҳамин ақида ва нуқтаи назар дар асарҳои олимон Н.А. Менчинская, Л.И. Божович, Л.В. Занков ва дигарон таҷасум ёфтаанд.

Дар тадқиқотҳои илмии В.В. Давидов ва Д.Б. Элконин меъёрҳои инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон мавриди омӯзиш ва баҳс қарор гирифтаанд. Онҳо нишон доданд, ки инкишофи фикрии хонандагон ҳамон вақт ба сатҳи баланд мерасад, ки агар дар назди онҳо вазифаи аниқи тарзҳои иҷрои амалҳои худназоратнамоӣ ва худбаҳодиҳӣ гузошта шавад.

Ҳар як фаъолияте, ки хонандагон дар таҳти роҳбарии омӯзгор ба сомон мерасонанд аз унсурҳои зерин таркиб меёбанд:

- Мароми таълим чунин маъно дорад, ки барои чӣ ва бо кадом мақсад ин ё он фаъолият иҷро карда мешавад;

- Мақсади фаъолияти талимӣ ба он равона карда шудааст, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ чӣ бояд ҳосил шавад ва ё ба кадом натиҷа расидан мумкин аст;

- Тарзи иҷрои амалҳо барои ба даст овардани маҳсули муайян нигаронида шудааст;

- Объекти фаъолияти таълимӣ ҳамон маводест, ки дар ҷараёни тағйир додани он ба натиҷаҳои дилхоҳ соҳиб шудан мумкин аст.

Навовариҳои психологӣ ба фаъолии хонанда алоқаи зич дошта, ин ё он маводи таълимиро хонанда ба таври гуногун аз худ мекунанд.

Барои сермаҳсул ва пурсамар шудани фаъолияти таълимӣ шароитҳои педагогӣ ва сатҳи инкишофи психикии хонандагонро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Дар муайян намудани мазмун ва мундариҷаи таълим, ки боиси ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон мегардад, нақши китобҳои ҷойи махсусро мегиранд.

Ҳамаи дастовардҳои олимони номбаршуда бояд дар ҷараёни навиштани китобҳои дарсӣ ба инобат гирифта шаванд. Агар ин дастовардҳои равоншиносони машҳур дар мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ҷой дода нашаванд, пасон ба талаботи имрӯзаи ҳаёт ҷавобгӯ нахоҳанд буд.

Хулоса, китобҳои дарсӣ бояд дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, навишта шуда ба чоп расонида шаванду тафаккури эҷодии хонандаро инкишоф диҳанд. Дар ҷараёни таълим китобҳои дарсӣ то кадом андоза боиси инкишофи тафаккури хонандагон мешаванд – мақсади асосии мақолаи мазкур аст.

Мақсади навиштани мақолаю маҷаллаҳои даврӣ доир ба ин самт дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки баъзе аз китобҳои дарсии ба нашр расондашуда имконияти инкишофи тафаккури назариявии хонандаро надорад. Сабаби имконияти маҳдуди китобҳои дарсии ба нашррасида, дар он зоҳир мегардад, ки баъзе муаллифон аз дастовардҳои навтарини илм огоҳ нестанд. Муаллифон танҳо бо мақсади додани ахбороти умумӣ ва донишҳои мушаххас китобҳои дарсиро навишта ба нашр мерасонанд.

Китобҳои дарсӣ бояд аз лиҳози илмӣ-мантиқӣ содда буда, ба инкишофи тафаккури хонанда мусоидат намояд. Мутаасифона имрӯз китобҳои ба нашр мерасанд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯӣ набуда, ба хонандагон низ барои аз худ намудани донишҳои зарурӣ монеа эҷод мекунанд. Мебояд муалифон аз дастовардҳои навтарини илм огоҳ шуда, мувофиқ ба он китобҳои дарсиро навишта ба нашр расонанд.

## АДАБИЁТ:

1. Амонов Н. К. Таълим ва дараҷаи инкишофи тафаккури мактаббачагон / Н. К. Амонов // Мактаби советӣ. – 1988. – № 6. – С. 14-18.
2. Блонский П.П. Психология младшего школьника. Учебник / П.П. Блонский – М: Изд-во МОДЭК, МПСИ, 2006. – 631 с.
3. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте Книга для учителя / Л.С Выготский – М.: 3 Изд-тво Просвещение, 1991. – 93 с.
4. Запорожец А.В. Избранные психологические труды. В 2-х т. Т I. Психическое развитие ребенка. / А.В. Запорожец. – М: Изд-тво Педагогика, 1986. – 323 с.
5. Зеньковский В.В. Психология детства. / В.В. Зеньковский. – М.,1996 – 346 с.
6. Лук А.Н. «Мышление и творчество». М.: Издательство политической литературы, 1976. 144 с.
7. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллозода.- Душанбе, 2015.- 126 с.

8. Педагогика: Учебное пособие для студентов пед. Институтов // Бабанский Ю.К., Сластенин В.А., Сорокин Н.А. и др., под ред. Бабанского Ю.К. 2-е издание, доп. и перераб. – М.: Просвещение, 1988. – 479 с.
9. Першина К.В. Условия развития творческого мышления // Вестник науки и образования. 2019. №2-1 (56). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/usloviya-razvitiya-tvorcheskogo-myshleniya (Санаи истифода: 19.01.2020).
10. Пиаже Ж. Избранные психологические произведения. – М.: Просвещение, 1998. – 659 с.
11. Умаров У.С. Кори мустақилонаи хонандагон бо китобдар низоми кредитии таҳсилот (Дастури методӣ) / У.С.Умаров. – Душанбе: ДДОТ, 2013-54с.
12. Чинар Халил. Ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон тавассути бозиҳои дидактикӣ дар таълими физика / Халил Чинар, У.С. Умаров, Ҳ. Маҷидов // «Маводи конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалии дидактикӣ дар таълими физика». – Душанбе: Сифат, 2016. – С.367-369.
13. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф.Шарифзода – Душанбе: Ирфон, 2010. – 543 с.

**Гадоев К., Илҳомов М.**

## НАҚШИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Муаллиф дар мақола оид ба нақши китоби дарсӣ дар ташаккул ва инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон ибрози ақида намуда, зарурияти ҳалли мавзӯъ дар шароити мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида намуда, қайд менмояд, ки дуруст ба роҳ мондани таълими ба воситаи китобҳои дарсӣ дар замони кунунӣ чи дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва чи дар макотиби олӣ шарт ва зарур аст, чунки замони муосир тақозо менамояд, ки мо на танҳо хотира, балки тафаккури эҷодии хонандагонро бояд ба кулли ба воситаи китобҳои дарсӣ инкишоф диҳем.
Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нуқтаи назари умумиро дар асоси таҳлили афкору ақидаҳое, ки дар вақтҳои гуногун муҳаққиқони соҳа доир ба навиштан ва нашр намудани китобҳои дарсӣ, моҳият ва нақши китоб дар раванди дарсро иброз баён намояд.
**Калидвожаҳо:** *китоб, таълим, эҷодиёт, тафаккури эҷодӣ, инкишоф, зеҳният, эҷодгарӣ, супориши эҷодӣ, мазмун.*

**Гадоев К., Илхомов М.**

## РОЛЬ УЧЕБНИКОВ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

Автор описывает роль учебника в формировании и развитии мышления читателей и в связи с этим рассматривает необходимость решения ситуации в средних школах Республики Таджикистан, отмечает, что необходимо разработать учебники в сооответствии с требованиями образования, так как нынешнее время требует от нас не только развитие памяти, но и творческого мышления учащихся на всеи протяжении учебного процесса и в процессе развития мышления учащихся роль учебников велика.
Автор стремиля выработать общую точку зрения на основе анализа мнений и представлений, высказанных различными исследователями при написании и публикации учебников, касающихся общего образования Республики Таджикистан с точки зрения сущности и роли учебников.
**Ключевые слова:** *книга, обучения, творчество, творческое мышление, развитие, мышление, творить, творческие задачи, значение.*

**Gadoev K. Ilhomov M.**

## THE ROLE OF TEXTBOOKS IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF CREATIVE THINKING OF STUDENTS

The author describes the role of the textbook in the formation and development of readers' minds and should consider the need to address the situation in secondary schools of the Republic of Tajikistan. It is necessary to prepare textbooks at the modern level of secondary education and in secondary schools, as

modern times require us not only to remember, but also the creative thinking of students throughout the textbooks to develop. In the process of development and development of consciousness of readers, the role of textbooks is great, because they say:" People from the book have similarities with a person who cannot see himself without a mirror."

The author seeks to develop a common point of view based on the analysis of opinions and ideas expressed by various researchers in the writing and publication of textbooks on General education of the Republic of Tajikistan, in terms of the nature and role of the book in the study, he said.

**Keywords:** *book, teaching, creativity, creative thinking, development, thinking, create, creative tasks, meaning.*

**Сведения об авторах: Гадоев Каримджон Хайруллоевич -** к.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, **Моб. тел.:** (+992) 98 76 79 400, **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6, **Эл. почта:** gkarimjon@mail.ru

**Илхомов Муродхусайн Исломович -** старший преподаватель кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, **Моб. тел.:** (+992) 905 44 44 53, **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6, **Эл. почта:** murodhusain-4444@mail.ru

**Information about the authors: Gadoev Karimjon Khairulloevich -** PhD (*Pedagogical Science*), docent, head of the department of teaching methods of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, **Mob. Phone:** (+992) 98 76 79 400, **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6, **E-mail:** gkarimjon@mail.ru

**Ilkhomov Murodkhusain Islomovich -** senior lecturer of the Department of pedagogy and psychology of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, **Mob. Phone:** (+992) 905 44 44 53, **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6, **E-mail:** murodhusain-4444@mail.ru

**Ф. ГУЛМАДОВ**
**Б. АКБАРОВА**

# ТАТБИҚИ ҒОЯҲОИ ТАШАККУЛИ ЭЪТИҚОДИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ КАЛОНИ МАКТАБӢ ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ МАВОДИ МАҲАЛЛӢ АЗ ХИМИЯ

Дар шароити кунунӣ вазифаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат аст, ки хонандагонро бо донишҳои илмии барои ҷомеа зарурӣ таъмин сохта, қобилият, малакаҳои мустақилона ба даст овардани дониш ва маҳорати истифодаи онҳоро дар амал рушд диҳад. Яке аз роҳҳо ва василаи ҳалли ин вазифаҳо рушди мустақилонаи кор бо истифодаи маводи маҳаллӣ аз химия мебошад.

Муҳтавои истифодаи маводи маҳаллӣ аз химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз роҳҳои дар хонандагон ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ба халқ, омодагӣ ба ҳимояи Ватан, эҳтиёт ва ҳифзи табиати он мебошанд. Дар раванди таълими химия ва шиносоӣ бо маводи маҳаллӣ хонандагон бо дастовардҳои илмӣ ва технологии олимон ва муҳандисони соҳаи химия дар ҷумҳурӣ ошно мешаванд, ки ин ба ташаккули ҷаҳонбинии онҳо таъсири мусбат расонида метавонад.

Иштироки фаъол дар чорабиниҳои берунасинфӣ ва истифодаи дурусти маводи маҳаллӣ ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ карда, онҳоро бо вазъи воқеии рушди муосири маҳал ошно сохта, ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба шаҳр ва деҳи худро ташаккул медиҳад. Шиносоӣ бо маводи маҳаллӣ аз химия воситае мебошанд, ки шахсияти хонандагонро ташаккул дода, дониш, эҳсосот, фарҳанги рафтор, ягонагии сухан ва амалро таъмин менамояд.

Шиносоӣ бо маводи маҳаллӣ оид ба ҳифзи табиат ба ташаккули донишҳои амиқ дар бораи табиат, канданиҳои фоиданок, иқтисодиёт, фарҳанг, ҳаёти иҷтимоӣ, ҳолати кунунии сарзамин, илм ва инчунин ба тарбияи сифатҳои мусбати рафтори хонандагон мусоидат мекунанд.

Муҳаққиқ С. Холназаров дуруст қайд менамояд, ки «Дар раванди таълим истифодаи суҳбатҳо ва мубоҳисаҳо, эҷоди ҳолатҳое, ки хонандагон мустақилона дар он ягон чизро исбот ё рад мекунанд, далелҳоро таҳлил мекунанд, ҳамаи ин ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, мустақилият ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунад. Агар омӯзгор дар асоси маводи кишваршиносӣ маълумот диҳад, ҳамеша дар хонандагон сифатҳои мусбиро ташаккул дода метавонад. Ин аз бисёр ҷиҳат аз фаъолияти омӯзгор дар дарс, тарзи робита бо хонандагон, истифодаи мавод дар бораи ватани худ ва гузаронидани машғулиятҳо барои мустаҳкам кардани донишҳо оид ба ҳифзи табиати маҳал вобаста мебошад» [13, с. 72]. Ин гуфтаҳо дар раванди корҳои берунасинфӣ ҳангоми шиносоӣ бо маводи маҳаллӣ аз химия боз ҳам мустаҳкам карда мешаванд.

Маводи маҳаллӣ оид ба табиат бо назардошти имкониятҳои тарбиявии он дар якҷоягӣ бо кори муштараки хонандагон интихоб карда мешаванд. Ин маводро ҳангоми экскурсияҳо, сафарҳо, сипас дар маҷмӯаҳое ҷамъ овардан мумкин аст, ки мақсади пешниҳоди маълумоти муҳимро дар бораи кишвар ва маҳал доранд.

Р.С. Аванесов фаъолияти хонандагонро оид ба омӯзиши кишвари худ яке аз воситаҳои муҳими тарбия меҳисобад. Ташкили гӯшаи кишваршиносии мактабӣ, кабинети кишваршиносӣ, ташкили лавҳаи собиқадорони меҳнат ва бисёр дигар навгониҳо дар тарбияи ватандӯстии хонандагонро муҳим арзёбӣ кардааст. Агар хонандагон ҳарчи бештар оид ба кишвар, Ватани худ маълумот пайдо кунанд, ҳамон қадар меҳру муҳаббатионҳо ба Ватан зиёдтар мегардад, таъкид намудааст муҳаққиқ Ҳамзамон ӯ ҳаҷми муайяни маводи маҳаллиро муайян намуда, воситаҳои методию муҳиммияти онро дар тарбияи идеявӣ-ахлоқии хонандагон кушода додаст [1, с.8].

Бояд зикр намуд, ки вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки вобаста ба талаботи воқеии замони ҳозира ҳам ба ҷанбаи мантиқии таълим диққат диҳад, яъне зеҳни хонандаро инкишоф диҳад ва дар ҳамин асос ба рушди ахлоқии тарбиятгирандагон низ аҳамият диҳад, ки ин минбаъд сабаби маърифатнокӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мегардад. Бинобар ин, ҳадафи тарбияи ахлоқӣ ахлоқӣ аз як тараф риояи

меъёрҳои ахлоқӣ бошад, аз тарафи дигар таҷассуми эҷодкорӣ ва ҳиссагузори дар рушди ҷомеа низ мебошад. Дар таълими химия мо метавонем ба ҳадафи худ бирасем, агар мо ба он ноил шавем, ки ҳиссиёт ва дониши муайяни хонандагон ба меъёрҳои ахлоқии онҳо табдил ёбанд.

Дар ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагони синни калони мактабӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ худи мазмуни курси химия кумак мекунад, ки дар он се нуктаи асосиро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ мебошад:

– моҳияти инондӯстонаи илми химия;

– мутобиқати амалҳои маънавии олимон бо ғояҳои башардӯстонаи инсоният;

– қаноатмандӣ аз сарватҳои табиӣ зимни истифода аз маводи маҳаллӣ.

Ҳоло дар китоби дарсии синфи 8 дар мавзӯи «Рушди илми химия» маълумоти мушаххас дар бораи аввалин олимони химияи Осиёи Марказӣ: Ҷабир ибни Ҳайян (721–815), Абу Бакри Розӣ (865–925), Абӯалӣ ибни Сино (980–1037) ва дигарон ҷой дода шудааст.

Омӯзгори химия ҳамзамон асарҳои илмии мутафаккирони маъруф, аз қабили Ал-Берунӣ, ал-Форобӣ, Абдуллоҳ Нотилӣ ва дигаронро, ки асарҳояшон ба кашфи қонунҳои табиат бахшида шудаанд, ба хонандагон шинос менамояд.

Муҳтавои курси химия усулҳо ва таърихи он, истифодаи маводи ҳифзи табиат, шакли муҳим дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, халқ ва табиати ватани худ мебошанд.

Тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон кори бисёрҷонибаест, ки татбиқи тадриҷиро талаб мекунад. Ин кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарзу усулҳои гуногун сурат мегирад.

Вазъи тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими химия ва бо истифода аз маводи маҳаллӣ аз ҷониби мо дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоби Вилояти Хатлон омӯхта шуд. Мо роҳу василаҳои нави ташаккули эътимаънавӣ-ахлоқии хонандагонро тавассути истифодаи маводи маҳаллӣ пайдо кардем. Мо кори тадқиқотии худро бо омӯзиши адабиёти дахлдор, гузарондани назарсанҷиҳои шифоҳӣ ва хаттӣ оғоз кардем. Барои ҷамъбасти омӯзиши ин масъала ва муайян кардани масъалаҳои мавҷудаи таҳқиқот мо дар муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанни химияю биология, заминаҳои моддӣ-техникии таълимгоҳҳо, нақшаҳои тақвимӣ ва тарбиявии омӯзгорон, корҳои эҷодии хонандагон шинос шудем. Ҳамзамон бо омӯзгорону хонандагон суҳбату вохӯриҳо доир намудем. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар самти тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, аммо масъалаи тарбияи инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ, эътиқоди маънавӣ-ахлоқӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Хонандагон дар бораи дастовардҳои илм ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кашфиётҳои олимони ватанӣ маълумоти мушаххас надоранд. Онҳо ҳамчунин аз зиндагӣ ва фаъолияти олимону омӯзгорони соҳибтаҷрибаи тоҷик огоҳии кам доранд. Хонандагон химияро бо амалия ва ҳаёт пайваст карда наметавонанд. Сабабҳои асосии ин мушкилот, ба назари мо чун мебошанд:

– кор оид ба тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон вобаста ба таълими химия бо истифода аз маводи маҳаллӣ суст ба роҳ монда шудааст. Гузашта аз ин, дар бобҳои китобҳои дарсӣ маводи маҳаллӣ хеле кам мавҷуд аст;

– баъзе омӯзгорон аз таҷрибаи бисёрсолаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пешрафтаи ҷумҳурӣ дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва башардӯстӣ дар байни хонандагон бо истифода аз маводи ҳифзи табиат кор бурда наметавонанд;

– дар китобҳои дарсии химия маводи зарурӣ дар бораи рушди илму техника, технологияи ватанӣ, имконияти ғояҳои тарбияи ҳисси ифтихори миллию хештаншиносӣ дар байни хонандагон кам буда, омӯзгорон ба дастурҳои иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аҳамият ва омӯзиши саривақтии масъалаи тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагонро дар раванди таълими химия ва корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон дода, зарурати таҳияи усулҳои муосирро барои тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии тарбиягирандагон тасдиқ мекунад. Барои ба ҳадафҳои зикргардида ноил шудан, мо дар рафти таҳқиқот корҳои зеринро анҷом додем:

– бо мақсади ташаккули эътимаънавӣ-ахлоқии хонандагон китобҳои дарсии химия, адабиёти методӣ ва даврӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд;

– маводи иловагии таълим оид ба масъалаҳои тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими химия бо истифодаи маводи ҳифзи табиат муайян карда шуда, ҳаҷм ва мазмуни он аниқ карда шуда, мавод ба бобҳои алоҳидаи курси химия тақсим карда шуд;

– роҳу усулҳо ва методҳои татбиқи масъалаи тарбияи эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими химия бо истифода аз маводи маҳаллӣ муайян карда шуд.

Бояд зикр намуд, ки симои маънавии омӯзгор талаб мекунад, худи ӯ бояд дорои чунин сифатҳои ахлоқие бошад, ки да рафтору кирдори худи ӯ таҷассум ёбад. Тавассути амалҳои худ омӯзгор бояд барои хонандагон намунаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ бошад ва тамоми донишу малакаи худро барои пешрафти кишвар равона сохта, барои ҳамаи хонандагон намунаи воқеӣ гардад.

Мазмуни курси химияи мактабӣ талаб мекунад, ки хонандагон дар раванди таълим дар бораи рушди мамлакати худ, технологияҳои ҷаҳонӣ, кашфиётҳои олимону муҳандисон, технологҳо, дастовардҳои ҷумҳурии худ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ маълумот гиранд. Хонандагоне, ки дар бораи дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои саноат, автоматикунонии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, истифодаи неругоҳҳои барқӣ маълумоти пурарзиш мегиранд, эҳсоси ифтихор аз ватани худ – Тоҷикистон, ҳисси ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ инкишоф меёбанд.

Имкониятҳои васеъро барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ чорабиниҳои беруназсинфӣ фароҳам меоранд. Мо намудҳои машғулиятҳои беруназсинфиеро нишон медиҳем, ки дар раванди онҳо дар хонандагон ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро бо истифода аз маводи маҳаллӣ тарбия кардан мумкин аст.

Ба назари мо, ҳамаи масъалаҳое, ки дар доираи фанни химия баррасӣ мешаванд, аз ҷумла нашри рӯзномаҳои деворӣ, бюллетенҳо, плакатҳо, расмҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавзӯи «Рушди илму технологияи химиявӣ» ва «Химия дар ҳаёт, саноат, кишоварзӣ ва ҳаёти рӯзмарра» ба тарбияи ҳисси эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон ва рушди шавқи илмдӯстии онҳо мусоидат мекунанд. Гузаронидани суҳбатҳо, суханрониҳо, ташкил ва баргузории шабнишиниҳо, конференсияҳо, корҳои беруназсинфӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ ба тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии хонандагон мусоидат мекунанд.

Бояд қайд кард, ки роҳҳои ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон тавассути фанни химия ва истифодаи маводи маҳаллӣ гуногун мебошад, ки дар зер як қисми онҳо оварда мешавад:

1. Ташкили викторинаҳо оид ба химия мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар викторинаҳо масъалаҳоро дар бораи илми химия, технологияи ватанӣ, ҳаёт ва фаъолияти олимони ватанӣ, химикҳо, қаҳрамонони халқи тоҷик баррасӣ кардан мумкин аст.

2. Назорати донишазхудкунӣ ва корҳои беруназсинфӣ доир ба химия роҳи дигари ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад. Хонандагон адабиёти илмӣ-оммавӣ ва матбуоти davriро дар бораи тараққиёти илми химия, ҳаёт ва фаъолияти олимони гузашта ва ҳозираи ҷумҳурӣ, таърихи илм ва ғайра мутолиа мекунанд ва дар бораи дастоварду кашфиётҳои олимон ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва хоҷагии халқ оид маълумоти муҳимро ба даст меоранд.

3. Навиштани маърӯзаҳо ва эссе аз ҷониби хонандагон. Хонандагон дар асоси донишҳои аз фанни химия ба даст оварда ва мушоҳидаҳояшон оид ба маводи маҳаллӣ аз химия ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти инсон эссе, реферат ва маърӯза тайёр менамоянд. Дар ин маврид омӯзгор бояд ба хонандагон ҳамеша кумак расонад, то ки онҳо дар баромадҳои худ маълумоти муҳимми илмиро инъикос карда, ба масъалаҳои рушди саноати химия, истифодаи химия дар соҳаи кишоварзӣ ва нақши химия дар баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ равшанӣ андозанд.

4. Ташкили намоишҳо. Ташкили намоишҳо ва ба намоиш гузоштани маҳсули меҳнати худ яке аз роҳҳои ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки дар тӯли сол химикҳои ҷавон дар озмоишгоҳияи химиявӣ амсилаҳо, таҷҳизот, плакатҳо, корҳои графикӣ, расмҳо, албомҳо, рефератҳо ва

баромадҳоро тайёр мекунанд. Одатан дар охири сол ин корҳо дар намоишгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намоиш дода мешаванд. Ба намоиш гузоштаи нигораҳо, дастовардҳои илмӣ оид ба химия, саноати химия ва ғайраҳо ба ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон таъсири мусбат расонида, ҳисси ватандӯстию хештаншиносии онҳоро бедор месозад.

5. Баргузории санаҳои муҳими таърихӣ ва суҳбату вохӯриҳо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба химия. Яке аз роҳҳои ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон ин баргузории санаҳои таърихӣ, суҳбату вохӯриҳо бо олимон ва технологҳо, бо кормандони фарҳанг ва санъат, қаҳрамонони меҳнат мебошад, ки ин ба ҳукми анъана табдил ёфтааст. Гузаронидани ин чорабиниҳо дар тарбияи ватандӯстию хештаншиносии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

6. Ҷалби хонандагон ба шунидани барномаҳои радиои ҷумҳуриявӣ ва тамошои барномаҳои телевизион оид ба дастовардҳои илми химия дар пешрафти иқтисоди миллии кишвар мебошад. Ба амал баровардани ин мақсад бе шубҳа ба ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон таъсири созгор расонида метавонад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷалби хонандагон ба шунидани барномаҳои радио ва тамошои барномаҳои телевизиони миллӣ дар онҳо хислатҳои мусбиро тарбия менамояд. Барномаҳои телевизион ва радио оид ба химия, ки мазмуни илмӣ доранд, дар ташаккули шахсияти хонандагон ҳамчун инсони ватандӯсту худшинос нақши бузург доранд.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз роҳҳои ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ташгкили маҳфилҳои мактабӣ оид ба химия мебошад. Барои тасдиқи фикр таҷрибаи ташкили маҳфили мактабиро оид ба химия дар муассисаи таҳсилоти умумии №1-и шаҳри Кӯлоб мисол овардан мумкин аст. Дар муассисаи таълимии мазкур маҳфили «Химикони ҷавон» ташкил карда шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар раванди гузаронидани машғулиятҳои маҳфил аввалан хонандагон бо таърихи рушди илми химия, бо мероси маорифпарварон, олимон ва навоварони бузурги ҷумҳурӣ, ҳаёт ва фаъолияти онҳо шинос мешаванд.

Дар машғулиятҳои аввали маҳфил мо ба хонандагон ҳадаф ва вазифаҳои маҳфил, табиати Тоҷикистонро муайян намуда, вазифаҳоро дар байни аъзоёни маҳфил тақсим намудем. Нақшаи кори маҳфил аз ҷузъҳои зерин иборат буд: ҳикояҳо дар бораи олимон, маорифпарварон, химикҳо, технологҳо ва навоварони ҷумҳурӣ; навиштани рефератҳо; нашри ҳармоҳаи рӯзномаи деворӣ зери сарлавҳаи «Олимон, маорифпарварон, навоварони химияи Тоҷикистон»; ташкил ва гузаронидани экскурсияҳои ба осорхонаҳои кишваршиносӣ; ташкил ва гузаронидани экскурсияҳо ба факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ; эҷоди албомҳои аксҳои олимон, маорифпарварон ва навоварони химияи Тоҷикистон; дар китобхонаи мактаб ташкили гӯшаи «Натиҷаҳои кори олимон, маорифпарварон ва навоварони химияи Тоҷикистон»; ташкил ва гузарондани мулоқотҳо бо олимон ва навоварони химияи Тоҷикистон; ташкил ва гузаронидани конференсияҳои хонандагон дар мавзӯи: «Нақши олимони тоҷик дар рушди илми химия».

Дар машғулиятҳои маҳфил, ки моҳе як маротиба баргузор мегардад, баромад ва рефератҳои хонандагон, натиҷаҳои ҷустуҷӯи далелҳо ва маводи ҷолиб шунида шуда, ҷойҳои экскурсия ва ғайра муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки мавзӯъҳои маҳфил бисёрҷанба, низомбандишуда мебошанд. Дар машғулиятҳои аввали маҳфил хонандагон дар бораи олимони химия маълумот ҷуста, ҳаёт ва фаъолият, хизмати онҳоро дар илми химияи Тоҷикистон омӯхтанд. Барои ин аъзоёни маҳфил рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, сарчашмаҳои гуногун, маълумотномаҳо ва ғайраро истифода бурданд. Дар натиҷа, онҳо олимону мутафаккирон ва мутахассисони зиёдеро пайдо карданд, ки барои халқу ватани худ хидматҳои шоён кардаанд. Барои мисол зиндагӣ ва кашфиётҳои олимону мутафаккирон ба монанди Абубакр Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва инчунин Инъом Мансурович Носиров метавонанд ҳамчун намуна хидмат кунанд.

Тибқи баъзе маълумотҳо ва манбаъҳои адабӣ, асарҳои Абу Бакр Закариёи Розӣ оид ба химия 26 ададро ташкил медиҳад. Аз ҷумлаи онҳо, «Китоб-ул-асрор», «Китоб-ун-шавоҳид» «Китоб-сир-асрор» то замони мо боқӣ мондаанд. Ҳоло нусхаҳои онҳо дар китобхонаҳои Лейптсиги Олмон, Ҳиндустон, Испания дар Тошканд ва ғайра нигоҳ дошта

мешаванд. Абубакр Закариё Розӣ дар назарияи ахлоқии кор кардаи худ ғояи донистани моҳияти ҷаҳонро эътироф кардааст. Вай мегуфт, ки инсон кобил аст ҳама чизро донад ва ҳама зуҳуроти дунё барои тафаккури инсон дастрасанд. Бори аввал дар таърихи илми химия Абубакр Закариёи Розӣ моддаҳои химиявии дар он замон маълумро тасниф карда, онҳоро ба се гуруҳ тақсим кардааст: моддаҳои заминӣ (маъданӣ); моддаҳои набототӣ; моддаҳои ба ҳайвонот таалуқдошта;

Закариёи Розӣ бисёр пайвастагӣ ва моддаҳои химиявиро, аз ҷумла: симоб, тилло, нуқра, қалъагӣ, сурб, руҳ, сулфат, слюда, гипс, шиша, калий, сода ва ғайраро медонист ва онҳоро ба кор мебурд. Ӯ дар таҳқиқоти химиявии худ асбобҳо ва дастгоҳҳои мухталиферо, ба монанди колбаҳо, зарфҳои шишагии кристаллизатсиякунӣ, гармкунакҳо, шпателҳо, ваннаҳои қумӣ ва обӣ, филтрҳо аз матоъ ва пашм, элакҳои гуногун ва бисёри дигарро истифода мебурд, ки имрӯзҳо низ истифода мешаванд. Абубакр Закариёи Розӣ амалиёти мухталифи химиявиро ба монанди софкунӣ (филтркунӣ), гудохтани ҷисмҳо, коагуляция (ғафскунӣ), дистиллятсия ва ғайраро истифода бурда, тавсиф кардааст.

Мутафаккири барҷастаи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар 29 соҳаи илм зиёда аз 450 мақолаҳои илмӣ навиштааст, ки аз онҳо танҳо 274 тои он ба мо расидааст. Ҳамчун олим, файласуф, химик ва маорифпарвари бузурги халқи тоҷик аллакай дар 17 солагӣ ҳамчун донишманд шинохта шуд.

Дар асари хусусияти энсиклопедидоштаи худ «Қонуни илми тиб» ӯ тамоми тавсияҳои табибони қадимро дар бораи бемориҳои мухталиф мувофиқи дастовардҳои тибби арабӣ аз нав дида баромада, ба сироятёбӣ ба касалиҳои зиёд (вабо, нағзак) диққат дода, тахмин мекунадд, ки беморихо тавассути ким-кадом махлуқоти хурдтарин мегузаранд. Вай аввалин шуда раванди истихроҷи равғанҳои эфириро кашф намуд. Ӯ тавонист кислотаҳои сулфат, гидрохлорид ва нитрогенҳо, гидрооксидҳои натрий ва калийро ба даст орад.

Дар асарҳои Абӯалӣ ибни Сино масъалаҳои сохтор, ба даст овардани моддаҳо, дониш дар бораи ҷаҳон ва ғайра таҳқиқ карда шудаанд. Вай моҳияти ҳаракатро таъкид карда, мегӯяд, ки ҳаракат ин тағйирот дар мавқеи бадан, тағйироти миқдорӣ ва табдили онҳо мебошад.

Абӯалӣ ибни Сино дар бораи хусусиятҳо ва тозакунии об фикрҳои арзишманд пешниҳод кардааст, ки дар айни замон аҳамияти худро гум накардаанд. Масалан, ӯ навиштааст, ки агар миқдори муайяни тилло ва нуқра дар обҳои маъданӣ ҳал шавад, чунин обҳо ба бадани инсон таъсири мусбат мерасонанд. Олим инчунин маълумоти муфидро дар бораи фоидаи бухори об ва таъсири мусбати он ба бадани инсон пешниҳод намудааст.

Носиров Инъом Мансурович – химики маъруфи давраи муосири тоҷик мебошад. Номи И.М. Носиров дар як радиф бо олимони маъруфи тоҷик дар соҳаи химия, ба монанди В.И. Никитин, Ҳ.М. Якубова ва дигарон қарор гирифта, номи ӯ дар саҳифаи таърихи химияи ватанӣ бо ҳарфҳои тилло навишта шудааст (9).

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти олимон ба аъзоёни маҳфилҳо зарур аст, ки дар бораи олимону муҳаққиқони бузурги Тоҷикистон дар соҳаи илми химия маводи зиёдеро ҷамъоварӣ намоянд. Дар мисоли меҳнати суботкоронаи онҳо барои халқу миллати худ дар хонандагон ҳиссси муҳаббат ба Ватан ва хидмат ба халқи худро тарбия кардан мумкин аст.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми ба экскурсияҳои таълимӣ бурдани хонандагон омӯзгор метавонад дар асоси омӯзиши маводҳои маҳаллӣ мактаббачагонро бо кашфиётҳои олимон-мутафаккирони маъруфи дараи пеш ва муосир шинос намояд.

Омӯзиши таҷрибаи омӯзгорон, адабиёти таълимию методӣ ва таҷрибаи шахсии мо нишон медиҳад, ки тадбирҳои дар боло овардашуда метавонанд барои ташаккули эътиқоди маънавӣ-ахлоқии хонандагон дар раванди таълими курси химияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз маводи маҳаллӣ ҳамчун асос эътироф шаванд. Илова бар ин, гузаронидани тадбирҳои зерин заруранд:

– ба хонандагон интиқол додани иттилоот оид ба дастовардҳои илмӣ ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси ифтихор аз дастовардҳои соҳаи илми химияи ҷумҳурӣ;

– гузаронидани мубоҳисаҳо бо хонандагон оид ба кашфиёту навовариҳои олимони ватанӣ ва дар онҳо тарбия намудани ҳисси ифтихор аз миллату ватан;

– интиқоли иттилоот ба хонандагон дар бораи корҳои ватандӯстонаи олимони ватанӣ, тарбия намудани онҳо дар мисоли корҳои қаҳрамононаи олимон;

– тарбия ҳисси меҳнатдӯстӣ, ташаккули тасаввурот дар бораи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, амалҳое, ки ин сифатҳоро тасдиқ мекунанд;

– нақл кардан дар бораи муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳои ҷумҳурӣ ва дар хонандагон тарбия намудани ҳисси дӯстии халқҳо ва башардӯстӣ;

– интишори маълумоти дақиқ дар бораи кашфиётҳои олимони дигар кишварҳо ва эҳтиром гузоштан ба олимони кишварҳои дигар;

– интиқоли иттилоот дар бораи дастовардҳои олимон оид ба илми химия ва ба ин васила дар хонандагон тарбия намудани ҳисси муҳаббат ва эҳтиром ба Ватан.

**АДАБИЁТ:**


1. Аванесов, Р.С. Местный материал в преподавании истории СССР в старших (IX-XI) классах вечерней (сменной) школы: автореф. дис. … канд. пед. наук / Р.С. Аванесов. – Баку, 1973. – 27 с.
2. Байманов, К. Музейно-следопытская работа как средство военно-патриотического воспитания учащихся-подростков: (на материале общеобразовательных школ Таджикской ССР): автореф. дис. … канд. пед. наук / К. Байманов. – Челябинск, 1986. – 17 с.
3. Бондаренко, В.Д. Культура общения с природой / В.Д. Бондаренко. – М.: Просвещение, 1987. – 184 с.
4. Зверев, И.Д. Экология в школьном обучении: Новый аспект образования / И.Д. Зверев. – М.: Знание, 1980. – 96 с.
5. Зубайдов, У. Человек и природа / У. Зубайдов, М. Рахимов, М. Марипов. – Душанбе: ДГПУ. – 243 с.
6. Исматов, М.С. Формирование патриотических и интернациональных убеждений учащихся V-X классов во внеучебной деятельности (на материале школ Таджикской ССР): автореф. дис. … канд. пед. наук / М.С. Исматов. – Казань, 1984. –19 с.
7. Курбанов, Б.К. Деятельность учащихся по охране природы в процессе выращивания и уборки хлопка / Б.К. Курбанов, Э.А. Турдыкулов // Физика в школе. –1984. – №5. – С.19 – 20.
8. Мухтаров, У.М. Организация системы школьной краеведческой работы как средство формирования патриотизма учащихся подростков: дис. … канд. пед. наук / У. М. Мухтаров. – Душанбе, 1973. –192 с.
9. Насыров Ином Мансурович – 70 лет: сборник статей. – Душанбе, 2005. – 47 с.
10. Самохин, Ю.С. Проблема организации краеведческих исследований школьников / Ю.С. Самохин //Внешкольник. –2006. – №7–8. – С.24 – 26.
11. Самсонова, Т.Н. Вопросы охраны природы во внеклассной работе по физике: в кн. «Краеведение и охрана природы в педагогических институтах, училищах и школах»: материалы научно-методической конференции / Т.Н. Самсонова. – Алма – Ата, 1974. – С.128 –129.
В статье рассматривается проблема формирования профессионально-личностной готовности будущих психологов к работе с детьми, имеющими признаки интеллектуальной одаренности. Предлагается понимание профессионально-личностной готовности будущих психологов к работе с детьми, имеющими признаки интеллектуальной одаренности как сложного, многокомпонентного психологического образования, которая проявляется в успешном сопровождении детей с признаками интеллектуальной одаренности, их родителей и педагогов. Статистически доказано взаимовлияние компонентов профессионально-личностной готовности, их чувствительность к влиянию формирующей программы, а также влияния уровней развития готовности на выбор студентами модель взаимодействия с детьм.

***Ключевые** слова: формирование, профессионально-личностная готовность, дети с признаками интеллектуальной одаренности, взаимовлияние модель взаимодействия.*

**Абдураҳмонов Г.**

## ТАҲҚИҚИ ТАЪСИРИ БАЙНИҲАМИИ ҶУЗЪҲОИ ОМОДАГИИ КАСБӢ-ШАХСИЯТИИ ПСИХОЛОГҲОИ ОЯНДА БАРОИ КОР БО КӮДАКОНИ НИШОНИҲОИ ЛАЁҚАТИ ЗЕҲНИДОШТА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ДОНИШҶӮЁН ДАР ИНТИХОБИ АМСИЛАИ ҲАМКОРӢ БО КӮДАКОН

Дар мақола масъалаи ташаккули омодагии касбӣ-шахсии психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ баррасӣ мегардад. Фаҳмиши омодагии касбӣ-шахсии

психологҳои оянда барои кор бо кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ ҳамчун ташкилаи психологии мураккаб ва серҷузъ пешниҳод мегардад, ки дар дастгирии босамари кӯдакони аломатҳои лаёқати ақлидошта ва волидону муаллимони онҳо ифода меёбад. Баҳамтаъсиррасонии ҷузъҳои омодагӣ ва ҳассосии онҳо ба таъсири барномаи ташаккулдиҳанда ва инчунин таъсири дараҷаи омодагӣ ба интихоби амсилаи ҳамкорӣ бо кӯдакон аз ҷиҳати оморӣ асоснок карда мешавад.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккул, омодагии касбӣ-шахсӣ, кӯдакони дорои аломатҳои лаёқати ақлӣ, баҳамтаъсиррасонӣ, амсилаи ҳамкорӣ .*

**Abdurakhmonov G.**

## THE STUDY OF THE INTERACTION OF THE COMPONENTS OF PROFESSIONAL-PERSONAL READINESS OF FUTURE PSYCHOLOGISTS TO WORK WITH CHILDREN WITH SIGNS OF INTELLECTUAL GIFTEDNESS AND THEIR IMPACT ON THE CHOICE MODEL OF INTERACTION WITH CHILDREN

The article considers the problem of the formation of professional and personal readiness of future psychologists to work with children with signs of intellectual giftedness. An understanding of the professional and personal readiness of future psychologists to work with children with signs of intellectual giftedness as a complex, multi-component psychological education, which manifests itself in the successful accompaniment of children with signs of intellectual giftedness, their parents and teachers, is offered. The mutual influence of the components of professional-personal readiness, their sensitivity to the influence of the forming program, as well as the influence of the levels of development of readiness on students' choice of a model of interaction with children, is statistically proven.

***Key words***: *formation, professional and personal readiness, children with signs of intellectual gyftedness, mutual influence.*

**Сведения об авторе: Абдурахмонов Гулруз Нурмахмадович** – ведущий научный сотрудник Института развития образования имени А. Джами Академия образования Таджикистана адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни 126

**Information about the author: Abdurakhmonov Gulruz Nurmakhmadovich**-leading researcher Of the Institute of education development named after A. Jami Academy of education of Tajikistan address: 126 Aini street, 734024, Dushanbe

**Ш. ШАРОПОВ**
**Г. АҲРОРОВА**

# ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ЗАМИНАИ МУНОСИБАТИ ЭТНОПЕДАГОГӢ

Тарбияи фарҳанги муошırати байналмилалӣ байни донишҷӯёни донишгоҳ дар айни замон чун яке аз масъалаҳои мубрам баррасӣ гардида, ҳаллу фасли он дар шароити инкишофи таълими муосиру фарҳанги миллӣ имконпазир аст. Тарбияи фарҳанги муошırати байналмилалии донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ дар кӯмаки мақсаднок ба онҳо дар мавриди ноил шудан ба сатҳи муайяни салоҳиятнокӣ ҳангоми воридшавӣ ба фарҳанги миллатҳои дигар ва муосири ҷаҳонӣ тавассути дарк намудан ва азхудкунии арзишҳои фарҳангҳои умумибашарӣ ва миллӣ, дар ҳамкорӣ бо атрофиён, дар сатҳи дастовардҳои муосири фарҳангҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, дар бунёди оқилонаи муносибат бо намояндагони ҷомеаҳои мухталифи миллӣ ифода мeёбад. Вазъи мураккаби моҳияти масъала имкон медиҳад, ки андозаҳои асосии педагогии он: методологияи таҳқиқот, муқарраркунии ҳадафҳо, хусусиятҳои мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои ташкили раванди тарбия, шароит ва омилҳои ноил шудан ба натиҷаҳои муносиб барои омӯзиш муайян карда шаванд. Заминаи методологие, ки муқаррароти асосии фаъолияти назариявӣ ва амалӣ, татбиқи принсипҳои тадқиқи зуҳурот ва падидаҳои педагогӣ дар доираи масъалаи мавриди омӯзиш қарордошта, интихоби усулҳои мусоид ва мутобиқи тадқиқот, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ворид намудани донишҳои бадастомада дар амалияи таълими муосирро таъмин мекунад, муносибати этнопедагогӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар адабиёти педагогӣ истилоҳи педагогикаи халқиро бори аввал олими рус Волков Г.Н. истифода бурда, "педагогикаи этникӣ"-ро ҳамчун илм дар бораи таҷрибаи оммаи халқ доир ба насли наврас, дар бораи ақидаи педагогии онҳо, илм дар бораи педагогикаи оилавӣ, авлод, қабила, этнос, халқият ва миллат номида буд [1,с.5]. Донишмандони тоҷик Б.Раҳимов ва А.Нуров ин мафҳумҳоро чунин шарҳ додаанд, ки "педагогикаи халқӣ маданияти педагогии оммаи халқро, ки дар давоми чандин асрҳо ба қолиб даромада, дар байни халқ то ҳозир амал карда истодааст, дарбар мегирад. Педагогикаи этникӣ бошад, маданияти тарбияи анъанавӣ ва умумияти этникии онҳоро дарбар мегирад" [7,с.12]. Дар мавриди мафҳумҳои педагогикаи халқӣ ва этникӣ тавзеҳоти гуногун оварда шудааст, вале олимон ба хулосае меоянд, ки педагогикаи этникӣ объекти асосии илмии педагогикаи халқӣ аст.

Муносибати этнопедагогӣ ба сифати заминаи методологии тарбияи фарҳанги муошırати байни миллатҳо - ин маҷмӯи ба таври консептуалӣ ифодашудаи муносибатҳои шакли муназзамшудаи арзишҳои этнопедагогии фарҳанги миллат ва созмон додани тарбияи фарҳанги муошırати байни миллатҳо дар раванди педагогӣ мебошад. Ғояҳои пешқадаме, ки мағзи мундариҷавии равиши мазкурро ташкил медиҳанд, - ягонагии фарҳангҳои умумибашарӣ ва миллӣ дар тарбияи шахсият; алоқамандии унсурҳои гузашта, ҳозира ва оянда; ҳамоҳангии фарҳанги миллӣ ва иҷтимоӣ дар тарбияи шахс мебошанд.

Моҳияти тарбияи фарҳанги муошırати байналмилалии донишҷӯёнро дар асоси муносибати этнопедагогӣ омӯзиш ва бохабар будан аз сарчашмаҳои зерин ташаккул медиҳанд: арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии инсон, фарҳанги ғании халқҳои ҷаҳон, хусусиятҳои миллӣ ва равонии халқҳо, таърих, анъана ва расму ойини миллати худ ва халқҳои ҷаҳон, забони модарӣ ва забони халқҳои ҷаҳон, эҷодиёти даҳонакии халқ, низоми миллии педагогӣ ва фарҳанги педагогии халқҳо, қаҳрамонони миллӣ ва намояндагони барҷастаи халқҳои гуногун, натиҷаҳои тадқиқоти этнографӣ, таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ- этникии шогирд ва ғ. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар таркиби худ анъана, расму таомул, урфу одат, оину маросим, фикру андеша, панду андарз, ҳикмату ақида, гуфтору ҳунар, офаринишҳои миллию умумибашариро фаро мегиранд. Ба гуфти академик Лутфуллоев М. "арзишҳои миллӣ хоси халқҳо ва миллатҳои алоҳида буда, тарзи зиндагӣ, анъана, расму ойин ва муносибатҳои онҳоро нисбат ба воқеият ифода мекунанд.

Арзишҳои умумибашарӣ мутааллиқ ба тамоми башарият буда, хазинаи тиллоиеро мемонанд, ки аз сарватҳои маънавии кулли миллатҳо гирд оварда шудаанд” [4,с.15].

Одоби муошират дар ҷомеаи муосир раванди демократӣ ва инсонпарвариро дар ҳаёти иҷтимоӣ инъикос карда, дар заминаи нав бунёд мегардад. Одоби муошират дар чунин ҷомеа озод ва табиӣ мешавад. Нисбати ҳамаи одамон новобаста ба мансабу мавқеи ҷамъиятиашон хайрхоҳона ва бо эҳтиромона бояд муносибат кард. Дар кадом давру замоне набошад, одоби муошират маҷмӯи меъёру қоидаҳои бомаданияту хайрхоҳонаи муносибати одамонро дар назар дорад. Дар ин маврид профессор Шарофов Ш. зикр мекунад, ки “ҳар намуди муошират хусусиятҳои хос дорад. Баҳисобгирии асосноки ин хусусиятҳо ба баланд бардоштани самарабахшии он мусоидат мекунад” [10,с.8].

Одоби муошират, фарҳанг, маданияти рафтор, ҷиҳати амали зухуроти воқеии ахлоқро ифода менамояд. Чи хеле, ки В.А.Сухомлинский қайд намудааст “зебоии фикр, зебоии тафаккур чун хурсандии ҳастии одамӣ танҳо дар сурате ба назари кас намоён мешавад, ки агар вай шукӯҳи муошırати инсониро дарк созад” [8,с.268]. Дар одоби муошират маънавият, фарҳангу маданияти ҳар як фард, шахс зоҳир мегардад. “Одоби муошират аз маҷмӯи қонуну қоидаҳои рафтор иборат буда, муносибату робитаҳои гуногуни байни одамон ва муассисаҳоро ба танзим меоварад” [5,с.87]. Мутахассиси оянда, баробари соҳибкасби хуб шудан, аввал бояд соҳиби ахлоқу одоби шоиста гардад. Ин фазилати муҳимтаринро ҳар як донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгорони фанҳои инсоншиносӣ дар худ ташаккул медиҳад. Вай таърих, забон ва адабиёт, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, педагогика, сиёсатшиносӣ, фалсафаро омӯхта, аз мақсаду маънии зиндагӣ огоҳ мешавад, фазилатҳои ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, одамгарӣ, адлу инсоф, зебоипарастӣ, хирадмандӣ ва одоби муоширатро соҳиб мегардад. Забон, нутқ воситаи муҳимтарини муносибат ва алоқаи байниҳамдигарии одамон аст.

Ҳамчун воситаи инкишофи фарҳанги муошират анъанаҳо, меъёрҳои рафтори маданӣ, намунаҳои нутқ, осори шифоҳӣ ва хаттии эҷодиёти мардумӣ ва унсурҳои дигари фарҳанги миллӣ хизмат мекунанд. Мавриди таъкид аст, ки фарҳанги худро ҳифз намуда, ҳамзамон урфу одатҳои миллии дигар халқҳоро паст задан нашояд. Ҳар як миллатро бо урфу одатҳои хосаш бояд эътироф кард. Дар хотир бояд дошт, ки “урфу одатҳои миллӣ шаъну шараф ва ифтихори ҳар як миллат аст” [9,с.57]. Чи хеле ки олимон қайд менамоянд, “моҳияти умумибашариро ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо, ёрии бародаронаи ҳамаи миллатҳову халқҳои гуногун, иззату ҳурмат кардани забон, маданияту санъат, анъанаҳои миллии ҳамдигарӣ ташкил медиҳад” [6,144].

Дар кори тарбияи фарҳанги муошırати байналмилалии донишҷӯён дар асоси муносибати этнопедагогӣ омилҳо ва воситаҳои педагогикаи мардумӣ: чистонҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо, сурудҳои халқӣ, эпосҳо, бозӣ, табиат ва ғайра мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Ба ин маънӣ Қодиров Қ.Б. қайд мекунад, ки “дар воситаҳои педагогикаи мардумӣ характеру хусусиятҳои ахлоқии ҳар як халқ, маданият, афкори педагогӣ, урфу одат, ватанпарварӣ, дӯст доштани зодгоҳ, эҳтироми меҳнат, нафрат ба хоинон, золимон, танбалон, меҳру вафо, садоқат, мардонагӣ, далерӣ, ростӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва амсоли инҳо ифода мегарданд” [3,с.201]. Анъана, урфу одат, расму таомул, оин ва маросимҳо шахсро аз кӯдакӣ ба олами инсонӣ, ба мафҳуми олӣ, мақсаду идеалҳои баланди башарӣ ошно намуда, камолоти шахсияти ӯро қадам ба қадам ташаккул медиҳанд.

Ҳангоми муайян кардани мақсади тарбияи фарҳанги муошırати байни миллатҳо дар асоси муносибати этнопедагогӣ ба таҳсилот ҳамчун ҳадафи олӣ назар андохтан зарур аст. Таҳсилот яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа, ояндаи ҳар як миллат ва кишвар ба шумор меравад. Зеро “...ҳеҷ амал ба ҷомеа мисли таҳсилот таъсири амиқ расонида наметавонад”[11,8]. Чунин муносибат дорои дастурҳои комилан мушаххаси арзишӣ мебошад, ки самти тарбияро муайян мекунад ва дар шакли сифатҳои дилхоҳ дар симои шахсият инъикос мегардад. Тарбия бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ шакл, моҳият, мазмун, вазифа ва аҳамияти ҳар як расму таомул, урфу одат, анъана ва оину маросимҳои халқиро дуруст фаҳмида тавонад.

Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки донишҷӯён ба муҳити донишгоҳӣ одат мекунанд ва ба як маҷрои муайян ворид мешаванд. Онҳо баъд аз тағйири ақидаву андешаҳои чандинкарата оқибат арзишҳои хоси худро интихоб ва тарзи муайяни зиндагии хешро пайдо менамоянд. Дар байни донишҷӯён, ки намояндагони миллатҳои гуногун ҳастанд, расму таомул, урфу

одат ва анъанаҳои ба худ хоси онҳо ба назар мерасанд. Тавассути муносибати этнопедагогӣ ба инкишофи ҳаматарафаи шахс мадад расонидан мумкин аст. Ба сифати мисол "таҳлили вазъиятӣ"-ро баррасӣ кардан мумкин аст. Усули таҳлили вазъиятӣ дар он ифода мешавад, ки ба донишҷӯён вазъияти мушкиле, ки дар муошырати байни миллатҳо душвориро ба миён меорад, пешниҳод карда мешавад. Тавассути ташкили "муколамаи дунафара" ва "муколамаи якчанднафара" байни донишҷӯён фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва бохабар шудан аз фарҳангу маданияти якдигар ба амал меояд. Инчунин ташкили курсҳои махсус, гурӯҳҳои фаннӣ, маҳфилҳои муошират тибқи завқ, марказҳои забономӯзӣ, бошишгоҳҳои фарҳангӣ, гузарондани дарсҳои инфиродӣ- тадқиқотӣ ва ғайраро номбар кардан мумкин аст.

Истифодаи ҳамаи ин имкон медиҳад, ки бо воридшавӣ ба ҷаҳони ботинии ҳамдигар донишҷӯён барои ҳал намудани мушкилоти муошырати байналмилалӣ водор карда шаванд ва байни онҳо ҳамдигарфаҳмӣ ва муттаҳидшавӣ ба амал ояд. Вобаста ба ин, Каримова И.Х. қайд мекунад, "ғояҳои тарбияи интернатсионалистӣ муттаҳидкуниро дар базаи муқобилиятҳои гурӯҳӣ, зиддияти тамаддуну фарҳангҳо дар назар дорад" [2,с.87]. Сухан ин ҷо дар бораи омилҳое чун ташаккулёбии эҳтиром ба халқҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо, арзишҳои ҳаётӣ; дарки зарурати муносибатҳои хайрхоҳона миёни одамон ва халқҳо; тарбияи қобилияти муошырати байналмилалӣ, дарки ҳуқуқу ӯҳдадориҳо нисбат ба гурӯҳҳои дигари миллӣ; дарки зарурати ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, омодагӣ барои иштирок дар ҳалли масоили халқҳо меравад. "Тарбияи интернатсионалистӣ - қайд мекунад Каримова И.Х., танзими робитаҳоро миёни ҷомеаҳои одамон дар назар дошта, вобаста ба зарурати ғанӣ сохтани фарҳангҳои миллатҳои мухталиф, ҳамкориҳои мутақобилаи байналмилалӣ ва байниэтникӣ, рушди эҳсоси ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ, мутақобилият ба зӯроварӣ, миллатпарастиву нажодпарастӣ ба роҳ мемонад"[2,с.87].

Омилҳоеро, ки ба пешрафти тарбияи фарҳанги муошырати байналмилалии донишҷӯён таъсир мерасонанд, ба ду гурӯҳ тасниф кардан мумкин аст: омилҳое, ки донишҷӯ бо онҳо ба муассисаи олии таълимӣ омадааст ва омилҳое, ки дар раванди таҳсил дар донишгоҳ пайдо шудаанд. Ба гурӯҳи аввал дохил мешаванд: муносибати донишҷӯ ба атрофиён, огоҳӣ аз фарҳанги муошырати байналмилалӣ ва этнопедагогикаи халқҳо; таҷрибаи субъективии муошырати байналмилалӣ ва рафтор дар фазои мавҷудияти фарҳангҳои гуногун ва ғайра. Омилҳои мазкур барои ташкили раванди ташаккули фарҳанги муошырати байналмилалӣ байни донишҷӯён ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва заминавӣ хизмат менамоянд. Самаранокии таъсири омилҳои гурӯҳи дуюм аз сифати омилҳои гурӯҳи якум вобаста хоҳад буд. Ба онҳо: ташкили раванди кори тарбиявии донишҷӯён, тарбияи фарҳанги муошырати байни миллатҳо, ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои фаъоли таълимӣ, илмӣ, тадқиқотӣ ва худомӯзии этнопедагогӣ; таъмини ҳамгироии арзишҳои фарҳанги миллӣ, дарки муҳим будани он ҳам дар сатҳи шахсият, ҳам дар сатҳи иҷтимоӣ-касбӣ дохил мешаванд.

Мувофиқи ҳадафҳо, вазифаҳо ва моҳияти зикршудаи тарбияи фарҳанги муошырати байни миллатҳо усулҳои зерини фаъолияти амалиро ҷудо кардан мумкин аст: усули ташкили фаъолияти рӯзмарраи ҳаётӣ (машқ, ташкил намудани ҳолатҳо); усули тарғиб (иттилоотӣ, ҷустуҷӯӣ, мубоҳисавӣ, маърифати ҳамдигарӣ); тренингҳои байнифарҳангӣ (тренингҳои маърифатӣ, атрибутивӣ, рафторӣ, худшиносӣ) ва ғайра. Ҳамаи усулҳои мазкур тибқи хусусиятҳои раванди таълим дар муассисаи таълимӣ мушаххас карда мешаванд. Натиҷаи тарбияи фарҳанги муошырати байналмилалии донишҷӯён дар ҷаҳонбинии оқилонаи онҳо - тасаввурот, ғояҳо, эътиқод, нуқтаи назар нисбати муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ - маҷмӯи арзишҳои умумибашарӣ, принсипҳои инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ нисбати меъёрҳои арзишии дар ҷомеаи мазкур қабулшуда инъикос меёбанд. Ҷаҳонбинӣ дар доираи фарҳанги муошырати байналмилалӣ аз фаҳмидани моҳияти арзиши фарҳанги миллӣ ва рафтори намояндагони ҷомеаҳои миллӣ, рафтори иҷтимоиву фарҳангии инсон, фаъолият ва эҳсосоти изҳоршудаи ӯ ифода мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми омӯзиши масъалаи тарбияи фарҳанги муошырати байналмилалӣ байни донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ дар заминаи равиши этнопедагогӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- назар кардан ба арзишҳои ахлоқи умумиинсонӣ, ба дастовардҳои тамаддуни башарӣ, дарки оқилонаи мансубият ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- шиносоии шахс бо низоми арзишҳои фарҳангӣ ва ташаккули рафтори оқилона нисбати ин арзишҳо, ки ғановати фарҳанги умумиҷаҳонӣ ва миллиро инъикос менамояд;
- тарбия дар руҳияи сулҳҷӯёна ва эҳтиром ба тамоми миллатҳои рӯи замин, нисбати хусусиятҳои миллӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-миллии онҳо;
- таъсиррасонӣ ба ташаккули тафаккури байналмилалӣ ва шаҳрвандӣ, эҳсосоти байналмилалӣ;
- тарбияи муносибати эҳтиёткорона ва ғамхорона нисбати одамони миллатҳои гуногуни кишвар, нисбати фарҳанг, забон ва арзишҳои дигари иҷтимоӣ;
- тарбия дар руҳияи таҳаммулпазирӣ нисбати эҳсосоти гуногуни динии одамон, таъмини ҳалли мусбии мунокишаҳои пайдошудаи фарҳангҳо дар нуқтаи бархӯрди эътиқодҳои гуногун;
- тарбияи муҳаббат нисбати Ватан, эҳтироми беандоза ба мардуми гуногунмиллати Тоҷикистон, ифтихор аз таъриху тамаддуни гузашта ва ҳозираи он, омодагӣ ба ҳимояи манфиатҳои халқ, инкишофи шуури шаҳрвандӣ, таҳаммулпазирӣ;
- маълумот доштан оид ба фарҳанги миллати худ, таъриху анъанаҳо, арзишҳои ахлоқӣ ва арзишҳои дигар, тавассути ин азхудкунии арзишҳои умумибашарии инсонӣ;
- рушди низоми муносибатҳои мусбӣ ва хайрхоҳона нисбати арзишҳои иҷтимоию фарҳангии миллати худ ва халқҳои дигар;
- омӯзиши хусусиятҳои миллӣ-психологии тарбиятгирандагон чун намояндагони ҷомеаҳои гуногуни миллӣ;
- ташаккули малакаи муошırати бенизоъ байни намояндагони миллатҳои гуногун.

## АДАБИЁТ:


1. Волков Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков. - Москва, 1999. -168с.
2. Каримова И., Сулаймонӣ С. Педагогикаи муқоисавӣ/ И.Каримова, С.Сулаймонӣ.- Душанбе, 2018. – 198 с.
3. Қодиров Қ.Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик/ Қ.Б.Қодиров.-Душанбе: Ирфон, 1998. – 233 с.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар /М.Лутфуллоев.-Душанбе, 2008. – 143 с.
5. Мирбобоев М., Рустамова Ф. Ахлоқ ва одоби муошират/ М.Мирбобоев, Ф. Рустамова .- Хуҷанд, 2018.- 120 с.
6. Расулов Д., Сайидаҳмадов Л., Ғаффоров А. Педагогика (назарияи тарбия)/Д.Расулов, Л.Сайидаҳмадов, А.Ғаффоров.-Душанбе: Маориф, 2009. -268 с.
7. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик / Б.Раҳимов, А.Нуров. -Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 295 с.
8. Сухомлинский В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷилди сеюм/ В.А.Сухомлинский.-Душанбе: Маориф, 1988. – 672с.
9. Турсунов Ф., Ҷонназарова Д., Саидова С. Фарҳангшиносӣ (Маҷмӯаи маводи таълимӣ)/ Ф.Турсунов, Д.Ҷонназарова, С.Саидова. -Душанбе, 2017.-217 саҳ.
10. Шарофов Ш. Муошират ва худшиносӣ/ Ш.Шарофов.- Хуҷанд, 2017. – 304 с.
11. Шарифзода Ф., Миралиева А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М.Миралиева. -Душанбе: Ирфон, 2012. -560 с.


**Шаропов Ш.А., Аҳророва Г.У.**

## ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ЗАМИНАИ МУНОСИБАТИ ЭТНОПЕДАГОГӢ

Дар мақола масъалаи тарбияи фарҳанги муоширати байналмилалии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути расонидани кӯмаки мақсаднок дар ноил шудани онҳо ба сатҳи муайяни салоҳиятнокӣ баррасӣ карда мешавад.

Муаллиф қайд мекунад, ки ташаккули ин навъи фарҳанги шахсият дар ҷараёни дарк намудан ва аз худ кардани арзишҳои фарҳанги умумибашарӣ ва миллӣ, дар ҳамгироии дастовардҳои муосири фарҳангҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, оқилона ташкил намудани муносибатҳои хеш бо намояндагони ҷомеаҳои мухталифи миллӣ сурат мегирад. Хулоса карда шудааст, ки асоси фаъолияти назариявӣ ва амалие, ки ба ташаккули фарҳанги муоширати байналмилалии

донишҷӯён равона карда шудааст, равиши этнопедагогӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он дар ягонагии фарҳангҳои умумибашарӣ ва миллӣ; дар ворисияти гузашта, ҳозира ва оянда; дар тавозуни унсурҳои фарҳанги миллӣ ва иҷтимоӣ дар тарбияи шахсият ифода меёбад.

***Калидвожаҳо:*** тарбия, фарҳанги муошироти байналмилалӣ, муносибати этнопедагогӣ, хусусиятҳои миллӣ-психологӣ, фарҳанги миллӣ, воситаҳои педагогикаи халқӣ.

**Шаропов Ш.А., Ахророва Г.У.**

## ВОСПИТАНИЕ КУЛЬТУРЫ МЕЖНАЦИОНАЛЬНОГО ОБЩЕНИЯ СТУДЕНТОВ ВУЗА НА ОСНОВЕ ЭТНОПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПОДХОДА

В статье рассмотрена проблема воспитания культуры межнационального общения студентов вуза через оказание им целенаправленной помощи в достижении определенного уровня компетентности.

Автор отмечает, что формирование данного вида культуры личности происходит в процессе познания и освоения ценностей общечеловеческой и национальной культуры, во взаимодействии с мировым достижений этнических культур и культуры мира, в сознательном выстраивании своих отношений с представителями различных этнических общностей. Сделан вывод о том, что в основу теоретической и практической деятельности, направленной на формирование межнационального общения студентов, положен этнопедагогический подход, суть которого заключается в единстве общечеловеческой и национальной культур; в преемственности прошлого, настоящего и будущего; в гармонии этнокультурного и социального в воспитании личности.

***Ключевые слова:*** воспитание, культура межнационального общения, этнопедагогический подход, национально-психологические особенности, национальная культура, средства народной педагогики.

**Sharopov Sh.A., Akhrorova G.U.**

## EDUCATION OF CULTURE OF INTERNATIONAL COMMUNICATION OF UNIVERSITY STUDENTS ON THE BASIS OF ETHNIC PEDAGOGICAL APPROACH

The article considers the problem of upbringing of the culture of interethnic communication among university students through providing them with intentional assistance in achieving a certain level of competence. The formation of this type of personality culture occurs in the process of cognizing and mastering the values of universal and national cultures, in interaction with the world at the level of modern achievements of ethnic cultures and world culture, in the conscious building of their relations with representatives of various ethnic communities. An ethnopedagogical approach has been put into the basis of theoretical and practical activities aimed at the formation of ethnocultural competence of students of a higher educational institution, the essence of which lies in the unity of universal and national cultures; in the continuity of the past, present and future; in harmony of ethnocultural and social in the education of the individual.

***Key words:*** *upbringing, culture of interethnic communication, ethnical pedagogical approach, national-psychological features, national culture, folk pedagogy means, cross-cultural research.*

**Сведения об об авторах: Шаропов Шавкат Ахмадович** - доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ “ХГУ им.ак.Б.Гафурова” (735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1). E-mail Sharofzod54@mail.ru Тел. 92-7717870.

**Ахророва Гульчехра Усмоновна** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции. (Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект И.Сомони,169). Телефон: (+992)92-742-25-65

**Information about the authors: Sharopov Shavkat Akhmadovich** - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution KSU named after B. Gafurov (735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov Ave.). E-mail Sharofzod54@mail.ru Tel. 92-7717870.

**Akhrorova Gulchekhra Usmonovna** - candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Tajik and Russian languages of the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce. (Republic of Tajikistan, the city of Khujand, I. Somoni Avenue, 169). Phone: (+992) 92-742-25-65

**Ш. АХМЕДОВА**

# ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОФИЛЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Целью системы высшего профессионального образования является подготовка высококвалифицированных специалистов, будущих работников соответствующего уровня и профиля, а именно компетентного, ответственного, свободно владеющим русским языком, имеющим высокую ориентацию в сфере избранной профессии, способного к эффективной работе по направлениям мировых стандартов и готового конкурировать в рынке труда.

На современном этапе возникает необходимость в качественной подготовке выпускников вуза. Формирование личностных компетенций студентов юридических факультетов необходимо начинать с первых дней обучения, которое благоприятствует качественной подготовке специалистов с адаптацией в условиях современной информационно-коммуникационной среде, в комплексном владении профессиональными компетенциями.

Уровень владения русским языком во многом определяет положительные достижения в конкретной профессиональной деятельности. «Тупа оратория, косноязычна поэзия, неосновательна философия, сомнительна юриспруденция без грамматики», - писал М.В. Ломоносов. Безошибочная, правильная, понятная, богатая и эмоциональная речь помогает надлежащим образом, посредством мысли и идеи воздействовать не только на сознание слушателя, но и на его сопереживание. Чем выше уровень речевой культуры человека, тем продуктивнее он будет решать задачи профессиональной деятельности. [2]

Проблема формирования русскоязычной профессиональной коммуникативной компетенции остро встает при организации подготовки специалистов нефилологического профиля, в частности, будущих юристов. Все это требует не только четкого знания законов, но и высокого уровня языковой компетенции.

Современный специалист в области юриспруденции должен владеть базовыми ключевыми знаниями не только в области избранной профессии, но и что особенно немаловажно, в плане коммуникативно- профессиональной компетентности. Это, прежде всего, социально ориентированная компетентность; умение активно участвовать в диалоге языков и культур в современной полилингвальной и поликультурной среде; овладеть устной и письменной речью; проявлять информационно–аналитические способности в области законодательных нормативно–правовых актов; постоянно обновлять и совершенствовать профессиональные знания, умения, быть участником непрерывного и дополнительного образования.[4]

В настоящее время высшее образование направлено на формирование профессиональной компетентности будущих юристов. Понятие «компетенция» и «компетентность» не ново в педагогической теории, поэтому их рассмотрение следует начинать с определений, представленных в словарях. В толковых словарях выделяются два значения слова «компетенция». Первое – это круг вопросов, в которых кто-нибудь хорошо осведомлен, и второе – круг чьих-нибудь полномочий и прав.

Компетентный – имеет значение «авторитетный» и определяется как значение и опыт в той или иной области. Выделены ключевые профессиональные компетентности. К ним относятся:

а) умение адекватно вести себя на рынке труда - профессиональная мобильность, умение выстраивать (планировать) профессиональную карьеру,

б) умение трудоустройства, адаптации на рабочем месте,

в) предпринимательские умения.[5]

В условиях нарастающей конкурентной борьбы за недостаток образовательных услуг остро встает проблема разработки новых технологий обучения русскому языку студентов – будущих специалистов в крупных сферах профессиональной деятельности. С связи с этим возрастает острая необходимость в оптимизации процесса языковой подготовки студентов- юристов. Обучение профессиональному речевому общению

предполагается строить на основе учебного диалога, а именно, на овладении студентами – юристами коммуникативными навыками и умениями ведения судебного диалога и проявления правовой культуры.

Анализ исследуемой проблематики позволяет выделить несколько подходов к феномену «диалог» в зависимости от его сущностных характеристик. В них диалог рассматривается как процесс деятельности, в которой реализуется понимание, осмысление, эмоциональное воздействие субъектов в процессе общения; речевое общение (коммуникация), основу которой составляет речевая деятельность: спор, обмен аргументами, дискуссия.

Проведенный анализ состояния подготовки профессиональных кадров - будущих юристов осуществляется в три этапа, каждый из которых направлен на формирование определенных коммуникативных умений и навыков, характеризуется особыми способами и приемами интеллектуальной работы, структурой и принципами организации аудиторных занятий и способа педагогического контроля. Сама процедура судебного процесса ведет основную последовательность следующих функциональных типов высказываний. Так, вопросительные высказывания, играющие главную роль в диалогическом тексте, обусловлены и регламентированы уголовно–процессуальным законом и приобретают в нем специфическую функциональную и стилистическую нагрузку. Они выявляют необходимость выяснять все обстоятельства дела, убедить участников процесса в справедливости позиции говорящего.

Все это требует не только четкого знания в области юриспруденции, но и высокого уровня лингво-правовой компетенции. Это обусловлено тем, что юридический документ должен составляться грамотно как в лингвистическом, таки в юридическом плане. Именно такой подход дела с нормами права и языка делает итог работы эффективным в ходе следственных и судебных процессов.

Иначе говоря, в профессиональной подготовке будущих юристов необходимы специальные навыки речевого общения в устной и письменной форме: умение ставить вопросы, обосновывать и безошибочно разъяснять смысл сообщений с правовой информацией, выступать публично, адекватно воспроизводить устную речь.[2, 121-123]

Будущий специалист в сфере юриспруденции, наравне с родным языком, должен хорошо владеть русским языком, что позволит ему профессионально оперировать непрерывным потоком правовой информации, оказать правовую и юридическую помощь клиентам, иметь широкие знания в области толкования юридической глоссарии, уметь держать контакт с аудиторией и людьми.

Отсюда повышается потребность к субъектам учебной деятельности в умении свободно выразить свои мысли на русском языке, соблюдая нормы и принципы современной юриспруденции и практической деятельности специалиста. Требуется необходимость в качественной подготовке будущих юристов к овладению такими необходимыми для состязательного правосудия коммуникативными умениями, как подготовка к выступлениям в судебных прениях, речевые техники ведения допроса, передопроса, очной ставки; допустимость наводящих вопросов; приемы судебных доказательств и пр. Все это свидетельствует о необходимости качественно обновлять и совершенствовать коммуникативную подготовку будущих юристов и студентов юридических факультетов при обучению русскому языку.

Для формирования коммуникативной компетенции на базе изучения русского языка в вузах юридического профиля приоритетное место отводиться не только овладению языковыми знаниями, но и правовой лингвистикой, привитию профессионально–коммуникативных умений, которые способствуют обеспечению правовой коммуникации, повышению уровня правовой и речевой культуры. Именно при профессиональной постановке преподавания и изучения русского языка в вузах юридического профиля многими студентами достигаются реальные успехи как будущих специалистов, в умении оказать правовую помощь, вести юридические переговоры, налаживать правовые контакты, оформить надлежащим образом документации, выступить на конференциях, круглых столах, симпозиумах, семинарах и пр.[3]

В связи с этим перед нами стоит задача усовершенствования и повышения эффективности обучения русскому языку как неродному, создания программного и

методического обеспечения, учитывающего общеобразовательный уровень, коммуникативные потребности обучаемых, присущее им механизмы, стиль и специфику дальнейшей профессиональной деятельности.

Результатом усвоения содержания обучения является формирование коммуникативной компетенции, обеспечивающая возможность пользоваться языком в устной и письменной форме в различных ситуациях общения. Несмотря на то, что проблема формирования коммуникативной компетенции студентов еще исследуется, на сегодняшний день она изучена недостаточно в разрезе некоторых предметных задач и исследований. Становится очевидным, что подходы и методы преподавания, способы овладения студентами русским языком не отвечает современным стандартам и требованиям. Поэтому необходимо перейти на иную структуру овладения русским языком. В основе такого перехода лежат методики, выстроенные на основе компетенции, организации обучения в контексте будущей профессиональной деятельности.

Таким образом, современные исследователи уделяют большое внимание теоретическим и практическим поискам, связанным с подготовкой коммуникативно-компетентного специалиста в высших учебных заведениях, в том числе, юридического профиля. Среди проблем обучения русскому языку следует отметить недостаток квалифицированных специалистов в вузах. Кроме того, отсутствие государственного стандарта, программы, учебников и учебных пособий по русскому языку негативно влияют на эффективность решения исследуемой проблемы.

Президент Республики Таджикистан, Основатель мира и национального единства, Лидер нации, уважаемый Эмомали Рахмон в своем выступление на встрече с работниками образования в октябре 2019 году отметил: «Огромное значение русского языка для нашего общества носит не декларативный, а реальный характер, и в конституции страны за ним закреплен статус языка межнационального общения».[1]

Таким образом, речевая коммуникация - это процесс совместной профессиональной деятельности является основой успешной совместной деятельности и формирует личность будущего специалиста. Рассматривая все сказанное применительно нашему исследованию, можно утверждать, что поскольку правовые и речевые знания юриста неразделимы, то формирование достаточного уровня профессиональной компетентности будущего юриста невозможно без формирования его коммуникативной компетентности. Речевая коммуникация осуществляется студентами во время освоения ими правовых дисциплин и способствует формированию личности профессионала .Идеи права и справедливости, а также мера дозволенного выражаются в юридической практике не иначе, как в словесных формах .

Эффективность обучения русскому языку студентов нефилологического профиля зависит от максимального учета профессиональных интересов обучающихся. Следовательно, учебный процесс должен быть направлен на формирование русскоязычной профессиональной коммуникативной компетенции студентов – юристов путем интеграции целого комплекса научных дисциплин и внедрения инновационных технологий. Педагогические, психологические и социокультурные условия формирования профессиональной коммуникативной компетенции студентов – юристов нефилологического профиля при обучении русскому языку трактуются как объективные значимые обстоятельства, от которых существенно зависит итоговый результат становления субъекта профессиональной деятельности.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Малюткина Н.С. Педагогические условия формирования социальной компетентности у будущих юристов в процессе профессиональной подготовки 2016г.№1-3 –С. 395-397.

2. Евграфова О.Г. Реализация компетентного подхода в практике иностранного языка в неязыковом вузе.// Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований.-2016г. №326-329.

3. Ушаков Д.Н. Толковый словарь русского языка-Т.1.-М ;ФГИЗ, 1935г.-1427с.

4. ХуторскойА.Э. Ключевые компетенции как компонент личностно- ориентированного образования.//Народное образование.- 2003.- №2. –С. 64

5. Федоров А.Э. Компетентностный подход в образовательном процессе.// Монография.- Омск: Изд-во ООО- 2012г. -57с

**Ахмедова Шахло**

## ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОФИЛЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Основой тенденцией, отражающей концептуальный базис образовательной системы, следует считать переход на компетентную основу, которая позволяет вывести процесс обучения на качественный иной уровень. В статье говорится о ключевых компетенциях и компетентном подходе при обучении русскому языку юридического профиля, о роли преподавания в формировании у обучающих коммуникативной профессионально–ориентированной способности, что позволяет использовать русский язык как в личностной, так и профессиональной коммуникации. Данное направление дополняется рассмотрением форм, методов, средств реализации компетентного подхода в образовательном процессе в языковой подготовке будущих юристов.

***Ключевые слова:*** *компетенция, профессиональная коммуникативная компетенция, профессиональная подготовка, юриспруденция.*

**Ахмедова Шаҳло**

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИИ МУОШИРАТИ ДОНИШҶӮЁНИ ҲУҚУҚШИНОС ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ

Асоси тамоюли омӯзиш, ки заминаи инкишофи низоми таълимро инъикос мекунад, бояд дар он гузариш ба заминаи салоҳиятноки таълим баррасӣ гардад. Ин раванд имкон медиҳад, ки низоми таълим ба сатҳи сифатан нав қарор гирад. Дар мақола ҷанбаҳои асосии таълим ва муносибати салоҳиятнок дар таълими забони русӣ дар риштаи ҳуқуқшиносӣ, нақши таълим дар ташаккули маҳорати худбаҳодиҳӣ ва касбии соҳаи ҳуқуқ нигаронида шудааст. Низоми салоҳиятнок имконият медиҳад, ки донишҷӯён забони русиро ҳам дар муошрати шахсӣ ва ҳам касбӣ васеъ истифода баранд. Ин самт бо назардошти шаклҳо, усулҳо, воситаҳои татбиқи муносибати салоҳиятнок дар раванди таълими забономӯзии ҳуқуқшиносони оянда нигаронида шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳиятнокӣ, салоҳияти касбӣ, салоҳияти муошират, таълим, омӯзиши касбӣ, ҳуқуқшиносӣ.*

**Akhmedova Shakhlo**

## FORMATION OF COMMUNICATIVE COMPETENCE OF STUDENTS OF LEGAL PROFILE IN THE PROCESS OF TEACHING THE RUSSIAN LANGUAGE

The main trend that reflects the conceptual basis of the educational system should be considered the transition to a competent basis, which allows you to bring the learning process to a qualitatively different level. This article is about the key competences and skills approach in teaching Russian language legal profile, the role of teaching in shaping the training of communicative professionally – oriented competence that allows them to use the Russian language in personal and professional communication. This direction is also supplemented by the consideration of the form, methods, means of implementing a competent approach in the educational process of training lawyers, aimed at the development of their professional sphere.

***Key words:*** *a competent, communicative professionally competence, vocational training, jurisprudence.*

**Сведения об авторе:** Ахмедова Шахло Махкамовна - ассистент кафедры языков ТГУК

**Information about the author: Akhmedova Shakhlo Makhkamovna** - Assistant, Department of Languages, TGUK

Д. ЮСУФҶОНОВА
Г. ҲОШИМОВА

# ШАРТҲОИ МУҲИМИ РУШДИ ФАРҲАНГИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Барномаи рушди таҳсилот ва нерӯи зеҳнии захираҳои инсонӣ ҳамчун меъёрҳои сатҳи рушди ҷомеа, нерӯмандии иқтисодӣ ва амнияти миллӣ дар асри XXI ба афзоиши назаррас молик мегарданд. Ба муҳиму актуалӣ будани муаммои рушди потенсиали зеҳнии насли наврас ҳуҷҷати муҳими давлатӣ - «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ишора менамояд. Дар он қайд мегардад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки тарбия ташаккули потенсиали зеҳнии хонандагон ва ҷавонон мебошад [8].

Мафҳуми «интеллект, зеҳн» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш «ақл», «қобилияти фикрронӣ» мебошад [10]. Дар тадқиқоти хеш мафҳуми «фарҳанги зеҳнӣ»-ро ҳамчун маҳорати такмили қобилияти фарҳангию зеҳнӣ тариқи азхудкунии мундариҷаи таҳсилот баррасӣ менамоем. Мафхуми «фарҳанг» фаъолиятеро мефаҳмонад, ки ба дигаргунсозии воқеият, ба ошкор гардидан ва рушди нерӯҳои фитрии инсон равона шудааст.

Ин фаъолияти ҷустуҷӯй ва интихоб, «фаъолиятест, ки натиҷаи он бунёди арзишҳои нави моддӣ ва маънавӣ мебошад» [5,с.82]. Чунин аст таърифи илмии фаъолияти маърифатӣ.

Ба андешаи мо, арзишҳои маънавиро дар мавқеи аввал гузоштан лозим аст, зеро бидуни рӯҳ, ҳиссиёту андеша фаъолияти созанда имконнопазир аст.

Дар зиндагии ҳаррӯза бошад, зери мафҳуми фарҳанги зеҳнӣ, одатан, пеш аз ҳама, фаъолиятро дар соҳаи санъат зикр менамоянд; дувум, тархрезӣ, бунёд ва татбиқи барномаҳои нав ва лоиҳаҳо; севум, маърифати илмӣ, ба истилоҳ, натиҷаи ниҳоии ақл. Албатта, соҳаи фарҳанг бо инҳо маҳдуд намешавад; унсури фарҳанг метавонад дар тамоми навъҳои фаъолияти инсон ҷой дошта бошад: масалан, ҳангоми мутолиаи фаъолонаи китоб (ҳисси ҳамдардӣ ба қаҳрамонон, тахайюлот - зинаи аввали рушди бофарҳангӣ мебошад) [2,4,7].

Ба рушди фарҳанги зеҳнӣ амалиёт аз рӯйи алгоритмҳои тайёр, тақлид муқобилат нишон медиҳанд, ҳарчанд ки дар ҳама гуна рафтор ҳам амалиёти мантиқӣ ва ҳам тақлид ҷой дошта метавонанд. Чунончи, нависанда калимаҳоеро истифода мебарад, ки то ӯ ҳазорҳо маротиба истеъмол шудаанд, аз ин бармеояд, ки фарҳанги забонӣ дар шакли беҳтарин, дар ҷустуҷӯи ғайримаъмулии ният ва интихоби калимаҳо, дар мувофиқати онҳо бо ҳамдигар, дар тобишҳои гуногуни маъноӣ, маъноҳои маҷозӣ зоҳир мегардад.

Такрори якрангу қолабии айни як амалҳо, такрори беандешаи фикрҳои дигарон ба фарҳанги зеҳнӣ ягон муносибат надорад.

Фарҳанги зеҳнӣ ҷӯшиши эҳсосот буда, аз фарогирии донишҳо, маҳорату малакаҳо, азхудкунии арзишҳо ҷудонашаванда аст. Эҳсосот фарҳанги зеҳниро ҳамроҳӣ мекунанд, фаъолияти шахсиятро рӯҳия мебахшанд, ҷараёни андешарониро тақвият дода, ба он нерӯ мебахшанд. Аммо танҳо донишҳо ва маҳорати мустақилона азхудшуда таҳрики фарҳанги зеҳнӣ, таъмини натиҷабахшии онро амалӣ карда метавонанд.

Дар аксарияти бачагон махсусгардии барвақти шавқу рағбати маърифатӣ, соҳаи эмотсионалӣ, фаъолнокӣ, ташаббускорӣ ба назар мерасад, ки маъмулан - тамоюл ба пешоҳангӣ, субот дар кор ё омӯзиш, маҳорати расидан ба ҳадаф, қобилият ба навъҳои ҷустуҷӯии фаъолиятро замина мегузоранд.

Шарти муҳими рушди фарҳанги зеҳнӣ фаъолияти ғайратмандона мебошад. Аммо ин қонунист, зеро инсони аз ҷиҳати зеҳнӣ рушдёфта - шахсе, ки аз кори дақиқу сермеҳнат рӯй намегардонад, донишҳои амиқу маҳорати устувор дорад.

Барои рушди фарҳанги зеҳнии мактаббача фаъолияти муназзам зарур аст.

Сифатҳое, ки барои рушди фарҳанги зеҳнӣ заруранд, инҳоянд: мушоҳидакорӣ, муоширатдӯстӣ, фаъолнокии гуфторӣ, хотираи мустаҳкам ва зуд ҳифз намудан, одати андешаронӣ сари далелҳо.

Барои рушди зеҳн фаъолмандӣ ва мустақилият дар тамоми корҳо ва пеш аз ҳама, дар ҷараёни маърифат лозим аст.

Заминаҳои номбаршудаи фарҳанги зеҳниро чунин воситаҳои омӯзиши забони модарӣ, мисли афсонаҳо ва чистонҳо; дарсҳо, бозиҳо, озмунҳо, викторинаҳо, иншоҳои навъу таъйиноташон гуногун; баромадҳо дар дарсҳои маъмулӣ ё ҷашнҳо ташаккул медиҳанд. Ба иборати дигар, ин баромадҳо аз доираи чизҳои рӯзмарра ва қолабӣ берун мебошанд.

Дар сарҳади рушди фарҳанги зеҳнӣ фаъолияти ҷустуҷӯӣ қарор дорад, ки дар шароити интихоби алтернативаҳо, тафсиру вариантҳои гуногун то фарҳанги ҳақиқӣ боло меравад.

Ба он тарзи махсуси мутолиаи матнҳои таълимӣ - шарик будан ба ғаму шодии қаҳрамонон, амиқ фурӯ рафтан ба дунёи қаҳрамонони китоб мансуб аст: хонандаи ҷавон худро яке аз персонажҳои асар мешуморад, ба муаллиф, ба воқеаҳое, ки дар китоб рӯй медиҳанд, бовар мекунад, ки дарки содадилонаву реалистии асари бадеӣ аст.

Муносибати баръакс низ ҷой дошта метавонад: хонандаи ҷавон гӯё ки дар назди муаллиф - нависанд қарор мегирад, хатҳои гуногуни сужетии ҳикоя ё афсонаро интихоб менамояд, вариантҳо, тафсирҳову лаҳзаҳои навро ворид месозад ё тасаввур мекунад. Дар ин маврид, аллакай дарки содадилонаву реалистӣ ҷой надорад, баръакс, ӯ тақдири қаҳрамононро таъйин мекунад, рӯйдодҳои имконпазирро пешниҳод мекунад, масалан, тақдири ҳафт бузича ё се хукчаро бадоҳатан тағйир медиҳад.

Ҳолати якумро ҳамчун эмотсионалию ҷустуҷӯӣ, дувумро - мантиқию интихобӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

Аз ҳолати якум дарёфти мабдаи ғоявӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ бармеояд. Ба он хониши ифоданок, ба шакли драма даровардан, композитсияҳои мусиқавӣ, намоиши чизи мутолиашуда бо худбаҳодиҳии нияту ҳадафҳои муаллиф мансубанд.

Варианти дувум тартиб додани нақша, амсиласозии хатти сюжет, нақли эҷодкорона бо ворид сохтани тағйироти шахсӣ, доираи мундариҷавии қаҳрамонони нав, инчунин намоиш бо расмҳо, лаҳзаҳои мусиқӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд.

Инак, ҷузъи аввалини низом - заминаҳои фарҳанги зеҳнӣ мебошад.

Ҷузъи дувум - худифодакунии шахсият тариқи рушди фарҳанги зеҳнӣ, асосан, тариқи навъҳои гуногуни санъат. Фаъолияти ҷустуҷӯӣ низ метавонад то сатҳи санъат, то худифодакунӣ боло равад: ҳаминро низ истисно кардан мумкин нест, ки инсон ба нақши қаҳрамон ворид мегардад, он гоҳ зимни гуфтани луқмаҳо ӯ то сатҳи худифодакунии нияти ғоявии муаллиф мебарояд. Айни ҳамин чизро дар бобати намоишдиҳӣ тариқи расмҳо гуфтан мумкин аст: вақте ки инсон расми сюжетии инъикоскунандаи як лаҳзаи амалиёти ҳикояро мекашад, дар заминаи тахайюлот ва таҷрибаи зиндагӣ, албатта, ягон чизро аз худаш, аз шахсияташ, аз дидгоҳаш ба ҳаёт, аз фаҳмиши шахсиаш оид ба қаҳрамон ё воқеа дохил мекунад, ки маҳз ҳамин худифодакунист [3,5].

Худифодакунӣ - иншо аст, ҳатто агар дар назари аввал сода намояд: хонанда дар бораи рӯзҳои бофараҳи таътил нақл мекунад ё манзараи табиатро тасвир менамояд. Дар иншо ҳамеша, новобаста аз он ки муаллиф мехоҳад ё не, шахсияти нависанда ифода меёбад: он дарки латифи эстетикии зебоӣ, муҳаббат ба инсон ё дӯсти чорпо, мафтуншавӣ аз рафтору кирдори нек, напазируфтани бадӣ ва фиреб, ниҳоят, бетафовутӣ метавонад бошад.

Барои худифодакунӣ навъҳои хеле гуногуни иншо хизмат мекунанд: мушоҳидаҳои зиндагӣ, мусаввараҳо, хулосаи китобҳои мутолиашуда ё таассурот аз тамошои филмҳо ва намоишҳо, ҳатто сабти рӯзнома. Расмкашӣ аз асл ё аз рӯйи тахайюл, шеъри худэҷодкарда, бадоҳатан гуфтани афсона, шӯхӣ, ҳаҷвия, дубайтӣ, гӯлзанӣ, шӯрангезӣ ва навъҳои дигари амалиёт, ки ба ҳар як инсон дастрасанд, имконияти худифодакунии зеҳниро фароҳам меоранд.

Шахсият худро дар тарзи хониш, зарбу оҳанги муколама, ҳатто дар ҳусни хат ифода менамояд.

Ҷузъи севуми низомро унсурҳои фаъолияти баҳодиҳӣ дар лоиҳакашӣ, инчунин тарҳрезӣ дар омӯзиши назария ва амалияи забонӣ ташкил медиҳанд.

Ба ин ҷузъи низом чунин навъҳои фаъолият мансубанд:

а) мушоҳидаи падидаҳои забонӣ, таркиби овозии калимаҳо, истеъмоли маъноҳои гуногуни калимаҳо, сохти матн ва робитаю муносибатҳои дохили он, ҷудо кардани

аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи падидаҳо, ҷамъбастҳои одитарин ва амсиласозӣ дар ин замина;

б) тарҳрезии сохторҳои забонӣ - ҷадвалҳо, амсилаҳо, нақшаҳои гуногунтип, алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои грамматикию имлоӣ ва луғавию синтаксисӣ аз рӯйи қоидаҳо ва ғ., аммо ҳатман бо дараҷаи афзуншавандаи мустақилияти маърифатии хонандагон дар ин тарҳрезиҳо, зеро бидуни он таълимгирандаро аз сатҳи иҷрокунадагӣ, қолабии азхудкунӣ ҷудо кардан мумкин нест;

в) тарҳрезӣ ба фаъолияти гуфторӣ низ мансуб аст - ҳам сохтани ҷумлаҳои нави мураккаб, сохтани матнҳои таъйиноташон гуногун, тартиб додани нақшаҳои типи нав, кашфи таркибҳои образнок, маҷозии нутқ, тарҳрезии далелҳо ва дигар ибораҳои мантиқӣ, ташбеҳҳо, силлогизмҳо, мулоҳизаву андешаҳо. Ҳар як хонанда маводи таълимиро ба воситаи мутобиқгардонии он ба сатҳи фарҳанги зеҳниаш аз худ мекунад. Бинобар ин, сатҳҳои эҷодиёт, захираи луғавӣ, тахайюлоти онҳо тамоман гуногун хоҳанд буд.

Фардият - ба худ хос будани инсон, ки дар ҷустуҷӯи идеал ва интихоби роҳи зиндагии худ татбиқ мегардад. Ҷомеаи бачагон аз калонсолон аз лиҳози зерфарҳанг (субкултура), мазмунҳои ҳаётиаш тафовут дорад. Бо худсозӣ машғул шуда, бачагон дар ҷараёни муошират идеалҳо, арзишҳо ва ҳадафҳои ҷомеаи ояндаи калонсолонро меофаранд. Бинобар ин, таълимро дар шакли чунин фаъолияте ба роҳ мондан лозим аст, ки барои хонандаи хурдсол натиҷаи ниҳоии омӯзиш танҳо ҳамон вақт аҳамият пайдо намояд, ки ӯ худ ва дигаронро на фақат аз рӯйи ҷараёни фаъолият, балки вобаста ба маҳорати шахсӣ ва кирдораш баҳо диҳад. Муҳим аст, ки ҳар як кӯдак ҳолати комёбӣ, қаноатмандиро аз натиҷаи бигзор хурд, аммо мустақилона ба даст омада ҳис менамояд. Маҳсулоти фаъолияти бачагон бояд арзиши бешубҳа ва фоиданокии шартиро молик бошанд [2,7].

Рушди фарҳанги зеҳнӣ дар он сурат сермаҳсул хоҳад буд, ки агар дар дохили он зарурати азхудкунии маҳорату малакаҳои дахлдор ба вуҷуд ояд. Масалан, кӯдак шеър ё нақли аҷибро эҷод мекунад, барои ин ӯ бояд ақаллан навиштан ва расм кашиданро тавонад. Таваҷҷуҳи шахси калонсол бояд ба ташкили фаъолият ё муошироти ба синни кӯдак мувофиқ, на балки худи фарогирии донишҳо равона гардад. Эҳтиёҷи кӯдак ба азхудкунии донишу маҳорат бояд дар дохили фаъолияти барояш муҳим пайдо шавад.

Фаъолияти барояш муҳимро амалӣ намуда, кӯдак имкони самтгирӣ ки на танҳо ба «талабот»-и фардияти худ, аз қабили миҷоз, ангезаҳо, қобилият ва ғайраро дорад. Ҳаёти ҳар як хонандаи мактаб ба саъю кӯшиш ҷиҳати ба ҳеҷ кас монанд набудан нигаронида шудааст.

Ба шахсият интихоби озодонаи ташкили зиндагиашро ҳавола намуда, яъне дар ҳолати кӯшиши доимии маънавӣ барои ҳалли муаммоҳои зиндагӣ гузошта, педагог ӯро бидуни ёрӣ ва дастгирӣ, бе такя ба таҷрибаи инсонӣ намемонад. Таҷрибаи зиндагии дар арзишҳои олитарин таҷассумёфта тариқи ин арзишҳо интиқол меёбад.

Арзиш такрорнашаванда ва қатъиян инфиродӣ мебошад. Вариантҳои мувофиқат ва робитаҳои мутақобили интихобҳои арзишӣ беохиранд. Аммо нақши педагог аз кушодани тамоми ин маҷмӯи гуногунранги арзишҳо иборат аст. Ӯ бояд моҳият, мундариҷаи онҳоро боз намуда, таъсироти мутақобили предметию объектии кӯдакро ба ҳамбастагии арзишию субъектӣ табдил диҳад: кӯдак - махлуқи зинда, кӯдак - табиат, кӯдак - инсони дигар.

Педагог маҳз муносибат ба арзишҳоро мушоҳида ва дарк менамояд, таҳрик бахшидаву ислоҳ месозад ва расидан ба шахсият тариқи ин муносибатҳое анҷом меёбад, ки кӯдак интиқол медиҳад. Педагог низ ба сифати шахсияте, ки ҳомили ин муносибатҳост, онҳоро интиқол менамояд. Дар заминаи мундариҷаи таҳсилот муносибатҳои арзишӣ қарор гирифта, баҳои шахси калонсол ба унвони кӯдак - воситаи асосии таълим мегардад.

Педагог бояд маҳорати дидан, хондан, баҳо додан, ислоҳ намудан, ғанӣ гардонидан ва рушд додани низоми муносибатҳои кӯдакро ба олам дошта бошад.

Дар раванди таълим рушди ҳадафмандонаи фарҳанги зеҳниро дар кӯдакон ба роҳ монда зарур аст.

Ин раванд одиву табиист, мактаб ҳамчун маркази таҳсилот соҳиби арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Раванди мазкур ба сохтану тарҳрезӣ тобеъ нест. Агар одамоне, ки дар соҳаи маориф кор мекунанд, «соҳиби» арзишҳои фарҳангӣ набошанд, ҳеҷ гуна технологияи инноватсионии таълим кӯмак расонида наметавонад.

Омили якуми ташаккули фарҳанги зеҳнӣ интихоби маънавӣ ва моддӣ мебошад. Вақте ки калонсолон бо чунин алтернатива рӯ ба рӯ мешаванд, онҳо некӣ, ҳақиқат ва зебоиро дар тамоми зуҳуроти онҳо интихоб мекунанд.

Агар дар мактаб арзишҳои маънавӣ аз арзишҳои моддӣ боло гузошта шаванд, ҳар як бача таҷрибаи шахсиро вобаста ба вазъияти зиндагӣ дар заминаи арзишҳои маънавӣ ҳосил менамояд.

Омили дувуми рушди фарҳанги зеҳнӣ аз ҷониби бачагон бевосита аз сар гузаронидани таъсироти мутақобил бо воқеияти атроф мебошад. Шарти чунин ҳискунӣ аз лиҳози педагогӣ ошкор намудани мундариҷаи муносибати инсонӣ, дар «ташхис кардани» ҳаёти гузаранда, чизҳои атроф ва рӯйдоду ҳодисаҳо мебошад: педагог ҳар як ҳодисаро ҳамчун ҳастии фарҳанг маънидод намуда, ба робитаи ҳар яки онҳо бо кӯдак ишора менамояд. Ин рӯзмарраву одӣ менамояд, аммо нигоҳи бетаҷриба, беҳирфа ба фарқ кардани педагог аз назоратчӣ қобилият надорад, зеро ҳам ину ҳам он фаъолияти бачагонро ташкил мекунад ва аксаран натиҷаи сифатии фаъолияти предметӣ якхела мебошад [2].

Фарҳанг ҳамчун як навъ имконият, ҳамчун тавоноии ягон чиз, ки худро метавонад зоҳир намояд ё не, вуҷуд дорад. Масалан, иҷрои супориш оид ба фан маънои тасдиқи меҳнати зеҳниро надорад. Чунин ҳолат танҳо дар кори воқеии хонанда рӯй медиҳад, ки ангезаи ахлоқӣ ва ҳалафи созандаву эҷодӣ дорад («Ман он кореро мекунам, ки бидуни он ҷараёни зиндагӣ халал меёбад ва бо мавҷудияти он рафти зиндагӣ беҳтар мешавад») [1].

Омили севуми ташаккул ва рушди фарҳанги зеҳнӣ аз ҷониби субъект дарк шудани мундариҷа, шаклҳои зоҳиршавӣ ва аҳамияти умумии арзишмандии ҳаёти инсон мебошад. Ин дар фаъолияти шахсиятмеҳвар рӯй медиҳад, вақте ки шахсият бо олам якҷоя амал карда, арзиши объекти таъсиротро барои ҳаёти худ ва дар маҷмӯъ, ҳаёти инсон муайян мекунад.

Ҳамин тавр, раванди таълимро бо фарҳанги зеҳнӣ пур бояд кард. Ҳангоме ки таъсироти мутақобил педагог ва бачагон он объекти таваҷҷуҳи педагог аст. Ин арзиши кӯдакро ҳаргиз кам намесозад, зеро кӯдак низ зимни муошират бо педагог ба рушди фарҳанги худ тариқи дарки одам тамоюл дорад. Ҳам педагог ва ҳам кӯдак - ду субъекти муносибатҳои фарҳангӣ. Онҳо барои ҳамдигар маҳз ҳамчун соҳибони олами хоси худмухтор бо низоми махсуси муносибатҳо ва дидгоҳи хоси аз дигарон фарқкунанда ба олам арзиш доранд.

**АДАБИЁТ**:

1. Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды. - М.: Педагогика, 1989.-560 с.
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология // Под ред. В.В. Давыдова. - М.: Педагогика, 1991. - 480 с.
3. Границкая А.Г. Научить думать и действовать: Адаптация - система обучения в школе. - М.: Просвещение, 1991. - 173 с.
4. Гузеев В. Лекции по педагогической технологии. - М.: Знание, 1992. - 60 с., ил.: Гузеев В.В. Системные основания образовательной технологии. - М.: Знание, 1995. - 135 с.
5. Дьяченко В.Х. Сотрудничество в обучении о коллективном способе учебной работы: Книга для учителя. - М.: Просвещение, 1991. - 192 с.
6. Кларин М.В. Инновации мировой педагогики: обучение на основе исследования, игры и дискуссии (Анализ зарубежного опыта). - Рига: НПЦ «Эксперимент», 1995.-С. 138.
7. Матюшкин А.Н. Развитие творческой активности. - М.: Педагогика, 1991.- 155 с.
8. Национальная стратегия развития образования в Республике Таджикистан до 2020 года. Душанбе. 2012г. (Утвержден Постановлением Правительства РТ от 30.06.2012г.№334).
9. Роберт И. Новые информационные технологии в обучении: дидактические проблемы, перспективы использования // Информатика и образование. - 1991. - №4.-С. 18-25.
10. Энциклопедический словарь по культурологии. - М.: Центр, 1997. - 477 с. - С. 150.

**Юсуфчонова Д., Хошимова Г.**

## ВАЖНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье рассматриваются некоторые важные факторы развития интеллектуальной культуры младших школьников. Отмечается, что интеллектуальная культура это всплеск эмоций, оно неотделимо от усвоения знаний, освоения умений и присвоения ценностей. Эмоции сопровождают интеллектуальную культуру, одухотворяют деятельность личности, повышают тонус рассуждения и размышления, придают ему силы. Делается вывод о том, что важным фактором становления и развития интеллектуальной культуры является осмысление самим субъектом содержания, форм проявления и общего значения ценности в жизни человека.

***Ключевые слова:*** *мышление, способность, учебная деятельность, процесс обучения, интеллектуальная культура, учитель, учащиеся, развитие, формирование, интеллектуальный потенциал*

**Yusufjonov D., G. Khoshimova**

## IMPORTANT DEVELOPMENT FACTORS INTELLECTUAL CULTURE OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The article discusses some aspects of the development of intellectual culture of primary school students. It is noted that intellectual culture is a surge of emotions, it is inseparable from the assimilation of knowledge, development of skills and appropriation of values. Emotions accompany intellectual culture, spiritualize the activity of the individual, increase the tone of reasoning and reflection, give him strength. It is concluded that an important factor in the formation and development of intellectual culture is the comprehension by the subject himself of the content, forms of manifestation and the general significance of value in human life.

***Keywords***: *thinking, ability, educational activity, learning process, intellectual culture, teacher, students, development, formation, intellectual potential*

**Сведения об авторах: Юсуфджонова Дилбар Холикджоновна** – соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.ак.Б. Гафурова. (Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.). Тел.928895296. E-mail: dilbar77@mail.ru

**Хошимова Гулшан Гадойбоевна** – старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.ак.Б. Гафурова. (Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). Тел.927621972. E-mail:gulshan73@mail.ru

**Information about authors: Yusufjonova Dilbar Kholijdzhonovna** - applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution KSU named after B. Gafurov. (Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). Tel. 928895296. E-mail: dilbar77@mail.ru

**Khoshimova Gulshan Gadoyboevna** - Senior Lecturer, Department of Social and Professional Pedagogy, State Educational Institution KSU named after B. Gafurov. (Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). Tel. 927621972. E-mail: gulshan73@mail.ru

**Ш. ВАЛИЗОДА**
**А. ФАЙЗИЕВ**

# БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Ташаккули худшиносии миллӣ, аз тарафи инсон дарк шудани мансубият ба миллаташ, шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ на танҳо хусусияти иттилоотӣ дорад. Равандҳое, ки ҷанбаи миллӣ доранд, бевосита ба соҳаи эҳсосию психологии шахсият дахл намуда, барои он аҳамияти арзишӣ доранд. Тамоми чизҳое, ки масъалаҳои миллӣ робита доранд, аз ҷониби инсон на танҳо «мулоҳиза» мешавад, балки «ҳис мегардад», на танҳо бо ақл, балки дили ӯ низ дарк шуда, ба ҳиссиёташ таъсир мерасонад. Инсон наметавонад бетарафӣ, беэътиноӣ зоҳир намояд, ҳарчанд тобиши ҳиссиёти ӯ метавонад гуногун бошад: аз мусбат то ниҳоят манфӣ. Инсон метавонад аз миллати хеш ва фарҳанги он ифтихор намуда, аз мансубият ба он қаноатманд бошад, ягонагӣ бо халқи худ, шодиву фараҳро аз муошират бо фарҳанги он эҳсос намояд ва баръакс, зимни андешидан аз мансубияти миллиаш афсӯсу надоматро эҳсос карда, ба фарҳанги миллаташ бетараф, ҳатто таҳқиромез муносибат намояд, аз «эҳсоси камқиматӣ» дар бобати баромади миллиаш азият кашад [4].

Муносибати шахсият ба халқи худ ва фарҳанги он бо сохторҳои тез барангезанда, босуръати шахсият, торҳои хеле латифу ҳассоси рӯҳ алоқаманд аст. Бинобар ин, таъсирот ба онҳо воситаи самарабахш, «пуртаъсир»-и ташаккули худшиносии миллӣ мебошад, аммо зимни истифода эҳтиёткорӣ, ҳассосияти махсусро тақозо менамояд. Принсипи мазкур бояд вазифаи ташаккули муносибатҳои солими шахсиятро дар соҳаи миллӣ ва дар баробари ин, созгор намудани ҷанбаҳои дунёи ботинии ӯро иҷро намояд. Он ба пешгирӣ ва бартараф сохтани ихтилофҳо ва тамоюлҳои манфӣ дар заминаи миллӣ, аз қабили такаббури миллӣ, ифротгароӣ равона шудааст, зеро ба ҷойи парастиши кӯр-кӯронаи ашаддӣ муносибати бошууронаро ташаккул медиҳад, ки ба донишу дарки арзишмандии миллии халқи худ асос ёфтааст.

Тамаддуни инсонӣ ҳамчун «хазинаи» тамоми фарҳангҳои миллӣ на маҷмӯи одии онҳо, балки низоми мураккабест, ки дар заминаи робитаҳои мутақобили фарҳангҳои гуногун созмон ёфтааст. Агар сифатҳо, ҷанбаҳои махсуси фарҳангҳои миллӣ ба қаринаи мушаххаси таърихӣ, ба худ хос будани муҳити ҷуғрофӣ, давраҳои гуногун ва сатҳҳои дахлдори зиндагии этносҳои ҷудогона вобаста бошанд, умумияти фарҳангҳо амалӣ гардидани ҳадафҳои фарогири фаъолияти инсонӣ, забони «умумии» байни этносҳоро таъмин менамояд. Фақат ҳамин гуна дидгоҳи густурда ба фарҳанги миллии халқи хеш, дарки равандҳои фарҳангӣ дар қаринаи фарохтар метавонад заминаи ташаккул ва рушди имконоти эҷодии шахсият гардад, ки на танҳо мушоҳидаи ғайрифаъолонаи фарҳанги миллӣ, балки тариқи дидгоҳи фардӣ саҳм гузоштан ба он, ҳамроҳ шудан ба раванди фарҳангсозро муяссар мегардонад. Робита ва эътирофи мутақобили фарҳангҳо шарти амалкарди бомуваффақияти худшиносии миллӣ аст [5]. Муносибати хонандагон ба арзишҳои фарҳангии халқҳои дигар заминаи муносибат ба фарҳанги халқи худ ва дар ниҳояти кор - муносибат ба худ мегардад. Робитаи мутақобил бо намоиши алоқамандии унсурҳои фарҳангҳои гуногун, якҷояшавии одии онҳо маҳдуд намегардад, балки асосан тариқи муқоисаи мазмуни онҳо, муқаррар кардани монандӣ ва тафовути онҳо, сарчашмаву решаҳои умумӣ, мутақобилан пурра кардани умумияти онҳо амалӣ мешавад.

Аҳамияти принсипи фаъолият дар ташаккули худшиносии миллӣ бузург аст, зеро шахсият маҳз дар фаъолият (маърифатӣ, коммуникативӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ ва ғ.) зоҳир гардида, инкишоф меёбад.

Навъи якуми фаъолият, ки худшиносии миллии шахсият зоҳир мешавад, соҳаи нахустини татбиқи эҷодии ӯ дар фарҳанги миллӣ фаъолияти нутқ аст. Дар фаъолияти меҳнатӣ ин принсип зимни офаридани маҳсули соҳиби фарҳанги миллӣ, дар фаъолияти маърифатӣ - дар фарогирии анъанаҳои халқ аз ҷониби хонандагон амалӣ мегардад. Ҳангоми таъсироти мутақобил бо арзишҳои моддиву маънавии фарҳанги миллӣ ҳиссиёти эстетикӣ ташаккул меёбанд, ки дар навбати худ эҳтиёҷоти эстетикиро ба вуҷуд меоранд.

Онҳо дар раванди ташаккули худшиносии миллӣ шакл гирифта, такмил меёбанд. Зебоӣ бояд дар навъҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, дар омӯзиш, меҳнат, фароғат, дар кӯшиши созгор намудани фарҳанги зоҳириву ботинӣ ҳузур дошта бошад ва дар айни замон, хусусиятҳои миллиро зоҳир карда, ба қонуну қоидаҳои ахлоқии халқи худ риоя намояд.

Ҳамин тариқ, принсипи фаъолият раванди ташаккули фарҳанги миллиро таҳрик бахшида, ба он равона шудааст, бачагон ба навъҳои гуногуни фаъолият оид ба эҳё ва ҳифзи анъанаҳои тоҷикон ҷалб гарданд.

Зимни ташкили фаъолият рағбатҳои шахсӣ, талаботи хонандаро дар назар бояд дошт. Бачагон ҳуқуқ доранд, ки хатти ҳаракати таҳсилот, навъҳои фаъолият ва воситаҳои онро интихоб намоянд. Дар ин маврид, ба ҳисоб бояд гирифт, ки кӯдак иштирокчии баробарҳуқуқи раванди педагогӣ, яъне субъекти он аст. Ин принсип тариқи навъҳо ва шаклҳои гуногуни ҳамкории омӯзгорон, хонандагон, волидайн, тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди психологӣ амалӣ мегардад, ки муносибати субъект - субъектиро таъмин месозад. Тамоюли инсонгароёнаи ин принсип дар кӯшиши ёрӣ расонидан ба ҳар як кӯдар барои дарёфтани худ, ошкор намудану рушд бахшидани қобилияту истеъдодаш ифода меёбад.

Аҳамияти принсипи бисёромилӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ба исбот ниёз надорад, зеро худшиносии миллӣ худ ба худ пайдо намешавад, балки зери таъсири омилҳои объективию субъективӣ ташаккул меёбад.

Зери таъсири волидайн, муҳит, мактаб, идеология насли наврас чунин арзишҳои миллӣ ва умумиинсониро ба даст меорад, ки дар ҷомеа дар марҳалаи ҳозираи рушди он мавҷуданд. Ба ғайр аз омилҳои беруна дар ташаккули худшиносии миллӣ нерӯҳои дохилии барангезанда - майлу рағбат ва талабот саҳм мегузоранд, ки нерӯҳои ҳаракатдиҳандаи худшиносӣ мебошанд. Маҷмӯи омилҳои берунаву дохилӣ дар хонандагон ҷиҳатҳои афзалиятноки шахсият - мансубият ба миллати муайянро ташаккул медиҳад.

Самаранокии ташаккули худшиносии миллӣ ба таъсироти мутақобили омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста мебошад. Онҳо бояд дар ҳолати тавозун қарор дошта бошанд, зеро аз будаш зиёд муҳим шуморидани омилҳои субъективӣ боиси шуури миллӣ ва таҳрифи рафтор мегардад ва баръакс, муҳимтар шуморидани омилҳои объективӣ ба рушди худшиносии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, ҳар қадар ки ихтилофи байни онҳо кам бошад, ҳамон андоза шароити ташаккули худшиносии миллӣ бештар мусоид хоҳанд буд.

Яке аз вазифаҳои асосии таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ дар бачагон ташаккул додани омодагии психологию эмотсионалӣ ба фаъолияти муназзами омӯзишӣ мебошад [9]. Дар ин зинаи таълим ба рушди маҳорати умумитаълимӣ (маҳорати шунидан, мушоҳида, нақл, хондан, навиштан, ҳисоб кардан, иҷро намудани супоришҳои одӣ) ва ташаккули ҳадафмандонаи шавқу рағбати донишомӯзии бачагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, бачагонро ба муҳите наздик бояд кард, ки онҳо зиндагӣ мекунанд ва бевосита мушоҳида карда метавонанд. Дар ин замина ҷанбаҳои асосии онро дар назар бояд дошт: иҷтимоӣ, фарҳангӣ, табиат, меҳнатӣ. Муҳим он аст, ки муҳити фаъолонаи забонӣ фароҳам оварда шуда, маводи маишӣ, имконоти педагогии оила барои ташаккули асосҳои таҷрибаи иҷтимоии бачагон истифода гарданд, ки маҳз ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва махсусияти муҳити забонии тоҷикӣ нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, вазифаҳои тарбияи ахлоқию эстетикӣ аз дидгоҳи нав миён гузошта шудаанд, зеро ҷалби бачагон ба асосҳои фарҳанги маънавию моддии халқи тоҷик захираҳои иловагиро ба вуҷуд овард.

Ҳамчунин дарку азхудкунии дастовардҳо ва ғояҳои педагогикаи халқӣ дар амалия вазифаи минбаъда аст, зеро дар он захираи бузурге барои ҷалб намудани бачагон ба шаклҳои бозии таълиму тарбия, дар онҳо рушд додани соҳаи эмотсионалӣ ва қобилияти эҷодӣ нуҳуфтааст.

Дар мактаби ибтидоӣ ба ӯҳдаи фанҳои бадеию эстетикӣ ва забонию коммуникативӣ вазифаҳои муҳими иҷтимоигардонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, дар онҳо инкишоф додани маҳорати сарфаҳм рафтан ба фарҳанги миллӣ, маҳорати фаҳмидан ва баҳодиҳии воқеаҳои гузаштаву ҳозира дар алоқамандии онҳо, дарки тағйирпазирии падидаҳои ҷамъиятӣ дар яклухтии онҳо вогузор шудааст. Фанҳои силсилаи гуманитарӣ ҷиҳати дар

хонандагони хурдсол бедор кардани «хотираи миллӣ», фаҳмиши мавқеи худ дар ҷомеа, решаҳои таърихӣ ва мансубият ба фарҳанги халқи хеш мусоидат менамоянд.

Мундариҷаи фанҳои гуманитарӣ то ҳол ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад. Пеш аз ҳама, сабук намудани мундариҷа, тақвияти ҷанбаи шахсиятӣ, эмотсионалию арзишии он мувофиқи мақсад аст.

Таҷдиди мундариҷа дар мавриди фанҳои гуманитарӣ бояд дар ду самти ба ҳам алоқаманд сурат гирад. Якум, муайян кардани ҷузъҳои асосӣ оид ба фанҳои амалкунанда, яъне муайян кардани чунин ядрои мундариҷа, ки ҳаҷми камтарини донишҳо, маҳорату малакаҳои барои татбиқи ҳадафҳои ин фанҳо имкондиҳандаро дар бар мегирад. Дувум, муайян кардани ҷузъҳои вариативӣ барои татбиқи талаботи тафриқабахшии таълим. Вариантнокии таълим аз ҳисоби истифодаи барномаҳои сатҳашон гуногун, нақшаҳои инфиродӣ ба даст меояд.

Ба яклухтии таълими фанҳои гуманитарӣ ҳамчунин ба нақшаи таълими мактаби ибтидоӣ ворид кардани курси ҳамгиро, ки аз ҷиҳати сохтор заминаи байнифаннӣ дорад, бояд мусоидат намояд. Масалан, курси «Ман - ҷузъи зиндаи халқи худ». Мундариҷаи курси мазкур, ки аз синтези донишҳои таърихӣ, этникӣ, адабиётшиносӣ ва санъатшиносӣ фароҳам омадааст, бешубҳа, ба татбиқи потенсиали эстетикие, ки дар фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои эҷодиёти халқ нуҳуфтааст, мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ**:

1. Альшевская Л.А. Формирование национального самосознания старшеклассников в учебно-воспитательной работе школы: Дис...канд.пед.наук. - Минск, 1993. - 185 с.
2. Арутюнян и.А. Новое мышление и проблема роста национального самосознания личности // Национальный вопрос и новое мышление: Сб. ст. / Ерев. гос. ун-т; Редкол.: Л.А. Абрамян и др. - Ереван, 1989. –
3. Байрамов Н. Народная педагогика Востока. -/Народное творчество, 1991.-№6.-С. 5-7.
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2006.
5. Стратегияи миллии рушди маориф то солҳои 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2012.
6. Ушинский К.Д. Собрание педагогических сочинений / Ред. коллегия: А.М.Еголин, Е.Н. Медынский В.Я. Струминский.- М.-Л.: Изд-во Академ, пед. наук РСФСР,1948.- Т.2.-620 с.
7. Хабибуллин К.Н. Самосознание и интернациональная ответственность социалистических наций: (Филос. и соц.-психол. пробл. нац. отношений развитого социализма)/ Дис. ... д-ра филос. наук. - Л., 1977. - 348 с.
8. Ҳошимова Г.Г. Openization Вализода Ш. «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб». -Хуҷанд, 2018.- 306 с.
9. Шарифзода Ф.Каримова И. Педагогика. Душанбе, Ирфон, 2008.
10. Юденко О.Н. Особенности национального самосознания дошкольников и его формирование в условиях специально организованной деятельности: Автореф. дисс... к. психол. наук. -Иркутск, 2000. - 16 с.

**Вализода Ш., Файзиев А.**

## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули худшиносии миллӣ дар синни хурди мактабӣ ва мавқеи принсипҳои дар ин замина татбиқшаванда бахшида шудааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мавқеи принсипҳои фаъолиятӣ, ба шахсият нигаронидан, бисёромилӣ дар ташаккули худшиносӣ баррасӣ гардида, аҳамияти татбиқи онҳо дар ин раванд нишон дода шаванд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки самаранокии раванди ташаккули худшиносии миллӣ ба ҳамбастагиву мутаносибии омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста мебошад ва бартараф намудани ихтилофи байни онҳо барои шаклгирии дурусти худшиносии миллии мактаббачагон шароити мусоид фароҳам меорад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *худшиносии миллӣ, ташаккул, принсипи фаъолият, шахсият, бисёромилӣ, мактаббачагони хурдсол*

**Рализода Ш., Файзиев А.**

## О НЕКОТОРЫХ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

Статья посвящена изучению теоретических аспектов формирования национального самосознания у детей младшего школьного возраста и роли принципов, применямых в данном процессе. Предпринимается попытка рассмотреть роль и место принципов деятельности, принципа личностного ориентирования и принципа многофакторности, показать важность их применения в данном процессе.

Автор подчеркивает эффективность формирования национального самосознания зависит от взаимодействия объективных и субъективных факторов и устранение противоречий между ними создает благоприятные условия для формирования национального самосознания.

***Ключевые слова:*** *национальное самосознание, формирование, принципы деятельности, личностное ориентирование, многофакторность, младшие школьники*

**Valizoda Sh., Fayziev A.**

## ABOUT SOME THEORETICAL ASPECTS OF THE FORMATION OF NATIONAL IDENTITY PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The article is devoted to the study of the theoretical aspects of the formation of national identity in primary school children and the role of principles applied in this process. An attempt is being made to consider the role and place of the principles of activity, the principle of personal orientation and the principle of multifactoriality, to show the importance of their application in this process. It is emphasized that the effectiveness of the formation of national identity depends on the interaction of objective and subjective factors and the elimination of contradictions between them creates favorable conditions for the formation of national identity.

***Keywords***: *national identity, formation, principle of activity, personal orientation, multıfactorial nature, primary school students*

**Сведения об авторах: Вализода Шоира -** преподаватель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова». (Республика Таджикистан, г.Худжанд,пр.Мавлонбекова 1.). Тел.92-7708660. E-mail: shjirahon@mail.ru

**Файзиев Аҳмадҷон-** преподаватель общеуниверситетской кафедры общей педагогики ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова». (Республика Таджикистан, г.Худжанд,пр.Мавлонбекова 1.). Тел.92-7717870.

**Information about authors: Valizoda Shoira** - teacher of the department of social and professional pedagogy of the State Educational Institution "KSU named after academician B. Gafurov". (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). Tel. 92-7708660. E-mail: shjirahon@mail.ru

**Fayziev Akmadgon -** teacher at the All-University Department of General Pedagogy of the State Educational Institution KSU named after Academician B. Gafurov. (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). Tel. 92-7717870.

**Ф. АҲРОРОВА**

# БАЪЗЕ НАВЪҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН

Маориф яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятноки ҷомеаи муосир буда, рушди он дорои хусусиятҳои созанда мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рўзҳои аввали истиқлолияти давлатӣ ба ин соҳаи басо муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, рушду нумўи онро дар меҳвари сиёсати дохиливу хориҷии худ қарор додааст. Дар навбати аввал аз ҷониби давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа бо дарназардошти арзишҳои миллию умумибашарӣ таҷдиди назар гардиданд. Дар ин даврон бештари муассисаҳои таълимии кишвар азнавсозӣ гардида, бо тамоми технологияи муосири таълимию иртиботӣ таҷҳизонода шуданд [1; 4].

Муҳимтарин падидае, ки дар даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолии кишвар дар саоҳаи маорифи кишвар ба амал омад, ин истифодаи васеи технологияи муосири таълим ва гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, махсусан дар зинаи таҳсилоти умумӣ мебошад.

Чунонки маълум аст, истифодаи технологияи муосири таълим ба самти азхудкунии дурусти дониш аз ҷониби хонандагон ва ташаккул ва рушди салоҳиятҳои онҳо нигаронида шудааст. Хонандагон ҳангоми истифодаи технологияи муосири таълим на танҳо маълумот мегиранд, балки неру пайдо мекунанд, ки мустақилона дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёти воқеӣ амал кунанд. Технологияҳои муосири таълим барои гирифтани донишҳои зарурӣ ва ташаккули салоҳиятҳо кўмак мерасонанд ва сифати таълимро беҳтар карда, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагонро боло мебаранд [2; 12].

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди таълим ҳамзамон имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои таълимӣ аз ҳам фарқ кунанд (яъне таълими тафриқавӣ роҳандозӣ гардад) ва ин равандҳо фардӣ карда шаванд. Зимни он ба хонандагон имконияти бештари мустақилият дар интихоби усули ба даст овардани иттилооти таълимӣ дода мешавад.

Истифодаи технологияи муосир дар таълим ба омўзгор низ дар навбати худ имкон медиҳад, ки на танҳо таълимро сифатнок намояд, балки ҷараёни таълимро ҳам оптималӣ гардонад. Вазифаи омўзгор дар марҳилаи кунунии таълим бештар ба роҳнамоии хонанда, мусоидат ба мустақилона ба даст овардани дониш, масъулиятшинос намудани хонанда табдил меёбад. Вақте ки муаллим роҳҳои таъсиррасонӣ ба хонандагонро муайян мекунад, ў бояд ҳолати эҳсосӣ ва равонӣ, сатҳи рушди фарҳангӣ ва синнусолӣ ва зеҳнии онҳоро ба назар гирад. Бо ҳамин роҳ салоҳияти хонандагон барои интихоби технологияҳои педагогӣ дар раванди таълим ташаккул меёбад [3; 8].

Барои омўзгор ҳангоми интихоби технологияи педагогӣ ба хусусияти мундариҷаи маводи омўхташаванда, синну соли хонандагон ва таҷҳизоти техникии ҷараёни таълим диққати махсус равона кардан зарур аст. Зимни он омўзгор ҳуқуқ дорад технологияеро интихоб кунад, ки ба ҳалли мушкилоти мушаххас дар марҳилаи муайяни таълим мусоидат намояд.

Технологияи муосири таълимиро дар адабиёти муосири педагогӣ ба гурўҳҳои зерин тақсим менамоянд:

1.Технологияи тавзеҳотӣ ва тасвирӣ.
2.Технологияи таълими хонандагон.
3.Технологияи рушди таҳсилот.
4.Бозӣ ва технологияи фаъолият.
5.Маълумот, технологияҳои компютерӣ.
6.Технологияҳои таълими проблемавӣ.
7.Технологияи моделсозӣ.
8.Ҳамкории технологӣ.

Дар робита ба ин ва навъҳои дигари технологияи муосири таълим ва таъсири онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон баъзе аз онҳоро дар поён шарҳ медиҳем. Қабл аз ҳама қайд бояд кард, ки технологияи таълими фаҳмондадиҳӣ ё тавзеҳотӣ ва тасвирӣ табиати

систематикии таълим, пешниҳоди мантиқан дурусти маводи таълимӣ, возеҳии ташкилӣ ва таъсири доимии эмотсионалии шахсияти омӯзгорро дар назар дорад.

Технологияҳои омӯзиши ба инсон нигаронидашуда дар навбати худ муносибати тафриқавӣ ё дифференсиалиро ба таълим бо дарназардошти сатҳи рушди зеҳнии хонанда ва қобилияти ӯ таъмин мекунанд. Дар ин ҳолат, шахсияти хонанда ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи омӯзгор қарор мегирад, қобилияти маърифатии ӯ фаъол мешавад ва омӯзгор сифатҳои беҳтарини хонандаро муайян мекунад. Ҳадафи ин технология ташаккули салоҳиятҳои шахсиятии хонандагон дар ҷараёни таълим мебошад. Зимни истифода аз он омӯзгор сатҳи ибтидоии дониши хонандагонро муайян мекунад, онҳоро назорат мекунад ва бо онҳо гуфтугӯ, муколамаро ба роҳ мемонад. Ҳангоми омода кардани маводи таълимӣ барои дарси назариявӣ ё дарси амалӣ омӯзгор ба таври муфассал бояд фикр кунад, ки чӣ гуна маводи таълимӣ бо таҷрибаи шахсӣ ва донишҳои хонандагон робита хоҳанд дошт [4; 2].

Қобили таъкид аст, ки раванди таъмини ҷараёни таълим бо технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади ташкили системаҳои таълимию методӣ, ки ба рушди нерӯи зеҳнии хонандагон, ташаккули салоҳияти мустақилона гирифтани дониш ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ нигаронида шудааст, сурат мегирад. Бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ усулҳои тестӣ ва ташхис таҳия карда шуда, мониторинг ва арзёбии мунтазами дониши хонандагонро таъмин мекунанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба омӯзгор ва хонанда имкон медиҳад, ки дар худ салоҳиятҳои иттилоотию иртиботиро ташаккул диҳанд. Бо истифода аз компютер ва воситаҳои таълимии мултимедиявӣ хонанда ҳамчунин имконият пайдо мекунад, ки тафаккуру тахайюл ва хотираи эҳсосии худро рушд диҳад.

Мултимедия дар дарсҳои назариявӣ ва дарсҳои амалӣ васеъ истифода бурда мешавад. Зимни он мавод бояд тавре ба тартиб дароварда шавад, ки ҳар як матн дар экран маънои семантикии худро дошта бошад, ҳамзамон сохтори бисёрсатҳиро фаро гирад. Дар раванди дарсҳо ва дар вақти беруназсинфӣ донишҷӯён бо Интернет фаъолона кор карда, имкон пайдо мекунанд, ки вазифаи хонагӣ, маводи таълимӣ ва конференсияҳои амалиро омода кунанд. Илова бар ин, истифодаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои электронӣ, омодасозии муаррифномаҳои мултимедиявии хонандагон дар синфҳо, конференсияҳои илмию амалӣ ва дигар чорабиниҳо хеле маъмул мешаванд.

Навъи дигари технологияҳои муосир - технологияҳои омӯзиши мушкилот бошанд, эҷоди вазъияти мушкилро таҳти роҳбарии омӯзгор дар бар мегиранд. Аз ҷониби хонандагон фаъолияти мустақил, вале фаъолмандона зарур аст, зеро ин барои ташаккули маърифати зеҳнӣ ва салоҳиятҳои эҷодии онҳо имконият фароҳам меорад. Таълими ба проблема асосёфта ин чунин навъи омӯзиш аст, ки фаъолияти мунтазами мустақилонаю ҷустуҷӯии хонадагонро бо истифода аз хулосаҳои тайёр омода месозад.

Ба навъи дигар - технологияҳои таълими проблемавӣ инҳо ворид мешаванд: лексияҳои проблемавӣ, семинарҳо, мубоҳисаҳои таълимӣ, таҳқиқоти таълимӣ. Ҳангоми ташкили раванди дарс бо чунин технология дар илми педагогика вазъи мушкилот на ҳамчун ҳолати шиддатнокии зеҳнӣ, балки ҳамчун ҳолати душворӣ, ки аз норасоии донишҳои қаблии хонадагон ба вуҷуд омадааст, баррасӣ карда мешавад. Мушкилоти ғайричашмдошт ҳамеша ҳайратовар буда, ҷустуҷӯи равониро ташвиқ мекунанд. Роҳи халосӣ аз вазъият ҳамеша бо огоҳӣ аз мушкилот ва ҳалли он вобаста аст. Машқҳои хусусияти ҷустуҷӯӣ дошта низ истифода мешаванд, агар хонандагон намудҳои муайяни корҳои назариявӣ ва амалиро мустақилона иҷро карда тавонанд [5; 21].

Таълими ба проблема асосёфта ин чунин навъи омӯзиш аст, ки дар он мундариҷаи вазъияти таълимӣ моделсозӣ карда мешавад ва ба ин васила шароити табдил додани фаъолияти таълимии хонандаро ба фаъолияти воқеӣ таъмин мекунад. Ҳамин тавр, омӯзиши проблемавӣ ба азхудкунии пурраи мавод мусоидат намуда, шавқи маърифатиро ба модулҳои таълимии омӯхташуда такмил медиҳад, рушди салоҳияти қабули қарорҳо ва муносибати эҷодиро фароҳам меорад ва хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки бо роҳҳои муайяни ҷустуҷӯ иттилооти заруриро ба даст оранд. Ин, дар навбати худ, салоҳияти

хонандагонро барои дар оянда рақобатпазир будан дар бозори муосири меҳнат ташаккул медиҳад.

Дар айни замон ҳафт гурӯҳи технологияҳои моделиронӣ ба кор мераванд, ки бо сатҳи робитаашон бо воқеият фарқ мекунанд: визуалӣ, дастӣ, реактивӣ, автоматикӣ, сахтафзор, интерактивӣ, интегралӣ. Таълими моделиронӣ бояд аз ҷониби омӯзгорони махсус омӯзонидашуда гузаронида шавад, ки дар якҷоягӣ бо мутахассисони таҷрибадор сенарияи ҳолатҳои мухталифи истеҳсолиро эҷод карда тавонанд. Ҳамин тариқ, технологияҳои моделиронӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки намудҳои асосии фаъолиятро азхуд карда, такроран ба муҳити воқеӣ тавассути кор бо тренажерҳо ворид шаванд.

Дар бораи технологияҳои ҳамкорӣ сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки онҳо имкон медиҳанд, ки ғояҳои баробарӣ ва шарикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Ин қабл аз ҳама ғояи гуманистии фаъолияти муштарак ва рушди хонандагон ва омӯзгорон мебошад, ки ба ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳлили дастаҷамъонаи натиҷаҳои фаъолият асос ёфтааст. Ҳамкорӣ ҳамчун шакли ташкилии таълим захираҳои назарраси таъсир ба шахсияти хонанда ва баланд бардоштани самаранокии таълимро ифода мекунад. Барои ташаккули салоҳиятҳои хонанда ба ӯ на танҳо малакаҳои муайяни амалӣ, балки қобилияти кор дар гурӯҳро низ омӯзондан хеле муҳим аст. Дар дарсҳои амалӣ бо истифода аз технологияҳои ҳамкорӣ хонандагон на танҳо дониш ва таҷрибаи амалӣ мегиранд, балки кор кардан ва муошират кардан дар гурӯҳро ҳам меомӯзанд, якдигарро дастгирӣ мекунанд ва барои кӯмак ба ҳамдигар омода мегарданд. Ҳангоми тайёрӣ ба иҷрои супоришҳо ба хонандагон моҳияти кор аз рӯи ин технология фаҳмонида мешавад. Вазифаи ҳама дар ин раванд ҳамин аст, ки чизеро дар якҷоягӣ, дастаҷамъона биомӯзанд. Принсипҳои асосии технологияи ҳамкорӣ аз он иборатанд, ки барои як гурӯҳи хурд як вазифа гузошта шуда, ҳар яки онҳо ҷавобгарии инфиродӣ бар дӯш доранд ва хонандагон барои ба даст овардани муваффақиятҳо аз имкониятҳои баробар бархӯрдор мебошанд. Дар натиҷаи кори гурӯҳӣ азхудкунии маводи барномавӣ ба даст оварда мешавад. Омӯзгор нақши созмондиҳандаи фаъолияти мустақили маърифатӣ ва эҷодии хонандагонро бозида, на танҳо иҷрои бомуваффақияти супоришҳоро назорат мекунад, балки табиати робитаи хонандагонро бо ҳамдигар, роҳҳои расонидани кӯмак ва дастгирии заруриро ба якдигар ва амсоли онро назорат мекунад. Ҷараёни таълими махсус, ки дар шакли ҳамкорӣ сурат мегирад, ҳамеша ба фаъолияти хонандагон ва ташаккули салоҳиятҳои онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тариқ, татбиқи технологияҳои муосири таълимӣ дар таълиму тарбияи хонандагон имкон медиҳад, ки шахсияти сатҳи мувофиқ, босалоҳият ва дар оянда дар бозори меҳнат рақобатпазир омода гардида, минбаъд барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ тамоми имконот ва салоҳиятҳои заруриро дошта бошад.

### АДАБИЁТ:


1. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф - асоси таҳкими аркони давлат.-Душанбе, 2009.
2. Шоев Ғ., Ибодуллозода А. Истифодаи воситаҳои аёнӣ дар таълим бо назардошти муносибати босалоҳият.//Паёми ПРМ, 2019, №3.
3. Гузеев В.В. Основы образовательной технологии: дидактический инструментарий. М.: 2006.
4. Мухина С.А., Соловьева А.А. Нетрадиционные педагогические технологии в обучении.-Ростов-на-Дону: Изд-во «Феникс», 2004.
5. Рублёв В.С., Верёвкина М.П., Шабарова М.Н. Педагогические технологии: методические рекомендации. Омск, 2008.
6. Семушина Л.Г., Ярошенко Н.Г. Содержание и технологии обучения в средних специальных учебных заведениях: учебное пособие для преподавателей учреждений среднего профессионального образования М.: Мастерство, 2001.

**Ахророва Фарзона Ҷамшедовна**

## БАЪЗЕ НАВЪҲОИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола сухан дар бораи он меравад, ки бозори меҳнати муосир тақозои онро дорад, ки дар муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот хатмкунандае омода карда шавад, ки дорои малакаву маҳорат ва салоҳиятҳои хуби назариявиву амалӣ бошад. Таъкид мешавад, ки барои роҳ ёфтан ба ин ҳадаф омӯзгори муосирро зарур аст, ки дорои донишҳои васеъи илмиву амалӣ буда, аз тамоми усулҳои таълими муосир бохабар бошад.

Муаллиф баъзе роҳу услҳои таълиму тарбияи муосир ва навъҳои асосии технологияи муосири таълимро мавриди таҳлил қарор дода, нишон додааст, ки татбиқи технологияҳои муосири таълимӣ дар таълиму тарбияи хонандагон имкон медиҳад, ки шахсияти сатҳи мувофиқ, босалоҳият ва дар оянда дар бозори меҳнат рақобатпазир омода гардида, минбаъд барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ва иҷтимоӣ тамоми имконот ва салоҳиятҳои зарурӣро дошта бошад.

**Ахророва Фарзона Джамшедовна**

## НЕКОТОРЫЕ ВИДЫ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ

В статӣе автор отмечает, что современный рынок труда требует, чтобы выпускники учебных заведений всех уровней были подготовлены с хорошими теоретическими и практическими навыками и компетенциями и чтобы достичь этого, необходим современный учитель, который обладает обширными научными и практическими знаниями и владеет всеми современными методами и технологиями обучения.

Автор, также анализирует некоторые способы использования современных технологий обучения и их актуализации, утверждает, что внедрение современных образовательных технологий в обучение и воспитание учащихся позволит формировать личность с соответствующим уровнем компетенцией и конкурентноспособым, в будущем, на рынке труда и обладающим всеми необходимыми возможностями и компетенциями для дальнейшего выполнения профессиональных и социальных задач.

**Akhorova Farzona Jamshedovna**

## SOME TYPES OF MODERN TEACHING TECHNOLOGIES AND THEIR IMPACT ON THE FORMATION OF PUPILS' COMPETENCIES

The modern labor market requires that graduates of educational institutions of all levels be trained with good theoretical and practical skills and competencies. To achieve this, you need a modern teacher who has extensive scientific and practical knowledge and owns all modern teaching methods and technologies. In this article, the author analyzes some ways of using modern teaching technologies and their actualization. The article shows that the introduction of modern educational technologies in the training and education of pupils will help to create a personality with the appropriate level of competence and is competitive, in the future, on the labor market and having all the necessary capabilities and competencies for the further implementation of professional and social tasks.

**Сведения об авторе: Ахророва Фарзона Джамшедовна** – 1993 г.р., старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес: 734024, г. Душанбе, ул. Айни 126, тел:(992 37) 225.84.04. E.mail farzonai.chamshed@mail.ru

**Ahrorova Farzona Ghamshedovna** – d.b.1993, Senior researcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami, address: 734024, Dushambe, 126 Ayni str., tel: (992 37) 225.84.04. E.mail farzonai.chamshed@mail.ru

М. ИМОМОВА
С. ҚАҲОРОВА

# ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ МАЪРИФАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДА

Дар синни хурди мактабӣ рушди иҷтимоиву шахсиятии кӯдак, воридшавии ӯ ба ҳаёти ҷомеа оғоз меёбад. Дар мадди аввал қарор гирифтани ҳадафи рушди шахсият, баррасии донишу маҳорати фаннӣ ҳамчун воситаи ноилшавӣ ба онҳо дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ инъикос меёбанд. Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» яке аз принципҳои бунёдии навсозии мундариҷаи таҳсилот самтгирии шахсиятии ӯ мебошад, ки ба таҷрибаи субъективии хонандагон ва талаботи муҳими онҳо такя намуданро пешбинӣ менамояд [7]. Вобаста ба ин масъалаи ташкили фаъолияти пурғайрати маърифатию созандаи хонандагон ба миён меояд, ки ба андӯхтани таҷрибаи эҷодии мактаббачагони хурдсол ҳамчун заминае мусоидат менамояд, ки бидуни он худтатбиқнамоии шахсият дар марҳалаҳои минбаъдаи таҳсилоти муттасил камсамар мегардад.

Бо такя ба назарияи Л.С. Виготский [3], рушди мактаббачаи хурдсол ҳамчун шахсият бо раванди таълим таъйин мешавад. Навсозии таҳсилоти ибтидоӣ бо мавқеи нави мактаббачаи хурдсол ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ алоқаманд мебошад. Сифатҳои асосии субъекти фаъолият бошуурӣ, мустақилият, масъулиятшиносӣ ва ташаббускорӣ ба шумор мераванд.

Бачагони асри XXI ҳамту дониш гирифта наметавонанд. Ба онҳо дастрас ва истифодаи иттилоотро дар ҳаёти ҳаррӯза омӯзонидан зарур аст; онҳо бояд омӯхтанро ёд гиранд. Вобаста ба ин, масъалаи ҷудо кардани маҳорати калидӣ ва бунёдӣ, коркарди занҷири технологие ба миён меояд, ки самт бахшидани раванди таълимро барои таҷассуми шиори «меҷӯяму меёбам, андеша меронаму мефаҳмам, машқ мекунаму иҷро менамоям» имкон медиҳад.

Заминаи қобилияти эҷодии шахсиятро тафаккури эҷодӣ ташкил медиҳад, ки бо ҳалли муаммоҳои зеҳнии барои субъект нав, ғайристандартӣ алоқаманд мебошад. Шартҳоеро таъйин кардан мумкин аст, ки хусусияти донишомӯзии бачагонро муайян мекунанд:

1) таълим, барои он ки рушдро дар пай дошта бошад, бояд на танҳо ба хусусиятҳои шаклгирифтаи соҳаи ақлонии кӯдак, балки ба он соҳаҳое низ нигаронида шавад, ки акнун ба ташаккул оғоз намудаанд;

2) шарти муҳимтарин муносибати кӯдак ба талаботи шахси калонсол мебошад;

3) таълим пеш аз рушд меистад ва онро аз пасаш мебарад;

4) дар раванди иҷрои вазифаҳои бозӣ, таълимӣ, тасвирӣ ва амалӣ, ки ба кӯдак бо ҳадафҳои гуногуни таълимӣ пешниҳод мегарданд, дар бачагон ангезаҳои омӯзишии амалиёт ва ғ. ташаккул меёбанд.

Дар доираи кори худ мо чунин шартҳои рушди қобилияти эҷодӣ ва маҳорати зеҳнии бачагонро, ки дар мактаби ибтидоӣ таълим мегиранд, муайян кардем: озмоишҳои бачагона; фароҳам овардани «фазои машғулӣ» дар оила ва мактаб; меҳнатдӯстӣ, коршоямии сатҳаш баланди инсон; аз ҷониби педагог шинохтани бачагон аз тамоми ҷиҳатҳо; фаъолияти якҷояи кӯдак бо бачагони дигар ва калонсолон.

Заминаҳое, ки барои рушди қобилияти ҳам эҷодӣ ва ҳам умумии бачагон заруранд, инҳоянд: қобил будани кӯдак барои офаридани образҳо бо истифодаи ивазкунии як объект бо дигараш ва амсиласозии аёниву фазогӣ; воситаи умумии фаъолият, амалиёти амсиласозӣ, назорат ва баҳодиҳӣ; ҳамкории шахси калонсол бо кӯдак ва бачагон бо ҳамдигар, ки аз рӯйи принсипи байни ҳам тақсиму мубодила кардани мавқеъҳо нисбат ба амалҳои худу дигарон ва натиҷаи онҳо, яъне мубодилаи мусбати андешаҳо ё мубоҳиса ҳамчун бархӯрд ва шаклгирии нуқтаи назарҳои гуногуни иштирокчиёни раванди таълим.

Дар марҳалаи ҳозира такмили раванди таълим танҳо бо самтгирӣ ба як принсип, ҳатто ниҳоят самарабахши психологию педагогӣ (принсипи проблемавӣ, ҳаракат аз мавҳум ба мушаххас ва ғ.) наметавонад амалӣ гардад, ки ногузир ба нодида гирифтани принсипҳои дигар оварда мерасонад.

Тамоюли ҳадафмандонаи таълими анъанавӣ чунин аст: дониш, фаҳмиш, такрор дар сатҳи татбиқи ғайриэҷодӣ. Педагог фаъолиятро ба сатҳи репродуктивии таълим равона месозад, қобилияти эҷодӣ ва зеҳнӣ ба дараҷаи ночиз рушд меёбанд. Бинобар ин, масъалаи истифодаи чунин методу воситаҳои таълим ба миён меояд, ки ба рушди нерӯи эҷодӣ ва рушди фаъолнокии маърифатии хонанда ҳамчун субъекти фаъолият мусоидат менамоянд. Амалисозии низоми принсипҳое зарур аст, ки ҳалқаҳои он бо махсусияти тафаккури сермаҳсултарин, хусусияти рушди генетикии он дар мактаббачагон таъйин мегарданд. Аз ҷумла: проблемавӣ будани таълим; инфиродӣ ва тафриқавӣ намудани таълим; ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва фардию типии кӯдак. Ҳамин тариқ, муҳити таълимӣ бояд сатҳи баланди тағйирпазириро (вариативнокӣ) касб намуда, ба хонандагон имконияти ҷустуҷӯи қарорҳои эҷодии худашонро фароҳам орад.

Ба тамоми навъҳои таълими проблемавӣ мавҷудияти фаъолияти репродуктивӣ, маҳсулнок ва эҷодии хонандагон хос мебошанд. Шартҳои асосии муваффақияти таълими проблемавӣ инҳоянд: таъмини ангезиши кофӣ, ки мундариҷаи муаммо шавқу рағбатро ба вуҷуд меорад; таъмини мувофиқати кор ба муаммоҳое, ки дар ҳар як марҳала ба миён меоянд (таносуби оқилонаи маълум ва номаълум); аҳамияти иттилооти зимни ҳалли муаммо бадастомада барои омӯзанда; зарурати муоширати хайрхоҳонаи муколамавии педагог бо хонандагон, вақте ки ба тамоми андешаҳо, фарзияҳое, ки хонандагон изҳор менамоянд, бо таваҷҷуҳу шавқмандгардонӣ муносибат карда мешавад.

Шартҳои педагогии муваффақияти таълими проблемавӣ инҳоянд: фароҳам овардани мушкилоти маърифатие, ки ба қобилияти зеҳнии таълимгирандагон мувофиқанд; таъмини таълимгирандагон бо маҷмӯи донишҳо оид ба мундариҷаи предметии вазъияти проблемавӣ; дар хонандагон ташаккул додани маҳорати амалиётии иҷрои вазифаҳои проблемавӣ (таҳлили вазъият, ошкор намудани муаммо, ифода кардани вазифа ва амалисозии ҷустуҷӯи ҳалли дурусти он).

Ҳадафҳои асосии таълими проблемавӣ: рушди тафаккур ва қобилияти хонандагон, рушди маҳорати эҷодии онҳо; аз ҷониби хонандагон аз худ шудани донишҳо, маҳорати дар рафти ҷустуҷӯи фаъолона ва ҳалли мустақилонаи муаммоҳо ба даст омада, ки дар натиҷа, ин донишу маҳорат нисбат ба таълими анъанавӣ мустаҳкамтаранд; тарбияи шахсияти фаъолу эҷодкори хонанда, ки муаммоҳои ғайристандартиро дида, ба миён гузошта ва ҳал карда метавонад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои асосии омӯзгор оид ба рушди фаъолнокӣ ҳамчун омили фаъолияти эҷодии хонандагон инҳоянд:

- Ба хонандагон омӯзонидани мустақилона дидани муаммоҳо дар вазъияти стандартӣ.
- Омӯзонидани интиқоли наздик ва дури донишу маҳорат ба вазъияти нав.
- Омӯзонидани функсияи нави объекти шинос.
- Омӯзонидани маҳорати дидани унсурҳои объект дар алоқамандӣ.
- Омӯзонидани маҳорати андешаронии алтернативӣ, якҷоякунии воситаҳои қаблан азхудшудаи фаъолият дар вазъияти нав (И. Лернер) [6].

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба муаммои интихобшуда ба мо имкон медиҳад, ки ҳадафи асосии фаъолияти педагогиро ифода намоем: мусоидат кардан ба рушди фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун омили фаъолияти эҷодии бачагони синфҳои ибтидоӣ.

Бо назардошти ҳадафи гузошта фаъолияти педагогии омӯзгор бояд ба такя ба принсипҳои таълими ба шахсият нигаронидаи рушддиҳанда созмон ёбад:

- таваҷҷуҳ ба таҷрибаи субъектии хонандагон;
- такя ба имконияти инфиродии бачагон;
- кӯшиш барои фароҳам овардани вазъияти комёбӣ барои ҳар як хонанда;
- худтатбиқнамоии мактаббачагон дар муносибатҳои таълимӣ (мушовирони дарс ва ғ.);
- рефлексияи фаъолият ва рафтор дар дарс;
- эмпатия, иштирок намудан дар ҳалли муаммоҳои мактаббача;
- донистани хусусиятҳои шахсии кӯдак.

Кори оид ба забони модарӣ дар заминаи таълми босалоҳият ба роҳ монда мешавад. Барномаи мазкур истифодаи шаклҳои таълими ҳам анъанавӣ ва ҳам рушддиҳандаро пешбинӣ менамояд. Интихоби барномаи мазкур ба татбиқи ҳадафҳои асосии фаъолияти педагогӣ мусоидат менамояд:

- рушди фаъолнокии маърифатии хонандагон;
- ташаккули шахсияти эҷодкор;
- рушди малакаҳои коммуникативӣ ва малакаҳои муошírати самарабахш;
- ташаккул ва рушди малакаҳои худназорат ва ғ.

Сохтори ташкили мавод дар синф амалӣ намудани муносибати тафриқавӣ, ба фаъолияти таълимӣ ворид кардани лаҳзаҳои тарбиявиро имкон медиҳад. Хусусияти фарқкунандаи барномаи мазкур чунин аст:

- супоришҳое, ки ба ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилооти зарурӣ нигаронида шудаанд (фароҳам овардани вазъияти проблемавӣ, рушди фаъолнокии маърифатӣ);
- супоришҳо барои рушди фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ;
- супоришҳое, ки ташкили корро дунафарӣ ё тариқи фронталӣ, инчунин дар рафти дарс иштироки миқдори ҳаддалимкони хонандагонро имкон медиҳанд;
- тағйирпазир будани шаклҳои иҷрои супоришҳо;
- супоришҳои махсусе, ки фаъолияти лоиҳавиро пешбинӣ менамояд.

Дар натиҷаи фаъолияти педагогӣ, истифодаи барномаҳои гуногун, ҷустуҷӯи эҷодӣ ғояҳои мо бо дидгоҳҳои худӣ, хулосаҳои методӣ ғанӣ гардиданд.

Фаъолияти омӯзгор ба андешаи мо, бояд дар заминаи ду матлаби принсипиалӣ бунёд шавад:

1) ҳамеша ба дарки ҳолати психологии хонанда созгор будан ва сари вақт ба ӯ ёрӣ расонидан, ақидаи хонандаро эҳтиром намуда, ба ин восила барои худтатбиқнамоии ӯ шароит фароҳам овардан, ба ӯ талқин намудан ва нигоҳ доштани ҳисси боварӣ ба худ, комёбиҳои хонандаро танҳо бо ҳолати пештараи ӯ, на балки бо комёбиҳои хонандагони дигар муқоиса кардан; нафаҳмидан - дар ба сӯйи фаҳмиш, иштибоҳ низ натиҷаи фаъолият аст; дар охири дарс аз рӯйи имконият ба оянда созгор намудан;

2) ҳеҷ гоҳ бетарафӣ накардан ба тақдири хонандагон; роҳ надодан ба эҳсоси афзалияти омӯзгор нисбат ба хонандагон, як хонанда нисбат ба дигарон; хонандаро дар ҳолати беилоҷӣ танҳо намондан, ҳиссачаи инкории «не»-ро камтар истифода бурдан.

Ҷанбаҳои афзалиятноки сифатии фаъолиятро ҷудо намуда, омӯзгор дар амалияи худ бояд самтҳои мушаххасу предметӣ ва психологиро якҷоя карда, натиҷаҳоро на танҳо дар сатҳи азхудкунии ДММ (дониш, малака, маҳорат), балки дар сатҳи рушди шахсиятии кӯдак пайгирӣ намояд.

Принсипи дигар кори омӯзгор принсипи таълим дар сатҳи баланди мураккабӣ бо риояи андозаи душворӣ мебошад. Мазмуни ин принсип ба таълимоти Л.С. Виготский [4] оид ба сатҳи чизи муҳим ва минтақаи рушди наздиктарин асос меёбад. Таълим дар сатҳи баланди душворӣ равандҳои ба худ хоси психикиро дар азхудкунии маводи таълимӣ ба миён меорад, ба дарки маълумот оварда мерасонад, ки ҳангоми он муназзамгардонӣ (систематизатсия) рӯй медиҳад. Ченаки душворӣ - ҷузъи ҳатмии татбиқи принсипи мазкур мебошад. Он метавонад вобаста ба имконияти ҳар як кӯдак то ёрии мустақим ба ӯ коҳиш ёбад.

Принсипи бунёдии низом - дар омӯзиши маводи барномавӣ бо суръати тез пеш рафтан. Ин принсип роҳҳои усулан дигари ташаккули маҳорату малакаҳоро пешбинӣ менамояд, ки аз методикаи ба такрори биёркаратаи масъалаву машқҳои типӣ асосёфта фарқ менамояд. Маводи омӯхташуда зимни омӯзиши мафҳумҳои дигаре, ки ба он тобеъ ё алоқамананданд, бо мундариҷаи нав ғанӣ мегардад. Ҳар дафъа мафҳуми омӯхташуда дар робитаҳои нав ва аз дидгоҳҳои нав зуҳур меёбад ва хонанда бидуни такрори махсус ташкилшуда мафҳуми омӯхтаашро такрор ба такрор корбаст менамояд.

Принсипи муҳимтарини низом - аз ҷониби мактаббачагон дарк шудани раванди омӯзиш. Он характери ботинии дарккуниро дар назар дорад, яъне раванди фаъолияти таълимӣ мавриди (предмети) дарккунӣ қарор мегирад:

- механизмҳои хатоҳои имконпазир;

- воситаҳои пешгирии ин хатоҳо;
- пайдарпаӣ ва робитаи дохилии амалиёти алоҳида;
- зарурати назорати дақиқи амалҳои худ.

Принсипи қаблии кор танҳо дар ҳамбастагӣ бо принсипи кори муназзам дар самти рушди ҳамаи хонандагон, аз он ҷумла, сусттарини онҳо ба кор меояд. Ин принсип рушди хусусияти инфиродии ҳар як кӯдакро имкон дода, барои зиндагии ҳаматарафаи тамоми коллективи бачагон шароит фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, раванди таълим ба рушди шахсияти ҳар як кӯдак нигаронида шудааст. Ин бошад, танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки дар дарсҳо навъу шаклҳои гуногуни фаъолият татбиқ гардида, дар онҳо ҳамаи хонандагон иштирок менамоянд. Барои фароҳам овардани фазои ҷустуҷӯй дар дарсҳо, барои рушди тафаккури системавӣ нақши бузург ба дарсҳои ғайристандартӣ мансуб дониста мешавад: дарсҳо - афсонаҳо, дарсҳо - саёҳатҳо, дарсҳо - бозиҳо, дарсҳо - практикумҳо, дарсҳо - идҳо, дарсҳои ҳамгиро.

Зимни ташкили дарсҳо ба талаботи нави дидактикӣ такя карда мешавад:

- Ташкили оқилонаи моводи таълимӣ, даст кашидан аз раванди таълиме, ки аз рӯйи принсипи «зерфасл - дарс» ба роҳ монда мешавад.
- Ҷудо кардани мундариҷаи таълимии асосӣ, ки барои азхудкунӣ дар машғулияти таълимӣ ҳатмӣ буда, барои дар раванди таълим татбиқ намудани реҷаи фардии рушд, ифодаи он дар нақшаҳои барои ҳифзкунӣ осон имкониятро густурда менамоянд.
Дар шароити имрӯза ислоҳоти соҳаи маориф босуръат амалӣ мегардад, ки дар доираи он дар муассисаҳои таълимӣ диққати асосӣ аз донишҳои фаннӣ, маҳорат ва қобилият ба ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ гузаронида мешавад. Дар самти ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои умумӣ ва касбии донишҷӯён технологияҳои муосири иттилоотӣ нақши муҳим доранд. Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият дар намунаҳои таълимии давлатии маълумоти миёна ва олӣ ҷой дода шудааст, ки ба азхудкунии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ равона карда шудааст.

Коркарди салоҳиятҳои касби донишҷӯён яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки аҳамияти он рӯз ба рӯз дар асоси талаботҳои корфармоён ба доираи салоҳияти кормандон бештар мегардад. Махсусан, чунин салоҳиятҳо дар соҳаҳои фаъолияти касбӣ, ки дар асоси технологияҳои иттилоотиву коммунокатсионӣ рушд менамоянд, аҳамияти бузургро касб намудаанд.

Масъалаи ташаккули салоҳиятнокии иттилооти донишҷӯён масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар назди муассисаҳои таълимии олӣ вазифаи тайёр намудани мутахассиси салоҳиятнок гузошта шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки сатҳи баланди тайёр намудани мутахассиси ояндаро метавон танҳо тариқи нигоҳ доштани устувории донишҳои назариявӣ ва амиқ намудани тайёрии амаливу самтгирии донишҷӯён ба даст овард.

Дар доираи муносибати босалоҳият коркарди механизми ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён тариқи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ муҳимият пайдо менамояд. Механизми мазкур дар асоси таркиби салоҳиятҳои касбӣ коркард карда мешавад.

Ворид гардидани технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ба тағйир ёфтани нақши омӯзгор дар раванди таълим, афкори педагогӣ ва муносибатҳои методологии ӯ, омодагии ӯ дар пешниҳоди дониш ва таҷрибаи худ дар сатҳҳои нави назариявӣ ва амалӣ оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат, омӯзгор сарчашмаи ягонаи иттилоот ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки тавре раванди таълимро ташкил намояд, ки онро аз шакли анъанавӣ ба шакли муосир табдил диҳад, то ки бо талаботҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ бошад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён технологияҳои иттилоотӣ мавқеи хоса доранд, ки тариқи фанҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Дар доираи фанҳои таълимии технологӣ азхудкунии методҳои коркарди иттилоот тариқи технологияҳои иттилоотӣ, ташаккули маҳорати истифодаи оқилонаи компютер дар раванди таълим ва сипас дар фаъолияти касбӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар мундариҷаи фанҳои таълимии техникӣ барномаҳои махсуси компютерӣ дохил карда шудаанд, ки аз тарафи донишҷӯён дар оянда, дар фаъолияти касбӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ воситаҳои дидактикии таълим мавриди истифода қарор дода мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ташаккули салоҳиятҳо тариқи технологияҳои иттилоотӣ истифодаи технологияҳои педагогии таҳсилоти лоиҳавӣ мақсаднок аст, зеро ин технология маҷмӯи методҳои таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ ва проблемавиро пешниҳод менамояд.

Дар шароити имрӯза дар доираи раванди таълим як қатор методҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ истифода карда мешаванд. Дар ин самт метавон методи лоиҳавӣ, методи захираҳои иттилоотӣ ва бозиҳои дидактикиро махсусан қайд намуд.

Методи лоиҳавӣ имконият медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ ба фаъолияти маърифатӣ ҷалб карда шавад. Яке аз чунин воситаҳои кори мустақилона таълим дар ҳамкорӣ, кор дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳо ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар чунин ҳолат нисбат ба методҳои шарҳдиҳиву аёнӣ самаранок шуморида мешавад. Донишҷӯён дар гурӯҳҳо кор карда, нақшаи амалҳои якҷояро коркард менамоянд, сарчашмаҳои иттилоот, роҳу воситаҳои ба даст овардани мақсадҳоро муайян менамоянд, нақшҳоро тақим намуда, идеяҳоро пешниҳод ва баррасӣ мекунанд.

Ҳамаи донишҷӯён ба фаъолияти маърифатӣ ҷалб карда мешаванд. Таҳсил дар ҳамкорӣ имконият медиҳад, ки унсурҳои фарҳанги муошират дар коллектив ва унсурҳои идоракунӣ аз худ карда шаванд. Иҷро намудани вазифаҳо дар доираи лоиҳа бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

-баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба таълим;

-васеъ намудани нерӯи эҷодӣ;

- мусоидат намудан ба рушди шахсияти донишҷӯ, қобилиятҳои зеҳнӣ, мустақилият, масъулиятшиносӣ, маҳорати банақшагирии ӯ, қабули қарор ва баҳогузории натиҷаҳо аз тарафи донишҷӯ;

-бунёди шароит, ки дар асоси он донишҷӯ ба коркардҳои якҷоя такя намуда, мустақилона фаъолият менамояд, воситаҳои амалро ошкор ва мушаххас мегардонад, онҳоро дар ҳалли шаклҳои нави вазифаҳои таълимӣ истифода менамояд, амалҳои худро асоснок менамояд;

- мусоидат намудан ба азхудкунии таҷриба дар ҳалли проблемаҳои воқеӣ дар ҳаёти ояндаи мустақил;

- фараҳмандӣ аз фаъолияти касбии худ бо тарбияи одамони фаъол ва эҷодкор, ки метавонанд қарарҳои асоснок қабул намоянд ва дар давоми тамоми ҳаёт омӯзанд [3, 124].

Чунин мешуморем, ки технологияи лоиҳавии таҳсилот имконият медиҳад, ки ба таври самаранок барномаҳои касбии компютерӣ аз худ карда шаванд. Иҷро намудани корҳои лоиҳавӣ, ки истифодаи барномаҳои компюториро пешниҳод менамояд, ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар солҳои минбаъдаи таҳсил ва дар фаъолияти касбӣ корҳои самаранокро дар ин самт ба сомон расонанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар раванди ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён нақши методи захираҳои иттилоотӣ бузург аст. Кори донишҷӯён бо китоб, бо адабиёти маълумотӣ, илмиву оммавӣ ва таълимӣ дар дидактика яке аз методҳои муҳими таълим ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза ба ин сарчашмаҳо метававон ба пуррагӣ нашриёҳо ва захираҳои электрониро ворид намуд.

Бартарии ин метод дар он зоҳир мегардад, ки барои донишҷӯ имконияти коркарди чандинбории иттилооти таълимиро дар суръат ва вақти мувофиқ дастрас менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки адабиёти таълимӣ ва воситаҳои мултимедиявӣ бомуваффақият тамоми вазифҳои дидактикиро иҷро менамоянд: вазифаи омӯзишӣ, тарбиявӣ, ҳавасмандкунанда, назоратӣ, ислоҳӣ.

Ду навъи кор бо захираҳои иттилоотӣ нисбатан пахнгардида ҳисобида мешавад: кор бо иттилоот дар машғулиятҳо бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилона бо мақсади мустаҳкам ва васеъ намудани намудани дониш. Мақсади асосии истифодаи методи захираҳои иттилоотӣ - мустахкам ва васеъ намудани донишҳои назариявӣ тариқи самтгириҳои донишҷӯ дар доираи миқдори зиёди иттилооти мухталиф, ки барои қонеъ намудани талаботҳои маърифатии ӯ зарур аст, ба ҳисоб меравад [1, 85].

Қайд намудан зарур аст, ки методи нисбатан самараноки таълим, ки истифодаи он тариқи воситаҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ мақсаднок аст, бозиҳои дидактивӣ ба ҳисоб меравад. Бозиҳои дидактикӣ, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ гузаронида мешаванд, вазифаҳои гуногуни таълимиро иҷро менамоянд.

Як қатор бозиҳо ба ташаккул ва коркарди маҳорати назоратӣ ва худназоратӣ кӯмак менамоянд. Дигар бозиҳо, ки дар асоси маводҳои сатҳҳои мухталифи мушкилӣ ба роҳ монда шудаанд, имконият медиҳанд, ки муносибати дифференсионалӣ ба таълими донишҷӯёни сатҳҳои мухталифи дониш амалӣ гардад. Тариқи бозӣ донишҷӯ муҳити атрофро аз худ менамояд, меомӯзад, таҳлил, ҷамъбаст ва муқоиса менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки аёнии дар шакли бозӣ пешниҳодгардида ба мушаххас намудани маводи омӯхташаванда мусоидат менамояд.

Шакли бозӣ, ки дар машғулиятҳо истифода карда мешаванд, бояд бо воситаҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, бо мавзӯи машғулият, вазифаи он алоқаи нагусастани дошта бошад, на хусусияти хурсандиоварӣ дошта бошад. Бозӣ дар як қатор бо муносибатҳои шарикӣ, ба ташаккули ҳиссиёти озодии дохилӣ, дастгирии рафиқона, имконияти кӯмак ба шарики худ дар ҳолатҳои зарурӣ оварда мерасонад, ки ба

наздикшавии иштирокчиён ва мустаҳкам гардидани муносибати тарафайни онҳо мусоидат менамояд.

Бозӣ имконият медиҳад, ки зуҳир гардидани мавқеи авторитарии омӯзгор маҳдуд гардонида шавад, ҳуқуқи тамоми иштирокчиён баробар карда шавад. Чунин ҳолат барои ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар муносибат ба калонсолон муҳим аст. Мавҷудияти маҳдуднамоиҳои муайян дар бозӣ қобилияти иштирокчиёнро дар танзими озоди фаъолият дар асоси тобеъ намудани рафтор ба системаи қоидаҳо, ки иҷроиши нақшро танзим менамоянд, инкишоф медиҳад. Дар ҷараёни бозӣ донишҷӯ бо қоидаҳои мухталиф рӯ ба рӯ мешавад, ки онҳоро бояд дарк намояд, бошшурона қабул намояд, ва ба мушкилот нигоҳ накарда, онҳоро бечуннучаро иҷро намояд.

Бозӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ҳамчун имконияти донишҷӯ дар санҷиши қувваи худ ва омодагӣ ба ҳаёти воқеӣ баррасӣ карда мешавад. Имконияти бештарро дар ин самт бозиҳои корӣ пешниҳод менамоянд. Ҷанбаи мундариҷавии бозӣ иштирокчиёнро ба ҳаёт шинос менамояд. Бозӣ ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки дар раванди он хатогиҳо карда шавад, чунин хатогиҳоро иштирокчиён таҳлил намуда, сабаб ва оқибатҳои чунин амалҳоро муайян менамоянд [7, 152].

Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба фаъолияти маърифати ҳавасманд намуда, сифатҳои шахсиро ташаккул медиҳад: эҷодиёт, мустақилият, бунёди шароити болоравӣ, муваффақият, худшиносии шахсият. Сохтани мустақилонаи муаррифии мавзӯъ дар машғулиятҳо, ҷустуҷӯи маводҳо дар шабакаи Интернет нисбати масъалаи пешниҳодшуда, ба таври умумӣ раванди таълимро дигаргун менамояд, ба беҳтар гардидани азхудкунии маводҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

Чунин машғулиятҳо имконият медиҳанд, ки алоқаи фанҳо нишон дода шавад, истифодаи амалии маҳорати назариявии кор дар компютерро меомӯзонанд, фаъолияти зеҳнии донишҷӯро фаъол менамоянд, донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақили донишҳои нав ҳавасманд менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ дар ташаккули салоҳиятҳои калидии донишҷӯён шароити заруриро фароҳам месозад.

## АДАБИЁТ:

1. Гриншкун В.В., Григорьев С.Г. Образовательные электронные издания и ресурсы / В.В.Гриншкун, С.Г.Григорьев. – Курск, 2006. 98 с.

2. Лернер И.Я. Российская педагогическая энциклопедия: в 2-хт. - М., 1999. - Т.2.

3. Новые педагогические информационные технологии в системе образования / Под редакции Е.С.Полат, М.Ю.Бухаркина. -М., 2001.231 с.

4. Проскурякова А.В. Влияние метода проектов на формирование информационной компетентности школьников / А.В.Проскурякова // Вестник Бурятского университета. Сер. Педагогика. - Улан-Удэ, 2009. -Вып.1. - С. 164-167.

5. Роберт, И.В. Информационные технологии в науке и образовании / И.В. Роберт, П.И. Самойленко. – М.: Просвещение, 1998. – 178 с.

6. Селевко, Г.К. Компетентности и их классификация / Г.К. Селевко // Народное образование. 2004. – №4. – С. 138-144.

7. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы, перспективы использования. –М., 1994. 205с.

8. Темербекова, А.А. Информационная компетентность личности учителя как социально-педагогическая проблема, монография / А.А. Темербекова, В.В. Бондарь. – М.: Изд-во МГУ, 2008. 191 с.

9. Хуторской, А.В. Педагогическая инноватика: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / А.В. Хуторской. – М.: Издательский центр «Академия», 2008. 256 с.

**Абдуллозода Н.**

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ - ВОСИТАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва инкишофи салоҳияти донишҷӯён дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд

менамояд, ки дар самти ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои умумӣ ва касбии донишҷӯён технологияҳои муосири иттилоотӣ нақши муҳим доранд. Муносибати босалоҳият дар намунаҳои таълимии давлатии маълумоти миёна ва олӣ ҷой дода шудааст, ки ба азхудкунии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ равона карда шудааст.

Ворид гардидани технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ба тағйир ёфтани нақши омӯзгор дар раванди таълим, афкори педагогӣ ва муносибатҳои методологии ӯ, омодагии ӯ дар пешниҳоди дониш ва таҷрибаи худ дар сатҳҳои нави назариявӣ ва амалӣ оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат, омӯзгор сарчашмаи ягонаи иттилоот ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки тавре раванди таълимро ташкил намояд, ки онро аз шакли анъанавӣ ба шакли муосир табдил диҳад, то ки бо талаботҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ бошад.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, раванди таълим, технология, технологияҳои иттиллотиву коммунакативӣ, метод, методи лоиҳавӣ, методи захираҳои иттилоотӣ, методҳои дидактикӣ, фанҳои таълимӣ, донишҷӯ.*

**Абдуллозода Н.**

## ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ - ОСНОВНОЕ СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЕ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ

В данной статье рассматриваются вопросы формирования и развития компетенций студентов на основе использования информационных и коммуникационных технологий. Автор отмечает, что современные информационные технологии играют важную роль в формировании и развитии общих и профессиональных компетенций студентов. Компетентный подход размещается в государственных образовательных стандартах среднего и высшего образования, направленных на овладение общими и профессиональными компетенциями

Внедрение информационных и коммуникационных технологий приведет к изменению роли учителя в учебном процессе, его педагогического мышления и его методологического подхода, его готовности представить свои знания и опыт на новых теоретических и практических уровнях. В этом случае учитель не является единственным источником информации. Поэтому для учителя важно организовать учебный процесс таким образом, чтобы преобразовать его из традиционного в современную форму для удовлетворение потребности информационного общества.

***Ключевые слова:*** *компетенция, учебный процесс, технология, информационно-коммуникационные технологии, метод, проектный метод, метод информационных ресурсов, дидактические методы, учебные дисциплины, студенты.*

**Abdullozoda N.**

## INFORMATION TECHNOLOGY AS THE MAIN MEANS OF BUILDING STUDENTS' COMPETENCE

This article discusses the formation and development of students' competencies through the use of information and communication technologies. The author notes that modern information technologies play an important role in the formation and development of the general and professional competencies of students. A competent approach is placed in the state educational standards of secondary and higher education aimed at mastering general and professional competencies

The introduction of information and communication technologies will lead to a change in the teacher's role in the educational process, his pedagogical thinking and his methodological approach, his willingness to present his knowledge and experience at new theoretical and practical levels. In this case, the teacher is not the only source of information. Therefore, it is important for the teacher to organize the educational process in such a way as to transform it from traditional to modern form to meet the needs of the information society.

***Keywords:*** *competence, educational process, technology, information and communication technologies, method, design method, information resource method, didactic methods, academic disciplines, students*

**Сведения об авторе: Абдуллозода Наджибуллои Сайфулло** – Заведующий секции по аналитической и информационной работе Государсивенного учреждения “Республиканский центр дополнительного образования” Министерство образование и науки Республики Таджикистана, г. Душанбе, ул. Хабибулло, тел. 988575259

**Information about the author: Abdullozoda Najibullo Sayfullo** - Head of the section on analytical and information work of the State institution " Republican center for additional education” Ministry of education and science of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Habibullo street, tel. 988575259

**И. САИДОВ**

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқотӣ.** Мақолаи мазкур ба мавзӯи таҳсилоти фосилавӣ, ки қариб дар ҳамаи донишгоҳҳои олии дунё ва ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд, бахшида шудааст.

Дар даҳсолаҳои охир дар соҳаи маориф зиёдшавӣ ва истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ ва ташкили таҳсилоти фосилавӣ мушоҳида карда мешавад. Истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ба баланд бардоштани самаранокии ҷараёни омӯзиш мусоидат мекунад.

Таҳсилоти фосилавӣ- ин як усули ҷорикардашудаи навтарин дар ҷараёни таълим ба ҳисоб меравад, ки донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақилона водор мекунад.

Аз нуктаи назари педагогӣ таҳсилоти фосилавиро технологияи навини педагогӣ меноманд. Бояд зарур шуморид, ки асосҳои назариявӣ ва амалии таҳсилоти фосилавӣ дар системаи педагогӣ, дар шароити муосири ҷомеаи иттилоотии имрӯза босуръат рушд карда истодааст.

Барои амалӣ намудани ин таҳсилот ҳар як омӯзгори (фанни таълимӣ) муассисаи таълимӣ дар ҷои кориаш, бояд бо асбобҳои муосири ТИК, ки ба шабакаи умумиҷаҳонӣ (маҳаллӣ, глобалӣ) пайваст аст, дастрасӣ дошта бошад. Масалан дастрасӣ аз ҷиҳатӣ:

- **техникӣ ва технологӣ** (сахтафзор ва нармафзор, дастрасӣ ба манбаи иттилоот, қобилияти анҷом додани ҳамкориҳои иттилоотӣ бо корбарони дигар, бо манбаи иттилоотҳо ва ғайра);

- **иттилоотӣ-методӣ** (маводи илми-педагогӣ, таълимию методӣ, воситаҳои электронии таълимӣ, нармафзорҳои амалӣ, василаҳои таҳияи барномаҳо ва ғайра).

Фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯ дар фазои таълимӣ метавонад ба мақсадҳо ва вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда, муносибатҳои шахсии ӯ ба рушди фаъолияти касбӣ, мувофиқат кунад.[5]

Таҳсили фосилавӣ ба ҳамагон имкон медиҳад, ки ду принсипи таълими ҳозиразамонро татбиқ кунанд: “Таҳсил барои ҳама” ва “Таҳсилот дар тули ҳаёт”.

**Фаъолияти иттилоотӣ дар ТФ.** Фаъолияти иттилоотӣ гуфта фаъолияти бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол, намоиш, паҳнкунӣ, коркарди объектҳо, зуҳуротҳо, равандҳо ва интиқоли ҳама гуна иттилооте, ки дар шаклҳои мухталиф пешниҳод шудааст, фаҳмида мешавад.

Ба намудҳои фаъолияти иттилоотӣ инҳо дохил мешаванд:

- қабул ва интиқоли иттилоотҳои матнӣ, графикӣ, аудио-визуалӣ дар шаклҳои гуногун;
- коркарди иттилоот: таҳлил, синтез, сохтор, интихоб ё ҷустуҷӯ бо мақсади муайян;
- назорати вақти воқеии объектҳои додашуда, равандҳо, вазъияти таълимӣ ё падидаҳои омӯхташуда;

Ҳамкории иттилоотии ҷараёни таълимӣ байни донишҷӯ (таълимгиранда) дар заминаи ТИК сурат мегирад. Дар айни замон, фаъолият ҳам барои донишомӯз, ҳам барои омӯзгорон тавассути воситаҳои омӯзишии навин имконпазир аст.

Раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ пурра бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ ба роҳ монда мешавад.

Барномаи электронии идоракунии раванди таълим бояд дар асоси талабот ва муқарароттҳои ҷойдошта ба роҳ монда шавад.

Ҳангоми ба роҳ мондани таҳсилоти фосилавӣ илмомӯз метавонад, ки бо таври ихтиёрӣ маводҳои дарсҳои омӯзишии худро тавассути шабакаи Интернет дастрас намояд. Инчунин хоҳишмандон метавонанд аз тамоми гӯшаву канори олам ба омӯзиши илм тавасути барномаҳои махсусгардонидашуда ҷалб карда шаванд.

Ҳангоми ба роҳ мондани таҳсилоти фосилавӣ тамоми муассисаҳо барои таъмини раванди таълим бо маводҳои таълимӣ масъул мебошанд. Бо мақсади ташкили раванди

таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ бояд, барои ҳар як ихтисос маводи таълимии электронӣ (барномаҳои таълимӣ, нақшаи таълимӣ, силабусҳо, маводҳо барои корҳои мустақилона ва ғайра) омода карда шаванд[1-2].

Барои таъмини раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ дар баробари захираҳои (манбаъҳои) анъанавии иттилоотӣ, воситаҳои таълими фосилавӣ, аз қабили китобҳои махсуси мувофиқ ба низоми мултимедӣ, китобҳои таълимии дарсӣ, барномаи компютерию тренингӣ, машғулиятҳои амалии электронӣ, таҳияи филмҳои таълимӣ, сабтҳои аудио ва видеоии маълумот ва таъминоти барномавӣ аз рӯи алоқаи шабакаҳои телекоммуникатсиониро ба роҳ мондан лозим аст.

Таҳсилоти фосилавиро дар намуди системаи омӯзишӣ (Расми 1) тасвир намудан мумкин аст:




***Расми 1. Системаи таҳсилоти фосилавӣ.***
***Fig. 1. Distance learning system.***

Технологияи навтарини таҳсилоти фосилавӣ ба таври васеъ паҳн мешавад ва ба илмомӯзон имконият фароҳам меоянд, ки маводҳои лозимии таълимиро дар вақти муносиб дастрас намуда, мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Ҳангоми ба роҳ мондани таҳсилоти фосилавӣ якчанд роҳҳои хуб ва самараноки донишомӯзӣ мавҷуд аст. Масалан: тарзи ташкил намудани видеодарсҳо ва видеоконфронсҳо дар намуди расми 2 амалӣ мегардад.




***Расми 2. Ташкили видеодарсҳо ва видеоконфронсҳо.***
***Fig. 2. Organization of video conferences and video conferences.***

Яке аз хусусияти асоситарини таҳсилоти фосилавӣ дар он аст, ки мутахассисоне, ки мехоҳанд сатҳи дониши худро сайқал диҳанд, новобаста аз намудани фаъолияти кории худ, ба ин таҳсилот фаро гирифта мешаванд.

Шахсоне, ки тариқи системаи таҳсилоти фосилавӣ хондан мехоҳанд, пеш аз ҳама бояд тарзи дурусти истифодабарии компютер, интернет ва барномаҳои махсусгардонидашудаи тадбиқии компютерҳоро донанд. Технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи маориф барои баланд бардоштани дараҷаи ихтисосӣ, ҳамчун курси азнавомузӣ, мувофиқи мақсад аст.

***Интернет ва нақши он дар таҳсилоти фосилавӣ.*** Имрӯз дар радифи вожаи компютер вожаи дигаре бо номи Интернет вирди забонҳо гаштааст. Дар ҳар суҳбате, хоҳ он хоси калонсолон бошад ё хоси наврасону ҷавонон, ҳангоми баррасӣ ва таҳлили мавзӯи суҳбат ҳамеша пурсида мешавад, ки ин масъала дар Интернет чӣ тавр шарҳ дода шуда бошад? Бале, Интернет манбаи марказӣ ва боэътимоди дарёфти иттилооти наву тоза гаштааст. Барои ҳамин ҳам, дастрасӣ ба ин шабакаи воқеан мардумӣ ва саросарӣ ҳоло хеле осон гаштааст. Ба Интернет натанҳо бо ёрии компютер ва шабакаҳои иттилоотӣ, балки воситаҳои мобайлӣ (телефонҳои ҳамроҳ, планшету смартфонҳо ва ғайра) низ пайваст шудан имконпазир гаштааст[5].

Ҳангоми фаро гирифтани донишҷӯён ба таҳсилоти фосилавӣ якчанд имкониятҳои хуби илмомӯзӣ мавҷуд аст, ки нисбат ба таҳсилоти анъанавӣ фарққунанда аст. Масалан: сӯҳбати мустақими донишҷӯ бо омӯзгор бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ; истифодаи маҷмӯи таълимию методии электронӣ; баҳодиҳӣ ба корҳои назоратии донишҷӯён (расми 3).

***Расми 3.Иртиботи омӯзгор бо донишҷӯён дар таҳсилоти фосилавӣ.***
***Fig. 3. Teacher's relationship with students in distance education.***




Таҳсилоти фосилавиро бе шабакаи умумиҷаҳонии Интернет тасавур кардан ғайри имкон аст. Чунки дар системаи ин таҳсилот вазифаи авалиндараҷаро ҳангоми қабул ва интиқоли иттилоот, шабакаи Интернет ва барномаҳои махсусгардонидашудаи компютерӣ мебозанд.

Дастовардҳои пешрафтаи технологияҳои иттилоотии даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI имкониятҳои фаровон ва беназире барои омӯзиш аз роҳи дур фароҳам сохтааст. Пояи ин дастовардҳоро шабакаи ҷаҳонии Интернет ташкил медиҳад. Суръати дастрасӣ ба Интернет рӯз аз рӯз зиёд мешавад. Технологияҳои чандрасонаӣ такмил меёбанд ва айни замон талабот ба дониши нав дар назди башарият вазифаҳои масъулиятноки донишандӯзии боз ҳам ҷадидтарро мегузорад[5].

Дар раванди таҳсил иртиботи донишҷӯ бо омӯзгор танҳо тавассути портали махсусгардонидашудаи муассисаи таҳсилоти олии касбие, ки донишҷӯ дар он мехонад ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми ба роҳ мондани таҳсилоти фосилавӣ шабакаи умумиҷаҳонии Интернет нақши асосиро мебозад, чунки бе шабакаи умумиҷаҳонии Интернет ин таҳсилотро тасаввур кардан ғайри имкон аст(Расми 4).

***Расми 4.Иртибот тариқи Интернет. Fig. 4. Communication via Internet.***

**Системаи таҳсилоти фосилавӣ дар муҳити Moodle.** Системаи Moodle ситемае, мебошад, ки аз аввал ба дарсомузии донишгоҳӣ равона шуда буд. Ба ин нигоҳ накарда дар идома ин система барои ташкили таҳсилоти фосилавии мактабӣ, донишгоҳӣ ва баъдидонишгоҳӣ (корпоративӣ) бомувафақият фаъолият намуд. Аз рӯи маълумотҳо соли 2015 (июн) дар 215 давлати ҷаҳон зиёда аз 65796 дастгоҳҳои қайдшудаи барномаи амали




Moodle ба 78 забон тарҷумашуда мавҷуд буд. Тахминан 2 миллион омӯзгор дар тамоми ҷаҳон Moodle-ро истифода мебаранд ва зиёда аз 26 миллион донишҷӯ аз рӯи ин системаи махсусгардонидашуда таҳсил мекунанд. Бо воситаи ин система, имрӯз, наздики 2,5 миллион курсҳои таълимӣ бо истифодаи наздик ба 20 миллион манбаҳои электронии таълимӣ фаъолият доранд(Расми 5)[1-3].




**Расми 5. Модули системавии таҳсилоти фосилавӣ.**
**Fig. 5. System module of distance education.**

Аз рӯи баъзе баҳодиҳиҳо қариб 80 фоизи давлатҳои тараққикардаи олам ба системаи таҳсилоти фосилавӣ рӯ овардаанд. Диаграммаи баҳодиҳӣ ва рушди ин система дар расми 6 оварда шудааст.




***Расми 6. Рушди таҳсилоти фосилавӣ дар шароити муосир.***
***Fig. 6. Development of distance learning in modern conditions.***

Таҳсилоти фосилавӣ, ин намуди омӯзиши мустақилонаи шахс мебошад, ки дар он донишомӯзӣ тавассути технологияҳои навтарини информатсионӣ ба роҳ монда шудааст. Дар айни замон алоқаи омузишгирандагон бо воситаи технологияҳои коммуникатсионӣ хеле қулай мебошад. Аз ҷумла, истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии интернет дар таълимоти фосилавӣ шароитҳои мусоиди кориро фароҳам меорад.

Мутахассисон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ҷиҳатҳои муфид ва фоиданок будани таҳсили фосилавиро, пас аз таҳқиқи мустақим(онлайн) пай бурданд. Яке аз мутахассисони соҳа Виктория Матсенко диққати ҳозиронро ба он ҷалб намуд, ки донишҷӯёне, ки тариқи курсҳои мастақим(онлайнӣ) дарс мехонанд нисбат ба дигар донишҷӯён бартарӣ доранд, инчунин хоҳишмандони ин система бениҳоят зиёданд. Гап дар сари он аст, ки дар ин системаи таҳсилот бояд донишҷӯ бештар мустақилона ба корҳои эҷодӣ ва илмӣ машғул шавад.

Донишҷӯёне, ки шакли фосилавии таҳсилоти пешрафтаро интихоб мекунад, қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаби бисёрсатҳаро меомӯзонад, донишҷӯёне, ки дар шакли анъанавӣ таҳсил мекунад, аксар вақт аз доираи мавзӯъҳои дарсии устодон берун намебароянд.

***Технологияҳои илмомузии фосилавӣ.*** Технологияҳо дар таҳсилоти фосилавӣ ин маҷмуи воситаҳои техникӣ ва барномавие мебошанд, ки барои осон ва қулай гаштани таҳсилот истифода бурда мешаванд. Ин технологияҳо барои аз масофаҳои дур ба ҳам алоқа пайдо намудани омӯзгор ва донишҷӯён ёрӣ мерасонанд.

Дар таҳсилоти фосилавӣ асосан чор технологияҳои асоситарини илмомузӣ истифода мешаванд:

***1.Кейс-технология;***
***2.TV- технология (технологияи телевизионӣ);***
***3.Multimedia-технологии (технологияи чандрасонаӣ);***
***4.Технологияи шабакавӣ.***

***Кейс-технология*** – имконият медиҳад, ки истифодабаранда яъне донишҷӯ тамоми маводҳои лозимии дарсиро бо воситаи почтаи электронӣ қабул намояд. Инчунин тамоми корҳои лабораториро бо воситаи почтаи электронӣ фиристонад ва натиҷаашонро гирад.

***TV- технология.*** Техналогияи телевизионӣ ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки тамоми дарсҳои лексиониро бо воситаи телевизион тамошо намуда дониши худро сайқал диҳад.




***Расми 7. Кейс-технология ва TV- технология.***
***Figure 7. Case Technology and TV Technology.***

***Технологияи чандрасонаӣ (Multimedia).*** Техналогияи мултимедӣ ба донишҷӯён ва илмомӯзон имконият медиҳад, ки аз тамоми мавадҳои электронӣ ба пурраӣ истифода намояд. Тамоми санҷишу имтиҳонҳоро ба таври тестӣ ё видёи супорида натиҷагиррӣ намоянд. Технологияи чандрасонаӣ бартариҳои хело зиёд дошта дар рафти дарс ба омӯзгор ва донишҷӯ шароити хуби таълимиро фароҳам меорад. Дар ҷаҳони имрӯза тамоми он дарсҳое, ки бо истифода аз технологияи чандрасонаӣ гузаронида мешаванд, нисбат ба дарсҳои анъанавӣ бартариятҳои зиёд доранд.

**Технологияи шабакавӣ.** Тавассути ин технология тамоми маводҳои дарсиро (китобҳои электронӣ ва рӯнамоҳоро) дастрас намудан мумкин аст. Барои ин кор бояд ҳар як компютер ба барномаи махсуси таъмин бошад.







***Расми 8. Технологияи чандрасонаӣ ва шабакавӣ.***
***Fig. 8. Multimedia and Networking Technolog***

Таҳсилоти фосилавӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқҳои баробари таҳсилро фароҳам овардааст. Ҳам талабагон, ҳам донишҷуён, ҳам шахсони коргар ва ҳам бекорон метавонанд аз тамоми минтақаҳо аз ин намуди таҳсилот истифода баранд. Дар раванди ин таҳсилотт шахс метавонад аз якчанд курсҳои донишгоҳҳои гуногун истифода барад. Таҳсилот дар вақтҳои гуногуни барои омузишгиранда кулай ба роҳ монда мешавад. Синну сол низ дар ин намуди таҳсилот гуногун мебошад.

**Хулоса.** Аз таҳлилҳои боло бар меояд, ки ҳангоми самаранок истифода намудани таҳсилоти фосилавӣ, ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба таҳсилотӣ анъанавӣ бартариҳо зиёданд. Масалан:

- ✓ сарфа намудани вақт;
- ✓ иштироки мустақим(онлайн) дар дарс аз дилхоҳ ҷой;
- ✓ баланд бардоштани савияи дониш тавассути технологияҳои навин;
- ✓ иштирок дар дарсҳои машваратӣ( видеоконфронс, чат, почтаи электронӣ, вебинар ва ғайра).

Қад кардан бо маврид аст, ки таҳсилоти фосилавӣ яке аз самти асоситарини илмомӯзи дар ҷаҳони имрӯза баҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллоева, Ш.А. Модели ташаккули салохиятнокии касбии донишҷӯён дар системаи таҳсилоти фосилавӣ бо назардошти назарияи таксаномияи Блум / Ш.А.Абдуллоева, А.Абдуллоев, М.А.Абдуллоева //Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. Силсила: Илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд2016. 0,6 ҷч.
2. Абдуллаева Ш.А. Оценка экономической эффективности функционирования учебного процесса в системе дистанционного обучения /Ш.А.Абдуллаева //Журнал ВАК РФ “Управление экономическими системаи”. Ставропольский край, г. Кисловодск. №2, 2018
3. Абдуллоева Ш.А. Технологияҳои электронӣ дар раванди таълим / Ш.А.Абдуллоева, Д.Мадиёров //Маводи семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Таҳсилоти фосилавӣ”. ДПДТТ ба номи академик М.Осимӣ. Хуҷанд – 2016, 0,31 ҷч.
4. Абдуллаева Ш.А. Технология администрирования системы Moodle в организации дистанционного образования. // Абдуллаева Ш.А. Актуальные проблемы преподавания в современном мире. Материалы учебнометодической республиканской конференции, посвященной году развития туризма и народных ремесел. Худжанд, 27-28 ноября 2018 г.
5. Комилов Ф.С. Информатика ва технологияи иттилоотӣ. – Душанбе, 2016. – 480с.
6. Борзенко А. и др. Мультимедиа для всех. – М.: Компьютер Пресс, 1996.


**Саидов И.**

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза яъне, нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ мавриди тадқиқ қарор ёфтааст.

Дар даҳсолаҳои охир дар соҳаи маориф зиёдшавӣ ва истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ ва ташкили таҳсилоти фосилавӣ мушоҳида карда мешавад. Истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ба баланд бардоштани самаранокии ҷараёни омӯзиш мусоидат мекунад.

Технологияҳо дар таҳсилоти фосилавӣ ин маҷмуи воситаҳои техникӣ ва барномавие мебошанд, ки барои осон ва қулай гаштани таҳсилот истифода бурда мешаванд.

Аз таҳлилҳои боло бар меояд, ки ҳангоми самаранок истифода намудани таҳсилоти фосилавӣ, ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбат ба таҳсилотӣ анъанавӣ бартариҳо хеле зиёданд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *технология, таҳсилот, интернет, видеоконфронс, таҳқиқ, система, метод, мустақим, иттилоот, омӯзиш.*

**Саидов И.**

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ДИСТАНЦИОННОМ ОБРАЗОВАНИИ

В данной статье расмотренно одной из ключевых проблем современности, роль информационных технологий в дистанционном образовании.

В последние десятилетия наблюдается рост использования новых информационных технологий и организации дистанционного обучения в образовании. Использование технологий дистанционного обучения способствует эффективности учебного процесса.

Технологии дистанционного обучения - это набор технических и программных средств служащий для облегчения проведения занятий.

Анализ показал, что при эффективном использовании дистанционном образовании появляется много преимуществ в временем и в экономическом образования, и есть много преимуществ перед традиционным образованием.

***Ключевые слова:*** *технология, образование, интернет, видеоконференцсвязь, исследование, система, метод, онлайн, информация, обучение.*

**Saidov I.**

## ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN DISTANCE EDUCATION

In this article discussed one of the important problems of our time, the role of information technology in distance education.

In recent decades, observer an increase of the using of new information technologies and the organization of distance learning in education. The use of distance learning technologies contributes to the effectiveness of the educational process.

Distance learning technologies are a set of technical and software tools used to facilitate the conduct of classes.

The analysis showed that with the effective use of distance education there are many advantages in time and in economic education and there are many advantages over traditional education.

***Key words:*** *technology, education, Internet, video conferencing, research, system, method, online, information, training.*

**Сведения об авторе: Саидов Исроил Махмадович** – к.т.н., доцент кафедры информатики ТНУ. 734025 Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,ТНУ, Тел:904485555, **E-mail:** isroil-84@list.ru.

**Information about the author: Saidov Isroil Makhmadovich** - candidate of technical sciences, Assistant of the Department of Informatics, TNU. 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17, TNU, Tel: 904485555,E-mail: isroil-84@list.ru.

С. НИЁЗБОҚИЕВ

# ОБЗОР ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ, НАПРАВЛЕННЫХ НА ФОРМИРОВАНИЕ ИННОВАЦИОННОГО МЫШЛЕНИЯ И ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ У СТУДЕНТОВ ИНЖЕНЕРНО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ПРОФИЛЯ

Очевидно, что историческая перспектива Республики Таджикистан как государства возможна лишь в случае построения настоящей инновационной конкурентоспособной экономики, что в свою очередь, самым непосредственным образом ставит на повестку дня проблему воспитания нового поколения, обладающего инновационным мышлением. Инновационное мышление это способность к принятию решений, выходя за рамки предложенных или существующих аналогий и способов, внесению и изобретению новых методов для разрешения поставленной задачи.

Это – объективное стремление человека совершенствовать производительные силы. Испокон веков. И ничего более.

Было ли у человека «инновационное мышление» в условиях первобытно общинного строя? Конечно, было. А в условиях рабовладельческого, феодального крепостничества? Безусловно, было. Это – объективный закон.

Зачастую в сознании людей происходит ошибочное отождествление инновационного мышления с оригинальным или креативным мышлением, что далеко не всегда соответствует действительности. Например, чрезвычайно оригинальная креативная идея может в то же время не иметь абсолютно никакой возможности к практической реализации. Человек с богатым развитым воображением может попросту иметь неадекватные представления о действительности.

Рассматривая проблемы формирования личности специалиста в аспекте достижения конкурентоспособности и принимая при этом во внимание, развивающее инновационное мышление на наш взгляд следует рассматривать факторы психологического воздействия на мышление студента со стороны производства. Такая постановка задачи исходит из того, что прежде чем рассматривать педагогика - психологические условия формирования инновационного мышления следует при этом учесть методы и формы влияния производственных процессов на профессиональную компетентность специалиста. Инновационность мышления оставляет небольшой выбор для творческой личности – либо научиться создавать новое самому, либо своевременно реагировать на создаваемое новое, обосновывая необходимость и целесообразность внедрения новаций в производство.

Данное исследование включает в себя теоретическую модель основ инженерной модели рассмотренных в работах таких ученых, как: Бердин К. В. (Проблемы порогов чувствительности и психофизические методы), а также Бобнева М. И. (Техническая психология), Бойко Е. И. (Время реакции человека), Гордеева Н. Д., Довишвили Н. Т., Зинченко В. П. (Микроструктурный анализ исполнительной деятельности) и других ученых в области психологии теории личности.

Если рассматривать методы и средства изменения и организации учебного процесса с позиции того как современное производство влияет на эффективность и саморазвитие специалиста, то следует рассматривать такие факторы современного производства: умение анализировать, умение прогнозировать, планировать осуществлять проектирование, синтезировать, оптимизировать и другие факторы. Именно эти характеристики должны учитываться с позиции конкурентоспособности выпускника особенно в сфере инженерных отраслей о чем свидетельствуют исследования таких ученых как: Батаршек А. В., Делигинский Г. Г., Носс Н. В., Носс И. Н., Смирнов С. Д., Шоев Н. Н. и другие. Что касается понятия «конкурентоспособного специалиста», способного реализовать инновационные идеи и осуществить применение инновации в конкретной отрасли, и если при выполнении этой задачи определить место и роль вузов и выработать критерии конкурентоспособности выпускника, то он должен определяться с той позиции, насколько претендент суммарно освоил программные цели обучения в вузе и оправдывает ли уровень его компетенции и профессиональной мобильности средствам, вложенным для

достижения проектных целей профессиограмм и эффективной модели специалиста по присвоенной ему квалификации, способных не только после окончания вуза, но и в процессе учебы уметь выдвигать новые идеи, осуществлять проект по их внедрению в реальном секторе производства, тем самым обеспечить конкурентоспособность выпускника вуза и устойчивое инновационное развитие отраслей по достижению их конкурентоспособности.

В дидактике высшей школы веками складывался догматический тип обучения. Его продуктом, как правило, являются формальные знания. Наряду с этим получил развитие объяснительный тип преподавания, преимущество которого состоит в том, что у обучающегося развивают не только память, но и мышление, наблюдательность, значительное внимание уделяют также применению знаний, широко используя упражнения, практические работы. Однако среди всех упражнений преобладает выполнение заданий по инструкции, готовому образцу, хотя в реальной ситуации действия «по инструкции» носят приближенный характер. Таким образом, широко применяемое в современной высшей школе объяснительное обучение имеет много неоспоримых преимуществ, но оно делает акцент на воспроизводящее (репродуктивное) и не способствует развитию творческого (продуктивного) мышления у студентов. Разумеется, не следует противопоставлять воспроизводящее мышление инновационному. Но если в вузе станет господствовать только объяснительное обучение, то будет выпуск специалистов созерцательного типа. Это будут специалисты, умеющие усваивать знания и воспроизводить научные истины, но пасующие в ситуациях, требующих самостоятельного мышления, не способные самостоятельно добывать знания и творчески относиться к делу. Такие специалисты нуждаются в рецептах для решения любой задачи, что потребует постоянного обращения к услугам экспертов

На смену догматическому объяснительному преподаванию в высшую школу приходит система обучения, в основе которой лежит не информационное сообщение знаний, а организация самостоятельного «добывания» их студентом. Как сказал физик Мак Лауэ: «Не так важно приобретенное знание, как развитие способности учиться. Образование есть то образование, что остается, когда все выученное забыто» [1].

Целью нашей работы является охарактеризовать специфику формирования инновационного мышления и раскрыть основные условия формирования инновационного мышления у студентов в процессе кредитного обучения в высшей школе.

1. Эволюция понятия «инновационное мышление»

Еще античные философы (Гераклит, Демокрит, Платон) пытались объяснить природу творчества, поставив человека в центр философского изучения. Для этого периода характерно разделение творчества на Божественное (акт рождения, творения космоса) и человеческого (ремесло, искусство). «Божественное творчество», плодом которого является мироздание, есть момент божественного созерцания. Аналогично этому и человеческое творчество есть только момент в достижении высшего, доступного человеку «умного» созерцания», которое совершается под влиянием божественного наития.

Таким образом, творчеству античная философия отводит подчиненное значение созерцания вечного и неизменного бытия.

Углубленное изучение человека продолжили мыслители эпохи Возрождения (Ф.Петрарка, Д.П. Мирандола), развивавшие идеи гуманизма, согласно которым благо человека – главная цель социального и культурного развития. Гуманисты подходят к пониманию человека с точки зрения деятельности; ценность человеческой личности определяется ее заслугами и плодотворностью деятельности. Человек сам рассматривается как творец. Творчество понимается как искусство в широком смысле, гении – как носители творческого начала, а акт творчества – как «субъективный процесс в душе художника».

Сменившая Возрождение Реформация рассматривала творчество уже не в его эстетическом содержании, а как действие, делая акцент на предметно-практическую деятельность и , проводя своеобразную аналогию между творчеством и изобретательством, Ф. Бэкон, Гоббс, Локк трактовали творчество как удачную, но в большей мере случайную комбинацию различных, уже существующих элементов[2].

Более конкретно проблемой творчества занимаются представители немецкой классической философии: И. Кант, Ф.В.Й. Шеллинг, Г. Гегель, Л. Фейербах. И. Кант в 18 веке создает стройную концепцию творчества, называя творческую деятельность продуктивной способностью воображения. Он приходит к выводу, что творческий процесс является важнейшим компонентом структуры сознания и лежит в основе познавательной деятельности [3].

Ф.В.Й. Шеллинг развил идеи И. Канта, объясняя творческую способность воображения единством сознательной и бессознательной деятельности. По мнению философа, гении, как наиболее одаренные этой способностью люди, творят бессознательно, однако данный объективный процесс протекает в субъективности человека. Творчество с этих позиций представляется в виде неодолимой, бессознательной стихии, являющейся выражением активности «мировой души» , которая в «земных делах» проявляется при рождении произведений искусства. Поэтому высшей формой человеческой жизнедеятельности признается творчество художников и философов. Г. Гегель нарисовал общую схему творческой деятельности «мирового духа», назвав ее «абсолютной идеей»; он же впервые указал на противоречия как основу всякой деятельности, основу развития [ 4].

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Хусанова Т.К. Особенности организации поисково-творческой деятельности студентов в условиях реализации кредитной технологии обучения в вузе. дисс..., канд. пед. наук. -Душанбе, 2010. -165 С.150

2. Столяренко Л.Д., Столяренко В.Е. Психология и педагогика для технических вузов. - Ростов н/Д.: Феникс, 2001. - 512 с.

3. Сасова И.А., Аменд А.Ф. Экономическое воспитание школьников в процессе трудовой подготовки. -М.: Просвещение, 1988. - 219 с.

4. Психология Под ред. А.В. Петровского. М.: Мысль, 1986. - 216 с.

**Ниёзбоқиев Сафарбокӣ Қурбонович**

## МАҶМӮИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ТАЪЛИМИИ БА ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ НАВОВАРОНА ВА САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ РАВИЯИ МУҲАНДИСӢ-ТЕХНОЛОГӢ НИГАРОНИДАШУДА

Фикрронии навоварона ин қобилияти қабули масъалаи гузошташуда ва усули нави ихтироот дар ҷодаи ҳалли ин масъала мебошад. Ин кушиши донишҷӯй барои ҳалли воситаҳои истеҳсолкунандаро нишон медиҳад. Мақсади кори мо хосиятҳои ташаккулёбии навоварона фикррони намуданро кушода, шарти асосии ташаккулёбии онро дар ҷараёни омӯзиши системаи кредити дар мактаби олӣ нишон додан аст.

***Калидвожаҳо***: *Ташаккулёбии фикррониии навоварона; омӯзиши системаи кредитӣ дар мактаби олӣ; тарбияи насли нав; ҷараёни эҷодиёт; ташкил ва гузаронидани машгулиятҳо; бартари ва худташаккулёбии мутахассис;таҳлил карда тавонистан; ба нақша гирифта тавонистан; тарҳрези карда тавонистан; муносибсозии масъалаҳои гузоштаро ҳал карда тавонистан.*

**Ниёзбоқиев Сафарбоки Қурбонович**

## ОБЗОР ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ, НАПРАВЛЕННЫХ НА ФОРМИРОВАНИЕ ИННОВАЦИОННОГО МЫШЛЕНИЯ И ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ У СТУДЕНТОВ ИНЖЕНЕРНО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО ПРОФИЛЯ

Инновационное мышление это способность к принятию решений, выходя за рамки предложенных или существующих аналогий и способов, внесению и изобретению новых методов для разрешения поставленной задачи.

Это – объективное стремление человека совершенствовать производительные силы. Целью нашей работы является охарактеризовать специфику формирования инновационного мышления

и раскрыть основные условия формирования инновационного мышления у студентов в процессе кредитного обучения в высшей школе.

***Ключевые слова:*** *Формирования инновационного мышления; кредитного обучения в высшей школе; воспитания нового поколения; творческий процесс; организации учебного процесса; эффективность и саморазвитие специалиста; умение анализировать; умение прогнозировать; осуществлять проектирование; оптимизировать;*

**Niyozbokiev Safarbokӣ Gurbonovich**

## OVERVIEW OF EDUCATIONAL TECHNOLOGIES AIMED AT THE FORMATION OF INNOVATIVE THINKING AND PROFESSIONAL COMPETENCE AMONG STUDENTS OF ENGINEERING AND TECHNOLOGY PROFILE

Innovative thinking is the ability to make decisions, going beyond the proposed or existing analogies and methods, introducing and inventing new methods to solve the problem.

This is the objective desire of man to perfect the productive forces. The aim of our work is to characterize the specifics of the formation of innovative thinking and to reveal the basic conditions for the formation of innovative thinking in students in the process of credit education in higher education.

***Key words:*** *Formation of innovative thinking; credit education in higher education; education of a new generation; creative process; educational process organization; the effectiveness and self-development of a specialist; ability to analyze; ability to predict; to carry out design; optimize.*

**Сведения об авторе: Ниёзбокиев Сафарбоки Курбонович** - к.п.н., доцент, заведущий кафедрой технологии текстильных изделий Технологического университета Таджикистана. Автор свыше 35 научных, методических статей и книг.

**Information about the author: Niezbokiev Safarboki Kurbonovich-** Ph. D., associate Professor, head of the Department of textile technology of the Technological University of Tajikistan. Author of more than 35 scientific and methodological articles and books.

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**И. КАРИМОВА**
**М. КАДЫРОВА**

# РОДНОЙ ЯЗЫК НАРОДОВ ТАДЖИКИСТАНА

Развитие таджикского языка как государственного и русского языка как языка межнационального общения является одним из приоритетных направлений языковой политики Правительства Республики Таджикистан.

Нынешняя ситуация отношения к языку в Республике Таджикистан обеспечивает изучение русского и английского языков в системе общеобразовательной и высшей школы. Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Эмомали Рахмон неоднократно отмечал, что политическое отношение к языку в стране обеспечивает, наряду с таджикским языком, равноправное функционирование других языков и дает возможность овладевать ими, о чем свидетельствует очередное Послание (26.12.2019 г.) Маджлиси Оли Мачлиси Намояндагон. Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, Глава Правительства страны уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что «язык - это зеркало, в котором ярко отражается лицо нации, мы должны ценить это, и наряду с этим придавать первостепенное значение изучению русского и английского языков как языков межнационального и международного общения.

Знание языков есть познание мира, и родной язык является гордостью любого народа и нации и его надо беречь, как зеницу ока. Ведь не даром народная мудрость гласит «Забон дони- чахон дони» - «Через язык мы познаем мир»

В современном мире, когда идёт процесс глобализации, во всех странах возникают проблемы национальных меньшинств, и наша страна не является исключением. В Таджикистане исторически проживали много народов и народностей. В настоящее время в республике проживают представители различных национальностей и народностей, которые полностью поддерживают все инициативы государства в сфере этнической и конфессиональной политики.

Нельзя не отметить и тот факт, что в нашу республику приезжают представители других государств с целью продолжения обучения, проживания, реализации различных проектов и пр.

Национальные отношения являются одним из важных социальных вопросов в современном мире, где ценятся авторитет и достоинство человека, и считаются прочной опорой стабильности и правопорядка в обществе.

В Таджикистане, исторически коренное население в отношении с другими национальностями никогда не имели ненавистническое или равнодушное отношение. Во все времена, десятилетия и столетия представители различных стран бок о бок проживают и трудятся в нашем государстве, разделяя друг с другом радость и печаль и в обстановке дружбы и толерантности.

Хотелось бы остановиться на достижении и проблемах, касающихся вопроса национальных меньшинств в области образования в нашей стране.

За годы достижение независимости Республики Таджикистан в области образования, в том числе по линии национальных меньшинств были достигнуты ряд успехов.

В настоящее время в стране национальные отношения приобрели устойчивую форму и в системе общественных отношений играют важную роль и способствуют стабильному развитию общества и государства.

Один из факторов, влияющих на решение проблем национальных меньшинств, являются разработки нормативно-правовых актов, программ и учебников. Все граждане Таджикистана независимо от этнической, расовой, религиозной, социальной принадлежности имеют равный доступ к образованию, в том числе, на родном языке.

За последние годы Правительством Республики Таджикистан разработаны и принято ряд нормативно-правовых документов – Закон РТ «Об образовании», Положение о средних общеобразовательных школ в РТ, Государственный стандарт

общего среднего образования, Государственный стандарт дошкольного образования в РТ, Положение о дошкольных учреждений в РТ, Положение о дошкольном образование, Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы, Национальная стратегия развития образования РТ до 2020 года и Проект национальной стратегии развития образования до 2030 года, который находится на стадии подготовки и обсуждения, в которых отражены вопросы образования национальных меньшинств в республике..

Правовой статус этнических меньшинств в Республике Таджикистан определён в Конституции государства и в других действующих законах, а также в международных актах и законах, принятых Таджикистаном.

Конституция РТ запрещает дискриминацию по признакам расы, национальности и этнического происхождения (статьи 1, 2, 5, 14, 24, 36, 41). Все нации и народности, проживающие на территории РТ, вправе свободно пользоваться своим родным языком.

Республика Таджикистан ратифицировала ряд международных актов, касающихся национальных меньшинств, такие как Международная Конвенция о ликвидации всех форм расовой дискриминации, Конвенция по правам лиц, относящихся к национальным меньшинствам. Согласно требованиям Конституции они считаются составной частью законодательной системы Таджикистана и в случаях несоответствия положений законов республики с нормами этих документов они принимаются за основу.

Образование на родном языке является основой сохранения культуры и национальной идентичности народа. Современный рынок труда отличается жёсткими требованиями к специалистам различных профилей. Всё чаще молодому человеку, чтобы реализовать в жизни свой интеллектуальный потенциал в той или иной сфере деятельности, кроме знания государственного языка, требуется свободное владение русским и английским языками.

В республике с 2005 года отмечается в качестве праздника День родного языка.

Дошкольные учреждения, учреждения общего, начального и среднего профессионального, высшего профессионального, послевузовского профессионального образования могут осуществлять деятельность на других языках.

Для всех наций и народностей Таджикистана создаются условия для свободного выбора языка обучения в соответствии с законодательством.

Закон Республики Таджикистан о государственном языке не препятствует образованию, а также занятиям в области культуры и искусства на родном языке.

Согласно данным Министерства образования и науки Республики Таджикистан обучение в общеобразовательных учреждениях ведется на русском, узбекском, кыргызском, туркменском и английском языками обучения.

Одной из основных проблем для учебных заведений нашей страны это нехватка учебников на родном языке для учащихся не таджикских классов, но в настоящее время идет интенсивная работа в этом направлении.

В последние годы для обеспечения общеобразовательных учреждений необходимыми учебниками проделано много работы. Печатаются учебники на узбекском, киргизском и русском языках, переводятся учебники на языки национальных меньшинств (русский и узбекский языки).

Существует другая проблема, заключающаяся в подготовке учителей для школ национальных меньшинств. В настоящее время преддипломная подготовка возможна только для учителей таджикского, русского и узбекского языков. Возможности не позволяют обучение учителей в других странах (например, в Туркменистане). Как позитивный опыт можно привести профессиональное развитие учителей кыргызского языка, которые проходят подготовку в Кыргызстане, на основании межправительственного соглашения.

Не менее актуальной проблемой для представителей национальных меньшинств является проблема получения профессионального образования на родном языке.

Возможности получения профессионального образования появились с открытием Российско-таджикского славянского университета, филиала Московского государственного университета имени В. Ломоносова, филиала Московского института стали и сплава и др., но в этих учебных заведениях обучения ведутся только на русском языке. Изучение русского языка как языка межнационального общения и английского языка как самого распространенного в мире иностранного языка, освоение образцовых

форм речи на этих языках играет ведущую роль в процессах воспитания языковой личности, развития ее нравственных качеств и творческих способностей, в приобщении к русской, английской и мировой культуре.

В профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистана функционируют факультеты или отделения русского языка и литературы. В том числе, факультеты русского языка и литературы в Национальном университете, Государственном педагогическом университете имени С.Айни, Кулябском государственном университете имени Абуабдулло Рудаки, Государственном университете языков имени С.Улугзоде.

При филологических факультетах Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова, Бохтарского государственного университета имени Носири Хисрав, Пенджикентском педагогическом институте, филиале аграрного университета имени Ш. Шотемира, в Раштском педагогическом институте функционируют отделения русского языка и литературы.

Во всех высших профессиональных учебных заведениях страны действуют академические группы на русском языке.

Также, функционируют при Государственном педагогическом университете имени С. Айни, Худжанском государственном университете имени академика Б.Гафурова, Бохтарском государственном университете имени Носири Хисрава отделения узбекского языка и литературы.

Один из факторов, влияющих на решение проблемы обеспечения педагогическими кадрами, это курсы повышения квалификации и переквалификации учителей, работающих в классах и школах, где учатся дети представителей национальных меньшинств.

В настоящее время Министерство образования и науки РТ успешно реализует Национальную стратегию развития образования РТ до 2020 года. В разделах по среднему образованию данного документа заложены задачи и меры по решению следующих задач:

- проведение регулярного мониторинга и оценки ситуации с изданием учебников для классов с нетаджикским языком обучения. Минобразования и науки, изучение потребностей школ в учебниках для этнических меньшинств;

- совместное обсуждение с национальными общинами необходимости создания базовых школ с не таджикским языком обучения;

- обсуждение и принятие мер по включению в учебные планы дополнительных часов на изучение истории, географии и литературы стран этнического происхождения;

- обсуждение и принятие плана действий по подготовке учителей предметников для национальных школ;

-проведение ситуационного анализа проблемы повышения квалификации учителей с нетаджикским языком обучения.

В 2019 году Министерство образования и науки РТ подписало с Региональным отделением Управления Верховного комиссара ООН по правам человека для Центральной Азии Меморандум о совместной работе по продвижению вопросов поликультурного образования в РТ.

В 2020 году будет продолжаться работа по изучению нужд и потребностей учащихся образовательных учреждений с нетаджикским языкам обучения. По результатам исследования планируется разработать рекомендации по улучшению ситуации с обеспечением прав и по предоставлению интеграционных возможностей для представителей национальных меньшинств в сфере образования. Для обсуждения предварительных результатов исследования и предложных рекомендаций будет организован круглый стол, на которой планируется пригласить представителей государственных структур и гражданского общества.

Проведение данного исследования представляется важным в русле реализации Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан до 2020 года, Программы развития государственного языка Республики Таджикистан на 2012- 2016 годы и выполнения рекомендаций Комитета ООН по ликвидации расовой дискриминации касательно образования представителей национальных меньшинств.

Несмотря на достигнутые результаты, есть ряд вопросов в этом направление это:

-нехватка учителей в школах национальных меньшинств. Исходя из этого - подготовка кадров в стран участников Диалога;

-совместная работа по повышениюквалификации учителей родного языка и литературы для совершенствования методологии преподавания вшколах спреподаванием на языках национальных меньшинств:

-издание методической литературы для учителей школ с обучением на языках национальных меньшинств.

Национальная стратегия развития образования РТ до 2030 года даст новый импульс в развитии образовательной интеграции определить задачи дальнейшего сотрудничества, будет принят план совместных действий и подготовки высококвалифицированных кадров во благо общество.

НСРО РТ до 2030 года будет направлена на реализацию совместных инициатив по продвижению многоязычного и поликультурного образования и дальнейшее развитие диалога по социальной интеграции и образованию национальных меньшинств в нашей стране и др. государств для нахождения новых путей социального согласия и мирного процветания наших стран.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Закон Республики Таджикистан «Об образовании». 2013.

2.Закон Республики Таджикистан «О государственном языке». Д., 2009

3. Национальная стратегия развития образования до 2020 года.

4. Государственная программа «Совершенствование преподавания и изучения русского и английского языков» до 2030 года. Д., 2019.

**Каримова И.**
**Кадырова М.**

## РОДНОЙ ЯЗЫК НАРОДОВ ТАДЖИКИСТАНА

По утверждению авторов в современном мире знание нескольких языков расширяет возможности подрастающего поколения, позволяя эффективно реализовать потенциал в самых разных сферах деятельности.

Государство обеспечивает обучение граждан, проживающих на его территории, таджикскому и русскому языкам во всех общеобразовательных школах, средних специальных и высших учебных заведениях и изучение одного из иностранных языков по выбору обучающего.

***Ключевые слова:*** *поликультурное образование, национальные меньшинства, стратегия, обучение, национальность.*

**Karimova I.**
**Kadirova M.**

## NATIVE LANGUAGE OF THE PEOPLES OF TAJIKISTAN

According to the authors, in the modern world, knowledge of several languages expands the opportunities of the younger generation, allowing them to effectively realize their potential in various fields of activity.

The state provides Tajik and Russian language instruction to citizens living on its territory in all General education schools, specialized secondary and higher educational institutions, and the study of one of the foreign languages of the choice of the teacher.

***Keywords:*** *multicultural education, national minorities, strategy, training, nationality.*

**Сведения об авторах: Каримова Ирина Холовна -** доктор педагогических наук, профессор Академик Академии образования Таджикистана

**Кадырова Малохат Бахшиллоевна -** Кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики, психологии и методики преподавания Российско-Таджикского (Славянский) университета; , 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсунзода, 30

**Information about the authors: Karimova Irina Kholovna-** doctor of Pedagogy, professor Academician of the Academy of Education of Tajikistan/

**Kadirova Malohat Bakhshilloevna - c**andidate of pedagogical science society professor of the chair of pedagogics, psychology and methodology Russian-Tajik (Slavonic) university, M.Tursunzade strite, 30, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan.

**М. ЁРОВ**
**Ф. КОМИЛИЁН**
**М. АБДУРАҲМОНОВ**

# ТЕХНОЛОГИЯИ КОРБАРӢ БО СИСТЕМАИ БАРНОМАВӢ-ИТТИЛООТИИ ПОЙГОҲИ ДОДАҲОИ КОА

Рушди илм, маориф, инноватсия ва техникаю технология аз зумраи масъалаҳое мебошанд, ки тамоми ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо ва инчунин сатҳу сифати зиндагии мардумони онҳо маҳз ба ҳалли ҳамин масъалаҳо вобастагӣ дорад. Имрӯз мақому мартабаи кишварҳо аз рӯйи то кадом андоза дар соҳаҳои техникию технологӣ рушд ёфта тавонистани илму инноватсия дар онҳо ва дар кадом сатҳ қарор доштани неруи зеҳниашон арзёбӣ карда мешавад.

Масъалаи илму маориф, хоса рушди илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментaлӣ, омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ, ба ҳадафҳои стратегии мамлакат мувофиқ гардонидани самтҳои афзалиятноки илм, мавзӯъҳои фармоишӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ, такмили неруи зеҳнӣ, маблағгузории соҳаҳои мазкур ва ғайра дар паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дода мешаванд. Дар Паёми имсола низ омадааст, ки «дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд». Барои рушди тафаккури техникии наврасону ҷавонон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид.

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) низ дар ин ҷода, яъне вобаста ба масъалаҳои ҳалталаби аз тарафи Роҳбари давлат гузошташуда корҳои зиёдеро ба сомон расонида, доимо баҳри болобарии сатҳи фаъолияти шӯроҳои диссетатсионӣ (ШД) ва сифати диссертатсияҳои дар онҳо ҳимояшаванда ҷаҳд менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки КОА бо ибтикор ва ҳотеияти бевоситаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади осон намудани мушкилоти шаҳрвандон дар бобати омода кардани диссертатсияҳо ба забони давлатӣ ва ҳимояи онҳо дар дохили кишвар ва ҳамзамон таъмини эҳтиёҷоти кишвар ба кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар доираи стандартҳои байналмилалӣ ва таҳкими истиқлолияти илмии мамлакат таъсис дода шудааст.

Комиссия амалан аз моҳи марти соли 2015 ба кор оғоз намуда, ба омода намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти худ шурӯъ кардааст. Баъди қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)» ва «Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда», № 505 аз 26.11.16 дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар ҷараёни таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ оғоз ёфтааст.

Бо таъсисёбии КОА ба ғайр аз ҳалли масъалаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин масъалаҳои тарҳрезии сомонаи он ва коркарди пойгоҳи додаҳояш (ПД КОА) пеш омадаанд, ки дар шароити кунунӣ ҳалли онҳо бе татбиқи васеи ТИК ва истифодаи техникаи компютерию системаҳои шабакавӣ ғайри имкон аст. Ҳоло тамоми ҳуҷҷатгузории дохилӣ ва берунии КОА тавассути техникаи электронӣ ҳамлу нақл мегардад. Барои ҳамоҳанг сохтани раванди мазкур байни шуъбаҳои аттестатсионӣ (ША) ва роҳбарияти КОА дар заминаи Server КОА шабакаи маҳаллии иттилоотӣ роҳандозӣ гардидааст. Тамоми фаъолияти ША, шӯроҳои экспертӣ (ШЭ) ва ШД дар сомонаи КОА – www.vak.tj инъикос гардонида мешавад [1].

Тибқи ҳисоботи КОА барои соли 2019 [2] аз ибтидои фаъолияти он то ба 1-уми январи соли 2020 барои таъсис додани ШД аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти

олии касбии ҷумҳурӣ 152 дархост ворид гардида, аз онҳо 56-тояш қонеъ, 92-тояш рад ва 6-тояш дар омӯзиши шуъбаҳои аттестатсионӣ ва шӯроҳои экспертӣ қарор доранд. Аз 56 ШД таъсисдодашуда 50-тояш фаъолият дошта, аз рӯйи 104 ихтисоси PhD ва 166 ихтисоси анъанавӣ диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзадиву доктори ро ба ҳимоя қабул карда истодаанд. Бо сабаби ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додан фаъолияти 2 шӯро ба пуррагӣ қатъ ва 4 шӯро боз дошта шудааст. Барои гузаронидани ҳимояҳои якдафъаина ба 38 дархост иҷозат дода шудааст, ки онҳо ба ихтисосҳои сохтмон, гидрология, физика, биофизика, тиб, биология, таҳлили системавӣ ва ғайра тааллуқ доранд. Барои арзёбии фаъолияти ШД аз рӯйи самтҳои гуногуни илм дар КОА 15 ШЭ амал мекунад.

Дар марҳилаи муосири рушди худ КОА ба сохтани ПД КОА шурӯъ кардааст, ки он бояд дастраси кулли шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва ҳама гуна афроди хоҳишманди бурунмарзӣ бошад. Менюи равзанаи вебсаҳифаи асосии пойгоҳи додаҳои сомонаи КОА (ВПД КОА) дорои се банди дастраси умуми корбарони шабакаи саросарии Интернет – «Асосӣ», «Кормандони илмӣ», «Диссертатсияҳо» ва як банди дастраси хоса – «Маъмур» мебошад, ки намуди умумии он дар расми 3-юми мақолаи қаблии мо «Таҳияи системаи барномавӣ-иттилоотӣ барои худкорсозии фаъолияти кормандони КОА» тасвир ёфтааст. Тавре дар мақола қайд шудааст, бандҳои мазкури равзанаи сомона бандҳои идории ПД КОА буда, нақши гиперистинодҳоро иҷро мекунанд ва «имконият фароҳам меоранд, ки бо ёрии онҳо ҷойгузинҳои байнишаклӣ, байниҷадвалӣ, байнидархостӣ ва байниҳисоботӣ амалӣ гардонида шаванд ва бо ҳамин тарз навиштаи зарурӣ ба пойгоҳ ҳамроҳ, иваз ва ё аз он пайдо карда шавад» [3, с.8].

Банди «Асосӣ»-и менюи равзанаи вебсаҳифа ба мисли ҳамин гуна бандҳои ҳамномаш, ки дар дигар сомонаҳо мавриди истифода қарор доранд, банди асосии иттилоотӣ-маълумотӣ ба ҳисоб рафта, ба истифодабарандагон дар бораи самти фаъолияти КОА, роҳбарияти он ва фаъолияти шуъбаҳои аттестасионӣ маълумот пешкаш мекунад [4-9].

Банди «Кормандони илмӣ»-и меню бошад, ба корбарон вобаста ба вазъи омодасозии кормандони илмӣ (мутахассисони баландихтисос) дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ иттилоъ пешкаш менамояд. Банди мазкур, дар навбати худ, дорои ду зербанд – «Рӯйхат» ва «График» мебошад. Зербанди якум барои инъикос намудани маълумоти тавсифӣ ба корманди илмии мушаххас тибқи рӯйхати мавҷудаи ПД (расми 1) ва зербанди дуюм барои гузаронидани таҳлилҳои омории ҳолати ҷории омодасозии кадрҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ аз рӯйи унвонҳои илмии «профессор» ва «дотсент» ва инчунин дар шакли графикӣ (диаграммаҳо) инъикос намудани натиҷаҳои рақамӣ хизмат мерасонанд (расми 2).




**Расми 1 – Натиҷаи кори зербанди «Рӯйхат»-и банди «Кормандони илмӣ»-и менюи вебсаҳифаи барномаи ПД КОА вобаста ба корманди илмии мушаххас**

Тибқи ҳисоботи КОА барои соли 2019 [2] барои дарёфти унвонҳои илмӣ ба КОА ҳамагӣ 353 дархост ворид шуда, аз онҳо 274-тояш (30 профессорӣ, 244 дотсентӣ) қонеъ, 32-тояш рад ва 47-тояш дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Шакли диаграммавии таҳлили сифатии кулли унвонҳои илмии бо қарори Раёсати КОА тасдиқшуда, ки тавассути зербанди «График»-и банди «Кормандони илмӣ»-и менюи барномаи ПД КОА дар вебсаҳифаи мувофиқи он ҳосил гардидааст, дар расми 2 инъикос ёфтааст.

Бо ёрии зербанди мазкур айнан ҳамин гуна диаграммаҳоро барои ҳуҷҷатҳои хориҷии дар КОА бо ҳуҷҷатҳои миллӣ баробарарзиш донисташуда (нострификатсияшуда) ва инъикоси теъдоди нафарони аз аттестатсияи такроригузашта низ ҳосил намудан мумкин аст. То ибтидои соли 2020 ба КОА барои тасдиқи баробарарзишии ҳуҷҷатҳои илмии дар хориҷа бадастовардашуда 41 дархост ворид гардида, 37-тояш тасдиқ, 2-тояш рад ва 2-тои дигараш дар омӯзиши ША КОА қарор доранд. Ҳамчунин барои аз аттестатсияи такрорӣ гузаронидани соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии давлатҳои хориҷӣ 5 дархост (PhD) ворид гардида, 4-тояш тасдиқ ва 1-тояш дар омӯзиш аст.




**Расми 2 – Натиҷаи таҳлилии вебсаҳифаи зербанди «График»-и банди «Кормандони илмӣ»-и менюи барномаи ПД КОА вобаста ба тасдиқи унвонҳои илмӣ то соли 2020**

Банди «Диссертатсияҳо»-и меню, ки он ҳам дастраси умум аст, ба корбарон вобаста ба ҳолати диссертатсияҳои бо қарори Раёсати КОА тасдиқшуда маълумот пешкаш менамояд. Ин банд низ ба мисли банди «Кормандони илмӣ» дорои зербандҳои «Рӯйхат» ва «График» мебошад.

| | |
|---|---|
| **Муаллифи диссертатсия:** | Саидов Исроил Маҳмадович |
| **Номи диссертатсия:** | Амсиласозии компютерии динамикаи популятсияи моҳиҳои экосистемаи обанбори пастоб |
| **Ихтисоси якуми диссертатсия:** | 05.13.18 - Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо |
| **Ихтисоси дуюми диссертатсия:** | |
| **Забони матни диссертатсия:** | Тоҷикӣ |
| **Муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст:** | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Ному насаби роҳбар (мушовир)-и илмии муаллифи диссертатсия:** | Комилиён Файзалӣ Саъдулло |
| **Ному насаби роҳбар (мушовир)-и илмии дуюми муаллифи диссертатсия:** | |
| **Муассисаи муқарризи диссертатсия:** | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| **Муқарризи расмии якуми диссертатсия:** | Абдуллоев Ҳабибулло Одинаевич |
| **Муқарризи расмии дуюми диссертатсия:** | Нарзуллоев Саидахмад Абдусамадович |
| **Муқарризи расмии сеюми диссертатсия:** | |
| **Фоизи аслияти матни диссертатсия аз рӯйи барномаи «Антиплагиат»:** | 0 |
| **Фоизи аслияти матни автореферат аз рӯйи барномаи «Антиплагиат»:** | 92 |
| **Рамзи шӯрои диссертатсионӣ:** | 6D.KOA-013 |
| **Муассисае, ки шурои диссертатсиони дар назди он амал мекунад:** | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Санаи ҳимояи диссертатсия:** | 2018-04-19 |
| **Вазъи (статутси) диссертатсия:** | Тасдиқшуда |

**Расми 3 – Натиҷаи кори зербанди «Рӯйхат»-и банди «Диссертатсияҳо»-и менюи вебсаҳифаи барномаи ПД КОА вобаста ба диссертатсияи корманди илмии мушаххас**

Зербанди якуми банди «Диссертатсияҳо» барои пешниҳод намудани маълумоти тавсифӣ ба диссертатсияи корманди илмии мушаххас тибқи рӯйхати мавҷудаи ПД (расми 3) ва зербанди дуюм барои гузаронидани таҳлилҳои омории ҳолати ҷории омодасозии

диссертатсияҳо дар Ҷумҳурӣ аз рӯйи дараҷаҳои илмии доктори ҳабилитат, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва номзади илм ва инчунин инъикоси графикии (диаграммавии) натиҷаҳои ракамии ин нишондиҳандаҳо хизмат мерасонанд.

Тибқи [2] аз диссертатсияҳои дар ШД ҳимояшуда ба КОА 587 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардида, аз онҳо 374-тояш (29 докторӣ, 340 номзадӣ ва 5 PhD) тасдиқ (расми 4), 25-тояш рад ва 188 диссертатсия дар омӯзиш қарор доранд.




**Расми 4 – Натиҷаи таҳлилии зербанди «График»-и банди «Диссертатсияҳо»-и менюи вебсаҳифаи барномаи ПД КОА вобаста ба тасдиқи диссертатсияҳо то соли 2020**

Ҳангоми пахши банди «Маъмур»-и менюи равзанаи вебсаҳифаи асосии ПД КОА, ки аз он танҳо маъмури системавии КОА ва маъмурони шӯроҳои диссертатсионӣ, шӯроҳои олимони муассисаҳои таҳсилотӣ ва муассисаҳои илмӣ истифода бурда метавонанд, дар экран равзанаи робитавии дар расми 5 овардашуда пайдо мегардад, ки он равзанаи воридотии маъмурон ба система ном дорад [4-9].




**Расми 5 – Равзанаи воридотии маъмурон ба система**

Тавре аз расми 5 дида мешавад, дар равзанаи робитавии мазкур майдончаҳои воридотии «Логин» ва «Рамзи махфӣ» ва инчунин тугмаҳои амрии «Воридшавӣ» ва «Асосӣ» ҷой дода шудаанд. Дар ин равзана воситаи муҳими бақайдгирии корбарон – тугмаи амрии «Бақайдгирӣ» дида намешавад, ки хоси ин гуна равзанаҳо намебошад. Ба ҳисоб нагирифтани воситаи бақайдгирӣ бо мақсади таъмини амнияти системаи ПД КОА аз воридшавиҳои номатлуби тасодуфӣ ба фазои кории маъмурони системавӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин лиҳоз, «логин» (номи рамзӣ) ва «рамзи махфӣ» (парол)-и маъмурони муассисаҳо танҳо ва қатъан аз тарафи маъмури системавии ПД сомонаи КОА муайян ва

пешниҳод карда мешавад. Маъмури сатҳи зарурӣ бояд ин «калидҳои воридшавӣ ба система»-ро махфӣ нигоҳ дорад ва барои ворид шудан ба сегменти мувофиқи ПД КОА ва илова намудани иттилооти чадид танҳо аз онҳо истифода барад.

Ҳангоми аз тарафи маъмури мушаххас пур карда шудани майдончаҳои воридотии «Логин», «Рамзи махфӣ» ва пахши тугмаи амрии «Воридшавӣ» ба таври худкор ва мувофиқан миқдори бандҳои менюи равзанаи вебсаҳифаи ПД КОА тағйир ёфта (расми 6), афзорҳое рӯйи кор меоянд, ки онҳо маҳз барои корбарии ҳамин маъмури системавӣ пешбинӣ шудаанд. Пахши тугмаи амрии «Асосӣ»-и равзанаи робитавӣ идоракунии системаро ба равзанаи вебсаҳифаи асосии ПД КОА бармегардонад.




**Расми 6 – Бандҳои менюи система пас аз воридкунии калидҳои маъмурон**

Банди «Маъмури ШД» барои корбарии маъмурони системавии шӯроҳои диссертатсионӣ (маъмулан котибони илмии ШД) ва банди «Маъмури ШО» барои корбарии маъмурони системавии шӯроҳои олимони муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ (маъмулан котибони илмии ШО) пешбинӣ шудаанд. Ин маъмурон танҳо аз имкониятҳои системавии бандҳои ба худ мувофиқ истифода бурда метавонанд.

Барои маъмури системавии КОА дар меню банди алоҳида пешбинӣ нашудааст. Ӯ ба ҳамаи бандҳои меню дастрасӣ дорад. Барои аз ҳолати корӣ хориҷ шудан, маъмури фаъоли система бояд банди «Баромад»-и менюро пахш кунад. Ин амалро ӯ то анҷоми кор ё пас аз он иҷро карда метавонад. Дар ин маврид система ба ҳолати пештараи худ бармегардад. Барои идомаи кор маъмур бояд тамоми марҳилаҳои равандро аз нав такрор намояд.

Дар мавриди фаъол будани банди «Маъмури ШД»-и менюи равзана маъмури системавии ШД имконияти воридкунии маълумоти зарурӣ оид ба диссертатсияи нав ҳимояшуда ё тағйир додани баъзе маълумотро вобаста ба диссертатсияи дар ПД КОА маҳфузбуда ва дар ҳамин ШД ҳимояшударо дорад. Ин амалаҳо бо ёрии зербандҳои мувофиқи «Воридкунӣ» ва «Тағйирдиҳӣ»-и банди мазкур роҳандозӣ карда мешаванд. Амали ҳафзи диссертатсияи аллакай воридшударо бошад, танҳо маъмури системавии КОА анҷом дода метавонад, ки он низ мувофиқан бо ёрии зербанди «Ҳафзкунӣ»-и банди мазкур иҷро мегардад.

Ҳангоми интихоби зербанди «Воридкунӣ» ва фаъол гаштани вебсаҳифаи он, ба маъмур лозим аст, ки нишондодҳои майдонҳои ҷадвали инъикосёфтаро (ҷадвали 1) бо иттилооти зарурӣ вобаста ба диссертатсияи воридотӣ пур кунад.

**Ҷадвали 1 – Нишондодҳои диссертатсияи воридшаванда**

| № | Майдон | Шакл |
|---|---|---|
| 1 | Номи диссертатсия | кушода* |
| 2 | Рамзи ихтисоси диссертатсия | таркибӣ** |
| 3 | Номи ихтисоси диссертатсия | таркибӣ |
| 4 | Рамзи ихтисоси дуюми диссертатсия | таркибӣ |
| 5 | Номи ихтисоси дуюми диссертатсия | таркибӣ |
| 6 | Навъи диссертатсия (дараҷаи илмии дарёфтшаванда) | таркибӣ |
| 7 | Соҳаи илме, ки диссертатсия ба он тааллуқ дорад | таркибӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | Муаллифи диссертатсия | кушода |
| 9 | Забони матни диссертатсия | таркибӣ |
| 10 | Муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст | таркибӣ |
| 11 | Ному насаби роҳбар (мушовир)-и илмии муаллифи диссертатсия | кушода |
| 12 | Ному насаби роҳбар (мушовир)-и илмии дуюми муаллифи диссертатсия | кушода |
| 13 | Муассисаи муқарризи диссертатсия | кушода |
| 14 | Муқарризи расмии якуми диссертатсия | кушода |
| 15 | Муқарризи расмии дуюми диссертатсия | кушода |
| 16 | Муқарризи расмии сеюми диссертатсия | кушода |
| 17 | Фоизи аслияти матни диссертатсия аз рӯйи барномаи «Антиплагиат» | кушода |
| 18 | Рамзи шӯрои диссертатсионӣ | таркибӣ |
| 19 | Муассисае, ки шӯрои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад | кушода |
| 20 | Санаи ҳимояи диссертатсия | таркибӣ |
| 21 | Вазъи (статутси) диссертатсия | таркибӣ |
| 22 | Шарҳи мухтасари диссертатсия | кушода |
| 23 | Парвандаи диссертатсия | |
| 24 | Парвандаи автореферат | |

***Эзоҳ***: *кушода – иттилооти майдони мазкурро бевосита маъмури системавӣ ворид менамояд;

**таркибӣ – маъмур танҳо яке аз гунаҳои пешкашшударо интихоб мекунад.

Маъмурони системавии ШД танҳо майдонҳои маълумотии аз 1-ум то 22-юми ҷадвалро пур карда метавонанд, ки тарзи иҷрои амалҳои мазкур дар расми 7 тасвир ёфтааст. Пас аз воридкунии кулли нишондодҳои майдонҳои ҷадвал, барои ба ПД КОА илова намудан ва дастраси умум гардонидани диссертатсияи воридшуда, дар формаи (шакли) воридотӣ (расми 7) тугмаи «Ҳамроҳкунӣ»-ро пахш намудан лозим аст. Дар ин маврид дар экран пайёме пайдо мешавад, ки он оид ба сабт гаштан ё нагаштани диссертатсияи мазкур пайғом медиҳад.

Майдонҳои 23-юм ва 24-уми ҷадвал бошанд, майдонҳои махсуси иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, фаъол будан ё набудани онҳо аз вазъи кории сервери КОА ва ҳаҷми хотираи диски асосии он вобастагӣ доранд. Дар мавриди фаъол будани майдонҳои мазкур истифодабарандаи шабакаи Интернет метавонад муҳтавои парвандаи диссертатсияи зарурӣ, автореферати он ё ҳардуро аз сервери КОА зеркашӣ кунад.




**Расми 7 – Равзанаи вебсаҳифаи ПД барои воридкунии додаҳои диссертатсияи нав**

Айнан ба мисли ҷадвали нишондодҳои диссертатсияи воридшаванда (ҷадвали 1), ҳангоми аз тарафи маъмурони шӯроҳои олимони муассисаҳо пахш гардидани банди «Маъмури ШО»-и менюи равзанаи вебсаҳифаи ПД КОА дар экран зербандҳои «Воридкунӣ», «Тағйирдиҳӣ» ва «Ҳафзкунӣ»-и банди мазкур пайдо мешаванд. Тарзи корбарии зербандҳои зикршуда аз тарзи корбарии ҳамин гуна зербандҳои банди «Маъмури ШД»-и меню ягон фарқе надоранд. Масалан, бо интихоби зербанди

«Воридкунӣ» ва фаъол гаштани вебсаҳифаи он ба маъмур лозим аст, ки нишондодҳои майдонҳои ҷадвали инъикосёфтаро (ҷадвали 2) бо иттилооти зарурӣ вобаста ба корманди илмӣ пур кунад.

КОА тасмим гирифтааст, ки минбаъд [4-9]:

–барои шаффофияти бештари фаъолияташ хадамоти мукаммали электрониро роҳандозӣ намояд;

–тавассути роҳбарони муассисаҳо назорати ҷиддиро роҷеъ ба фаъолияти ШД ва серталабиро ҷиҳати аз рӯйи низомномаву дастурҳо омода намудани парвандаҳои аттсетатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ ба роҳ монад;

**Ҷадвали 2 – Нишондодҳои воридшавандаи корманди илмӣ**

| № | Майдон | Шакл |
|---|---|---|
| 1 | Ному насаб | кушода* |
| 2 | Санаи таваллуд | кушода |
| 3 | Дараҷаи илмӣ | таркибӣ** |
| 4 | Унвони илмӣ | таркибӣ |
| 5 | Соҳаи илме, ки диссертатсия ба он тааллуқ дорад | таркибӣ |
| 6 | Ихтисоси якуми диссертатсия | таркибӣ |
| 7 | Ихтисоси дуюми диссертатсия | таркибӣ |
| 8 | Санаи ҳимоя | таркибӣ |
| 9 | Вазифа | кушода |
| 10 | Кафедра | кушода |
| 11 | Муассиса | таркибӣ |

Эзоҳ: *кушода ва **таркибӣ – ба маънои дар ҷадвали 1 овардашуда.

–дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати интихоби мавзӯъҳои диссертатсионӣ вобаста ба иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат чораандешӣ намояд;

–бо мақсади пешгирии сохтакориҳои ШД ва корсозии диссертантҳо барои насби сервери пуриқтидор чораҳои зарурӣ андешад;

–ҳолатҳои номатлуби шиносбозӣ, хешутаборчигӣ ва амалҳои коррупсионии барои илм бегонаро дар ШД пешгирӣ намояд;

–бе иҷозат, пинҳонӣ ҳимоя кардани диссертатсияҳоро дар дигар давлатҳо барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ пешгирӣ кунад;

–пинҳон нигоҳ доштани маҳрумият аз дараҷаҳо ва унвонҳои илмии дар дигар ҷумҳуриҳо бадастовардаи шаҳрвандони кишварро пайгирӣ намояд;

–натиҷаи корҳои илмии довталабонро пас аз ҳимоя низ таҳти назорат қарор диҳад ва дар мавриди ошкор гардидани каммаҳсулии соҳибдиплом, то маҳрум сохтани он аз дараҷаи илмии мувофиқ масъалагузорӣ намояд;

–воқеӣ будани фаъолияти ҳамкоронро вобаста ба дархости муассиса роҷеъ ба дарёфти унвонҳои илмӣ санҷад.

## АДАБИЁТ:

1. Комилов, Ф. С. Амсилаи дастраси умум ба пойгоҳи додаҳои КОА дар заминаи таъминоти барномавии стандартӣ /Ф.С. Комилов, М.Р. Ёров // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, иноватсия, инвеститсия. – 2019. – № 1 (45). – С. 30-37.

2. http://www.vak.tj/index.php/oid-ba-komissiyai-olii-attestatsion/hisobotho (16.01.20)

3. Комилов, Ф. С. Таҳияи системаи барномавӣ-иттилоотӣ барои худкорсозии фаъолияти кормандони КОА / Ф.С. Комилов, М.Р. Ёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои табиӣ. – 2019. – № 1 (45). – С. 30-37.

4. Комилов, Ф. С. Баҳисобгирии амнияти иттилоотии шабакавӣ дар таҳияи пойгоҳи додаҳо / Ф.С. Комилов, М.Р. Ёров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. – № 4 (68). – С. 141-146.
5. Комилов, Ф. С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ / Комилов Ф.С. // Душанбе: «Душанбе принт», 2016. – 480 с. – ISBN 978-99975-853-2-4.
6. Комилов, Ф. С. Информационное обеспечение системы управления качеством образовательных услуг / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2011. – № 4 (68). – С. 46-55.
7. Комилов, Ф. С. Современные информационные технологии в образовательном пространстве медицинского колледжа: проблемы и перспективы / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов // Вестник Московского государственного областного университета. Серия «Педагогика». – 2018. – № 1. – С. 129-135.
8. Комилов, Ф. С. Ҳамгироии илм ва истеҳсолот омили асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ / Ф.С. Комилов, Ф.А. Ҷабборов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2012. – № 5 (34). – С. 56-67.
9. Комилов, Ф. С. Шабакаҳои компютерӣ ва сомонасозӣ / Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов. – Душанбе: «Маориф», 2016. – 208 с. ISBN 978-99975-853-0-0.

## ТЕХНОЛОГИЯИ КОРБАРӢ БО СИСТЕМАИ БАРНОМАВӢ-ИТТИЛООТИИ ПОЙГОҲИ ДОДАҲОИ КОА

Дар мақола технологияи корбарии маъмурони шабакавии Комиссияи олии аттестатсионӣ, шӯроҳои диссертатсионӣ ва шӯроҳои олимони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо системаи барномавию иттилоотии пойгоҳи додаҳои КОА инъикос ёфтааст. Хулоса гардидааст, ки ҳангоми пурра ба кор оғоз намудани вебсаҳифаи ПД КОА фаъолияти дохилӣ ва берунии КОА худкор гардида, суръати амалиётии шуъбаҳои аттестатсионӣ, шӯроҳои диссертатсионӣ ва шӯроҳои экспертӣ афзоиш меёбад ва маҳсулнокии заҳмати кормандони ин зерсохторҳо боло меравад.

***Калидвожаҳо:*** *технологияи, маъмур, барнома, вебсаҳифа, шабакаи компютерӣ, пойгоҳи додаҳо, КОА, шӯрои диссертатсионӣ, шӯрои экспертӣ, шӯрои олимон, иттилоот, сервер.*

## ТЕХНОЛОГИЯ ПОЛЬЗОВАНИЯ ПРОГРАММНО-ИНФОРМАЦИОННОЙ СИСТЕМОЙ БАЗЫ ДАННЫХ ВАК

В статье описано технология пользования сетевыми администраторами Высшей аттестационной комиссии, диссертационных советов и учёных советов научно-исследовательских учреждений и высших учебных заведений республики с программно- информационной системой БД ВАК. Заключается, что с полным функционированием веб-сайта БД будет решаться вопрос автоматизации приема и передачи информации между внутренними и внешними агентами БД, увеличиваться скорость работы аттестационных отделов, диссертационных и экспертных советов, а также повышаться производительность труда сотрудников этих подразделений.

***Ключевые слова:*** *технология, администратор, программа, веб-страница, компьютерная сеть, база данных, ВАК, диссертационный совет, экспертный совет, ученый совет информация, сервер.*

## TECHNOLOGY OF USE OF THE SOFTWARE-INFORMATION SYSTEM OF THE DATABASE OF HIGHER ATTESTATION COMMISSION (HAC)

The article describes the technology for using network administrators of the Higher Attestation Commission, dissertation councils and academic councils of research institutions and higher educational institutions of the republic with the program-information system of the HAC database. It concludes that with the full functioning of the website of the HAC database, the issue of automating the reception and transmission of information between internal and external database agents will be addressed, the speed of work of certification departments, dissertation and expert councils will increase, as well as the productivity of employees of these departments will increase.

***Keywords:*** *technology, administrator, program, web page, computer network, database, HAC, dissertation council, expert council, academic council, information, server.*

**Сведения об авторах: Ёров Мехрдад Рахматуллоевич** - аспирант кафедры информатики Таджикского национального университета (ТНУ). Адрес: Суроға: 734025, Республика Таджикстан, г. Душанбе, пр. Рудаки. 17, тел. (++992) 933055003, электронная почта: mehrdod09@yandex.ru,

**Комилиён Файзали Саъдулло** - доктор физико-математических наук, профессор кафедры информатики ТНУ. Адрес: Республика Таджикстан, г. Душанбе, пр. Рудаки. 17, тел.: (++992) 988685014, электронная почта: komfaiz@mail.ru,

**Абдурахмонов Махмадсаид Мухаммаджонович** – магистр кафедры информатики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки. 17, тел.:(+992)918657515, электронная почта: mahmadsaid@mail.ru-да.

**Information about the authors: Yorov Mehrdod Rahmatulloevich** – Graduate student of the Informatics Department of the Tajik National University (TNU). **Address:** 17, Rudaki av., Dushanbe, 734025, Tajikistan. Tel. (+992) 933055003, E-mail: mehrdod09@yandex.ru,

**Komiliyon Fayzali Sa□dullo** – Doctor of Physics and Mathematics Sciences, Professor of the Informatics Department of the TNU. **Address:** 17, Rudaki av., Dushanbe, 734025, Tajikistan. Tel. (+992) 988685014, E-mail: komfaiz@mail.ru,

**Abdurahmonov Mahmadsaid Muhammadjonovish** – Magister of the Department of Informatics of the TNU. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki av. 17, Tel.:(+992)918657515, E-mail: mahmadsaid@mail.ru.

**Г. САЛОҲИДДИНОВА**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ БЕҲТАРСОЗИИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Истифодаи технологияи муосир бо муҳтавои баланд ва беҳ гардонидани сифати таълим ва фарогирии паҳлӯҳои гуногуни сабку шеваи таълим ба муаллимони забонӣ англисӣ кӯмаки зиёде мерасонад. Пажӯҳишгарони огоҳманду донишвар хусусиятҳои умда ва вижагиҳои дарси муосирро як-як баён карда, бо мисолҳои воқеӣ ва ибратбахш суду самараи файзбахши ин гуна дарсҳоро ошкор ва пешниҳоди омӯзгорон намудаанд. Хулосаву натиҷагириҳои муаллифон хеле боҳадаф ва ибратбахш аст. Онҳо ақида доранд, ки дар дарсҳои ҳозиразамон бояд хонандагон беш аз муаллим фаъол бошанд, бисёр кор кунанд, фикр намоянд, кунҷков бошанд, хомӯширо ихтиёр накунанд, танҳо ба гуфтаҳои омӯзгор қаноат нанамоянд, бетафовут набошанд, балки бикӯшанд, ки дар ҳар як дарс як чизи тоза ёд бигиранд, як матни нав, як мавзӯи навро аз бар намуда, то донишашон ҷавобгӯйи талабот гардад ва ниёзҳои миллату кишварро дар сатҳи байналмилалӣ таҳсилу кору фаъолият бинамоянд, то бо талабагони кишварҳои дигар рақобату муқовимат карда тавонанд.

Воқеан, имрӯз муаллимони забони англисӣ бояд бештар ба ҳамин паҳлӯи муассири дарс диққати ҳамаҷониба дода, ба инкишофи нутқи хаттию шифоҳӣ ва такомулу сайқалёбии калому гуфтори шогирдон муваффақ гарданд. Зеро бе ин ҳама нишонаҳои илмомӯзӣ, наметавон матлаби хешро ҳосил кард. Чизи дигаре, ки дар дарси муосири забони англисӣ бояд мадди назари омӯзгорон бошад, ин диққати зиёд ба андешаву ғояи мутараққиву раҳнамо мебошад, андешаву ғояе, ки ҳаёт ва рӯзгори муосир талаб менамояд; фаъолиятмандӣ, доноӣ, тавоноӣ, сахтипазирӣ, забондонӣ, хунардӯстӣ, солимӣ, солимандешӣ, ақлгароӣ, талабу талош, саъю амал, хушбинӣ, орзупарварӣ, китобхонӣ ва ғайра, на қаноату шукру тасмиму ризову бефаъолиятӣ, бадбинӣ, яъсу навмедӣ, беорзуӣ, фусурдагӣ, хоксорию нармии ифротӣ, ки ба шаъну шукӯҳи инсон зиён меорад. Масалан, қаноат, ки пайваста дар адабиёти хориҷӣ ва дарсҳои мо талқин мешавад, имрӯз, ки бидуни саъю талош, талабу амал наметавон зист, ба мушкилоти рӯзгор муқовимат кард, дигар андешаи мутараққӣ нест.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, истифодаи технологияи муосир ва роҳҳои беҳ гардонидани сифати таълим дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ташаккули малакаҳои шунидану фаҳмидан, ҳарф задан ва хондан ҳадафи асосӣ ба шумор мераванд. Таълими имло навиштан дар рафти омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мақсади таълим набуда, он ҳамчун воситаи ёрирасон дар назар дошта мешавад. Он гуна ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, аксари донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи касбӣ дар машғулиятҳо ва маҳфилҳо бо ҳамсабақону омӯзгорони хеш озодона гуфтугӯ, саволу ҷавоб карда, матну ҷумлаҳои одии шунидаашонро дуруст ва пурра фаҳмида наметавонанд. Оддитарин фикру ақида ва хоҳиши худро бо он забони омӯхтаистодаашон, баён карда наметавонанд. Умуман, вақтҳои охир баръало мушоҳида карда истодаем, ки дар аксари донишҷӯён чор малакаи дар боло зикршуда (шунида фаҳмидан, гуфтор, хондан ва навиштан) дуруст ташаккул ва инкишоф наёфтаанд, ки кори омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро дар самти амалӣ намудани барномаи таълимӣ хеле сангин намудааст. Ин ҳолат сабабҳои ҳам субъективӣ ва ҳам объективӣ дорад. Аммо эҳсоси масъулият ва кӯшиши баромадан аз ин ҳолати ташвишовару ногувор моро водор месозад, ки аз тарзу усулҳои маъмулӣ ва кӯҳнашудаи дарсдиҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ сарфи назар намуда, роҳу усулҳои содатару ба сатҳи донишу қобилияти муҳассилин мувофиқро рӯи даст гирем. [1, 20-25]

Барои шогирдони забономӯз аз ҳама чизи муҳимтарин барои беҳ гардонидани сифати таълим — муҳити забонӣ – (language inviromment) -ро ташкил намуда, ба онҳо бо он забони омӯхтаистодаашон ҳарчи бештар гуфтугӯ ва бархӯрд намуданро талқин созем. Чунки рисолат ва мақсади асосии таълими забон таъмин намудани муошират ва табодули афкор байни одамон мебошад. Тавре ки таҷрибаву мушоҳидаҳои солҳои охир собит менамоянд, аз ҳама усули беҳтарини омӯзиши забон методҳои коммуникативӣ ва

интерактивӣ мебошанд, ки истифода ва рӯи кор овардани онҳоро мо бояд ҳанӯз аз марҳилаи аввали таълим оғоз намоем.

Дар таърихи омӯзиш ва таълими забони англисӣ вобаста ба тақозои замон ва ҷомеа, пешравии илму техника вусъат ёфтани ҳамкориҳои гуногуни байни давлату миллатҳои мухталиф даҳҳо методҳову равияҳои омӯзиши забони англисӣ пайдо шуданд. Раванди дар мӯҳлати кӯтоҳтарин омӯхтан ва омӯзонидани забони англисӣ ба пайдоиши методҳои «интенсивӣ» – босуръат оварда расонд. Ба гунаи мисол методи аудиовизуалӣ мебошад, ки асосгузоронаш Р. Мишеа, Ж. Гугейейм, П. Губерина ва П. Риван мебошанд. Мувофиқи пешниҳоди ин донишмандон забони англисӣ тавассути истифодаи васеи воситаҳои аёнӣ дар муҳлати кӯтоҳ омӯзонда мешавад.

Методи дигар методи (Audio-lingual method) мебошад, ки асосгузоронаш дар Амрико Уфриз ва Р. Ладоянд. Тибқи талаботи ин метод дар рафти машғулиятҳо воситаҳои сомеавӣ истифода шуда, воҳидҳои забонӣ – овозҳову калимаҳо, ибораю ҷумлаҳо, матну муҳоваҳо такрор ба такрор шунида шуда, аз паси натток талаффуз карда мешаванд. Методи дигар методи нутқи шифоҳии методисти машҳури англис Ҳаролд Палмер (1877-1950) муаллифи китоби «The Teaching of Oral English» мебошад. Дар таълимоти ин олим ташаккул ва инкишофи нутқи шифоҳӣ дар омӯзиши забони англисӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ, беҳтарин усули омӯзиши забони англисӣ ба воситаи истимоъ (шунидан) ва такрор кардани намунаҳои гуногуни нутқӣ бо мақсади беҳтар ба хотир гирифтану тезтар мавриди истифода қарор додани онҳо мебошад. Ӯ ичрои машқҳоро зимни шунидану дарк намудани нутқи хориҷӣ воситаи беҳтарини омӯзиши забони англисӣ меҳисобид.

Бинобар ин, барои ташаккул ва тараққии малакаю қобилиятҳои зикршуда танҳо ба китобҳои дарсӣ ва баъзе дастурҳои дигар қонеъ нагашта, тибқи мақоли маъмули англисии зайл амал бояд кард: «Teach speaking by speaking, to read by reading, to listen by listening and to write by writing». Яъне, ҳарф заданро тавассути гуфтор, хонданро тавассути хондан, шунида фаҳмиданро тариқи гӯш кардан ва навишторро тавассути навиштан омӯзондан лозим аст. Ҳамаи ин малакаҳо бояд дар иртибот бо якдигар омӯзонида ва амалӣ карда шаванд, аммо ин амр бе истифода аз аёният ғайри имкон мебошад. Бешак, усули истифодаи аёният дар таълим яке аз усулҳои асосии дидактика ба шумор меравад. Бахусус, дар ҷараёни таълими забони англисӣ аёният аҳамият ва нақши хоса дорад. **[2, 1-32]**

Дар адабиёти илмӣ асосан ба ду навъи аёният ишора мешавад: аудиоӣ (шуниданӣ) ва визуалӣ (диданӣ) ё аудиовизуалӣ. Аз марҳалаи аввали омӯзиши забони англисӣ сар карда, то ба охир истифодаи асбобҳои аудиовизуалӣ чун магнитафон, радио, видео, DVD ва CD-плеерҳо, барномаҳои гуногуни компютерӣ, филмҳои тасвирӣ бо субтитрҳо, диктофон ва букридерҳо, инчунин таблитсаю ҷадвалҳо, расму суратҳои манзара ва ашёи гуногун аҳамияти хоса доранд. Дар иртибот ба мавзӯъ бояд аз беҳтарин ва дастрастарин воситаҳои аёнӣ, телефони мобилӣ ва сандуқчаи баландгӯяки MP-3 ёдовар шуд.

Ҳар як омӯзгори забони англисӣ аз ин мӯъҷизаи техникии аср пурмаҳсул ва мақсаднок истифода бурда, онро беҳтарин ёвар дар фаъолияти таълимии худ шуморанд, албатта ба муваффакият сохиб мешаванд. Шогирдоне, ки телефону интернетро хуб мефаҳманд, аз интернет ду барномаи луғати электрониро интихоб карда, метавонанд ба телефонашон сабт намоянд: 1) G translate» – луғати бисёрзабона ва 2) луғати дузабонаи: «lang-mobile translator», ки бо воситаи он хамрохи шогирдон давоми 1-1,5 дақиқа ба роҳат аз онҳо вожаҳои зарурро пайдо карда метавонанд. Дигар ин ки, дар флешкаи ғунҷоишаш 2Gb ду барномаи омӯзиши забони англисиро сабт намуда, онҳоро дар дарсҳои асосӣ, иловагӣ ва маҳфилҳои забони англисӣ фаровон истифода баранд.

Махсусан, дар оғози дарс, ҳангоми машқи фонетикӣ, компютерро ба сандуқчаи баландгӯяки MP-3 пайваст намуда, бо аҳли синф якҷоя талаффузи калима ва ибораҳоро аз забони ровии аслӣ гӯш мекунем, ки ба маврид ва манфиатбахш аст. Яке аз ин барномаҳои худомӯзии «Омӯзиши сариъи (интенсивӣ) забони англисӣ бо методи «Нусрат» бо забони форсии эронӣ мебошад, ки қариб 300 дарсро дарбар гирифта, ҳар як дарс 30-35 дақиқа давом мекунад. Сабти дуввум аз CD-и китоби Эккерсли К.Э. «Худомӯзии забони англисӣ». (чопи 2-юм бо тахрир. – Москва: ЭКСМО, соли 2013) мебошад, ки дар он ҳамаи матнҳо, муҳоваҳо, машқҳои фонетикӣ, диктантҳои ҳар чор китоби ин муаллиф ҷой дода

шудаанд. Бо истифода аз имкониятҳои телефон ва компютер метавонем калимаю ибора ва матнҳои пурраро ба такрор гӯш кунем. [3, 6-8]

Ба назари мо хуб мешуд, ки дар утоқҳои забони англисии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ DVD-и дарсҳои англисӣ нигоҳ дошта шуда васеъ истифода бурда шавад. Яке аз онҳо 16 дарси забондони машҳури рус, Полиглот Николаев мебошад. Инчунин, зиёда аз 20 дарси забони англисии Моли Стоун ҳаст, ки ҳамаи ин ашёи зикршударо аксари донишҷӯён сабт карда, дар хонаҳояшон мустақилона барои худомӯзӣ истифода бурда метавонанд. Ба наздикӣ боз як барномаи хуби электронии луғати тафсирии чандинзабонаи «ABBYY Linguo x5, ABBYY Translation» дастрас намуда барои тарҷумаи калимаҳо ва ҳам барои омӯзиши этимология ва мавқеи истифодаи ҳар як калимаи англисӣ дар гуфтор ва навиштор кӯмаки зиёд мерасонад.

## АДАБИЁТ:


1. Барменкова О.И.Видео дар системаи омӯзиши нутқи хориҷӣ // О.И.Барменкова // Забонҳои хориҷӣ дар мактаб.-1999. -№3.- С. 20- 25.
2. Владыко, О.А. Проектная методика – эффективное средство организации творческой и учебной деятельности на уроках английского языка /О.А. Владыко// Забонҳои хориҷӣ дар мактаб.-2007.-№4.-С.31-32.
3. Вайсбурд М.Л. Телепередача как опора для организации речевой игры на уроке иностранного языка / М.Л.Вайсбурд Л.Н. // Забонҳои хориҷӣ дар мактаб.-2002.-№6. - С. 6-8.
4. Верисокин Ю.И. Видеофильм как средство мотивации школьников при обучении иностранному языку/ Ю.И. Верисокин // Забонҳои хориҷӣ дар мактаб -2003.- №5. -С.31.-35.
5. Asher J. Children's first language as a model for second language learning // Modem language journal.-1972.-№56,-P. 133-139.
6. Canale M, From communicative competence to communicative language pedagogy // Language and communication / Ed. by J.C.Richards, R.W.Shmidt.-London - New York; Longman, 1984.-P.2-21.
7. Carol Skinner. English Together. Starter Book. Teacher»s Guide- Longman Group UK LTD, 1991.- 59p.
8. Маҷаллаи «Омӯзгор», № 12, Март 2015.
9. Маҷаллаи «Омӯзгор», № 10, Феврал 2015.
10. Степанова Е.А. Игра как средство развития интереса к изучаемому языку// Иностранные языки в школе - 2004. - №2.


**Г. Салоҳиддинова**

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ БЕҲТАРСОЗИИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола як қатор масъалаҳо оид ба истифодаи технологияи муосир ва роҳҳои беҳ гардонидани сифати таълим дар дарсҳои забони англисӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф таъкид месозад, ки истифодаи технологияи муосир имконияти ҷалби диққати донишҷӯён, мустақилона фикр кардан дар дарсҳои забони англисӣ ва дар ниҳоят инкишофи шахсияти донишҷӯёнро таъмин месозад. Дар мақола инчунин якчанд методҳо оварда шудааст, ки мақсади асосии методҳо ин беҳ гардонидани сифати забондонии донишҷӯён ва фароҳам овардани фазои ягонаи таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ таъмин менамояд. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ, барои беҳ гардонидани сифати таълим дар дарсҳои забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** *технологияи муосир, ҷараёни таълим, сифати таълим, метод, муҳити забонӣ, воҳидҳои забонӣ, аудиовизуалӣ, луғати электронӣ, машқи фонетикӣ.*

**Г. Салохиддинова**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И СПОСОБОВ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается ряд вопросов, касающихся использования современных технологий и путей повышения качества обучения на уроках английского языка. Автор утверждает, что использование современных технологий позволяет студентам сосредоточиться, самостоятельно мыслить на уроках английского языка и в конечном итоге развивать личность студентов. В статье

также изложены несколько способов, с помощью которых основная цель этих методов заключается в улучшении языкового качества учащихся и обеспечении единого образовательного пространства для учреждений высшего и среднего профессионального образования. Все это способствует повышению качества преподавания английского языка в высших и средних профессиональных учебных заведениях.

**Ключевые слова:** *современные технологии, учебный процесс, качество обучения, методика, языковая среда, языковые единицы, аудиовизуальный словарь, электронный словарь, фонетические упражнения.*

**G. Salohiddinova**

## USING MODERN TECHNOLOGIES AND WAYS TO IMPROVE THE QUALITY OF TEACHING IN THE ENGLISH LANGUAGE LESSONS

The article discusses a number of issues regarding the use of modern technologies and ways to improve the quality of teaching in the English language lessons. The author claims that the use of modern technology allows students to concentrate, think independently on English lessons and ultimately develop the students' personality. The article also outlines several ways in which the main purpose of these methods is to improve the language quality of students and provide a single educational space for institutions of higher and secondary vocational education. All this helps to improve the quality of teaching English language in higher and secondary vocational schools.

**Keywords:** *modern technologies, educational process, quality of education, methodology, language environment, language units, audiovisual dictionary, electronic dictionary, phonetic exercises.*

**Сведения об авторе: Салохиддинова Гулнора Нарзуллоевна** – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. E. mail: gulnor1006@mail.ru

**Information about the author: Salohiddinova Gulnora Narzulloevna** Researcher of the Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45C Aini St. E.mail: gulnor1006@mail.ru

**Р. НАЗАРЗОДА**

# ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКАИ НАТИҶАҲОИ СУБТЕСТИ “ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК” ВА “АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ”

Низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (минбаъд – ИМД) -ро аз соли 2014 инҷониб Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар ба таври мутамарказ ва фарогир роҳандозӣ менамояд. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ дар асоси натиҷаҳои ИМД сурат мегирад. Сохтори ИМД-ро якчанд қисми имтиҳон ташкил медиҳад, ки аз байни онҳо танҳо дар ду қисм: қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) аз усули тестгузаронии педагогӣ истифода бурда мешавад. Супоридани имтиҳони қисми А барои ҳамаи довталабон, сарфи назар аз гурӯҳ ва комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаашон, ҳатмӣ буда, аз се субтест иборат аст: А.1 – “Забони тоҷикӣ”, А.2 – “Математика” ва А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ”. Имтиҳони қисми Б низ аз се субтест (Б.1, Б.2 ва Б.3) иборат буда, вобаста аз талаботи гурӯҳи ихтисосҳо фанҳои таълимии гуногунро дарбар мегирад [4, с. 39; 5, с. 51-53].

Дар мақола динамикаи натиҷаҳои аз субтести “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” тайи панҷ соли роҳандозии низоми ИМД (2014 – 2018) бадастовардаи довталабон мавриди таҳлили оморию муқоисавӣ қарор дода шудааст. Бо дарназардошти ду фанни алоҳидаи таълимиро фаро гирифтани субтести мазкур, таҳлили натиҷаҳои дар доираи ин субтест бадастовардаи довталабон аз рӯйи фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар алоҳидагӣ гузаронида шудааст.

Дар низоми ИМД имтиҳон аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар доираи як субтест (А.3) муттаҳид карда шудааст [6]. Бо дарназардошти ба сохтори имтиҳони қисми А шомил будани субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ”, ҳамаи довталабон ин субтест имтиҳон месупоранд. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” ба таври ҳатмӣ ба роҳ монда шудааст. Мақсад ва тавзеҳи имтиҳон аз субтести “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ”, талаботи фаннӣ ба дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои довталабон, шарҳи саволу масъалаҳои тест, мушаххасот (матритса)-и саволномаи тест ва дигар масъалаҳои марбут ба субтести мазкур дар “Барномаи имтиҳон (қисми А) аз фанҳои забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” [1, с. 13-20, 23] ба таври муфассал баён гардидаанд.

Саволу масъалаҳои субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар ду навъ: ***пӯшида*** ва ***мувофиқат*** таҳия мешаванд [2, с. 73-75; 5, с. 64]. Субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” аз **24 саволу масъалаи навъи пӯшида** (бо рақамҳои тартибии аз 1 то 24: аз 1 то 16 барои фанни “Таърихи халқи тоҷик” ва аз 17 то 24 барои фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”) ва **6 саволу масъалаи навъи мувофиқат** (бо рақамҳои тартибии аз 25 то 30: аз 25 то 28 барои фанни “Таърихи халқи тоҷик” ва аз 29 то 30 барои фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”) таркиб ёфтааст. Вобаста ба ин, холи имконпазири ҳадди аксар (максималӣ) барои субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” ба 48 хол (24 х 1 + 6 х 4) баробар аст, ки аз ин 32 хол (16 х 1 + 4 х 4) барои фанни “Таърихи халқи тоҷик” ва 16 хол (8 х 1 + 2 х 4) барои фанни “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” ҷудо гардидааст.

Дар давоми панҷ соли баррасишаванда (**солҳои 2014 – 2018**), дар умум, **401 534 довталаб** дар низоми ИМД **аз қайд гузаштаанд** (ИМД-2014 – 52 408, ИМД-2015 – 73 700, ИМД-2016 – 83 068, ИМД-2017 – 96 541, ИМД-2018 – 95 817), ки аз миёни онҳо, дар умум, **372 410 довталаб** (92,75 %) **дар имтиҳони қисми А** иштирок карда (ИМД-2014 – 46 429 ё 88,59 %, ИМД-2015 – 67 314 ё 91,34 %, ИМД-2016 – 78 174 ё 94,11 %, ИМД-2017 – 90 876 ё 94,13 %, ИМД-2018 – 89 617 ё 93,53 %), дар доираи он аз субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” имтиҳон супориданд.

Тавре аллакай таъкид гардид, субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар сохтори худ саволу масъалаҳои тестро аз ду фанни таълимӣ

(“Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”) дарбар мегирад. Бино бар ин, дар пажўҳишҳои минбаъда, ҷиҳати муайян кардани сатҳи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои номбурда, натиҷаҳои субтести мазкурро вобаста аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Дар доираи пажўҳишҳои худ, мо аз мафҳуми “***холи миёнаи имконпазир***” истифода мебарем, ки зери ин мафҳум холи баробар ба нисф (50 %)-и холи имконпазири ҳадди аксари ин ё он субтест (ё фанни таълимӣ) фаҳмида мешавад. Масалан, холи миёнаи имконпазир барои субтести А.3 – “Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ” ба 24 хол ва барои фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”, мувофиқан, ба 16 хол ва 8 хол баробар аст.

Барои солҳои баррасишавандаи баргузории ИМД ҳиссаи довталабонеро дида мебароем, ки натиҷаҳои бадастовардаи онҳо аз фанҳои таълимии “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ” дар муқоиса бо холҳои миёнаи имконпазири ин фанҳо хурд ё баробар аст (барои фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”, мувофиқан аз 0 то 16 хол ва аз 0 то 8 хол), ё калон (барои фанҳои “Таърихи халқи тоҷик” ва “Асосҳои давлат ва ҳуқуқ”, мувофиқан аз 17 то 32 хол ва аз 9 то 16 хол). Ҳолати баёнгардида расмҳои 1 ва 2 инъикос ёфтааст.




**Расми 1.** *Муқоисаи натиҷаҳои аз фанни “Таърихи халқи тоҷик” бадастовардаи довталабон бо холи миёнаи имконпазири фан*

Чуноне аз расми 1 бармеояд, дар ҳамаи солҳои баррасишаванда ҳиссаи довталабоне, ки натиҷаҳои аз фанни “Таърихи халқи тоҷик” бадастовардаи хурд ё баробари холи миёнаи имконпазири ин фан аст онҳо (аз 0 то 16 хол), аз ҳиссаи довталабоне, ки натиҷаҳои аз фанни мазкур бадастовардаашон аз холи миёнаи имконпазири фан калон аст (аз 17 то 32 хол), ба маротиб (беш аз 5 – 10 маротиба) зиёд аст, ки чунин ҳолат ҳанўз қонеъкунанда буда наметавонад. Натиҷаи аз ҳама пасттарин ба ИМД-2014 рост меояд, ки дар он ҳиссаи довталабони натиҷаҳояшон то холи миёнаи имконпазир аз ҳиссаи довталабони натиҷаҳояшон беш аз холи миёнаи имконпазири фан беш аз 10 (!) маротиба зиёд аст.




**Расми 2.** *Муқоисаи натиҷаҳои аз фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" бадастовардаи довталабон бо холи миёнаи имконпазири фан*

Агарчи натиҷаҳои фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" (ниг. ба расми 2) нисбат ба натиҷаҳои фанни "Таърихи халқи тоҷик" як каме беҳтар ба назар расад ҳам, аммо ҳолати он низ ҳамоно қонеъкунанда буда наметавонад. Дар ҳамаи солҳои баррасишаванда ҳиссаи довталабоне, ки натиҷаҳои аз фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" бадастовардаи онҳо хурд ё баробари холи миёнаи имконпазири ин фан аст (аз 0 то 8 хол), аз ҳиссаи довталабоне, ки натиҷаҳои аз фанни мазкур бадастовардаашон аз холи миёнаи имконпазири фан калон аст (аз 9 то 16 хол), якчанд маротиба (беш аз 3 – 9 маротиба) зиёд аст. Натиҷаи аз ҳама пасттарин ба ИМД-2015 рост меояд, ки дар он ҳиссаи довталабони натиҷаҳояшон то холи миёнаи имконпазир аз ҳиссаи довталабони натиҷаҳояшон беш аз холи миёнаи имконпазири фан қариб 9 (!) маротиба зиёд аст.

Бо мақсади таҳлили натиҷаҳои аз фанҳои "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" ва "Таърихи халқи тоҷик" бадастовардаи довталабон дар шакли баҳоҳои анъанавӣ (ҷадвали панҷбалӣ) аз ҷадвалҳои мувофиқати фосилаи холҳои субтестҳо (фанҳои таълимӣ) ба баҳоҳои анъанавӣ [3, с. 224] истифода мебарем (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

*Ҷадвали мувофиқати фосилаи холҳо ба баҳоҳои анъанавӣ*

| Фанни таълимӣ | Баҳои анъанавӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | "2" (ғайриқаноатбахш) | "3" (қаноатбахш) | "4" (хуб) | "5" (аъло) |
| Таърихи халқи тоҷик | аз 0 то 7 | аз 8 то 15 | аз 16 то 23 | аз 24 то 32 |
| Асосҳои давлат ва ҳуқуқ | аз 0 то 3 | аз 4 то 7 | аз 8 то 11 | аз 12 то 16 |

Натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз фанҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Асосҳои далат ва ҳуқуқ" барои ҳар соли баррасишавандаи баргузории ИМД ҳамчун баҳои миёна (дар умум – дар сатҳи ҷумҳурӣ) аз рӯйи ҷадвали панҷбалии баҳоҳои анъанавӣ дар расмҳои 3 ва 4 инъикос ёфтааст.




**Расми 3.** *Баҳои миёнаи фанни "Таърихи халқи тоҷик" аз рӯйи ҷадвали панҷбалӣ дар ИМД-2014 – ИМД-2018*

Тавре аз расми 3 аён аст, баҳои миёнаи ҳадди аксар (максималӣ) аз фанни "Таърихи халқи тоҷик" ба 3,00 баробар буда, дар ИМД-2015 ва ИМД-2016 вомехӯрад. Баҳои миёнаи ҳадди ақал (минималӣ) бошад, ба 2,82 баробар буда, дар ИМД-2014 дида мешавад. Дар умум, агар натиҷаҳои панҷсолаи аз фанни мазкур бадастовардаи довталабон якҷоя ба назар гирифта шавад, пас баҳои миёнаи фанни "Таърихи халқи тоҷик" ба 2,97 баробар аст, ки албатта чунин ҳолат қонеъкунанда нест.

Чуноне аз расми 3 бармеояд, баҳои миёнаи ҳадди аксари фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" ба 3,20 баробар буда, дар ИМД-2017 вомехӯрад. Баҳои миёнаи ҳадди ақал бошад, ба 2,91 баробар буда, дар ИМД-2015 ба назар мерасад. Дар ҳолати умумӣ – ҷамъи натиҷаҳои панҷсола бошад, баҳои миёнаи фанни мазкур ба 3,12 баробар аст, ки ин ҳолатро низ ҳанӯз наметавон қонеъкунанда ҳисобид.




**Расми 4.** *Баҳои миёнаи фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" аз рӯйи ҷадвали панҷбалӣ дар ИМД-2014 – ИМД-2018*

Дар асоси таҳлилҳои дар доираи мақолаи мазкур гузаронида таъкид сохтани якчанд нуктаи муҳимро шарт ва зарур мешуморем:

1) Чуноне ки аз таҳлили холҳои бадастовардаи довталабон аз фанҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" (ниг. ба расмҳои 1 ва 2) муайян гардид, ҳамасола, ҳиссаи довталабоне, ки холҳои бадастовардаашон хурд ё баробари холҳои миёнаи имконпазири ин фанҳост, аз ҳиссаи довталабоне, ки холҳои бадастовардаашон аз холи миёнаи имконпазири фанҳои мазкур калон аст, ба маротиб зиёд аст. Албатта, чунин ҳолат қонеъкунанда нест! Барои ҳамчун қыонеъкунанда маҳсуб ёфтани ҳолати баррасишаванда, аз нигоҳи мо, ҳиссаи чунин довталабон ҳадди ақал бояд ду гурӯҳи ба ҳам баробарро ташкил диҳад.

2) Таҳлили натиҷаҳои тайи солҳои баррасишаванда аз фанҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" бадастовардаи довталабон дар намуди баҳоҳои анъанавӣ аз рӯйи ҷадвали панҷбалӣ (ниг. ба расмҳои 3 ва 4) маълум намуд, ки баҳои миёнаи довталабон аз фанҳои мазкур ҳанӯз пас аст (дар умум, 2,97 аз фанни "Таърихи халқи тоҷик" ва 3,12 аз фанни "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ"), ки бечунучаро ингуна ҳолатро наметавон қонеъкунанда ҳисобид! Аз нигоҳи мо, барои ҳамчун қонеъкунанда арзёбӣ намудани ҳолати баррасишаванда, баҳоҳои миёнаи фанҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" ҳадди ақал бояд ба 4,00 баробар шаванд.

## АДАБИЁТ:


1. Барномаи имтиҳон (қисми А) аз фанҳои забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ки бо қарори мушовараи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, № 31/30 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: http://ntc.tj/Downloads/Barnomahoi_imtihon/kismi_a.pdf (санаи истифодабарӣ: 04.01.2020).
2. Назаров Р. С. Мушаххасоти субтестҳои имтиҳони қисми А / Р. С. Назаров // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2018. – № 2 (22). – С. 71 - 79.
3. Назаров Р. С. Оид ба як усули баргардонидани холҳои тест ба баҳоҳои анъанавӣ аз рӯйи ҷадвали панҷбалӣ / Р. С. Назаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Масъалаҳои мубрами саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва стратегияҳо" (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 - 27 апрели соли 2019). – С. 218 - 225.
4. Назаров Р. С. Хусусият ва сохтори қисмҳои имтиҳони тестӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ / Р. С. Назаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2018. – № 3 (28). – С. 37 - 44.
5. Роҳнамои довталаб : Дастури иттилоотию методӣ. – Душанбе: Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 220 с.
6. Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст.


**Назарзода Рустам Саидмурод**

## ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКАИ НАТИҶАҲОИ СУБТЕСТИ "ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ"

Дар мақола динамикаи натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз субтести А.3 – "Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ" дар давоми панҷ соли роҳандозии низоми ИМД (2014 – 2018) мавриди таҳлили оморию муқоисавӣ қарор дода шудааст. Бо дарназардошти ду фанни алоҳидаи таълимиро фаро гирифтани субтести мазкур, таҳлили натиҷаҳои дар доираи ин субтест бадастовардаи довталабон аз рӯйи фанҳои "Таърихи халқи тоҷик" ва "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" дар алоҳидагӣ гузаронида шудааст.

Сохтори имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) аз якчанд қисми имтиҳон иборат аст, ки аз байни онҳо танҳо дар қисмҳои А ва Б усули тестгузаронии педагогӣ истифода мешавад. Супоридани имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) барои ҳамаи довталабон ҳатмӣ аст. Он аз се субтест: А.1 – "Забони тоҷикӣ", А.2 – "Математика" ва А.3 – "Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ" иборат аст. Қисми Б (имтиҳони ихтисос) низ аз се субтест (Б.1, Б.2 ва Б.3) иборат буда, вобаста аз талаботи гурӯҳи ихтисосҳо фанҳои таълимии гуногунро дарбар мегирад.

***Калидвожаҳо:*** *асосҳои давлат ва ҳуқуқ, баҳои анъанавӣ, баҳои миёна, имтиҳони умумӣ, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, субтест, таърихи халқи тоҷик, холи миёна, холи миёнаи имконпазир, ҷадвали панҷбалӣ.*

**Назарзода Рустам Саидмурод**

## АНАЛИЗ ДИНАМИКИ РЕЗУЛЬТАТОВ СУБТЕСТА “ИСТОРИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА И ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА”

В статье произведён статистико-сравнительный анализ динамики результатов субтеста А.3 – “История таджикского народа и основы государства и права”, полученным абитуриентами в течении пяти лет реализации системы ЦВЭ (2014 – 2018). С учётом того, что данный субтест охватывает в своей структуре двух отдельных учебных дисциплин – “Историю таджикского народа” и “Основ государства и права”, анализ результатов, полученными абитуриентами в рамках данного субтеста произведён отдельно по каждой из этих дисциплин.

Структура централизованных вступительныъ экзаменов (ЦВЭ) включает в себя несколько экзаменационных компонентов, среди которых только в двух компонентах – А и Б используется метод педагогического тестирования. Компонент А (общий экзамен) является объязательным экзаменом для всех абитуриентов. Он состоит из трёх субтестов: А.1 – “Таджикский язык”, А.2 – “Математика” и А.3 – “История таджикского народа и основы государства и права”. Компонент Б (экзамен по специальности) также состоит из трёх субтестов (Б.1, Б.2 и Б.3), который согласно требований кластеров включает в себя разные учебные дисциплины.

***Ключевые слова:*** *история таджикского народа, общий экзамен, основы государства и права, пятибальная шкала, среднее возможное очко, среднее очко, средняя оценка, субтест, традиционная оценка, централизванные вступительные экзамены.*

**Nazarzoda Rustam Saidmurod**

## ANALYSIS OF DYNAMICS OF THE RESULTS OF SUBTEST “HISTORY OF TAJIK PEOPLE AND THE BASIS OF THE STATE AND LAW”

A statistical and comparative analysis of dynamics of the results of subtest A.3 – “History of the Tajik People and the Basis of State and Law”, obtained by the entrants during five years of implementation of the CEE system (2014 – 2018) is carried out in the article. Taking into account that there are two separate subjects – “History of the Tajik People” and “Basis of State and Law” are covered in the structure of this subtest, the analysis of the results, obtained by the entrants within this subtest, was carried out for each of these subjects, separately.

The structure of Centralized Entrance Exams (CEE) includes several exam components, among which only on two components – A and B the method of pedagogical testing is used. Component A (general exam) is a mandatory exam for all entrants. It consists of three subtests: A.1 – “Tajik Language”, A.2 – “Mathematics” and A.3 – “History of the Tajik People and the Basis of State and Law”. Component B (specialty exam) also consists of three subtests (B.1, B.2 and B.3), which according to the requirements of the clusters includes various subjects.

***Key words:*** *average grade, average score, basis of state and law, centralized entrance exams, five-grade scale, general exam, history of tajik people, possible average score, subtest, test items, traditional grade.*

**Сведения об авторе**: **Назарзода Рустам Саидмурод** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана; начальник управления информационно-коммуникационных технологий Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, Таджикистан, г. Душанбе, пр-т Рудаки, 192. E-mail: Rustam_N@hotmail.com.

**Information about the author**: **Nazarzoda Rustam Saidmurod** – researcher at the Abdurahman Jami Institute for Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan; head of the Department of Information and Communication Technologies at the National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 192, Rudaki ave., 734003, Dushanbe, Tajikistan. E-mail: Rustam_N@hotmail.com

С. БОБОКАЛОНОВ

## ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ

Таълиму тарбия ва методикаи таълим дар давраи муайян ташкул ва мунтазам инкишофу такмил меёбад. Аз ин лиҳоз, агар таърхи таълиму тарбия ва методикаи амали намудани онро чукур наомӯзем, онро минбаъд инкишоф додан душвор аст ва ҳамагуна тавачуҳи беҳтари ташкил ва оқилона ба роҳ мондани он натичаи дилхоҳ намедиҳад. Маҳз ҳамин водор намуд, ки дарт баробари инкишофи методикаи таълими география таърихи инкишофи онро низ омӯзем. Дар давраи собиқ Шӯравӣ оид ба таърихи инкишофи географияи мактабӣ таткиқотҳои зиёде гузаронида шуданд. Он таткиқот ба дастовардҳои илми география, дидактика, педагогикаи умумӣ, равоншиносии сину солӣ такя намуда, методикаи таълими географияро ба яке аз воситаҳои асосии такмил ва инкишоф додани таълим ва тарбия табдил дод. Ин заминаи илмию методӣ яку якбора ташаккул наёфта аст. Барои ташаккул ёфтани он давлати собиқ Шӯравӣ дар мактаб мунтазам ислоҳот ва тағйирот мегузаронад. Он барои ба ҳаёт мутобиқ намудани нақша, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ равона карда шуда буд [1]. Соли 1921 бо роҳбарии Д. Н. Анучин аввалин маротиба барои тартиб додани барномаи ягона барои тамоми мамлакат таваҷҷӯҳ намуданд. Аммо чунин барнома ба пуррагӣ сохта нашуд.

Дар бисёр ноҳия ва вилоятҳо барнома ва дастурҳои таълимии худро менавиштанд. Дар барномаи Д. Н. Анучин географияро аз синфи III – IV (табиатшиносӣ) меомӯхтанд. Дар зинаи дуюми мактаб географияро ҳам чун фан аз синфи V таъли медодагӣ шуданд. Дар синфҳои V-VI-VII-VIII-IX мутобиқан курсҳои «Қитъаҳои олам», «Геграфияи Россия», «Географияи иқтьисодӣ», «Астрономия ва боду ҳавосанҷӣ» таълим дода мешуданд. Дар таълими география муаллимон аз китобҳои муаллифон А.Крубер, Г. Иванов, Э. Лестгафт истифода мебурданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин давра, аз соли 1924 то ибтидои соли 1930, барои география мушкилиҳои зиёд ба миён омад. Пеш аз ҳама мазмун, таркиби маълумоти географӣ ва таркиби курсҳои он пурра ҳамчун фании мустақил муайян нашуда буд. Географияи иқтисодӣ мувофиқи барномаи комплексии солҳои 1920 қисм-қисм ҳамчун чузви курсҳои «ҷамъиятии-носӣ», «омор» вағайра омӯхта мешуд.ҳолати географияи табиӣ аз ин ҳам бадтар буд. Ҳамин тавр ҳолати вазнини таълими география дар ин давра он супориши иҷтимоиеро, ки дар назди география гузошта шуда буд, мувофиқи мақсади таълиму тарбия ва талаботи хоҷагии халқ иҷро карда наметавонист. Он дониши парокандае, ки аз география ба хонандагон дода мешуд, ба талаби замон ҷавоб намедод. Ба он хотир, ки табиат ва сарвақтҳои табиӣ дар ҳама давру замон заминаи табии инкишоф ва ҷойгиркунии соҳаҳои хоҷагии халқ буд ва мемонад [2]. Вазъияти ногуворро нафақат география, инунин таърих ва биология низ аз сар мегузаронидaнд. Мувофиқи барномаи «комплексӣ онҳо ҳамчун ҷузъи», «ҷамъиятшиносӣ» ва «табиатшиносӣ» таълим дода мешудаанд.

Қарори ЦК ВКП(б) аз 25 августи 1931 махсус баройи беҳтар намудани мазмуни барномаҳои фанҳои алоҳида нигаронида шуда буд. Дар он навишта шуда буд, ки барномаи география бояд донистани харитаи СССР мафҳумҳои асосии географияи табий, унсурҳои асосии география табӣ ва иқтисодии СССР, ҷумҳурияҳо, кишвар ва вилоятҳоро таъмин намояд. Барномаи гегорафия бояд, дар бораи давлатҳои капиталистӣ маълумоти кофӣ диҳад. Барои беҳтар намудани сифати таълим ба муалимони география тавсия дода шуд, ки маводи таълимиро дар дарс пайдарҳам баён намоянд, ба хонандагон бо китоб кор карданро ёд диҳан, аз воситаҳойи аёнӣ истифода бурда, экскурсияҳои таълимиро мувофиқи барнома дар вақташ гузаронанд. Охирин ҳуҷҷате, ки ба бесару сомонии таълими география дар мактаб хотима гузошт, ин қарори таърихӣ С.Н.К. СССР ва ЦК ВКП (б) «оиди таълими география дар мактаби ибтидой вам иёна» (16 майи 1934) буд. Он ба ҳоли бисёр масъалаҳои аз нигоҳи илмӣ ба роҳ мондани таълими география дар мактаб асоси илмӣ гузашт. Аз ҷумла барои дар университетҳо ва инистутҳои педагогӣ тайёр намудани муаллимони баландихтисос дастур дод. Корҳои татқиқотию илмиро дар ин соҳаи илм ва методикайи таълими он дар мактаб пурқуват намуд. Барои ёрии методӣ

расонидан ба муаллимони география маҷаллаи ҳармоҳаи «География дар мактаб» - ро ташкил намуд, ки онро олими барҷастаи география Н.Н. Барански сарварӣ менамуд. Дар ин давра маҳз бо ҷидуҷаҳди он ба таври ногувор ва илмӣ мазмун ва тартиби географияи мактабӣ, метод ва шаклҳои ба роҳ мондани таълими он такмил дода шуд. Қарор мазкур ба омӯхтани харита, тафавути табию географӣ рӯии замин ва қаламрави СССР диққати ҷиддӣ дод.

Қоидаи ба роҳ мондани таълими география «дар асоси харита» яке аз қоидаҳои заминавӣ таълими география мебошад, ки то инҳол қадру қимати худро гум накардааст. Баръакс, дар замони мо доираи истифодаи харита чунон васеъ гардид, ки донистани он, вазифаи ҳар як шахси соҳибмарифат мебошад. Ба ин хотир барои мактабҳо миқдори зиёди харита ва атласҳои мактабӣ тартиб дода шуданд. Дар қарори номбурда ба миён овардани барнома ва китобҳои дарсии бардавом махсус қайд карда шуда буд. Барои амалӣ гардонидани он олимони варзидаи илми география ва методикаи таълим ба монанди Н.Н. Баранскии, И.А. Витвер, А.С. Барков, А.А. Половинкин, П.Г. Терехов, В.Г. Эрдели ва бисёр олимони дигар сафарбар карда шуданд. Қарори мазкур инчунин тартиби омӯзиши география дар мактаб ва таркиби курсии географияи мактабиро низ муайян кард. Мувофиқи нишондоди қарор омӯзиши география аз синфи III оғоз меёбад ва дар синфи IX ба охир мерасад. Агар синфи III дар заминаи маводи маҳал содатарин маълумоти табию географӣ, дар синфи IV тавсифи зонавии ҳаёти одамон дар қаламрави СССР, дар синфи V «география умумии табиӣ», дар синфи VI «географияи қитъаҳои олам», дар синфи VII, «географияи табии СССР», дар синфи VIII «географияи иқтисидии СССР», дар синфи IX «географияи иқтисодии давлатҳои хориҷӣ» таълим дода мешавад. Дар ин давра бисёр олимон барои ёрии илмию методӣ расонидан ба муаллимон дар бораи соҳаҳои илми география методология ва дастовардҳоии илмии он, дар саҳифаҳои маҷаллаи «География дар мактаб» мақолаҳо чоп намуданд. Дар журнал, инчунин мақолаҳо дар бораи таҷрибаҳои нави таълими география ва корҳои татқиқотию методӣ чоп мегардиданд. Ҳамзамон барои муаллимону хонандагон хрестоматия ва адабиётҳои географӣ омафаҳм ба табъ мерасиданд. Аввалин китобҳои методӣ низ чоп гардиданд А.А.Половинкин «Методикаи географияи табиӣ» ва В.П.Буданов «методикаи таълими географияи табиӣ» – ро таълиф намуданд. Пешравии кори эҷодии муаллимон ҳам ҳис карда мешуд. Диапозивҳои ва кинофильмҳои пайдо шуданд. Корҳои кишваршиносиро хуб ба роҳ монданд. Дар мактабҳо кабинет (утоқ) ва музейҳо (осорхона) ташкил ёфтанд.

Баробари ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мамлакат иқтисодиёт, илм ва маданияти инкишоф ёфт. Ин бешубҳа ба мазмун, таркиб, шакли методи таълиму тарбия таъсири калон расонид [3]. Гузариш аз таълими ҳафтсола ба ҳаштсола ва миёнайи умумӣ тағиротҳои ҷиддиро ба миёна овард. Аз ҷумла чанд маротиба нақшаҳои таълими тағйир ёфтанд. Барномаҳое, ки дар асоси қоидаи муттамарказӣ сохта шуда буданд, ба барномаҳои самтию зинавӣ иваз карда шуданд. Таълими география аз синфи II ба роҳ монда шуд. Дар синфи II ва III маълумотҳои оддитарини географиро меомӯхтанд, ки он барои омӯхтани курси «Табиатшиносӣ», ҳамчун замина хизмат мекард.

Дар синфҳои V-VIII географии умумӣ табиӣ, материкҳо ва географияи табиӣ СССР таълим дода мешуд. Сипас дар синфҳои VIII-IX географияи иқтисодии СССР ва давлатҳои хориҷӣро меомӯхтанд. Гузариш ба барномаҳои самтию зинавӣ сабаби кам гардидани соати таълимии география гардид. Барои омӯхтани география дар нақшаи таълимӣ 11 соат пешбинӣ гардида буд. Вобаста ба вазифаҳойи навбатие, ки дар назди хоҷагии халқ, илм ва маданият истода буд. Давлат барои беҳтар ба роҳ мондани кори таълиму тарбия дар охири солҳои 1950 як чанд қарорҳо қабул намуд. Дар он қарордодҳо таъкид карда шуда буд, ки вобаста ба марҳалаи нави инкишофи илму техника, талаботи хоҷагии халқ таълиму тарбияро дар мактаб бояд ба дараҷае бардошт, ки он ба талаботи нави ҷамъият ҷавобгӯ бошад. Бо ҳамин мақсад соли 1966 ислоҳоти маориф гузаронида шуд. Ма қсади он гузариш ба мазмуни нави таълим буд. Вобаста ба ин мазмуни маълумоти географӣ маврида татқиқ кор гирифт. Пеш аз ҳама аз нигоҳи танқидӣ ҳолати таълими география аз рӯи барномаҳои амалкунанда таҳлил карда шуданд, ки хонандагон дониш малакаи географиро дар ҳаёт пурра татбиқ карда наметавонанд. Ба

барнома ва китобҳои дарсии нав дастовардҳои илмиро бештар инъкос менамуданд. Барои алоқаи география бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодии мамлакат ва давлатҳои хориҷӣ шароит муҳайё шуд[4]. Тарбияи ватандустӣ, политехникӣ доираи назари хонандагонро дар фаҳмиш масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ васеъ намуд. Ҷабҳои кишваршиносии таълими география пурқуват карда шуд. Барномаи мазкур аз соли хониши 1969-1970 то соли хониши 1980-1981 дар мактабҳо амал кард. Барои инкишоф ёфтани маълумоти географӣ мактаби қарор 1984 сессияи якуми Совети олӣ СССР даъвати ёздаҳум «Оиди самтҳои асосииислоҳоти мактабҳои маълумоти умумӣ ва касбӣ» аҳмияти калон дошт. Мувофиқи ин қарор ислоҳоти навбати маълумоти умумӣ ва касбӣ гузаронида шуд. Он баланд бардоштани сатҳи маълумот, таълиму тарбия, такмил додани нақшаҳои таълимӣ, барномаю китобҳои дарсӣ, шакл ва методи таълим, бартараф намудани мураккабии маводи таълимӣ ва сарбарии хонандагонро дар назар дошт. Дар он қарордода нисбат ба фании география гуфта шудаст, ки «имконияти таълимии географияро барои аз бар намудани дониши иқтисодии хонандагон ва экологӣ пурра истифода барем».

Таълими географияи ҷумҳуриҳо бо географияи СССР пайваст ба роҳ монда шавад. Дар рафти ислоҳот барномаи нави географияи мактабӣ баррасӣ гардид. Дар барнома қисмҳои нав ворид карда шуданд. Яке аз он қисмҳо «»Тадлабот ба дониш ва малакаи хонадагон номгузорӣ гардидаст, ки дар охири ҳар фасл ва мавзӯҳои калон сабт гардиданд. Ин қисмат барои назорати ташаккули дониш ва малакаи хонандагон ва дар шароити гуногуни ҷараёни таълим истифода бурдани онҳо воситаи муҳим аст[5]. Бояд гуфт, ки такмил додани мазмуни маълумоти географӣ дар барнома дар назди методикаи таълими география вазифаи нав гузошт. Ин пеш аз ҳама ба он мафҳумҳои илмӣ, ки асоси илми географияро ташкил менамояд вобаста мебошад ва мувовиқи ислоҳотимазмуни маълумоти географӣ ба барномаи таълимӣ ва курсҳои география ворид гардиданд. Ба он мафҳумҳо пеш аз ҳама мафҳуми комплекси табиӣ, табақаи географӣ, сарвақтҳои табиӣ муҳофизати табиат, вазъияту муҳити экологӣ, комплекси қаламравию истеҳсолӣ, махсуснардонӣ кооператсия намойи соҳаҳои хоҷагӣ, мутамарказони истеҳсолот, сиклҳои истеҳсоӣ, комплеки кишоварзию саноатӣ ва ғайра дохил мешаванд, ки дар курсҳои алоҳидаи географияи табиӣ ва иқтисодӣ омӯхта мешавад. Кор кардани роҳои ташаккул додани онҳо нафақат баланд бардоштани илмйи дарс, инчунин гузаронидани корҳои озмоиширо талаб менамояд. Барои амали гардондани он шуъбаи географияи А.И.П. СССР, институтҳои такмили ихтисос, муаллимони пуртаҷриба корҳои зиёде ба анҷом расониданд.

Дар ҷумҳурии мо ҳам барои беҳтар ба роҳ мондани география олимон, методистон ва муаллимони таҷриба дар як силсила корҳои методӣ ва кишваршиносиро навиштанд. Корманди Пажуҳишгоххи илмҳои педагогӣ М. Раҳимов дастури методӣ «Омӯзиши хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар машғулиятҳои курси факултавии асосҳои иқтисодиёти хоҷагии қишлоқи сосиалистӣ» (Д. С. 1980), «Омӯзиши географияи Тоҷикистон дар системаи дарсҳои география иқтисодии СССР» (Д.С. 1985) «Асбобҳои айёнӣ аз географияи Тоҷикистон». (Д.С. 1991), «Материалҳои дидактикӣ оид ба географияи Тоҷикистон» (Д.С. 1991), Ҳ. Очилов, М. Раҳимов «Қатрае аз бахр» (Д.С. 1994), М. Нурназаров, М. Раҳимов «Хоҷагии халқи Тоҷикистон» (Д.С. 1994), М. Раҳимов «География» (2007), У. Зубайдов, М. Раҳимов «Иқтисодиёт ва экология» (Д.С. 2007), М. Раҳимов «Асосҳои илмӣ ва амалии таълими географияи Тоҷикистон» (Д.С. 2007), Ҳ. Аброров «Заравшони кӯҳӣ» (Д.С. 1980), Ҳ. Аброров, Х. Холиқов «Табиат ва сарватҳои кухсоди фон» (Д.С. 2004), Ҳ. Аброров «Музофати табии географии Заравшон» (Д.с. 2007), Ҳ. Аброров «Тоҷикистон кишвари кӯлҳои беназир» (Д.С. 2003), Х. Муҳабатов «Ганҷинаи табиати Тоҷикистон», (Д.С. 1982), Х. Муҳабатов ва дигарон «Мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон» (Д.С. 1989), М. Нурназаров «Бозӣ ва чистонҳои географӣ» (Д.С. 1977), «Зинаҳои офтобӣ», «Ташкили территориявии комплексҳои агросаноатӣ», Ҳ. Очилов, Д. Марофиев «Ҳоҷи Юсуф», (Д.С. 1975), С. Худойбердиев «Роли маҷаллаи мактаби советӣ дар баланд бардоштани донишҳои географӣ ва методӣ дар республика» (Х.С. 1991), «Игравая география Таджикистана», К. Ятимов, Р. Ҷӯраев «Баъзе тавсияҳои методӣ доир ба омӯзиши материалҳои кишваршиносӣ дар курси географияи табиӣ ва иқтисодӣ» (Д.С. 1985), В.И. Сурмачевский,

Б.М. Ҳайдаров «Майдончаи географӣ дар мактабҳои Тоҷикистони шимолӣ» - ро навишта ба муаллимон пешкаш намудаанд. Дар маҷаллаи «Маърифат» ва рӯзномаи «Омӯзгор» мақолаҳои зиёд чоп гардиданд [6].

Дар натиҷаи пош хӯрдани давлати собиқи Шӯравӣ – ҷумҳуриҳои бародарӣ, аз ҷумла Тоҷикистон истиқлолият ба даст даровард. Дар ин давра, вобаста ба вазифаҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии, ки аз гузариш ба иқтисодиёти бозургонӣ ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бар меояд, дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи маориф гузаронидани ислоҳотро ногузир гардонид. Ислоҳот дар солҳои макур аз «Консепсияи миллии маълумоти ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «стандарти давлатии маълумот» оғоз ёфт «Консепсияи миллии маълумот» ҳуҷҷати, муҳими давлати буда дурнамойи сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад ва тамоюлоти инкишофи ин система аҳамияти стратегӣ доштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъияти ба танзим медарорад, таркиби мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷат мақом, мақсад ва вазифаи маълумотро дар марҳалаи нави таърихӣ муқаррар менамояд». Пайваста ба ин қайд карда шудааст ки «маълумотаз ҷумлаи проблемаҳои глобалии асри XXI буда, дар системаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ самтиафзалиятдошта ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аъзои иттиҳоди Давлатҳои мустақил дар ташкили фазои ягонаи (умумии) маълумот як қатор ҳуҷатҳои муҳими давлатиро ба имзо расонида аст, тағйирпазирӣ ва такмил додани мазмуну мундариҷаи маълумотро тақозо менамоянд» [2].

## АДАБИЁТ:


1. Герасимова Т.П. Воспитания на уроках географии. М. 1965г.
2. Герасимова Т.П.Коринская В.А. Методы и формы организации обучения географии. М. 1958.
3. Голов В.П. Средства обучения географии и условия их эффективного использования. М. 1987г.
4. Даринский А.В. Методика преподования географий. М. 1975г.
5. Дидактика средней школа. М. 1982г.
6. Дорн.В. и Ян.В. формирование представлении и понятий при обучений географии. М. 1970г.
7. Изучение географии поновой программе М. 1970г.
8. Зубайдов У.З. Тафриқа нерӯи пешбарӣ раванди таълим. Душанбе 2003.
9. Заславский И.И. Карта на уроках географии М.1954.
10. Малахов Н.В. Элемента картография в средней школе. М. 1972г
11. Методика обучения географии в средной школе М.1975.
12. Методика обучения географии в средней школе. М. 1985г.
13. Максакговский В.П. География. М.2005г.
14. Раҳимов М. Материали дидактикӣ оид ба географияи иқтисодии Тоҷикистон. Душанбе 1991г


**Бобокалонов С.**

## ТАЪРИХИ ИНКИШОФИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ

Дар давраи собиқ Шӯравӣ оид ба таърихи инкишофи географияи мактабӣ таткиқотҳои зиёде гузаронида шуданд. Он таткиқот ба дастовардҳои илми география, дидактика, педагогикаи умумӣ, равоншиносии сину солӣ такя намуда, методикаи таълими географияро ба яке аз воситаҳои асосии такмил ва инкишоф додани таълим ва тарбия табдил дод. Барои беҳтар намудани сифати таълим ба муалимони география тавсия дода шуд, ки маводи таълимиро дар дарс пайдарҳам баён намоянд, ба хонандагон бо китоб кор карданро ёд диҳан, аз воситаҳойи аёнӣ истифода бурда, экскурсияҳои таълимиро мувофиқи барнома дар вақташ гузаронанд. Тарбияи ватандустӣ, политехникӣ доираи назари хонандагонро дар фаҳмиш масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ васеъ намуд. Бояд гуфт, ки такмил додани мазмуни маълумоти географӣ дар барнома дар назди методикаи таълими география вазифаи нав гузошт.

***Калидвожаҳо:*** *таълиму тарбия , техника, хоҷагии халқ, материкҳо, илм, география,таълим, харита, китобҳои дарсӣ, ноҳия, дидактика, педагогика,*

**Бобокалонов С.**

## ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ МЕТОДИКИ ОБУЧЕНИЯ ГЕОГРАФИИ

Во времена Советского Союза было проведено множество исследований относительно истории развития школьной географии. Эти исследования превратили методику обучения географии в одну из основных способов улучшение и развитие преподавания, ссылаясь на достижения географии, дедактики, общей педагогики, возрастной психологии. С целью улучшения качества образования учителям географии было рекомендовано последовательно объяснить учебные материалы на уроках, обучить учащимся самостоятельно работать с книгами, используя наглядные пособия, проводить учебные экскурсии своевременно согласно программе. Политехническое обучение и патриотизм расширили кругозор учащихся в понимании экономических и социальных вопросах. Следует отметить, что пополнение содержания географической информации в программе поставило новую задачу перед методикой обучения географии.

***Ключевые слова:*** *учение и воспитание, техника, народное хозяйство, материки, наука, география, обучение, карта, учебники, район, дидактика, педагогика.*

**Bobokalonov S.**

## TEACHING METHODS OF GEOGRAPHY DEVELOPMENT HISTORY

Many researches on history of school geography development were in the days of Soviet Union many studies on school geography development history were conducted. Referring to achievements of geography, didactics, general pedagogy, and developmental psychology, that studies turned teaching methods of geography into one of the main ways to improve and develop teaching. Geography teachers were recommended to explain educational materials sequentially on lessons, to teach students working with books on their own, according to the program to guide education trips on time using visual aids, in order to improve the quality of education. Polytechnic and patriotism training expanded students' mental outlook in understanding economic and social issues. It should be mentioned that content replenishment of geographic information in program set a new task for teaching methods of geography.

***Keywords:*** *teaching and upbringing, technique, national economy, continents, science, geography, teaching, map, textbook, region, didactics, pedagogy.*

**Сведения об авторе: Бобокалонов С.-** ассистенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/1 Тел.: (+992 37) 917236230 E-mail: ddzt_tarikh@mail.ru

**Information about the author: Bobokalonov S. -** assistant of the Department of history and cultural relations Of the state Institute of languages of Tajikistan.Sotim Ulugzade, sh Dushanbe, street Mukhammadieva 17/1 tel: (+992 37) 917236230 E-mail: ddzt_tarikh@mail.ru

М. НОСИРОВ

# ТАСНИФОТИ ТОПОНИМИКАИ НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

Асли таснифоти топонимҳо аз рӯйи лексика ва семантика аввалин маротиба аз тарафи А.М. Слишев пешниҳод шуда буд. Муҳаққиқи мазкур дар асари худ “Аз топонимҳои кӯҳна ва нав”[1] дар мавқеи аввал топонимҳои аз номҳои одамон пайдошуда (антропонимҳо)-ро гузоштааст. Ба гурӯҳи дигар топонимҳое, ки аз номи гурӯҳҳои этникӣ, номи калисоҳо, машғулияти сокинони маҳал, қишрҳои ичтимоӣ, ландшафтҳои ҷуғрофӣ, ки ҳамчун ифодакунандаи номи маҳал истифода шудаанд, ҳамчунин топонимҳои аз олами ҳайвоноту рустаниҳо пайдошударо номбар кардааст. [16, с. 46]

Минбаъд, таснифоти луғавию семантикие, ки аз тарафи ин муҳаққиқ пешниҳод гардида буд, мавриди интиқоди шадид қарор гирифта бошад ҳам, бисёр муҳаққиқон онро инкишоф додаанд.

Топонимшиноси машҳури рус А.К. Матвеев махсус таъкид мекунад, ки таҳлили луғавию семантикӣ имконият фароҳам меорад, ки “усули асосии номгӯи топонимҳо маълум карда шуда, миқдори топонимҳо ва вижагиҳои онро муайян намояд” [14 , с. 94].

Таснифоти номҳои ҷуғрофӣ, ки А.В. Супренская дар асари худ “Топонимика чист?” пешиҳод кардааст, ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ин таснифот дар асоси корбурди мафҳуми асосии объект – ҳаҷми бузургу кӯчак бунёд шудааст. Ба ҳаҷми бузург макротопонимика (яъне маълуму машҳур) ва кӯчак (микротопонимика) (яъне дар доираи маҳдуд маълум будан) тақсим намудани объектҳо асос ёфтааст, ба ҳеҷ ваҷҳ фактори забонӣ шуда наметавонад. Ҳамзамон бо маълуму машҳур гардидани объект (маҳал) номи он ҳам маълуму машҳур мегардад, ки ин ҳол омили забонӣ мебошад, зеро он ба чандомади истифодаи вожа дар нутқ таъсир расонида, дар натиҷа он ба дарки номи маълуму машҳури объектҳои ба ин ё он забон хос мусоидат мекунад. [18, с. 40].

Ҳамчунин, таснифоти Э.М. Мурзаев[2] низ машҳур аст, ки тақсимоти объектҳоро аз рӯйи номгузории объект пешниҳод кардааст:

- Оронимҳо - номи унсурҳои релеф;
- Спелеонимҳо - номи ғор ва объектҳои зеризаминӣ;
- Хоронимҳо - номи худуҳои ҷуғрофӣ, вилояту ноҳияҳо;
- Урбаномҳо - номи объектҳои дохилишаҳрӣ;
- Ойконимҳо - номи маҳалҳои аҳолинишин;
- Гидронимҳо - номи дарёву наҳру сой ва ҷӯйборҳо [11, с. 20].

Ин таснифоти Э.М. Мурзаевро олимони дигар, мисли Н.В Подольская дастгирӣ кардаву тақвияту инкишоф дода, ба таснифоти А.М. Селишев агронимҳо ва дримонимҳоро илова кардааст. [11, с. 45].

Ҳамчунин,ба ақидаи Э.М.Мурзаев номҳои ҷуғрофии алоҳида, ё маҷмӯи топонимҳои минтақа ва ё ҳудуди муайянро аз ҷиҳатҳои зерин мавриди пажӯҳиш қарор дода шаванд:

1. Мансубияти топоним ба муҳити ҷуғрофӣ (кӯҳ, дарё, шахр, ботлоқ...);
2. Замон ва шароити пайдоиши он;
3. Мансубият ба ин ё он забон;
4. Маънои луғавӣ ва таърихи пайдоиш (этимология);
5. Морфологияи топоним, зеро топоним ҳамчун калима, яъне воҳиди забон бояд ба меъёрҳои сарфиву наҳвии забон мутобиқат дошта бошад.Асосҳои илмии аз як забон ба забони дигар гузаштани топонимҳо ва имлои он дар забони модарӣ;
6. Ҳудуди густариши топоним [20, 76]

Муҳаққиқ В.А.Жучкевич дар асараш “Топонимикаи умумӣ”[3] таснифоти худро дар асоси лексикию семантикӣ (маъноӣ) пешниҳод намудааст. Муаллиф топонимҳоро ба 8 гурӯҳ ҷудо намудааст:

---

[1]Слищев А.М. Из старой и новой топонимии // Избранные труды. – М.: Просвещение, 1968. – С. 45-96.
[2]Мурзаев Э.М. Топонимика и география // Вести МГУ. – №3. – 1963. – С.14-23.

1. Топонимҳои пайдошуда дар асоси нишонаҳои табиии маҳал.
2. Топонимҳое, ки дар асоси мафҳумҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пайдо шудаанд.
3. Топонимҳое, ки дар асосҳои аломати хоси маҳал ба вуҷуд омадаанд.
4. Топонимҳои патронимӣ, ки ба ному насаби одамон алоқаманд мебошанд.
5. Топонимҳое, ки аз ҷониби муҳоҷирон (ба таври дастаҷамъӣ муҳоҷир шуда ва сукунат ихтиёр кардаанд) ба миён омадаанд.
6. Топонимҳое, ки пайдоиши онҳо ба мафҳумҳои диниву фарҳангӣ марбут мебошанд.
7. Топонимҳое, ки аз номҳои ёдгориҳо пайдо шудаанд.
8. Топонимҳое, ки аз ҷиҳати этимологӣ таҳқиқ нашуда, ки ба ягон гурӯҳ дохил намешаванд [13].

Ҳамон гуна ки қайд карда шуд, то ҳол асли ягонаи таснифот вуҷуд надошта бошад ҳам, муҳаққиқони соҳа аз таснифоти фавқуззикр ба таври фаровон истифода мебаранд ва онҳоро такмил додаанд. Аз ҷумла, олимони тоҷик, ки паҳлӯҳои мухталифи топонимҳои минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, оид ба масъалаи таснифоти топонимҳо андешаронӣ намудаву дар такомулу инкишофи таснифоти онҳо саҳм гузоштаанд.

Яке аз ин топонимшиносони маъруфи тоҷик Р.Х.Додихудоев аст, ки ба омӯзишу таҳқиқи топонимикаи эронӣ машғул буд. Рисолаи ӯ «Таҳлили лингвистии микротопонимияи Помир дар асоси маводи гурӯҳи язғуломӣ-шуғнонӣ» ва дигар таҳқиқоти худ натиҷаҳои муҳимме, махсусан оид ба қабатҳои забонӣ, семантикӣ ва этимологияи топонимҳои алоҳида мебошанд.

Маводи топонимӣ ва микротопонимии баъзе аз ноҳияҳои минтақаи Қаротегин аз ҷониби Ш.Исмоилов ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Доир ба микротопонимияи ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз Н.Офаридаев ва доир ба микротопонимияи минтақаи Истаравшан ва атрофи он А.Абдунабиев таҳқиқот анҷом додаанд. Муҳаққиқон вижагиҳои маводи топонимии ин мавзеъҳоро нишон додаанд. Топонимия ва микротопонимияи ҳавзаи дарёи Сурхоб, ҳудуди ноҳияҳои Ховалинг ва Темурмалики вилояти Хатлон бошад, аз ҷониби муҳаққиқи топонимшинос Ҷумъахон Алимӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. М.Шодиев маводи топонимии осори устод С.Айнӣ, Р.Шоев антротопонимияи қиссаи «Самаки айёр», Б.Тураев топонимҳои водии Яғноб, А.Насриддиншоев микротопонимҳои Помири Шарқиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Аз ин рӯ, муаллиф дар таҳлилу таснифи топонимҳои ноҳияи Деваштич бо такя ба таҳқиқоти олимони дар боло зикршуда андешаронӣ намудааст.

Чун топонимҳо бо ифодаи маънои луғавӣ ва сохту таркиб мутобиқи қонуниятҳои забони сокинон - бунёдкорони маҳал ба вуҷуд омадаанду ҳамчун маводи муътамад барои омӯзиши давраҳои тараққиёти забон аҳамияти беандоза доранд, ҳангоми таснифу таҳлили онҳо, пеш аз ҳама, ба мансубияти забонӣ эътибор дода мешавад. Аз ин рӯ, зарур донистем, ки топонимҳои ноҳияи Деваштичро аз рӯйи мансубияти забонӣ гурӯҳбандӣ намоем.

Топонимҳои гоҳияи Деваштич аз рӯйи баромад, мансубияти забонӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. **Топонимҳое, ки баромадашон суғдӣ.** Ба ин гурӯҳ топонимҳои Анбарғаз, Басманда, Ғончӣ, Ғазантарак, Дахкат, Каҷровут, Муҷун, Росровут, Сумбулканд, Хишекат, Угук дохил мешаванд. Маънои луғавии ин топонимҳо аз байн рафтаанд, танҳо дар сурати таҳлили этимологӣ маънии ин вожаҳоро муайян намудан имконпазир аст, ки дар боби дигар, ҳатталимкон, ба ин масъала равшанӣ хоҳем андохт.

2. **Топонимҳои тоҷикӣ.** Қисми зиёди топониму микротопонимҳои ноҳияи Деваштич, аслан. тоҷикӣ буда, имрӯз вобаста ба шароити пайдоиш ва ифодаи топонимӣ ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

❖ Топонимҳое, ки ба номи одамон иртибот доранд. Онҳо вобаста ба шароити пайдоиш маъниҳои мухталифро ифода мекунанд.

[3]Жучкевич В.А. Общая топонимика. – Минск: Высшая школа, 1980. – 288 с. Жучкевич В.А. Общие и региональные закономерности топонимики. Автореф. дисс. д-ра геогр. наук. . Минск, 1970.

а) Топонимҳое, ки аз номи одамон сохта шудаанд ва бунёдгузори маҳалро ифода мекунанд. Қалъаи Дӯст, Қалъаи Мирзобой, Қалъаи Ҳоҷӣ, яъне, Дӯстмуҳаммад, Мирзобой ва Ҳоҷӣ, ки Хоҷа Тоҳир ном ашхос бунёдгузорони ин деҳот мебошанд.

б) Номи ашхос молик (соҳиб)-и мавзеъро ифода мекунанд: Ҷари Калонхӯҷа (Дар деҳаи Хӯҷаҳо), Тӯдаи Қози Ҳасан (дар деҳаи Қалъаи Мирзобой), Боғи Халил (дар деҳаи Иторчӣ), Равоти Атабой (дар деҳаи Қалъаи Мирзобой), Равоти Сӯфӣ Ҷумъабой (дар деҳаи Чӯянгарон), Ҷари Алла, Сойи Холбой...

❖ Топонимҳое, ки табақаи иҷтимоиро ифода мекунанд: Хӯҷаҳо, Шоҳон, Файзобод;

❖ Топонимҳое, ки касбу кор, машғулиятро ифода мекунанд, ки дар ин бора А.Р.Аюбов менависад: "Қайд кардан ҷоиз аст, ки топонимҳои бо шуғли аҳолӣ вобастабуда дар минтақаҳои берун аз шаҳри Истаравшан низ мавҷуданд. Дар соҳили чапи Басмандасой, назди даромадгоҳи дараи кӯҳӣ, ки ба тарафи ҷануб сӯи ағбаи Оббурдон мебаромад, деҳаи Дархон ҷой гирифтааст. Истилоҳи «дархон» муғулӣ буда, маънои он «имтиёз» мебошад. Мувофиқи ин имтиёз мардум барои ин ё он намуди хизмат ба ҳоким аз супоридани андоз озод карда мешуданд. Мувофиқи нақли донандагони таърихи маҳал сокинони аввалини деҳа ин гуна имтиёзро барои ҳимояи роҳи тиҷоратӣ аз ғоратгарон гирифта будаанд.

Аз деҳоти кӯҳии вилоят ба маркази он одамони сершумор меомаданд, ки дар роҳ бехатарии онҳоро сокинони Дархон таъмин мекарданд. Ин вазифаи асосии хизматии дархониён буд. Воқеан дар маҳали «Санги доғ» ғоратгарон доимо бо ғорат ва куштори раҳгузарон машғул буданд. Бинобар ин, сокинони деҳаи Дархон уҳдадории ҳимояи мардуми бегуноҳро ба дӯши худ гирифта буданд.

Гурӯҳи дигари номҳои ҷуғрофии бо калимаҳои «қалъа», «қалъача» сохташуда бо фаъолияти касбии сокинони аввалини он алоқамандӣ доранд, ки деҳоти Қалъачаи Бакавул ва Қалъаи Меҳтар аз ҷумлаи онҳост. Бакавул ва Меҳтар шахсоне буданд, ки аз хизмати онҳо танҳо шахсони сарватманд, аз ҷумла ҳокимон ва мансабдорон истифода бурда метавонистанд. Эҳтимол, ин гуна соҳибкасбон барои хизмати худ порчаи замин мегирифтанд ва дар он бинои худро сохта, дар оянда барои бунёди деҳа заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Бака(о)вул – номи ошпази касбии ҳокими шаҳри Истаравшан буд. Шахсонеро, ки барои вақтгузаронии хушҳолона ва саргарм доштани ҳокимону мансабдорон хизмат мекарданд, «меҳтар» мегуфтанд. Маънии луғавии «меҳтар» калонтар ё бузургтар аст. Он аз вожаи «меҳ» ва пасванди сифатсози «тар» сохта шудааст ва дар ин минтақа истилоҳи кӯҳнашудаест, ки маънои он «мутриб» ва «мусиқанавоз» мебошад. Дар он даврахо на ҳамаи меҳтарон метавонистанд, ки ба дарбори ҳокимон ворид шуда, ба онҳо хизмат кунанд ва ҳамчун хизматона ба қитъаи замин соҳиб шаванд. Дар дарбори амирони Бухоро ва хонҳои Қӯқанд мансабдорони давлатиро «меҳтар» мегуфтанд.

Маълумоти овардашуда дар бораи робитаи илми топонимика бо шуғли аҳолӣ, этнонимҳо ва ёдгориҳои маданияти моддӣ шаҳодат медиҳанд, ки омӯзиши онҳо барои таҳқиқи таърихи маҳал аҳамияти муҳиме доранд."[Аюбов А.Р., 15]

Мувофиқи маълумоти Аюбов А. деҳаи Чӯянчӣ дар ноҳияи Ғончӣ номи худро аз касби бунёдгузори худ - Оғолуқи чӯянгудоз гирифтааст. Бояд гуфт, ки бо чӯянгудозӣ дар худи шаҳри Истаравшан низ машғул буданд. Ин касби асосии сокинони гузари Дегрезон буд. [10]

❖ Топонимҳое, ки аз номи мавзеъҳои алоҳида ва ландшафти ҷуғрофӣ пайдо шудаанд: Сурхоб, Сурхобча, Обиборик, Лолазор, Боғистон, Гулобод, Зароб, Панҷбоғ, Даҳани Овчӣ, Гарданаи Сурх, Гилдон, Ширмаст, Даҳанаи Ғез, Барози Дахкат, Ҷари Говкуш, Сарчашма, Майдонча, Даҳанасой, Ағбаи Камодон, Ғори Дахкат, Кӯҳи Куромос, Тӯдаи Хумак, Сойи калон, Сойи Сӯхта, Сойи Муҷун, Сойи Демнора, Санги Доғ, (мавзеъ дар деҳаи Дархон), Гӯри Ҷумъа (қабристон дар Қалъаи Мирзобой), Гӯристони Қориҳо (дар деҳаи Хӯҷаҳо), Хоҷаи Гулрез (мазор дар деҳаи Чӯянгарон), Хоҷаи Ғоиб (мазор дар Қалъаи Мирзобой), Санги сафед (мазор дар деҳаи Хӯҷаҳо), Ҳавзи мундак (номи ҳавз дар Қалъаи Мирзобой), Садмана (номи мавзеъ дар Қалъаи Мирзобой, ки заминаш сад ман ҳосил додааст), Пушти Охтахона[4].

[4] Номи деҳае, дар наздикии деҳаи Качровут мавҷуд буд ва соли 1989 ба ноҳияи Зафаробод кӯчонида шуда бошад ҳам, ном дар мавзеъ боқист.

3. **Топонимҳои туркию ӯзбекӣ.** Он гуна ки қаблан қайд карда шуд, дар натиҷаи муҳоҷирату маскуншавии қабилаҳои турктабор як қатор номвожаҳе ба вуҷуд омадаанд, ки номи қавму қабиларо ифода мекунанд ва номвожаҳои Иторчӣ, Кенагас, Қизилӣ, Манғит, Чағат мисоли он шуда метавонанд. Номвожаи Қаробуйин (гардани сиёҳ) аз он сабаб пайдо шудааст, ки ҷавонони деҳ ҳангоми бузкашӣ дар гардан рӯмоли сиёҳ мебастаанд. Кучкина, Овчӣ (шикорчӣ), Ӯртақурғон (Қалъаи миёна), Эшонқурғон (Қалъаи Эшон).

Номвожаи Дархон муғулӣ буда, маънояш имтиёз мебошад, ки қаблан зикр намудем, Бошбулоқ (номи чашма дар деҳаи Муҷун), топонимҳои Оқсӯ (номи дарё), Қутурбулоқ (номи чашма), Оқтеппа (номи мавзеъ), ки дар талаффузи сокинони маҳал Охтеппа мебошад, Оқтош (номи кӯҳ).

4. **Топонимҳои омехта.** Топонимҳои Калининобод (деҳа), Янгиариқи поён, Янгиариқи болоро метавон ба гурӯҳи топонимҳои омехта дохил намуд, зеро як ҷузъи ин топонимҳо русӣ ё ӯзбекӣ буда, ҷузъи дигари он тоҷикӣ мебошад. Топонимҳои Далёни боло, Далёни поёнро низ ба ҳамин гурӯҳ шомил намудан ҷоиз аст. Вожаи “далён”-ро сокинон ва баъзе аз муҳаққиқон шакли тағйирёфтаи “деҳлиён” маънидод кардаанд, зеро сокинони ин маҳалҳо аз шаҳри Деҳлии Ҳиндустон ҳиҷрат кардаанд, ҷузъи дуюми ин топонимҳо бошад, баъдтар пайдо шудаву соф тоҷикист.

Топонимҳои ноҳияи Деваштичро аз ҷиҳати сохту таркиб ба чор гурӯҳ ҷудо кадан мумкин аст:

1. **Топонимҳои сода**. Номвожаҳое, ки танҳо аз як реша иборатанд ва чандон зиёд нестанд, мисли Метк, Гул, Истиқлол, Бахт. Ин нуктаро ҳам таъкид кардан ба маврид аст, ки баъзе топонимҳое, ки шояд таърихан сохта, ҳатто мураккаб ҳам бошанд, мисли Ғончӣ, Мӯрияк, Демнора, Даҳкат, Далён, Хишекат, аммо бо мурури замон маънои луғавии решаашон аз байн рафтаву барои соҳибони имрӯзаи забон дастрас нестанд ва танҳо ҳамчун топоним мавриди истифода қарор доранд, мисли истилоҳот дар ҳолати яклухтӣ фаҳмида мешаванд, ҳамчун калимаи сода маънидод кардан мувофиқи мақсад мебошад. Масалан, топонимҳои Даштикон ва Демнора, ки дар асл иборaҳои номии Дашти кон ва Деҳи манора бошанд ҳам, чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати маъно ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардидаанд.

2. **Топонимҳои сохта**. Топонимҳое, ки бо воситаи пасванди –чӣ сохта шудаанду машғулиятро ифода мекунанд: Чӯян+чӣ, Ов(шикор)+чӣ, Итор+чӣ

3. Топонимҳое, ки тавассути пасвандҳои таърихии маконсоз *-кат, -канд*, (-кент) сохта шудаанд: Даҳ+кат, Хише+кат, Сумбул+канд.

- Топонимҳое, ки бо пасванди *-зор* сохта шудаанд: Лола+зор.
- Топонимҳое, ки бо пасванди *-истон* сохта шудаанд: Боғ+истон
- Топонимҳое, ки бо воситаи пасвандҳои ҷамъбандии *-он, -ҳо* сохта шудаанд: Хӯҷа+ҳо, Шоҳ+он

**3. Топонимҳои мураккаб:**

- Топонимҳое, ки ҳар ду ҷузъашон исманд: Зар+об, Офтоб+рӯ, Басманда+сой, Даҳан+а+сой, Калла+хона
- Топонимҳое, ки ҷузъи аввалашон исм буда, вузъи дуюмаш *ободе* аст: Гул+обод, Калинин+обод , Нур+обод, Меҳр+обод.
- Топонимҳое, ки ҷузъи аввалашон шумора ва ҷузъи дуюми онҳо исманд: Ҳазор+чашма, Панҷ+боғ, Ду+ҳавза.
- Топонимҳое,ки ҷузъи аввалашон сифат буда, ҷузъи дуюмашон исм аст: Рос(т)+ровут, Каҷ+ровут, Сурх+об, Сурх+об+ча.

4. **Топонимҳои таркибӣ**. Қисми аз ҳама бештари топонимҳои ноҳияи Деваштичро калимаҳои таркибӣ ташкил медиҳанд: Деҳи поён, Амбарғази поён, Далёни поён, Далёни боло, Янгиариқи поён, Янгиариқи боло, Қалъачаи Арбоб, Қалъачаи Раис, Қалъачаи Азим, Қалъаи Хоҷӣ, Қалъаи Дӯст, Қалъаи Мирзобой, Сойи Холбой, Равоти Атабой, Боғи Халил, Тӯдаи Қози Ҳасан, Ҷари Калонхӯҷа, Хоҷа Тоҳир, Тӯдаи Чилиска, Адири Чақабой, Равоти Мирзоқурбон, Равоти Барот, Равоти Одилбек, Сойи Муҷун, Даҳани Тангӣ, Даҳанаи Овчӣ, Барози Дахкат, Дашти Хишекат, Ҷари Говкуш, Ҷари Зард, Тӯдаи Миёна, Тӯдаи Хумак, Санги Сафед, Санги Чилдухтарон, Санги Бобурхон, Равоти Мадбобо.

Таснифоти топонимҳои ноҳияи Деваштич аз рўйи номгузории объект ба гурўҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Оронимҳо - номи мавзеъҳои сатҳизаминӣ ва навъҳои он, мисли кўҳ, қулла, талу теппа, ҳамворӣ, нишебу баландиҳо, саҳрову майдонҳо: Санги сафед (кўҳ), Куромос (кўҳ), Сафедорсанг (кўҳ), Хобрўд (ағба), Камодон (ағба), Тўдаи Қози Ҳасан, Тўдаи Хумак, Тўдаи Миёна, Теппаи Ойим, Қири Чақабой, Қири Бўгирӣ, Дашти Хишекат, Барози Дахкат, Ширмаст, Ёва (мавзеи ҳамвор дар деҳаиЧўянгарон), Тулаи Орзу, Оқ(х)тепа (номи мавзеъ дар Қалъаи Мирзобой), Марстаппа (номи мавзеъ дар Мўрияк), Оқтош (номи кўҳ)

- Спелеонимҳо – мавзеъҳои зеризаминӣ, масалан, Ғори Дахкат.
- Гидронимҳо-номи дарё, шохоб,чашма, ҳавз, обанбор, ҷўйҳо.

Даҳанасой (обанбор). Зимнан таъкид кардан ба маврид аст, ки Ҳомидов Дилмурод Раҷабович дар таҳқиқоти худ “Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин” дар бораи обанбори Даҳанасой навиштааст: “Обанбори Даҳанасой [Ābanbāri Dahanasāy] номи обанбор дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Манбаи оби Обанбори Даҳанасойро дарёи Сир ташкил медиҳад. Ин гидроним аз нигоҳи сохт ибора-гидроним буда, ба маънои обанборе, ки дар ҳудуди Даҳанасой аст, далолат мекунад. Обанбори мазкур соли 1982 сохта шудааст.”[5]Агар манзур Обанбори Даҳанасой бошад, ки дар ноҳияи Деваштич қарор дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ оби ин обанборро дарёи Сир ташкил намедиҳад, зеро ин обанбор дар масофаи 70 км ҷанубу ғарбии Хуҷанд ҷойгир буда, оби онро канал ва селобаи Басмандасой ташкил медиҳад.

Ровутон (шохоби дарё дар деҳаи Метк), Оқсу (номи дарё), Қутурбулоқ (номи чашма дар деҳаи Дархон), Бошбулоқ (номи чашма дар деҳаи Муҷун), Басмандасой, Сойи Калон, Даҳкатсой, Сойи Мучун, Сойи Демнора, Ҷари Калонхўҷа, Ҷари Говкуш, Ҷари Алла, Ҷари Зард, Ҳавзи Мундак, Духавза, Ҳавзи Оқ(х)тепа.

Ойконимҳо - номи маҳалҳои зист:

1. Анбарин (Анбарғаз)
2. Басманда
3. Бахт (Дамқишлоқ)
4. Бобучак
5. Боғистон (Ҷари Ғуломкуш)
6. Гулобод (Қаробўйин)
7. Гулшан (Чағат)
8. Ғончӣ
9. Ғазантарак
10. Дархон (Янгиарики Боло)
11. Даҳкат
12. Даштикон
13. Далёни поён
14. Далёни боло
15. Демнора
16. Зароб (Манғит)
17. Зарнисор (Янгиарики поён)
18. Истиқлол (Иторчӣ)
19. Кадровут
20. Калининобод
21. Қалъаи Мирзобой
22. Қалъаи Дўст
23. Қалъаи Ҳоҷӣ
24. Қалъачаи Азим
25. Қалъачаи Раис
26. Қалъачаи Арбоб
27. Лолазор (Қизилӣ)
28. Метк
29. Муҷун
30. Меҳробод (Кенагас)
31. Навобод
32. Нуробод (Кучкина))
33. Овчӣ
34. Обиборик
35. Офтобрў (Мўрияк)
36. Панҷбоғ (Бешкал)
37. Росровут
38. Равот
39. Сармисолиқ
40. Сурхоб
41. Сунбулканд
42. Сурхобча
43. Шоҳон
44. Шоҳин (Қийғир)
45. Хишекат
46. Хўҷа Тоҳири Мухлон
47. Хўҷаҳо
48. Ҳазорчашма (Уртақурғон)
49. Ҳавутак
50. Файзобод
51. Угук
52. Чўянчӣ
53. Эшонқурғон
54. Яхтан

[5] Ҳомидов Дилмурод Раҷабович Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин” Душанбе – 2018,С.134

Номи мавзеъҳо бо номи одамон робитаи ногусастанӣ доранд. Миқдори зиёди топонимҳо аз номи одамон пайдо шуда, навъи махсуси топоним, антротопонимҳоро ташкил кардаанд, ки мисолашро дар номвожаҳои ноҳияи Деваштич ҳам дида метавонем.

Антротопонимҳои ноҳияро ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Антротопонимҳое, ки номи деҳаро ифода мекунанд:

Қалъаи Мирзобой, Қалъаи Дӯст, Қалъаи Ҳоҷӣ, Қалъачаи Азим, Хоҷа Тоҳир, Хӯҷа Тоҳири Мухлон, Эшонқурғон.

2. Антротопонимҳое, ки ҷузъи якумаш работ аст. Ин ҷо нуктаеро бояд хотирнишон кард, ки вожаи "равот", ки дар забони яғнобиву суғдӣ дучор мешавад (rowut), маънои мавзеи кушоди сералаф, чарогоҳро ифода мекунад. Дар гузашта чорводорон дар ҳудуди заминҳои худ бошишгоҳҳои муфаққатӣ бино карда, айёми баҳору тобистонро дар ҳамон ҷо мегузарониданд, эъне равот маънои бошишгоҳи муваққатии мавсимиро ифода мекард. Ҳоло аз он работҳо ному нишоне боқӣ намондааст, аммо мардуми маҳал ҳамон мавзеи саҳроро бо ин номҳо ифода мекунанд. Аз ҷумла: Равоти Атабой, Равоти Барот, Равоти Одилбек, Равоти Мирзоқурбон, Равоти Мадбобо, Равоти Суфи Ҷумъабой, Равоти Акрам,

3. Антротопонимҳое, ки ҷузъи якумаш «боғ» аст: Боғи Шодӣ, Боғи Халил, Боғи Ҳоҷӣ Камол, Боғи Ҳоҷи Аюб.

4. Антротопонимҳое, ки ҷузъи аввалаш вожаи " замин" аст: Замини Бердӣ авлиё, Замини эшони Аълам, Замини Мулло Сафар, Замини Алла.

Маълум аст, ки омӯзиши номҳои хос ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи олимони соҳа дар ҳар давру замон аст. Зеро чи номи инсон, ҷирмҳои осмонӣ, маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар шароити муайяни табииву таърихӣ ва иҷтимоиву иқтисодиву фарҳангӣ ба вуҷуд омада, бори гарони маънӣ бар дӯш дошта метавонанд. Аз ҳамин ҷост, ки дар тамоми забонҳо ба омӯзиши топонимика, махсусан номи одамон таваҷҷуҳи хосе вуҷуд дорад ва дар миқёси байналмиллалӣ соҳаи илми забоншиносӣ бо номи антропоним (аз забони юнонии ἄνθρωπος - инсон и ὄνομα - ном) ба вуҷуд омодаву дар ҳолати рушду нумӯст.

Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки топонимҳо, антропонимҳо қисми таркибии илми ономастика мебошанд. Ономастика бошад, шохаи махсуси илми забоншиносӣ буда, маҷмӯи исмҳои хос (одамон, лақабу тахаллус, номҳои ҷуғрофӣ), исмҳои хоси ҳайвонотро мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад, зеро исмҳои хос дар шароити муайяни таърихиву фарҳангӣ ба вуҷуд омода, нисбат ба дигар қабатҳои таркиби луғавии забон серистеъмолтар буда, дар як вақт вазифаҳои номбаркунӣ, тасвир, тавсиф ва ишоратиро иҷро карда метавонанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдунабиев А.А. Ғончӣ // Илм ва ҳаёт. 1990. - №8. - С. 45-46
2. Абдунабиев А.А. Номи маҳалҳои Уротеппа // Мактаби советӣ. 1985. -№2.-С. 19-21
3. Аюбов А.Р История сложения и трансформации топонимов Уструшаны эпохи древности и средневековья. Хуҷанд, 2012
4. Аюбов А.Р. Методы и проблемы изучения топонимов Уструшаны // Вестник Таджикского национального университета. 2010. - №5 (61). - С. 150-155
5. Аюбов А.Р. Отражение обрядов, ритуалов и тотемизма в топонимах народов Уструшаны // Музей антропологии и этнографии Российской Академии Наук. Лавровский (среднеазиатско-кавказский) сборник 2010-2011 гг. Спб., 2011.-С. 34-38
6. Аюбов А.Р. Роль этнических расселений в сложении и трансформации топонимов // Музей антропологии и этнографии Российской Академии Наук. Лавровский (среднеазиатско-кавказский) сборник 2010-2011 гг. Спб., 2011.-С. 42-46
7. Аюбов А.Р. Топонимы Уструшаны: истоки их происхождения и значения. Спб., 2009
8. Аюбов А.Р. Топонимы, связанные с духовной жизнью населения // Вестник Таджикского национального университета. 2010. - №5 (61). - С. 134-139
9. Жучкевич В.А. Общая топонимика. – Минск: Высшая школа, 1980. – 288 с.
10. Жучкевич В.А. Мурзаев Э.М. Апелятивы в топонимии Средней Азии // Ономастика Средней Азии. Фрунзе, 1980
11. Мурзаев Э.М. Местные географические термины // Транскрипция географических названий. - М., 1960 .

12. Мурзаев Э.М. Топонимика и география // Вести МГУ. – №3. – 1963. – С.14-23.
13. Мурзаев, Э.М. Слово на карте: Топонимика и география/Э.М. Мурзаев. - М.: Армада-пресс, 2001. – 448 с.
14. Слищев А.М. Из старой и новой топонимии // Избранные труды. – М.: Просвещение, 1968. – С. 45-96.
15. Суперанская А.В Типы и структура географических названий // Лингвистическая терминология и прикладная топономастика. М., 1964

**Носиров М.**

## ТАСНИФОТИ ТОПОНИМИКАИ НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

Муаллифи мақола муътақид аст, ки чун топонимҳо мавриди пажӯҳиши илмҳои гуногун, ба мисли таърих, ҷуғрофия, этимология, этнография ва забоншиносӣ қарор доранд, таҳлилу тафсири онҳо низ масъалаи басо мураккабу заҳматталаб мебошад. Аз ин рӯ, пиромуни таснифоти топонимҳо фикру мулоҳизаҳои мухталиф дар миёни мутахассисон мавҷуданд ва олимони соҳа то ба имрӯз ба як қарори муайян наомадаанд. Маълум аст, ки то ҳол асли (принсипи) ягонаи таснифоти топонимҳо вуҷуд надоранд ва муҳаққиқони соҳа роҳҳои мухталифи таснифоти топонимҳоро пешниҳод кардаанд.
***Вожаҳои калидӣ:*** *таснифот, семантика, макротопонимика, микротопонимика, этимология, пажӯҳиш, мансубияти забонӣ, топонимҳо, антротопонимҳо, Басмандасой, Дархон, номшиносӣ.*

**Носиров М.**

## ТОПОНИМИКА КЛАССИФИКАЦИИ ДЕВАШТИЧСКОГО РАЙОНА

Автор констатирует, что топонимы являются предметом изучении различных наук, в том числе истории, географии, этнографии, этимологии и языкознании, следовательно их изучения представляется исключительно сложным и трудоёмким. Поэтому, вокруг классификации топонимов существуют различные мнения среди специалистов и они до сих пор не пришли к единому мнению. Так как, сегодня не существует единый принсип классификации, исследователи этой области предлагают разные способи классификации топонимов.
***Ключевые слова:*** *классификация, семантика, макротопонимика, микротопонимика, этимология,исследование, языкавая принадлежность, топонимы, антротопонимы, Басмандасой, Дархон, ономастика*

**Nosirov M.**

## TOPONYMICS OF THE CLASSIFICATION OF THE DEVASTIC DISTRICT

The author states that since toponyms are the subject of study of various sciences, including history, geography, ethnography, etymology and linguistics, therefore, their study seems extremely difficult and time-consuming. Therefore, around the classification of toponyms there are different opinions among specialists and they still have not come to a consensus. Since, today there is no single principle of classification, researchers in this field offer different ways of classifying toponyms.
**Keywords:** classification, semantics, macrotoponymy, microtoponymy, etymology, research, linguistic affiliation, toponyms, anthrotoponyms, Basmandasoy, Darkhon, onomastics

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Носиров Миршароб Сангинович** – муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 93 999 60 92

**Information about the author: Nosirov Mirsharob Sanginovich** -senior lecturer, Department of human resource management, Institute of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, 33 said Nosir street, Dushanbe, 734003, tel.: (+992) 93 999 60 92

А. АҲЛИДДИН

# ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶИИ ДУЮМ (АНГЛИСӢ)

Бо рушдёбии ҳамкориҳои чандинҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пешрафтаю тарақикардаи ҷаҳон талаботи бозори меҳнати дохилию хориҷӣ ба мутахасисони соҳибкасб ва донандаи забонҳои хориҷӣ бештар мегардад. Дар баробари забондонӣ, инчунин, таваҷҷуҳи бештар ба забондонҳое, ки забонҳои хориҷиро дар амал ба хубӣ истифода намуда, метавонанд фазои солим ва байнифарҳангиро ташкил намоянд. Мутахасисони ҷавоне, ки баъд аз хатми мактаби олии касбиро бо ихтисосе хатм кардан боз як, ду ё се забони хориҷиро медонад ва дар муошират ба хубӣ истифода карда метавонад, хеле кам мебошанд.

Дар айни замон масъалаи ба роҳ мондани таълими бисёрзабонӣ дар соҳаи маорифи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи муайянеро ишғол менамояд. Агарчӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат монанди дигар давлатҳо таълими бисёрзабонӣ ҳоло пиёда нашуда бошад ҳам, аммо масъалаи мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавон ба хубӣ мушоҳида намуд. Барои ҳамқадми замон будан ва ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯй шудан, соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаю стратегия ва дигар снаҳои муҳимро барои рушди соҳа таҳия ва тасдиқ менамояд. Таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба таълиму омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус, забонҳои русӣ ва англисӣ, таҳия, тасдиқ ва татбиқ намудани барномаи алоҳидаю махсуси давлатӣ барои беш аз 15 сол (аз соли 2004 то 2020) метавонад заминаи хубе дар ин самт гузорад.

Мубрамияти масъаларо метавон дар он дид, ки раванди ҷаҳонишавӣ, омезиши фарҳангҳо, пешрафти илму техника, муносибати чандинҷонибаи кишвар бо давлатҳои хориҷи наздику дур ва ниҳоят, дар сатҳи сифатан баланд тайёр кардани мутахасисони соҳаҳои гуногун бо донистани ду ва зиёда забонҳои хориҷӣ моро водор месозад, ки нисбат ба таълими забонҳои хориҷӣ назарамонро дигар созем. Имрӯзҳо, ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, омӯзиши ду, се ва зиёда забонҳо барои донишҷӯён дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон як масъалаи муқаррарӣ ҳисобида мешавад, пас моро низ зарур аст, ки баҳри пайро намудани роҳу усулҳои таълими босифат кӯшиш намоем.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки ба тайёр кардани мутахассисони забоншинос, тарҷумону омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, иқтисодчиёни байналмилалӣ, мутахасисони сатҳи байнамилалӣ машғул мебошанд, ин раванд дида мешавад. Яъне, дар ихтисисҳои забоншиносу тарҷумон ва омӯзгоронии забонҳои хориҷӣ донишҷӯе, ки як забони хориҷиро (олмонӣ, фаронсавӣ, чинӣ, куриёӣ ва ғ.) ҳамчун забони тахассусӣ аз худ мекунанд, дар баробари ин бояд забони тоҷикӣ, русӣ ва як забони хориҷии дигарро низ омӯзад. Ин маънои онро дорад, ки мутахасиси оянда, ки ҳамчун забоншинос, тарҷумон ё омӯзгор тайёр мешавад, бояд донандаи хуби забони хориҷии ихтисоси худ бошад ва ҳамзамон аз се забони дигар донишҳои умумӣ (базавӣ) низ дошта бошад. Агарчӣ забони тоҷикӣ барои шумораи зиёди донишҷӯён забони модарӣ ҳисобида шуда, аксарияти донишҷӯёни тоҷик аз истифодаи забони русӣ мебароянд, бовуҷуди ин, ҷараёни мазкур (омӯзиши чор забон) мушкилотҳои худро дорад. Яке аз ин мушкилотҳоро мо дар имломӯзии донишҷӯёни хориҷии кишвар мебинем. Солҳои охир ба сафи донишҷӯёни тоҷик, донишҷӯёни кишварҳои ҳамсоя ворид гашта, имл меомӯзанд. Барои донишҷӯёни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ забони русӣ дар сатҳи зарурӣ фаҳмо бошад, аммо муошират бо дигар мушкил аст. Масалан, барои донишҷӯёни туркмен, қирғиз, ӯзбек ва дигар миллатҳо, ки дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили илм мекунанд, бо забони тоҷикӣ сӯҳбат оростан мушкил мебошад. Яке аз ҳадафҳои пайгирӣ намудани мавзӯи мақолаи мазкур низ ҳамин мебошад.

Пеш аз ба масъалаи асосии таҳқиқ, таълими забони хориҷии дуюм ва хусусиятҳои хоси он назар афкандан зарур донистем, ки баъзе истилоҳоти ин ҷараёнро шарҳ диҳем. Равшанӣ андохтан ва шарҳ додани истилоҳои истифодашаванда имкон медиҳад, ки ба умқи масъала сарфаҳм рафта, мушкилоти мавҷударо муайян сохта, барои ҳалли онҳо хулосаҳои дақиқ барорем.

Дар самти таълими забонҳои хориҷӣ истилоҳои зиёде вуҷуд дошта, истифодаи онҳо дар риштаҳои гуногун ва самтҳову марҳилаҳои зиён васеъ истифода мешаванд. Чанд истилоҳе, ки инъикосгари таълими ду, се, чор ва зиёда забонҳои хориҷӣ мебошанд, дар самти методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан таълими забони хориҷии дуюм истифода мешаванд. Истилоҳи «билингвизм» ва ё «дузабонӣ» дар аксарияти маврид мафҳуми донистани ду забонро дар назар дорад. Вақте, ки шахс се забонро донад, пас истилоҳи «трилингвизм» ё «сезабонӣ» истифода карда мешавад. Дар сурати таълим, омӯзиш, таҳқиқи ва умуман сару кор доштан бо чор забон, истилоҳи «татралингвизм» рӯи кор меояд.

Инчунин, истилоҳоти «мултилингвизм» ва «полилингвизм» низ ҳангоми инъикос намудани донистани ду, се ва зиёда забонҳо менатонанд васеъ истифода шаванд [16]. Дар баробари истилоҳоти дар боло овардашуда («мултилингвизм» ва «полилингвизм»), «билингвизм» низ метавонад донистани ду ва зиёда забонҳоро нишон диҳад [14].

Омӯзиш ва тадқиқотҳои зиёде дар самти омӯзиш, азхудкунӣ ва донистанти ду ва зиёда забонҳо, яъне билингвизм ба сомон расонида шуда бошанд ҳам, бо пешрафти илм ва талабот ба таҳқиқи ин самт, тадқиқотҳои илмӣ идома доранд. Дар баробари дигар муҳаққиқон, шарҳи оддитарини билингвизмро Алексеева С.С. чунин пешниҳод намудааст: донистан ва озодана истифода намудани дузабонро билингвизм шуморидан мумкин аст [9, с. 29]. Вайнрайх У., яке аз муҳақиқони шинохтаи билингвизм, онро (билингвизмро) ҳамчун «донистани ду забон ва истифодаи бонавбати онҳо вобаста ба шароити муошират» арзёбӣ намудааст [5, с.7].

Аз шарҳи мазкур метавон хулоса баровард, ки агар мактабҳои олии касбӣ роҳи амалӣ намудани «мултилингвизм», «полилингвизм» ва ё «билингвизм»-ро пеша карда бошанд, пас таълими забонҳои тадрисшаванда бояд тавре ба роҳ монда шаванд, ки донишҷӯён на танҳо «дар барои он забонҳо донанд» ва маълумот пайдо кунанд, балки аз ӯҳдаи истифодаи озоду дурусти онҳо баромада тавонанд. Агар мақсади мо на «дар барои он забонҳо доштан»-и донишҷӯён, балки омӯзонидани истифодаи амалии забонҳои хориҷӣ ба донишҷӯён бошад, пас мебояд сари ин масъала ҷиддӣ ва бо масъулияти том фикр намуд. Сабаб дар он аст, ки барои ҳар як шахс омӯхтани аз ду то чор забони хориҷӣ хеле кори душвор аст. Ҳар як омӯзгори забони хориҷиро низ зарур аст, ки тавре таълими дилхоҳ забонро ба роҳ монад, ки ба омӯзиши дигар забонҳо мушкилӣ эҷод накарда, баръакс мусбӣ муосидат намояд.

Мақсади таҳқиқ дар мақолаи мазкур омӯзиши асосҳои назариявии таълими забони хориҷии дуюмро дар мисоли забони англисӣ ва татбиқи амалии он ба шумор меравад. Барои омӯзишу таҳқиқи ҷараёни таълими забони хориҷии дуюм вазифаи мо аз муайян сохтани хусусиятҳои хоси ин ҷараён, пайдо намудани принсип, роҳу усул ва воситаҳои таълими забони хориҷии дуюм дар шароити имрӯзаи таҳсилот иборат мебошад.

Тадқиқотҳои зиёде, ки дар самти таълими забони хориҷии дуюм амалӣ гардонида шудаанд, афзазияту мушкилотҳо, мураккабии ҷараёни мазкур ва хусусиятҳои хос доштани онро исбот намудаанд. Аз ин ҷараён омӯзгороне, ки ҳамарӯза бо таълими забони хориҷии дуюм сару кор доранд ё як даврае ин ё он забонро ҳамчун забони хориҷии дуюм таълим додаанд, ошно мебошанд. Агар аз як ҷониб, мушкилоти омӯзиши сохторҳои ду-се забони гуногун, аз худ кардани калимаю ибораҳои сермаъноӣ забонҳои омӯхташаванда ва истифодаи дурусти амалии забонҳои гуногуншаклу гуногунсохтор барои донишҷӯ мушкилиҳоро ба бор орад, аз ҷониби дигар, ин ҷараёни афзалиятҳои худро доро мебошад. Як забон метавонад барои омӯзиши дигар забонҳо калиде шавад. Як забон метавонад калиде барои худомӯзии дигар илмҳо шавад. Чунончӣ Ф. Волтер мегӯяд: «Забонҳои зиёд донистан – калидҳои зиёде доштан барои як қулф аст». И.В. Гёте мегӯяд: «Касе, ки забонҳои хориҷиро намедонад, ӯ дар бораи забони худ тасаввуроте надорад».

Қобили қайд аст, ки яке аз ҷиҳатҳои мусбии таҳсилоти бисёрзабонӣ рушдёбии шахсияти донишҷӯён ба ҳисоб меравад. Маҳорати забонӣ (лингвистикӣ), идрок, хотира, дарки эҳсосот ва дигар хусусиятҳои психологии донишҷӯён рушду нумӯъ менамоянд. Салоҳияти билингвалӣ бошад, дар заминаи салоҳияти мегалингвалӣ, ки дар сатҳи баланди системаи забон қарор дорад, ба вуҷуд меояд.

Дар пиёда сохтани бисёрзабонӣ ё билингвизм барои донишҷӯён дар сатҳи зарурӣ донистани забони модарӣ нақши муҳим мебозад. Тарҷибаҳо нишон медиҳанд, ки бе донистани забони модарӣ, такя накардан ба забони модарӣ, ҳамгиро накардани забони модарӣ бо забони хориҷии омӯхташаванда ва истифода нашудани унсурҳои забони модарӣ ҳангоми таълими забони хориҷӣ натиҷаи хуб гирифтан номумкин аст. Дар ҳамин минвол мехостем мисолеро аз таҷрибаи курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзии Британияи Кабир, Олмон, Амрико ва дигар кишварҳои пешрафта пешниҳод намоем. Вақте, ки хонандагони синфҳои гуногун, донишҷӯёни синну соли гуногун ба давлатҳои соҳибзабон барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва ғ.) мераванд, ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Мушкилиҳо аз ҷумлаи рафти пурраи дарсҳои бо забони хориҷӣ (бе истифодаи забони модарӣ), ки дар рафти дарс қоидаҳои фонетикию грамматикӣ, лексикӣ, сохтори ҷумла ва ғайра куллан бо забони хориҷӣ фаҳмонида мешаванд [**6**, с. 174]. Агар аз як ҷиҳат ин ҳолати хеле хуб мебошад, чунки фазои забони бегона шахсро метавонад водор созанд, ки бо ин забон шикастаю рехта, фаҳмою нофаҳмо, бехатою серхато муошират намояд. Аз ҷиҳат дигар бошад, дарки комили қоидаҳои забоншиносӣ ба хатогиҳо роҳ доданро рад месозад. Яъне, вақте, ки шахс ба омӯзиши ин ё он забон мепардозад, бояд қоидаҳои он забонро дуруст дарк намояд, ҳазм намояд ва ба истифодаи дурусти он сарфаҳм рафта тавонад.

Мушкилиҳо на танҳо аз ҷониби муҳассилин, балки аз ҷониби омӯзгорони соҳибзабон низ эҳсос карда мешавад. Мутаасифона на ҳама омӯзгори соҳибзабон аз нозукиҳои дигар забон огоҳӣ дорад. Яъне, агар хонанда ё донишҷӯи тоҷик ба Амрико барои омӯзиши забони англисӣ равад ва дар синфе, ки дарс пурра бо забони англисӣ сурат мегирад, дарс хонад ва омӯзгор аз қоидаҳою сохтори забони тоҷикӣ огоҳӣ надошта бошад, пас маълум аст, ки вай ягон вақт наметавонад баъзе унсурҳои забони англисиро дар муқоиса ба хонандаи тоҷик фаҳмонад. Дар чунин ҳолатҳо омӯзгорони соҳибзабон низ ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Масъалаи дигари ҷараёни билингвизм, ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ намудани дарсҳои забони хориҷии тахассусӣ мебошад. Агар донистани забони модариро барои донишҷӯ муҳим шуморем, пас омили дигаре, ки барои омӯзиши дигар забонҳои хориҷӣ (забонҳои хориҷии дуюм ва сеюм) замина мегузорад, забони хориҷии тахассусӣ маҳсуб меёбад. Яъне, ҷараёни таълими забони хориҷии тахассусӣ тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки донишҷӯ онро ҳамчун забони модарӣ дарк намуда, ҳар як калимаю ибора, қоидаҳои грамматика, лексика ва имлои онро дуруст истифода карда тавонад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷии дуюм, донишҷӯ метавонад дар вақти ба мушкилию нофаҳмоӣ рӯ ба рӯ шудан, ба забони заминавӣ (забони модарӣ ё забони тахассусӣ) такя кунад. Пас, метавон ба ақидае омад, ки забони модарӣ ва забони тахассусӣ такягоҳе барои омӯзиши забонҳои минбаъда мебошанд.

Дар ҷараёни таълими забони хориҷии дуюм як қатор мушкилотҳоро вохӯрдан мумкин аст, ки метавонанд ба омӯзиши забони тахассусӣ (забони якуми хориҷӣ) таъсири худро гузоранд. Пеш аз ҳама, мебояд хусусиятҳои психолингвистии азхудкунии забони хориҷии дуюм ба инобат гирифта шавад. Илова бар ин, маводҳои таълимӣ-методӣ барои таълими забони хориҷии дуюм барои донишҷӯёни тоҷик қариб ки мавҷуд нестанд. Таълими забони (англисӣ) хориҷии дуюм аз китобҳои дарсие, ки дилхоҳ забони хориҷӣ ҳамчун забони тахассусӣ ё забони якуми хориҷӣ омӯхта мешаванд, таълим дода мешаванд. Яъне, китоби дарсии забони англисӣ (ҳамчун забони хориҷии дуюм) барои ихтисосҳои забони муосири хориҷии (олмонӣ, фаронсавӣ, чинӣ)-и донишҷӯёни тоҷик рӯи чоп наомадааст. Инчунин, дониш, маҳорату малакаҳои забони якуми хориҷӣ (тахассусӣ), ки метавонанд ба забони хориҷии дуюм гузашта, омӯзиши онро осонтар намоянд, ба инобар гирифта намешаванд [12, с. 173].

Тадқиқотҳои зиёде, ки дар самти таълими забони хориҷии дуюм анҷом дода шудаанд, нишон медиҳанд, ки як қатор принсипҳои алоҳидае вуҷуд доранд, ки истифодаи онҳо ҳангоми таълими забони хориҷии дуюм талаб карда мешаванд.

Азбаски дидактика ҳам илми назариявӣ ва ҳам меъёрӣ-амалист, мафҳуми принсип дар ҷамбаҳоои мухталиф пайдо мешавад: аз нуқтаи назари мантиқӣ, принсипро метавон ҳамчун баъзе мавқеи умумиҷаҳонии назариявие, ки тамоми зуҳуроти дидактикаро фарогир

аст, муайян карда мешавад. Инчунин, принсип дар асоси қонунияти ошкоршуда, ки хусусиятҳои ғайривариантӣ, муносибатҳои зарурӣ ва устувори фаъолияти педагогиро муайян мекунанд, таҳия карда мешавад. Принсип мавқеи назариявӣ ва дастурҳои фаъолияти педагогиро дар бар намегирад. Чунин дастурҳо принсипҳои таълимро ҳамчун меъёрҳои фаъолияти амалӣ медиҳанд. Алоқаи байни қонунҳо ва принсипҳо тавассути фаҳмиши илмии омӯзиш барқарор карда мешавад [11].

Олимону методистон қайд мекунанд, ки ҷавоби аниқ ба саволе, ки чанд принсипи таълим вуҷуд дорад, посухи дақиқ ёфтан имконнопазир аст. Дар асарҳои гуногуни илмӣ маълумотҳо пешниҳод мешаванд, ки тақрибан 40 принсипҳои таълим вуҷуд дорад. Мо тасмим гирифтем, ки на пайи ҷустуҷӯи ҳама принсипҳои таълим, алахусус принсипҳои таълими забонҳои хориҷӣ шавем, балки принсипҳое, ки ҳангоми таълими забони хориҷии дуюм мавриди истифода қарор мегиранд, маълумот диҳем.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили мундариҷаи адабиёти илмӣ (И.Л. Бим, 1988; В.И. Писаренко, 2006; Л.П. Меркулова, 2010 ва дигарон), иерархияи принсипҳои таълими забони дуюм бояд ҷузъҳои зеринро дар бар гирад:

1. Принсипҳои умумии илмӣ (таъмини ташаккули салоҳиятҳои касбии асосӣ);
2. Принсипҳои умумии дидактикӣ (таъмини ташаккули малакаҳои асосии муаллимон);
3. Принсипҳои методологӣ (таъмини ташаккули салоҳиятҳои махсуси омӯзгори забонҳои хориҷӣ).

Дар консепсияи худ И. Л. Бим қайд мекунад, ки новобаста аз универсалӣ будани принсипҳо, якчандтои онҳо ба ҳар сурат дар робита бо забони хориҷии дуввум каме тамоюд мегиранд [3, с. 18].

Принсипҳои муҳимтарини таълими забони дуюми хориҷӣ, ба гуфтаи И.Л. Бим, инҳоянд:

1. Коммуникативӣ-маърифатӣ;
2. Тафриқаи омӯзиш;
3. Тамоюли иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
4. Пурзӯр кардани хусусияти омӯзишӣ дар асоси фаъолият;
5. Инкишофи ба ҳам алоқаманди тамоми намудҳои фаъолияти нутқ;
6. Муносибати муқоисавӣ (муқоиса), ки ба дараҷаи принсип баланд карда шудааст.
7. Сарфакунии таълим [3, с. 18-22].

Дар байни муҳимтарин принсипҳои таълими забони хориҷии дуюм, Н.В. Барышников [2] принсипҳои зеринро ҷудо мекунад:

1. Самти байнифарҳангӣ;
2. Тамоюли маърифатӣ-зеҳнӣ;
3. Вазъиятӣ;
4. Маҷмӯи омезиши бошуурона ва беихтиёр;
5. Баҳисобгирии се забонзабони суньии тобеъ;
6. Баҳисобгирии таҷрибаи забонӣ ва таълимии донишҷӯён дар таълими забони дуюм.

Ҳамин тавр, метавон ба чунин хулоса омад, ки дар раванди таълими забони дуввуми хориҷӣ бо назардошти ҳамаи принсипҳои дар боло зикршуда шарти ҳатмии фаъолгардонии ин раванд мебошад. Дар мавриди принсипҳои баҳсбарангези шиддатнокӣ ва фарогирӣ мо ҳам ин ва ҳам дигаронро қабул намоем, зеро «системаи ягонаи таълими дузабонӣ метавонад танҳо ҳамон вақт самаранок бошад, ки ҷузъҳои он бо ягонагии принсипҳои методологӣ пайваст бошанд» [1].

Миёни принсипҳои овардашуда месохтем роҷеъ ба чандтои он, ки метавонанд бевосита миёни таълими забони хориҷии дуюм ва таълими забони ихтисосӣ (хориҷии якум), забони модарӣ ва амсоли инҳо фарқият мегузоранд, маълумот пешниҳод намоем.

Дар самти принсипҳои дидактикӣ-методӣ ва асосҳои психолингвистии таълими забони хориҷии дуюм таваҷҷуҳи махсус ба принсипи (муносибати) муқоисавӣ зоҳир карда мешавад. Ба роҳ мондани муқоисаи пайдарҳам дар марҳилаи аввали омӯзиш ва мушоҳидаи тасвири як ҳолат дар забонҳои гуногун (забони модарӣ ва забони хориҷии якум) барои дарку фаҳмиши сохтори забони хориҷии дуюм, баъзе нозукиҳои он, тафовут ва монандии забони хориҷии дуюм бо забони модарию тахассусӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба донишҷӯён таъсири худро мерасонад. Минбаъд донишҷӯён метавонанд ҳангоми

истифода ин ё он қоида, тарҷумаю муошират мустақилона калимаю ибораи интихобкардаашонро дар шуури худ бо забони модарӣ ва забони тахассусӣ муқоиса намуда, баъдан рӯи кор оранд.

Аҳамият ва афзалияти истифодаи принсипи муқоисавӣ дар аксарияти маврид аз хусусияти забонҳои омӯхташаванда вобастагӣ дорад. Чуноне, ки аз назарияи васлшавии (алоқаи) забонҳо маълум аст, ҳангоми алоқамандии системаи забонҳо ҷараёни психолонгвистии интерференсия ва гузариши мусбӣ ё манфӣ ба вуҷуд меояд. Дар заминаи чанд ҷумлаи гуфташудаи боло мехостем дар бораи истилоҳоти «интерференсия» каме маълумот диҳем.

Дар илми забоншиносӣ мафҳуми «*интерференсия*»-ро натиҷаи таъсири як забон ба забони дигар маънидод менамоянд. Аз рӯи гуфтаи У. Вайнрайх шароити ба вуҷуд омадани интерференсияи забониро метавон дар алоқаи забонӣ, ки зери ҳангоми «муошират нутқии миёни ду коллективи забонӣ» ё ин ки ҳолатҳои сӯҳбати таълимӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмид [17]. Э. Хауген интерференсияро чунин шарҳ медиҳад: «Интерференсия қисман мутобиқаткунии забонӣ (overlap), ки дар натиҷа воҳиди забонӣ ҳамзамон элементи ду забон хизмат мекунад, метавон фаҳмид.» [13].

«Интерференсия (аз лот. inter — байни якдигар, якҷоя ва ferio – мерасам, мезанам) – алоқамандии системаҳои забон дар шароити дузабонӣ (билингвизм), ки ҳангоми бархурди забонҳо ё ҳангоми азхудкунии забони ғайримодарӣ; рад кардани норма ва системаи забони дуюм зери таъсири забони модарӣ ...» [8, с. 197].

Баъди муайян намудани шарҳи интерференсия метавон хулоса баровард, ки принсипи муқоисавӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷии дуюм аз ҷиҳатҳои гуногун (фонетика, грамматика, лексика) метавонад ба ҷараёни таълим таъсири манфӣ расонад, агар як қарот омилҳо ба инобат гирифта нашаванд. Яъне, омилҳое, ки метавонанд ҳангоми омӯзиши нутқи хаттию шифоҳии забони хориҷии дуюм (аз ҷониби забони модарӣ ё забони тахассусӣ) таъсири манфӣ мерасонанд, ба инобат гирифта шуда, баъдан истифодаи принсипи муқоисавиро пиёда намуд.

Дигар принсипе, ки бевосита ба раванди таълими забони хориҷии дуюм ранги дигар мебахшад, самт ё принсипи байнифарҳангӣ ҳисобида мешавад. Зери таъсири принсипи мазкур на танҳо ду ва зиёда забонҳо, балки фарҳанги онҳо низ ҳангоми таълими забони хориҷии дуюм ба инобат гирифта мешавад.

Масъалаи таълими забонҳои хориҷӣ дар заминаи принсипи байнифарҳангӣ як қатор корҳои илмӣ-тадқиқоти олимону методистон, аз ҷумла Масликова К.А., Елизарова Г.В. ва дигар бахшида шудаанд. Мо бар он ақидаем, ки принсипи мазкур метавонад дар боло бурдани тафаккури маънавии донишҷӯён таъсир расонида, онҳоро барои аз худ кардан ва истифода намудани вожаҳои марбут ба фарҳанг водор созад.

«Муошират бо дигар фарҳанг, дарки матну сӯҳбат ва мундариҷаи он мазҳ аз принсипи байнифарҳангӣ бармеояд. Инро дар ҳолате метавон мушоҳида намуд, вақете, ки таълим дар макони бидуни фазои забонӣ ва муҳити фарҳангии мамлакате, ки забонаш омӯхат мешавад, ба роҳ монда мешавад. Дар рафти дарс равобит бо дигар фарҳанг мустақим сурат мегирад. Таълими рукнҳои фаъолияти муоширатӣ низ маҳз дар ҳамин замина ба вуқуъ мепайвандад» [7, с. 275].

Дар ҳар як сӯҳбат ба ҷо овардани фарҳанги боло талаботи замони муосир ба шумор меравад. Ҳатто солҳои охир истилоҳоти «фарҳанги муошират бо телефони молибӣ», «фарҳанги сӯҳбат намудан дар сомонаҳои иҷтимоӣ», «фарҳанги гузаронидани чорабиниҳои сатҳи боло» ва амсоли инҳо мушодиҳа мешаванд. Вақте, ки моро талаботи риояи фарҳангҳои гуногун зарур бошад, пас забонро низ мебояд бо фарҳангаш омӯзонид.

Пайгирӣ намудани масъалаи таълими забони дуюми хориҷӣ ҳадами асосии мо буда, мақсад гузошта будем, ки баъзе хусусиятҳои хоси таълими онро мавриди таҳқиқ қарор дода, пешниҳодоти худро манзур намоем. Дар доираи як мақола таҳлилу баррасӣ намудани чунин ин масъалаи фаррох ғайриимкон бошад ҳам, аммо мо кӯшиш кардем, ки домане аз ин масъалаи фаррохро каме кушода намоем.

Дар охир метавон ба хулосае омад, ки бо вуҷуди зиёд будани роҳу усул ва принсипҳои таълиме, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона гаштаанд, пайдо намудани принсипҳои алоҳида ва методу воситаҳои таълимие, ки миёни таълими забони хориҷии

дуюмро аз дигар фанҳои таълимӣ фарқ гузорад имкон дорад. Пайдо намудан ва истифода кардани ин принсипҳо ва воситаҳои таълим аз устодону донишмандоне, ки ба таълими забонҳои хориҷии дуюм машғуланд, маҳорату малакаи касбӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодиро талаб мекунанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Баринова С.Э. Инновационные технологии в обучении иностранным языкам: принципы построения факультативного курса «Второй иностранный язык в общеобразовательной школе». URL: http://festival/1september/ru/authors210-482-920/ (Санаи истифода: 13.10.2012)
2. Барышников Н.В. Методика обучения второму иностранному языку в школе / Н. В. Барышников. - Москва: Просвещение, 2003. - 159 с.
3. Бим И. Л. Концепция обучения второму иностранному языку (немецкому на базе английского). Обнинск: Титул, 2001. 48 с., саҳ. 18
4. Бим И.Л. Теория и практика обучения немецкому языку в средней школе. – М.: Просвещение, 1988. – 255 с.
5. Вайнрайх, У. Одноязычие и многоязычие [Текст] / У. Вайнрайх // Зарубежная лингвистика. - Вып. III. - М.: Прогресс, 1999. - С. 5-40.
6. Гузеева К.А. Справочник по грамматике английского языка. – СПб.: Союз, 1998. – **287** с.
7. Давудова А.К. Использование межкультурного подхода в обучении иностранным языкам // Вестник университета, №15, 2014, С. 275-278.
8. Лингвистический энциклопедический словарь / Ин-т языкознания АН СССР; Гл. ред. В.Н. Ярцева. – М.: Советская энциклопедия, 1990. – 682с.
9. Молчанова Л.В. Обучение второму иностранному языку в условиях формирования функционального многоязычия в языковом вузе (на примере японского языка): дис. … канд. пед. наук: 13.00.02 / Л.В. Молчанова. – Рязань, 2009. – 255 с.
10. Ополонец Л.В. Некоторые особенности обучения второму иностранному языку // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2016. – Т. 5. – С. 172–176
11. Российская педагогическая энциклопедия https://pedagogicheskaya.academic.ru/1926/%D0%9F%D0%A0%D0%98%D0%9D%D0%A6%D0%98%D0%9F%D0%AB_%D0%9E%D0%91%D0%A3%D0%A7%D0%95%D0%9D%D0%98%D0%AF
12. Титова О.А. Проблемы обучения немецкому языку как второму иностранному в условиях современного педагогического вуза // Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2008. - № 1. – С. 172-176.
13. Хауген Э. Языковой контакт. Новое в лингвистике. – Вып.VI – М., 1972, с.69-70
14. Щепилова А.В. Теория и методика обучения французскому языку как второму иностранному: учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по специальности 033200 «Иностр. яз.» / А. В. Щепилова. — М.: Гуманитар. изд. центр ВЛАДОС, 2005. — 245 с.
15. Ястребова Л.Н. Принципы обучения второму иностранному языку как специальности в языковом вузе // Вестник ТГПУ (TSPU Bulletin). – 2014. 8 (149) – 189 стр. С.75-78
16. Cohen, A.D. Strategies in Learning and Using a Second Language. Longman: London and New York, 1998.
17. Weinreich U. Languages in Contact. Findings and Problems.- N.Y., 1953, P.1-7

**Аҳлиддини А.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶИИ ДУЮМ (АНГЛИСӢ)

Дар мақола таъкид мешавад, гарчанде, ки ба таълими забони хориҷии дуюм олимону методистони барҷаста дар асри 20-ум корҳои зиёди илмию тадқиқотӣ анҷон доданд, аммо асри 21, ки суръати рушди илму маориф хеле бошиддат мебошад, моро водор месозад, ки корҳои ба анҷом расонидаро ба асос гирифта, пайи ҷустуҷӯҳои навин ва пайдо кардани принсипу воситаҳои муосири таълим шавем ва хусусиятҳои хоси таълими забони хориҷии дуюм (англисӣ) бошад дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва пайдо кунем.

Дар мақола таваҷҷӯҳи зиёд асосан ба принсипҳои таълим, ки миёни таълими забони хориҷии дуюм (англисӣ) ва дигар фанҳои таълимӣ фарқият мегузорад, равона гардидааст.

Муаллиф зарур донистааст, ки дар аввали мақола вобаста ба баъзе мушкилоти таълими забони хориҷии дуюм (англисӣ) маълумот пешниҳод карда, аҳамияти рафъи онҳо дар ин ҷараён нишон диҳад. Ҷалб намудани таваҷҷуҳи мутахасисони соҳа ба мушкилоти ҷойдошта яке аз ҳадафҳои мақола ба шумор меравад.

***Калидвожаҳо:*** *таълим, забони хориҷии дуюм, забони англисӣ, принсип, роҳу усул, восита, интерференсия, байнифарҳангӣ, билингвизм.*

**Ахлиддини А.**

## ОСОБЕННОСТИ ПРЕПОДАВАНИЯ ВТОРОГО ИНОСТРАННОГО (АНГЛИЙСКОГО) ЯЗЫКА

В статье автор утверждает, что несмотря на то, что выдающиеся учёные и методисты провели много исследований в прошлом веке в области преподавания иностранных языков, 21-й век, где темпы развития науки и образования настолько интенсивны, побуждает нас продолжать проделанную работу и искать современные методы и принципы обучения. Также выявить специфические особенности для преподавания второго (английского) языка в современных условиях Республики Таджикистан.

Статья направлена и сфокусирована на особый акцент, в основном на принципы обучения, которые различают преподавание второго (английский) языка и других предметов.

Автор считает, что в начале статьи необходимо предоставить некоторую информацию о некоторых проблемах преподавания второго (английского) языка и показать важность их преодоления. И одним из целей статьи является привлечение специалистов к существующим проблемам в данной области.

***Ключевые слова:*** *обучения, второй иностранный язык, английский язык, принцип, пути и методы, средства, интерференция, межкультурный, билингвизм.*

**Ahliddini A.**

## FEATURES OF TEACHING A SECOND FOREIGN (ENGLISH) LANGUAGE

In the article, the author claims that despite the fact that outstanding scientists and methodologists conducted a lot of research in the last century in the field of teaching foreign languages, the 21st century, where the pace of development of science and education is so intense, encourages us to continue the work done and look for modern methods and principles of teaching. Also, to identify specific features for teaching the second (English) language in the modern conditions of the Republic of Tajikistan.

The article is aimed and focused on a special emphasis, mainly on the teaching principles that distinguish the teaching of the second (English) language and other subjects.

The author believes that at the beginning of the article it is necessary to provide some information about some problems of teaching the second (English) language and show the importance of overcoming them. And one of the goals of the article is to attract specialists to existing problems in this area.

***Keywords:*** *teaching, second foreign language, English, principle, ways and methods, means, interference, intercultural, bilingualism.*

**Сведения об авторе: Ахлиддини Абдугафор -** докторант (PhD) кафедры методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода Моб. тел.: (+992) 93 325 99 25; Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6

**Information about the author: Akhliddini Abdugafor** - researcher of PhD (*Pedagogical Science*) of the Department of Teaching Methods of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda Mob. Phone: (+992) 93 325 99 25

Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6

А. ҲАЛИМОВ

# РОҲАНДОЗИИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд: *"Баръакс, моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконият истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем".* [1, 23-27].

